**АБРОР ЗОҲИР**

# ЗАВОЛ

*Роман*

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-4
З-87

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

З-87 **Аброр Зоҳир. Завол** *(роман)*. – Душанбе,
«Адиб», 2015. 296 саҳ.

Васвасаи ҷоҳу мансабталошӣ, ба даст овардани сарвату дороӣ, фарсудаю ноустувор гардидани пояи давлатдории аморати Бухоро, муборизаву талошҳои давлатҳои абарқудрат барои ба даст овардани ин сарзамини пурганҷу сарватҳои табиӣ, инқилоби октябр ва талошҳои мардуми озодихоҳ мавзӯи асосии ин асари тозаэҷоди нависанда-Аброр Зоҳирро ташкил медиҳад.

ISBN 978-99947-2-405-5

© Нашриёти «Адиб», 2015

# ЗАВОЛ

*Ба хотири падари бузургворам*
*эшони Зоҳир ва волидаи беназирам*
*Гулизор мебахшам.*

Шамол чун гурги гурусна уллос мекашид, хору хаси моил ба сурхӣ коҳилона ҷунбиш мехӯрд. Буттаву ниҳолони урёни санҷиду газ нишастгоҳи парандагони гармидӯст қарор ёфта буд, ки қабл аз парвоз сафҳои худро рӯи шохаҳои он пурра карда, сипас дарёи тезҷараёни кабудфомро, ки зери шуълаи хираи хуршед ранги сабз ба бар карда буд, болзанон мегузаштанд. Ба хотири ҷабру зулми ҳамҷинсони хеш намерафтанд парандагон, ғасбу истисмор барояшон бегона буду ҳаст. Ҳатто зоғҳои сиёҳ ба зоти хеш ин амал раво намедиданд. Калоғон села-села меомаданд ба ин диёр ва аз вазиши боди сарди даймоҳ лаззат бурда нидои нишотовар мекашиданд. Гашти рӯз савораи танҳое дарёро убур карда ба соҳил баромад. Аспро дар кундаи яккабеде, ки дуртар аз буттазори соҳил ба чашм мерасид, басту зину абзолашро кушод. Худ низ ээори карбосашро ҷафида рӯи алафи хушк партофт. Ва чӯбу чахсро ҷамъ оварда оташ дод. Аспи сиёҳи пир бинӣ кашида пои рости пешашро бо эҳтиёт ба замин монд. Акнун, ки дар як ҷой истода буд, осемасар ба алафи хушк даҳон зада як дам ба қар-қари зоғҳо гӯш фаро дод, сипас бинӣ кашида ба соҳибаш рӯ овард. Ва бо ин гӯё ӯро аз хавф огоҳ карданӣ шуд. Соҳибаш бепарво буд. Асп дарк кард хатаре таҳдидашон намекунад, ба замин сар фуруд оварду даҳон ба алаф зад. Соҳибаш аз таъсири сармо месурфид, ба оташи фурӯзон чӯбчаҳо партофта бадан гарм мекард. Ягон-ягон қатраҳои борон ба сони шираи бед ба рӯю гардани Ҷеймс расида ҳароси ӯро фузун мекард. «Айёми хуб нест. Чӣ илоҷ? Дар он ҷо ҳам вазъият хуб набуд. Акнун куҷо меравам? – ба парвози парандагон дуру дароз нигаристу оҳ кашид. Ҳасад мебарам ба ин мурғони кӯчӣ, ки

бухлу ҳасад, бадбиниву душманӣ ба хотири ғасби молу амвол ва хоки кишваре надоранд. Мо чӣ? Ҳазорҳо фарсах замину дарёро гузаштем, ба умеде, ки заминҳои зиёдеро ғасб кунем, боигариашро ба даст оварем, мардумашро истисмор намоем… Магар осон аст ба даст овардани пораи замин? Чӣ илоҷ? Ҳарчи фармоянд мекунем. Ба ман низ зиндагии ашрофона насиб мегардад. Қасрҳои муҳташаму корхонаҳои азим бунёд мекунам. Дар ин ҷо ҳама чиз ҳаст, ҳам мавод, ҳам қувваи корӣ. Мардуми инҷоро ку намедонам, дар он самти дарё, дар Балх амакам мардуми чандин маҳалро ба худ моил намуда, чун пири тариқат иродаи худро ба дӯши онҳо бор кардааст. Аз насронӣ буданаш бехабаранд. Ба ғасби мулки афғон андак вақт монда, вале мардумаш сахтҷону саркашанд. Ин ҷо маро чӣ интизор аст, алъон намедонам. Чӣ мардумеанд, бароям рӯшан нест».

Ӯ муддате сокит монд, дар ҳолате, ки ба оташи гулхан чӯби хушки бедро мепартофт, ба сари зонуяш мушт зада оҳ кашид.

Эҳ, орзуҳо, орзуҳо… гургони ваҳшии дили ман. Шумо як дам оромӣ надоред. Маро куҷо овардед? Бо киҳо сар ба сар накардед. Шумо аз чизе қонеъ нестед. Гоҳо аз шумо ҳазар мекунам, охир шумо кушандаи падари ман будед. Бале, шумо гунаҳгоред. Ман он ҳиндуи саласурхи жӯлидамӯро, ки баъди бо ханҷари ҷонситон синаи падарамро чок карданаш ба милаи тӯп баста ҳадафи тир қарор доданд, гунаҳгор намеҳисобам. Охир ӯ ба ҳифзи шарафу номус ханҷар ба даст гирифт. Аммо шумо гургони ваҳшӣ дар синаи ӯ ҳирсу тамаъро бар рағми иродааш бедор мекардед, маҳз шумо сабабгори ба Ҳиндустон омаданаш шудед. Шумо будед, ки мегуфтед: «Дар ҷӯйҳои Ҳиндустон асалу шир равон аст. Дар заминаш асоро халонӣ, дарахт мешавад… Баъд аз ҳалокати падарам дилам аз дунё монд. Чӣ суд аз зиндагии пурорзую беҳосил?!

Модарам бозгашт ба Англия, аммо амакам Ҷорҷ шумо ваҳшиёни хунхорро дар зеҳни ман парвариш дод. Имрӯз дар рагу паям ҳамсони хун дар ҳаракатед».

Ҷеймс аз ҷой бархосту ба осмони дудолудаи тира нигарист, ба умеде, ки тангаи заррини Шед пайдо кунад.

Аммо ба ҷуз чанд қатра борон ба рӯяш чизе назад. Парандаеро дид, ки дур аз села пар мезаду пар мезад. Ҳарчанд такопӯ дошт, ба села расида наметавонист. Боз оҳ кашиду соқит монд, пешу қафо қадам зад.

– Эй гургони шумнафас, ҳодиёни олами бевафо, гоҳо маро ҳиссиёте боло мегирад, ки паранда бошам. Бар фарози қуллаҳо, бар фарқи абрҳо бол бизанаму бол бизанам. Биравам ба Англия ва сари зонуи модари азизам сар бимонам… Афсӯс, лаҳзае, ки аз гирумони зиндагӣ, аз зулмоти хотираҳои маҳиб, аз пешомади тираву тор раҳо мешудам, аз чор тараф улоси ҷонхароши шумо ба гӯш мерасид, ки ба ҷониби ман гом мекашидед. Ҳарчанд кӯшидам шуморо маҳв карда натавонистам. Инак имрӯз инҷо қарор дораму фардо бароям рӯшан нест. Шумо маро куҷо мебаред? Оё дар ин роҳи тӯлонӣ, ки панҷумин тирамоҳ аст, ки дар шебу фарози он қадам мезанам, бӯи умеде ҳаст? Оё ба интиҳои он мерасем? Чаро хомӯшед, эй орзуҳо, эй гургони ваҳшӣ!?»– Ҷеймс надонист чӣ гуна садои даҳшатноки дағале баровард, ки аз он селаи парандагони кӯчӣ бо як биму ҳароси ғайричашмдошт аз сари шохи дарахтони наздик тур бардоштанд, ба сони барги зардшуда аз боди тунд.

Сар ба зер афканд, лахчаҳои рӯи хокистар охирин гармии худро ҷамъ карда ба рӯи Ҷеймс нисор мекард. Аммо Ҷеймс лолу хомӯш, ҳайрон-ҳайрон ба рӯи саманди хусидаву шигифтзадааш, ки пои дардмандашро каме сабук намуда ҷуссаи азимаш ба се пои чандиру озмудааш афканда буд, нигарист. Асп низ бо гӯши чур ба рӯи соҳиби савдозадааш, ки банди афкори молихулиёӣ буд, дида медӯхт. На бинӣ мекашиду на по мекуфт, ором буд. Соҳибаш низ гунаҳгорона китф дар ҳам кашида, ба сари оташи хомӯшшуда хам зада буд. Ӯ аз аспи пири маъюб, ки гармиву сардии зиёде кашида қариб ними дунёро гашта буд, шарм медошт, ки садои ҷунуномези ноҷои худ нороҳаташ кард.

– «Эй орзу, эй гургони шумнафас! Шумо маро бандаи ин дунёи шайтон намудед. Охир ба хотири дунё сарсону саргардонам, дур аз Ватан-Модар. Чӣ қадар маҳрумиятҳо ди-

дам, ранҷ бурдам, вале хушҳолам. Ин ҳама эҳсосоти дунёпарастиро шумо бароям талқин намудед. Шумо заҳмати маҳрумияту ранҷ кашиданро намедонед. Не, медонед, вале дар рагу паям чоргома медавед, то ҳама эҳсосоти шукуфандаро, ки аз ранҷ ва шиканҷаҳое, ки таи рӯзгори хеш таҳаммул мекунам, барӣ созед. Ва дунёи шаётинро бар ман ғолиб гардонед. Бале, маҳз, дунё худро ҳазор ранг зебу оро дода, фарзандони инсонро ба худ мафтун месозад. Ва аз хеш бегона мекунад ва ниҳоят ба варта мекашад. Ман марги худро эҳсос мекунам, аз он рӯзе, ки бандаву мутеъи ин дунё гаштам ва ҳисси дунёхоҳиро дар вуҷуди хеш пай бурдам…»

Ҷеймс бархост, зину айили саманд дуруст кард. Андешаманд буд, андешааш ҳузн дошт, ҳузн дар умқи дилаш нуҳуфта буд ва онро дил ба рагу пояш нақл мекарду нақл мекард… Дигар ҳар чӣ мегуфт, дар дил мегуфт.

Шамол ҳанӯз гургона садо медод. Ҷеймс рӯи зин нишаста ҷилави саманд ҷониби Афғонистон гардонд.

«Балх меравам, зимистонро бо амакам паси сар карда, баҳор аввал ба Ҳиндустон ва сипас ба Англия бармегардам».

Ҷеймсро маърифате, ки аз амаки донишмандаш Ҷорҷ омӯхта буд, ҳанӯз дар қайди хеш нигоҳ медошт. Аммо амакаш ҳаргиз ӯро талқин намекард, ки ба дину оини ислом гаравад, бал мекӯшид Ҷеймс исломро чун либос ба тани хеш пӯшад, на ба рӯҳу равони хеш ҷой диҳад. Аммо аҳкоми шариат зарра-зарра дар дили Ҷеймс эҳсосоти ғайриоддиро бедор менамуд. Ин чиз аз назари амаки рамузфаҳмаш пинҳон намонд.

– Ҳушёр шав Ҷеймс, сахт эътимод набанд, ки ин чиз туро девона мекунад. Аз лаззати зиндагӣ, аз ҳақиқати ҳаёт дур месозад. Мақсади мо дигар аст…

– Чизе, ки рӯҳу равонро аз ҳама олоишҳо барӣ месозад, бад аст?

– Бале, бад аст. Маҳз ҳамин чиз боиси дунёбезории ин мардум шуда. Онҳо аз қасам хӯрдан меҳаросанду аз шамшер не. Ин худ ҷаҳолат аст, Ҷеймс.

– Онҳо аз Худо метарсанд, на аз бандаи он… Ман ба

ислом имон овардаам.

– Содда нашав, Ҷеймс, ин корро накун! Мо ба мақсади мусулмон шудан ба ин кишвар наомадаем. Дину оини мо дигар аст. Дар хотир бигир. Ё ту ба рӯи падару модар, ба хоки кишвари худ – Англия туф кардан мехоҳӣ?.. Мо барои васеъ намудани қаламрави Англия омадаем, на чизи дигар.

Ҷеймс сукут варзид, ниҳоят гуфтори амакаш ба ӯ таъсир кард. Вақте, ки ба ӯ зарурати сафарро ба Бухорои шарқӣ фаҳмонданд, моҳияти суханони амакашро дуруст дарк кард. Он рӯз дар кушки амакаш ду марди ришсурхи аспсавор омаданд, ки сару тани озода доштанд. Амакаш онҳоро хуш қабул кард. Ва дар ҳуҷраи дарун, ки гоҳ-гоҳ меҳмонони хосаро қабул менамуд, ҷой дода, нушу неъмат муҳаё сохт. Гашти рӯз Ҷеймсро ба ҳуҷра даъват карданд. Сипас дар бораи аморати Бухоро ва қаламрави он ҳикоятҳо намуданд. Ҷеймсро имтиҳон карда боварӣ ҳосил намуданд, ки таълими хуб гирифтааст ва чун амакаш метавонад пешвои қавме шавад. Меҳмонон ду ҳафта дар хонаи Ҷорҷ меҳмон шуда, вақти хеш ба маслиҳату кашидани нақшаҳо сарф намуданд. Ҷеймсро ҳушёриву зиракии меҳмонон маҳву мот карда буд. Дар дилаш орзуву умед раъша давонд. Ҳисси боварияш ба ҷаҳонгирӣ афзун гашт. Ва бо азми комил рахти сафар барбаст.

Алъон, ки ноумедӣ ӯро ғолиб омада буд, бозгашт ба соҳил ва бори охир ба азми фикру андеша лаҷоми саманд кашид. Акнун ҳоҷати рафтан набуд. Зеро қатра-қатра бороне, ки ҳушдори омад-омади зимистонро медод, ба барф мубаддал гашт. Баданаш ҷавра кард, дилу бедилон аз соҳил дур шуд. Барф, сардии ҳаво пеши азму ғайраташро гирифт, лаҳзае дудила шуд, вале боз умеду орзу дар ҷисмаш ҷараён кард. Ба умеди пайдо кардани сарпаноҳ ҷониби қатортеппаҳо, ки ба душ канори осмонро бардошта буданд, асп давонд. Асп шитоб дошт, вале пои дардмандаш монеъи ҳама ҷусту ҷолокии қаблаш буд, бо вуҷуди ин азм мекард Ҷеймси хунукхӯрдаро ба макони гармтаре бубарад. Вале нобаладӣ ӯро осемасар намуда буд. Аз ин рӯ ба асп умед мебаст, ки ба макони дилхоҳаш

барад. Барф шиддат мегирифт, заминро пардаи тунуки сафеди барфин пӯшонд. Қабати он лаҳза ба лаҳза ғафс мегашт… Сармо ба мағз-мағзи устухонаш таъсир дошт, аммо дандон ба дандон монда тоқат мекард.

Асп нолиши мавҳум баровarда пиёдараҳаи оҳугузарро боло мешуд. Акнун дарёи Панҷ ба назар чун ҷӯйчаи одамгузар тангу торик менамуд. Ҳаво тира мешуд. Гуруснагӣ андак-андак дар вуҷудаш таъсир мегузошт. Инак аз сари роҳаш дараи жарфу махуф баромад. Саманд баробари дидани хатар вазни хеш ба қафо гирифт, ки аз ин Ҷеймси ба ғафлатмонда саҳл монд ба ҷарӣ парида бо дунё хайрбод гӯяд. Вале дар лаҳзаи охир, ба қоши зин такя карда, мувозинаташ нигоҳ дошт. Ва барои идомаи роҳ ба чор тараф нигоҳи амиқ дӯхт, то роҳи бехавфтар пайдо карда ҳам худ ва ҳам саманди заҳматкашидаашро аз ин офат раҳо созад. Дараи кушодро аз як тараф ҷарии махуф печонида буд, ки аз ин самт ба он ворид шудан имкон надошт. Ҷеймсро лозим меомад фарозиро нишеб шуда аз самти дигар вориди дара гардад ва сипас пайроҳаҳои куршударо, ки онро қабат ба қабат барфи тар пӯшида буд, таҳқиқ намуда роҳи худро давом бидиҳад. Баъд аз гузаштани дара боз пастиву фарозиҳои зиёде чун пушти уштурони хобида ба назар мерасид, ки ҳамаро яклухт курпаи барф мепӯшид. Бадани сармохӯрдаашро барф сафед карда, дандонҳояш аз шиддати сармо ба ҳам мезаданд. Асп бо эҳтиёт аз шафати ҷарии махуф роҳ ҷуста ба самти даромадгоҳи дара нишеб мешуд. Бориши барф лаҳза ба лаҳза шиддат мегирифт. Ниҳоят пои асп ба сатҳи дара расид, маълум шуд, ки онро ҳамвории васее мегирифт ва ба он дараҷае, ки дара аз фавқи ҷарӣ ба назар кӯчак метофт, назарногир набуд. Ҷеймс аввал хост якбора тавассути нишебии пешомада, ки роҳи ӯро ба қатортеппаҳои шимол мебурд, асп ронад, вале ҳисси кунҷковияш боло гирифту нияти сатҳи дараро таҳқиқ кардан ба миён омад. Ягон дусад қадам монда буд, ки рӯ ба шимол дар девори ҷарӣ ғоре ба назар расид, ки басо бузургу васеъ метофт. Умед дар дилаш оташак зад. Ва беихтиёр ба самти ғор асп ронд. Баробари ба долони он ворид шудан

дар бадани сармозадааш гармиеро ҳис намуд. Аз асп пиёда шуда анбонашро, ки дар қоши зин овезон буд, гирифт. Ва барои дам гирифтан ба самти дарунтари он гом кашид. Пойҳояш карахт шуда эзори намаш ях баста буд. Душвор буд роҳгардӣ. Рӯи замини ғорро хоки намолуда омехта ба порӯи чорво пӯшида буд. Дар гӯшае барои пухту паз аз санг дегдон сохта буданд. Асп барфи баданашро афшонда, бинӣ кашида, лаҷоми сардро макидан гирифт, ҳаври ҳарири аз даҳону биниаш беист фағона мезад. Аспро набаст, балки ба ин ҳоҷат набуд. Зеро сардии ҳаво бе банду кишан вайро баста буд, ки наметавонист қадаме беҷо гузорад. Ҷеймс бехудона гом мезаду пеш мерафт. Инак қариб буд, ки аз шавқу шодӣ нидо барорад. Дар қисми ғарбии ғор рӯи чанд санги хурду бузург ғарами ҳезуми хушкро дид, ки шикорчие ва ё чорводоре барои эҳтиёт чинда мондаанд.

Ҷеймс чанд кундачаро рӯи замин партофта ҷои нишаст тайёр намуд. Сипас шохчаҳоро шикаста ба ҳам чинда оташ дод. Гармии оташ таъсири сарморо ба якборагӣ аз бадани ӯ рафъ насохт. Балки сӯзиши дасту пойро фузун намуд. «Оҳ чӣ коре буд, ки ман кардам. Ақалан нагуфтанд, ки то фаро-расии баҳор сабр кунам. Акнун куҷо меравам? Дар ин ҳол мурдаамро гургон мехӯранд. Бухорои шарқӣ чӣ гуна ҷоест?»Ҷеймс ба гармии оташ қонеъ нашуда кафи дасто-нашро тез-тез бо ҳаври даҳон гарм менамуд. «Ҳезум фақат барои гузаронидани як шаб кифоягӣ мекунад. Фардо чӣ кор мекунам? Айби худам шуд, ки зуд ба гапашон даромадам. Ақалан, шарике медоштам ин қадар хунук намехӯрдам». Анбонро кушод, нонро пора карда бо корд равғани хукро, ки амакаш барои аз сармо ҳифз намудан дода буд, пора кард. Даҳонаш гарм шуда буд. Акнун метавонист бемалол нону равған бикунад. Ӯро андешаи асп ба худ кашид. Охир дар ғор аз хасу хошок ному нишон набуд. Савобгире пайдо нашуда буд, ки фикри чорворо бикунад. Торикӣ тадриҷан ба рӯи сафеди рӯз шоли сиёҳ мекашид. Ҷеймс нафси хешро ба хӯрдани нону равған қонеъ намуд. Асп лангида-лангида ба оташ наздик шуд. Дар чашмони калон-калони ӯ ҳузн нуфуз дошт. «Афсӯс, ризқи туро, ки аз

замин меёфтӣ, деви сафед бо қабои барфин баст. Дар бахти бадат ин ҷо низ гиёҳе пайдо нашуд, ки нафси хеш қонеъ намоӣ». Барф бо шиддат меборид. Ҷеймс дар гирдоби тафаккур афтода, сокиту хомӯш ба моҳияти ин умри гузарону пуртакопу сарфаҳм рафтан мехост. Зур зада аҳамияту зебогии онро таҳқиқ карданӣ буд. Аммо улоси гургони гурусна, садои сагони шубон, ки аз дуриҳои дур чун шарфаи нозуки хас ба гӯш мерасид, ҳама он иқтидори ботиние, ки баҳри расидан ба амали хеш сарф кардан мехост, чун рамаи парешхӯрдаву рамида сарҷамъ намешуд. Ин дам ба хотири ӯ марғзорҳои сарсабз, рудҳои тезҷараён, пайроҳаҳои борику тафсон, ки пойҳои урёнро ба сӯзиш меоварду анвори Офтоб сару гарданашро бо гармии хеш навозиш мекард, табассумеро, ки дар он истеҳзои сармохӯрда нозук нуҳуфта буд, падидор месохт.

«Одамизод дар аёми пирӣ ба қадри ҷавонӣ мерасад»– аз дилаш гузашт. Дар ин ғор аз як шаб зиёд буда наметавонист. Ин ба майлу хоҳиши Ҷеймс таалуқ надошт. Балки захираи ками ҳезум ба дурустии ин хулоса далолат менамуд. Шаби тӯлониву дилгирро бо фикрҳои парешону мағшуш, хобҳои даҳшатнок ба рӯз расонд. Акнун гармии ахгари оташ қудрате надошт, ки касеро ба паноҳи хеш нигоҳ дорад. Дар ин муборизаи нобаробари гармову сармо дасти ҳокими баҳру бар -зимистон, ки дар тахти салтанат менишаст, боло шуд. Ҷеймс ночор патуи пашмини афғонияш ба сару рӯ ва бадан печонида, анбонро ба қоши зин овехт ва по ба узангу монду рӯи зин устувор шуд. Барф аз бориш монда буд, вале шамол дар болои дара бо ҳаю ҳӯи хеш тозиёна ба саманди тезгоми вақт мезаду якатозӣ дошт. Асп чун аз ғор берун шуд шиддати сармо афзун гашт, ҳини фарозиро боло шудан он шиддат гирифт ва дар фарозии кӯҳ сабру таҳаммулро ба танг овард. Фикраш даванд буду аспаш лаванд.»Дандон ба дандон мемонд. Ниҳоят пас аз часпу талошҳои тӯлонӣ гашти рӯз қатортеппаҳоро паси сар карда ба ҳамворӣ расид. Акнун майдони васеъи барфпӯш пеши чашм омада буд, ки ҷонзоте ба назар намерасид. Асп аз азоби алими кӯҳбарой, ки пои лангаш ба дард медаро-

мад, раҳоӣ ёфт. Аммо гуруснагии тоқатшикан, ба сардии ҳаво гӯё аҳд баста бошанд, сабру таҳаммул ва иродаи самандро андак-андак заиф менамуданд.

Ҷеймс дар дашти бекарону пурбарф асп меронд. Дар сараш фикри дарёфти хаймаи шубонон якмаром чарх мезад. Аммо чизе, ки ба ӯ умед бахшад, ҳанӯз пеши чашмаш падид наомада буд. Мехост аз ин ҷойҳо ҳар чӣ дуртар ба ҷое биравад, ки ба аспи меҳнатзадаву лангаш хӯрок ва барои хеш сарпаноҳе пайдо созад. Акнун Бухорои шарқӣ ва самти ҷойгирии он ӯро ба ташвиш намеовард. Ва ба мақсади дарёфти қаламрави ин сарзамин майна об намекард. Сардии ҳаво ташвиши дигареро ба дӯши ӯ бор карда буд. Зиндаву саломат баромадан аз ин минтақаи соқиту дилгир худ як иқболе мебуд ба як марди афтодаву мусофир.

Сардӣ ба ҷисмаш кора карда буд, месурфид. Вале бо азми комил биёбонро дударон карда пеш мерафт ва сари ҳар чанд вақт ба фарози хомаҳои барфпӯши сари роҳ баромада, дуру дароз ба гирду атроф чашм медӯхту чашм медӯхт.

Бод аз шиддати ғазаб садо мебаровард ва ягон-ягон донаҳои барфро, ки аз само мерехт ба сару тани ӯ мезад. Сару либосаш сафедӣ зада, ришу мӯйлабаш бар асари намӣ ях баста, панҷаҳои карахташро ба ҳаври даҳон гарм мекард. Вале таъсир надошт гармии нокирои он. Ва илоҷи ягонаро дар шитобонидани асп медонист. Аспи ланг медавиду медавид. Тозишаш ҳаракати беҳуда буду бас. На хайма буду на деҳе. Улоси ногаҳониву ғайричашмдошти гург, ки оҳанги шикваву навмедӣ дошт ба гӯшаш расид. Асп аз ин садо як қад парида карахту беҳаракат шуд. Ва рӯ ҷониби овоз дод. Гурги пир дар пастхамӣ паҳлӯи ғор истода буд, думашро миёни пойҳояш гирифта фукаш ба осмон зуза мекашид. «Охирин рӯзҳои умри хеш мегузаронд, беморӣ бар асари пирӣ ӯро аз пой афтондааст», – гуфт дар дил. Ва азм кард ҷониби вай асп биронад ва бо ханҷар ҷисмаш порапора бисозаду дар ғори холишудаи гургон шабро рӯз кунад. Аммо идома додани роҳро аз ин амал авлотар донист. «Куҷо рафтанд шарикони тездандону ваҳшият, ки шарики бар асари пирӣ сусту фулусташонро партофта рафтаанд?

Шояд чандин рӯз боз бедарак шудаанд, ки онҳоро бо нолаи ҷонхароши худ даъвати омадан дорӣ? Чаро оромӣ, эй гург? Агар бемор намебудӣ, ҳаргиз дар муқобили ман ин гуна бечораву афтода қарор намегирифтӣ. Дандонҳои ҷоншикорат ба ин андоза нотавону заиф наменамуд. Туро сангдиливу бапарвоии шариконат бемор кардааст, ки ба хонаи худ намеоянд. Ва ҳатто андешае надоранд, ки туи беморро бо ғизое таъмин намоянд. Шояд дар ин ду рӯз ба чанголашон ҷонзоте наафтодааст, ки роҳи хонаи хеш фаромӯш кардаанд, ва ё ҳадафи тири шикорчие шудаанд. Ба умед нашав, бирав, роҳи зиндагиятро идома бидеҳ ва ризқи хеш пайдо намо. Вагарна дар ин ҳол беаҷал қолаб тиҳӣ мекунӣ…»Гург меларзиду маҷоли ҳаракат надошт. Нулаи имдодхоҳонаи заифаш торафт заифтар мешуд. Ҷеймс дигар нахост вақти хеш пеши гурги бемору заиф беҳуда гузаронад. «Маро чӣ ҳоҷат аст ба ин ваҳшии беҳол? Агар вақт ба ин тарз гузаронам, бешак марги хеш бо суръат метезонам». Ҷеймс аз дил гузарониду ҷилави аспро сар дод. Пастиву фарозиҳо паси сар мешуд. На деҳе ба назар мерасиду на бошишгоҳи кучманчиёни биёбонгард, ки дар меҳмонии онҳо рӯз гузаронида гарморо интизор шавад. Ва аз эшон роҳи расиданро ба Бухорои шарқӣ, ба Хатлон, ки дар бораи он аз меҳмонони амакаш Ҷорҷ таи ду ҳафтаи меҳмонӣ бисёр шунида буд, пурсуков карда, барои расидан ба мақсад ва иҷрои супориш замина пайдо бикунад. Барои ӯ фарқ надошт деҳааст ва ё хайма. Медонист, ки ин мардум меҳмони худро азиз медоранд ва ҳар марди мусофирро бо иззату икром пазироӣ намуда, барояш шароити истироҳат муҳаё месозанд. Аммо аз ҷониби дигар тарсу ҳарос ӯро боло гирифт. Охир дар ин сарзамин алъон бо касе вонахӯрда буд ва хулқу хуяшонро намедонист. Ҳар маълумот ва ё таасуроте, ки дошт шунида буд, аз дигарон. Ҳарос дошт, ки ӯро зуд пай мебаранд. Аммо рафтори амакаш дар муносибат бо мардуми бегона ӯро ба хотир омада, шердилаш мекард. Ба дили онҳо роҳ ёфтан кори осон набуд. Амакаш бошад, зуд чун алома ва фақеҳ миёни мардум шӯҳратманд гардид. Ҷеймс, ки таҷрибаи рӯзгордорӣ ва муносибатро аз ӯ андӯхта буд, каме

хотирҷамъ мегашт. Боварӣ дошт, ки муваффақ мешавад. Барои расидан ба мақсад заҳмат кашидан мебоист. Чизе ба чашмаш намерасид, ки ба умед шавад. Гӯё ҳама дунё аз биёбонҳои барфпӯш иборат буд. «Кай Офтоб кафани сафеди барфин аз сари ин замини мурда медарида бошад? Кай сармо ин сарзаминро тарк мекунад? Зимистони ин сарзамин тӯлонӣ нест. Умри он то баромадани Офтоб аст. Имрӯз ё пагоҳ аз ин сафедӣ нишоне намемонад, вале ҳанӯз мушкилот ба душам бор аст». Ҷеймс ғору оббурдаҳои зиёдеро паси сар карда, гумон дошт дигар пастиеро намебинад, вале аз сари роҳаш обкандаи бузурге баромад, ки имкони аз он гузаштан набуд, зеро деворҳои он рост фаромада буданд. Аз ҷониби дигар барфи тар имкон намедод аз он беосеб гузарӣ. Аз ин рӯ хост онро даврзанон гузарад. Аммо чашмаш ба селаи гургон афтод, ки замини дараро бӯйкунон пеш метохтанд. Ва мақсади аз дара баромаданро доштанд. Ва ба самти шарқии он бошитоб мерафтанд. Пашми зарди моил ба сурхияшон аз таъсири сармо ва ё ғазаб, ки бебарорӣ ба бор оварда буд, барҷаста онҳоро бадҳайбат нишон медод. Ин вазъият Ҷеймсро осемасар намуд, хост ҳарчи метавонад аспро ба самти ғарбӣ давонад, аммо тарси он ки ба чашми гургҳо меафтад, ин нияти хеш аз сар дур намуд. «Гургҳо гушнаанд. Аҷаб не бо як ҳуҷум ҳам асп ва ҳам маро пора намоянд. Бо ханҷар бо як ва ё ду танашон сар ба сар мешавам, сеюму чорум ором намеистад. Муру малахвори бо як ҳуҷум маро аз по меафтонанд…»– ҳарчанд ҷои фикру чораҷӯӣ набуд ба хулосае омад, ки аспро дар роҳи халосии хеш қурбон сохта, онро чун сад барои пешгирии хавфи ҳалокати худ истифода барад ва асп давонда ба самте равон шуд, ки гургон аз ин роҳ гузашта ба ҳамворӣ мебаромаданд. Дар лаби ҷарие, ки гардиши ғор воқеъ афтода буду гургон мебоист онро гузашта сипас ба воситаи нишебӣ, ки аз он ҷо ба дарун даромадан имкон дошт ва роҳи баромади гургон ҳам ҳамин қисмат ҳисоб меёфт, даромада бо тамоми қувва аспро ба ҷарӣ тела дод. Аспи бар асари тай задани роҳи дароз хаста ва бар асари сармо абгор ба пастӣ зада аз ин зарб садое баровард ва сангҳо беҷо шу-

да поин рехтанд, ки аз ин садо гургон бо шитоб ба ин самт омаданд. Чун чашмашон ба асп афтод ба ӯ ҳуҷум оварданд. Шиҳаи имдодхоҳонаи асп баланд шуд ва то дер дар гӯши Ҷеймс ин овоз танин андохт. Ӯ худро ба ғору оббурдаҳо, пастиву паси хомаҳо гирифта роҳ мерафт. Ҳарчанд бо ҷисми асп пеши гургони ваҳшӣ сад сохт, тарсу ҳарос дар вуҷудаш сахт реша давонда буд. Гургон аспро дар як лаҳза аз чор тараф иҳота карда ба ҳуҷум гузаштанд. Гурге аз думи асп часпид, вале ҳадафи лагади ӯ қарор гирифта, мингосзанон пас гурехт. Ва аз нав дандонҳояшро гиз карда ғурид. Ва ин лаҳза гӯё бо ҳам маслиҳат карда бошанд, аз чор ҷониб ба ӯ ҳуҷум оварда, шикамашро захмин намуда ба паҳлу хобониданд ва дар як лаҳза пӯсташ дариданд.

Ҷеймс ба ҳамворӣ баромада бо тамоми қувва медавид. Акнун чун пештар сари хомаҳо баромада ба атрофу акноф ба умед назар намекард. Тарс дошт, ки фурсат аз даст медиҳад. Ва ягона умед дар он медид, ки ҳарчи тавонад аз ин мавзеъ дур шавад. Ҳарчанд хавфу хатар аз сар дур кард, вале тарсу ҳарос ҳанӯз аз дилаш зудуда нашуда буд. Ҷудоӣ аз саманди меҳнатдидаву вафодораш, ки он аз падари марҳумаш ба ӯ расид, ғаму дардаш дучанд мекард. Вале илоҷ надошт, танҳо бо ин роҳ метавонист худро аз аҷал раҳонад ва ҷон ба саломат барад. Дар сараш фикрҳои печидаву мубҳам ба ҳар шакл талотум дошт. «Агар ланг намебуд, ҳаргиз дучори ин вазъ намегаштам. Не, баракс, ба гургҳо дучор мешудам. Худо раҳми маро хӯрд, ки пои аспам ланг шуд. Сустгомии ӯ ба ин ҳолат овард, ки гургон ҳанӯз аз дара набаромада буданд ва онҳо маро надиданд. Вагарна Худо медонист чӣ кор мешуд». Ҳар дам нафасашро, ки дар сина тангӣ мекард мехост рост намояд, ба қафо бо ҳарос дида медӯхт. Не, гургҳо саргарми даридану пора кардани асп буданд, ки бар асари хиёнати соҳибаш тӯъмаи дарандагон гашт. Дар сари онҳо чизи дигар намеғунҷид. Танҳо ба он қаноат мекарданд, ки ҳарчи бештар гӯшти нарму мулоим аз тани аспи нимҷон канда фурӯ баранд. То пеши гургбачаҳои заифу ҳанӯз бетаҷриба бо дасти холӣ наравaнд. Рӯзи кӯтоҳи зимистонро пардаи торикӣ фаро меги-

рифт ва майли ҷамъбасти онро дошт. Хастагӣ ӯро аз по афтонд, ба девори оббурда такя намуда, тапиши бенизоми қалби беқарораш паст намуд. Чашмаш сиёҳӣ мезаду сараш чарх. Ҳис кард гуруснагӣ бар ӯ чира шудааст. Вале дигар илоҷ надошт. Охир анбони хӯрокашро, ки дар қоши зин овезон буд, ҳамроҳи асп «пешкаши гургон»намуд. Акнун беандешагии хеш дарк намуд, ки дар ҳолати осемасарӣ, ки аз тарсу ҳарос маншаъ гирифта буд, мояи ҳаёту зиндагиашро муфт аз даст дод. Шаб чодари сиёҳи хеш ба сари замину замон андохтан дошт. Ва ё чашми бандии бекундаву зиндон Ҷеймси беҳолу ҳайрон шаб мезад. Мадораш хушк мешуд. Месурфиду месурфид... Баногоҳ фиреби назар буд ё сурати ҳол, ки аз самти ҷануб дуди оташ печида ба осмон мехест ва дар як они воҳид ба ҳавои дудолудаи тирафом махлут мегашт. Оташи умед дар дилаш чароғак зад. Вале боз андешаи навмедона онро бо боди сарди хеш хомӯш сохт. «Наход фиреби назар бошад? Не, дуд аст. Макони одамон, макони одамон...»Саҳл монд фарёд занад. Ва оҳи сабук кашид. Аз ҷой бархосту ба сӯи оташ гом бардошт. Дасту пояш аз шиддати сармо месӯхт. Вале пурсаброна пеш мерафт. Вақте ки торикӣ атрофу акнофро бо дуди сиёҳи бе бӯю бе оташи хеш фаро гирифт, дигар чизеро фарқ кардан муҳол буд. Тадриҷан ба торикӣ ҳам ху гирифт ва чашмаш одат кард. Акнун намекалавид, балки пастиву фарозиҳо, ғору оббурдаҳоро аз ҳамвориҳо фарқ кардан душворӣ надошт. Ба осонӣ пеш мерафту пеш мерафт. Ҷакиши сагҳои бедорхоб баланд ба гӯш мерасид. Ҳаяҷону изтироб дилаш ба таппиш меовард. Вале ба сардии ҳаво ва улоси шамол кор намегирифт. Якмаром ба самти ҷануб, ки дуди оташ – мояи ҳаёт дар он сӯ аз худ дарак медод, гом мекашид. То ба одамон, ки сахт пазмонашон шуда буд, дидор бинад. Ва заҳри танҳоиву меҳнати чандрӯзаро дар паноҳи меҳру шафқати онҳо аз тан бадар кунад. Алъон гумон мекард рӯҳу равонашро ба ҷисми дардманду касифе интиқол додаанд, ки мадору бардошти зиндагиро надорад. Ҳарчанд шоҳид буд азоби алимеро тавассути ин ҷисму тан аз сар мегузаронд. Пеш мерафту ҳис мекард ба мавзее мерасад, ки он ҷо ҳаёт

дар ҷӯшу хурӯш аст. Ва инсоният паи осудагиву хушии рӯзгори хеш ҷаҳду талош дорад. Гӯё нафаси гарми одамон ба сару рӯи сармохӯрдааш мезад, ки ҳарорате дошт хушу гуворо. Дилаш аз фараҳ лабрез мегашт. Чун миёни дараи ҳамвор, ки мисоли руди хушки лабташна хаймаҳои хурду бузургро дид, якбора дасту пояш фишурда шуд. Дарк кард, ба он ҷое, ки дилаш мехост, наафтод. Барои дигар кардани самти роҳаш қувват надошт. Охир тамоми ҷону ҳоле дошт сарфи ин роҳ намуд. Акнун, ки муроди дилаш ҳосил нашуд, афтодарӯҳу хиҷил монд. Ва оҳиста-оҳиста хамиро нишеб шуд. «Ҳарчи пеш омад, хуш омад. Тақдир ҳамин будааст», – аз дилаш гузашт. Вале панди амакаш Ҷорҷ, ки дар Балхи кӯҳан миёни муридони ихлосмандаш бо номи Гулсаид маъруф буд, ба хотир омаду пой аз рафтан кашид, як дам дудилаву мушавваш дар банди фикрҳои мубҳаму мағшуш монд. «Ҳаргиз ба тақдир тан мадеҳ. Тақдир дар дасти худи одам аст. На каси дигар! Ин ҳарфи заифону нотавонбинонро ҳаргиз ба забон наёр, ки худро қурбон мекунӣ!..»Овози марғуладори амакаш, ки ҳини ваъз гуфтан тадриҷан қувват пайдо мекарду муридони соддаву шефтаашро мафтун месохт, ба гӯшаш гӯё танин андохт. «Не, намеравам, чаро дидаву дониста худро ба гирдоби бало андозам». Ба ӯ пеш аз сафар ба ин диёр гуфта буданд, ки сокинони муқимии кишвар форси – забонҳоянд ва дар деҳаҳои обод канори руду анҳор мезиянду кору борашон боғдориву обчакорист. Бо онҳо забон ёфтан осони осон аст. Аз чорводорони биёбонгард эҳтиёт шуданро гаштаву баргашта таъкид мекарданд. Онҳо бо забони дигар гап мезананд ва сагҳои гурггири бадҳайбаташон болои чашмашон холи сафед доранд. Макони доимии зист надоранд. Ҳар куҷо, ки чорво хӯрок ёбад онҷо ду-се рӯз хайма зада рӯз мебаранд. Мавзее, ки пас аз тай задани роҳи тӯлониву дароз расид, аз рӯи шунидааш ба макони чорводорон шабоҳат дошт. Гулӯяш хориш гирифт, ҳарчанд хоҳиш надошт сурфаро дар гулӯяш натавонист қатъ кунад. Дуру дароз сурфид. Сагҳо ба ҷакиш даромаданд… Ходаҳои дарозро машъал сохта, ду-се нафар марди яроқдор дар назди хаймаҳо чизеро ба якдигар фаҳмонда,

пешу пас медавиданд. Кадоме аз онҳо бо забони барои Ҷеймс нофаҳмо мардҳоро ба ёрӣ даъват кард. Аспҳо шиҳа кашиданд. Сагҳо ба самте, ки Ҷеймси ҳайрону ба ҳаросафтода меистод рӯ оварда, баланд-баланд меҷакиданд. Вале ҷуръати пеш омадан намекарданд онҳо бо аспҳо. Ҷавоне аспи хокистарранги сафедчатобро ба пеши марди чакманпӯше овард, ки тозиёна дар даст бо яроқи דасташ ба ҷониби Ҷеймс ишоракарда савор шуда ҷонибе, ки сагон рӯ оварда меҷакиданд, асп ҷаҳонданд. Ҷеймс осемасар ба роҳи омадааш қафо гашт, вале барфи нишеби яхбаста ба роҳгардияш халал расонд. Бо тамоми қувва давидан хост, пояш лағжид ва поин афтод. Аз ҷой хест, вале ҳаракате карда натавонист, болои сараш саворони мусаллаҳ қарор доштанд. Ба ишорае интизор буданд, ки мусофири гумроҳро пора-пора созанд.

– Тур, тур... гӯён марди кӯтоҳқомати чорпаҳлу, ки дар як даст яроқу дар дасти дигар тозиёнаи нақшине дошт, сагонро дур ронд. Ҷеймсро, ки тарсу ҳарос фаро гирифта буд ин манзара лолу ҳайрон намуд, ки ду чашм ба саворони мусаллаҳ менигарист. Марди кӯтоҳқомати тануманд, ки савори аспи хокистарранг буд, пиёда шуда рӯ ба рӯи Ҷеймс қарор гирифт ва бо забони чала пурсид:

– Сен тоҷик?..

– Бале, тоҷик...

– Сен мулло?..

– Не, оммӣ...

– Тоҷиклар ҳама мулло... Биё, – гуфт ба Ҷеймс ва худ ба сӯйи аспсаворон қадам монда, дар банди фикру андеша афтод. Ҳама хомӯш буданд, ҳатто сагҳо, ки ба ҳайбату шаҳомати хеш дар дили богурдатарин ҷавонмард ҳисси тарсу ҳаросро бедор мекард, намеҷакиданд, балки бо сари хам, коҳилона аз паси аспони ҷавмаст гом мекашиданд. Дар назди хайма ҳезум ҷамъ оварда оташ доданд. Ва барои мусофири сармозада наздики оташ пӯстакеро партофтанд. Марди тануманд, ки мақоми сарвари қабиларо ба ухда доштааст, паҳлӯи Ҷеймс қарор гирифт. Аммо Ҷеймс месурфиду хуфа мезад. Ду-се нафар бо фармони сарварашон зуд

гӯсфандеро дасту по баста дар рӯшании оташ сар заданд. Ҷеймс хомӯшона дасту пои сармохӯрдаашро дар шӯълаи оташ гарм менамуд ва ба кори қассобон, ки бо як чолокии ба худ хос гӯсфандро пӯст канда пора мекарданд, зеҳн мемонд.

– Халпа, китоб бор, мехонед? – ба Ҷеймс рӯ овард сарвари қабила.

– Чӣ хел китоб?

– Китоб… – кафи панҷаҳояшро чун ду паллаи китоби кушода ба ҳам пайваста, монанди китобхонҳо ба он чашм давонд. Дар лабони Ҷеймс истеҳзои нозук падид омад, вале онро чун нишони дарки масъала маънидод намуда ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Бале…

– Китоб обкелинг, – рӯ овард ба яке аз ҷавонмардон, ки ба қассобон кӯмак мерасонд. Ҷавон ба яке аз хаймаҳо даромада муддате нагузашта дар даст китоби ҷилдкаш ҳозир шуд. Сарвари қабила китобро ба даст гирифта, бе он ки аз рӯи эҳтиром онро бӯса карда, ба дида молад, ба дасти Ҷеймс дароз кард. Чеймс чуноне, ки дар Балх дида буд, аввал китобро тавоф кард ва сипас онро кушод.

– Қуръони Шариф…

– Аз Шарип не, аз ман…

– Фаҳмидам, ки аз шумост… – лаб газида табассумеро, ки аз дилаш нумӯъ мекард, дар лабонаш кушт.

– Ӯқи канӣ?..

Ҷеймс ба маънии суханони ӯ сарфаҳм нарафт. Вай бо ҳайрат ба рӯи мусоҳибаш зеҳн монд.

– Напаҳмидӣ, ӯқи гуфтам, хон!..

– Фаҳмидам, фаҳмидам… – Ҷеймс сураеро ба хондан сар кард. Ҳама хомӯш шуданд. Дар фарҷоми китобхонӣ сарвари қабила ба китфи Ҷеймс навозишкорона панҷаи таҳсин гузошт.

– Сен яхшӣ мулло…

– Ман шогирд, дар мадраса мехонам.

– Кадом мадраса?

– Бухоро…

– Ӯй куҷо? Хонаатон дар куҷо?..

– Дар Бухоро…

– Куҷо меред?

– Кӯлоб…

– Кӯлоб нарав, Кӯлоб ганда… – гуфт сардори қабила. Қассобе дунбаи сафеди гӯсфандро пеши ӯ овард. Сардори қабила кордро аз ғилоф кашида пораеро аз дунба бурида ба даҳон партофт ва хомохом хоида фурӯ бурд. Сипас кордро ба Ҷеймси сармозадаву гурусна, ки базӯр худро нигоҳ медошт, дароз кард.

– Гир, хӯр…

– Ташаккур, – кордро аз дасти ӯ гирифта пораеро аз думба бурид ва онро ба нӯги кор хаста ба оташ дод. Равған чаз – чаз об шуда чакра-чакра рӯи оташ мечакид. Ҷеймс ба пурра пухтани он маҳтал нашуда, равғани нимхомро ба дандон гирифт ва саросема хоид. Пиндошт сардори қабила ҳам гуруснааст, ки ба пухтани он тоқат накарда, бо осемасарӣ гӯштро хомохом хӯрда нафси саркашаш қонеъ месозад.

– Халпа, ин тавр хӯр, бомазза аст, – гуфт сардори қабила, бо корд боз пораеро аз думбаи гӯсфанд канда ба даҳон партофт. Ва пораи дигарро бурида ба Ҷеймс муроот кард. – Гир, хӯр!..

– Не, ман ин тарз хӯрда наметавонам, – бо нуги корд боз пораи равғанро хаста ба оташ дод. Дар ин миён ҷавоне бо оҳани нугтезе, ки бо найза шабоҳат дошт, пораи гӯштро сих кашида, дар оташ кабоб карда, пеши меҳмон овард.

– Ташаккур, – аз меҳмондории гарми кӯчманчиёни чорводор, ки дар бораашон тасаввуроти нодуруст дошт хушҳол шуда, намедонист миннатдории хеш чӣ гуна изҳор созад.

– Олинг, олинг, – кордеро ҷавон аз хайма баровардa пеши Ҷеймс гузошт. Ҷеймс, ки то ин дам китобро дар бағал нигоҳ медошт, бори дигар тавоф карда ба ҷавон гардонд.

– Китобхон ҳаст, миёни шумо?

– Ёқ, нест, пеш як мулло буд, аз Бухоро, мурд, – гуфт

сардори қабила. Ва бо таассуф сар ҷунбонда лабони равғанолудашро ба ҳам фишурд, абрувонаш ба ҳам омада чашмони мешияш танг шуданд.

– Яхшӣ одам буд. Касалҳоро саҳат мекард.

– Доруи талх медод, – рӯй турш кард ҷавони кабобпаз.

– Дарди бадро давои бад, – ба тақвияти сухани ӯ илова кард Ҷеймс.

– Бале, бале, доруяш талх бошад, ҳам лекин касалӣ зуд шифо меёфт. Пир шуда мурд. Касе надошт. На зан, на фарзанд. Китоб аз ӯ буд. Ба ман бахшид. Туро ба мо Худо расонд. Охир мо аз бемуллоӣ азоб мекашидем. Ду ҳафта пеш як кампир аз қабилаи мо мурд, қариб се рӯз мулло наёфтем. Ниҳоят аз кашари Алабердӣ як мулло оварда мурдаро гӯр кардем. То мулло омадан дар сари занҳо мӯй намонд, синаҳояшон зардоб шуд. Туро ба мо Худо расонд…

Ҷеймс аз ҳикояти ӯ ба чизе сарфаҳм намерафт, вале шигифту ҳайраташ зоҳир намесохт. Ва кунҷковона ба рафтори соҳибони макон, ки ҳокимияташон ба ин мавзеъ ба захираи хӯроки чорво вобастагӣ дошт, менигаристу барои хеш як чизи нав кашф менамуд. Шаб аз як ҳис гузашта буд. Вале тани онҳоро аз сардии ҳаво оташи гулхан ҳифз мекард. Ситораҳои само дар рӯи дудгирифтаю сиёҳи осмон чун холи сафед ба назар мерасиданд. Боди дай дар фазои дара ба сатҳи дашт гардиш мехӯрду ба дохили он ворид намешуд. Хаймаҳои хурду бузурги чорводоронро чироғҳои равғанин рӯшан мекард. Ҳоло ки вақти зиёде аз шаби қиргун паси сар шуда буд, чироғҳо намесӯхтанд, балки соҳибони он ба хоби роҳат рафта буданд. Танҳо чанд марди қабила бо дархости сарварашон гирди гулхан ҷамъ омада, бо меҳмони ғайриоддию ғайричашмдошташон, ки ин шаби дилгиру сарди зимистон ба манзилашон расид, сӯҳбат ороста вақт кур мекарданд.

– Ба Кӯлоб равонам гуфтӣ?

– Бале…

Сарвари қабила, ки исмашро Аланазар номбар намуд, бо корд аз устухон гӯштро ҷудо карда ба даҳон мепартофт, баъди сукуту хомӯшии кӯтоҳе боз ба рӯи Ҷеймс ни-

гарист.

– Дар Кӯлоб хешу таборе дорӣ?

– Не... – кӯтоҳ ҷавоб дод меҳмон.

– Бе мақсаду маром мерафтӣ?

– Не... Гуфтанд, ки дар Кӯлоб ба мударриссон эҳтиёҷ доранд. Ба ин хотир азми сафари ин диёрро кардам.

– Кӯлобиён сахтсаранд. Бо онҳо забон ёфтан душвор. Дар он ҷо хор мешавӣ. Бо мо бимон! Ту аз паси чорво намегардӣ. Ҳарчи зарур бошад муҳаё мекунем...

– Ман бо тиру туфанг намеравам-ку?

– Ту ягон бор онҷо будӣ?

– Не, бори аввал азми сафар дорам...

– Онҳоро Кулобиёни гавсавор мегӯянд, касеро гӯш намекунанд. Мо ҷаври онҳоро кашидаем. Даҳ сол пеш миёни мову онҳо «сану ман»шуд. Аз ҳамон вақт инҷониб ҳатто чорвоямонро ба чаро намебарем... Чӣ, дар Бухоро кулобиёнро намедонанд?..

– Медонанд... – Ҷеймс ба андеша афтод, пиндошт ба ӯ маълумоти нодуруст додаанд. Онҳое, ки қабл аз омаданаш таи ду ҳафта меҳмонони амакаш буданд, гаштаву баргашта дар бораи Кулоб маълумот медоданд. Ҳаргиз дар хусуси гавсавории онҳо нашунида буд. Балки гуфтанд, ки дар Бадахшон ба говҳои пашмине савор мешаванд, ки думашон ба сони думи асп аст. Дар Бадахшон бошад Россия роҳ ёфтааст ва мавқеи хеш қавӣ месозад. Ба ӯ гуфта буданд, ки танҳо қаламрави Кулобро мавқеи омӯзиш қарор бидиҳад.

– Чаро дар зимистон азми сафар кардӣ?

– Вақте ба роҳ баромадам, барф намеборид.

– Роҳи дуру хатарнокро пеш гирифтӣ, беҳуда худро овора накун, фарзандони моро таълим бидеҳ...

– Фикр мекунам...

Дар хаймаи холимондаи муллои марҳум барои Ҷеймс рахти хоб тайёр намуданд. Ӯ пас аз азобу меҳнати тоқатшикан, ки давоми ду шабонарӯзи охир аз сар гузаронд, бори аввал ба рахти хоби гарму нарм сар монд. Фикру хаёл хобаш аз чашм рабуда буд.

Дар ҳаёти Ҷеймс марҳалаи нав фаро расид. Агар то

расидан ба ин мавзеъ мақсаду маромаш дигар буд, баъди ин нақшаҳояш тағйир ёфт. Барои омӯхтани вазъият мебоист аз шароиту фурсате, ки кӯчманчиён барояш муҳайё сохта буданд, истифода барад. Ва сафари Хатлонро то фаҳмидани асли масъала мавқуф гузорад. Ҳамин тавр ҳам кард. Акнун ӯ ҳамроҳи кӯчманчиён аз паси чорво мегашт, ҳар куҷо хайма заданд, онҷо қарор гирифта вақти хеш ба мутолиа сарф мекард. Ва ҳини сарҷамъ шудани аҳли қабила намоишкорона намоз мегузорид. Дар хатми намоз бо овози баланд оётеро аз Қуръони маҷид қироат карда кӯчманчиёнро ба ҳайрат меовард. Бо супориши Аланазар яке аз ҷавонони қавм, ки Ботур ӯро ном буд, дар хизмати Ҷеймс монд. Ӯ миёни қавм Халифа Ҳақдод ном гирифт. Ин номро қабл аз сафар бо маслиҳати амакаш меҳмонон ба ӯ доданд. Барфҳо об гаштанд, анвори гарми офтоб ба сару рӯи одамон, ки аз сармои тоқатшикан дилгир шуда буданд, форам мерасид.

Бо вуҷуди таъмин будани маишат, андешаи сафари Кӯлоб ҳар гоҳ ӯро ба сар меомад. Онҳое, ки қабл аз сафар дар хонаи амакаш меҳмон буданд, ба ӯ дастур доданд, ки дар сурати нобарорӣ ва бад будани ҳаво ва ё нотинҷӣ дар минтақа, ба Бухоро биравад ва онҷо фурсати муносибро интизор шавад. Аммо чорводорон дар суҳбату суханрониҳояшон ҳаргиз Кӯлобро ситоиш намекарданд. Ба ҳар замон ба саволи Ҷеймс, ки Ҳақдод халпааш мехонданд, «Говсаворон ганда»– гуфта ба ин ҷавоби номафҳуми пардадори хеш ҳисси кунҷковияшро зиёд мекарданд?

– Чаро онҳоро говсавор мегӯянд?

– Ҳама говсавор мегӯянд. Дар Бухорову Самарқанд ҳам ҳамин гап ҳаст. Нашунидӣ?

– Шунидам, вале чаро ин сухан оҳанги таҳқир гирифтааст, бароям номаҳфум мебошад.

– Ҷонварони саворӣ кадомҳоянд? – суол кард Аланазар.

– Саволатонро фаҳмидам, дар ҳақиқат говро савор шудани одамро надидаам. Вале аз рӯи шунидам говҳое,

ки ба он савор мешаванд, зоти махсусанд, ки чун асп дум доранд.

– Не, ин хел говҳоро вақти дар Кӯлоб буданамон вонахӯрдаем. Говҳое, ки мо дидем, айнан ба говҳои Бухорову Самарқанд ва ҳатто Олтой монандӣ доштанд.

– Дар ҳамин гуна говҳо савор мешуда бошанд?

– Шояд, аммо ман марди говсаворро надидам. Кай ва чӣ гуна пайдо шудани ин сухан барои мо низ пӯшида аст. Ман ҳатто аз бисёриҳо суол кардам, касе инро намедонад.

Ҷеймсро ин муаммо боис мешуд ба фикру андеша. Ҳарчанд баъд аз муътадил шудани боду ҳаво борҳо дар таи дил нияти фирор кард, вале боз тарсу ҳарос, бадгумонӣ, ки кӯчманчиёни чорводор дар дилаш ҷой мекарданд, боиси даст кашиданаш аз ин азму ният мегардид. Дилаш мехост бо ашхоси бохабару ҷаҳонгаштае рӯ ба рӯ шавад, ки дар бораи Хатлон ва мардуми он ҳарчи бештар маълумот пайдо кунад. Аммо ба бахти ӯ то ҳол ба чунин кас рӯ ба рӯ наомада буд. Ҳар касе, ки вомехӯрд чорводор буду ба ҷуз биёбон, чарогоҳ, чорво чизи зиёде намедонист. Ҳама чизе, ки медид якранг. Ташнаи он буд, ки ба деҳе ва ё шаҳре шабе таваққуф карда бо ашхоси донишманди он сари сӯҳбат бинишинад. Орзуяш, ки онро гоҳо вақти тангии маишат ва номуродӣ гурги ваҳшӣ мехонд, амалӣ намешуд, ки намешуд. Ҳис мекард, ки аз гаштугузори бемаънову бефоида чизе намегирад ба ҷуз вақт гузаронидан. Чорводорон низ ба он мекӯшиданд, ки чорворо ба мавзеҳое баранд, ки сари роҳашон деҳ ва ё шаҳр набошад. Ҷеймс бехабар аз ин, умед дошт, ҳеҷ не бо тасодуфе ба деҳ ва ё шаҳр дучор меоянд. Аммо вақт мегузашту мурод ҳосил намешуд. Рӯзе ӯро Алаcalled назар ба наздаш хонд ва марди аспакиеро нишон дод, ки лаҷоми саманди сиёҳмушкинро, ки хафи даҳан паронда гарданак мезад, кашида рӯи зин устувор менишаст. Абрӯвонашро ҳамранги рӯяш чанги роҳ сафед карда буду мижгонҳои дарозаш солуки гандумро мемонд.

– Халпа, ин йигит аз қавми мост. Ду рӯз боз мулло мекобад. Як мӯйсафеди пир доштанд, мурдааст. Ӯро гӯр кардан лозим, як илоҷ бикун…

– Деҳаашон дур аст?

– На он қадар, пеши асп як қадам, – гуфт Аланазар. Ҷеймс ҷуз қабули хоҳиш дигар илоҷ надошт. Ботур аспе-ро аз кишан раҳо карда ба Ҷеймс дод. Гашти пешин саво-рон ба манзили чорводорон расиданд. Занҳо рӯю мӯйканон ду мушта ба сари синаҳояшон мезаданд, улос кашида, менигаристанду мегиристанд. Мӯйсафеди кам-риши тангчашме қомати хамидаашро бо такяи асо базур рост карда пеши Ҷеймс омад, ки дар даст тасбеҳ, дар дас-ти дигар китоб бо виқор меистод.

– Халпа, мурдаро ҷаноза хондан даркор…

– Қабр кандед?

– Ду рӯз шуд…

– Набошад, чӣ истодаед, биёред?!

Мурдаро ба намади куяхӯрдае печонда бо таноб баста буданд. Ҷеймс пеш даромада ҷанозаро хонд. Сипас мурда-ро ба шикам, рӯи хар, дастҳо аз як сӯ ба замин, поҳо сӯи ди-гар овезон, ба самти қабристон равон шуданд. Аз ду тарафи хар, ки мурдаро мебурд, занҳо ба синаҳояшон мушткӯб карда қадам мезаданд. Мардҳо хомӯшу сархам меомаданд. Ҷеймс пеш-пеши саворон асп ронда ғуруру шаҳомати хеш нишон медод. Ӯ ин рафтор аз амакаш омӯхта буд. Миёни қавм ҳаргиз бисёр гап намезад. Ҳарчи пурсанд, боэҳтиёт санҷидаву варзида гап мекушод. Сару либосаш озодона нигоҳ медошт. Бештар мушоҳида мекарду меомӯхт. Ин хислатҳои Ҷорҷ бетаъсир намонд. Ҷеймс дар ҳар кору раф-тор ба ӯ пайравӣ мекард. Мурдабарии чорводоронро дида ба ҳайрат наафтод, зеро дар тӯли умри кӯтоҳе, ки аз сар ме-гузаронд, бо одамони гуногунрангу гуногунрафтор кам во нахӯрда буд. Имрӯз, ки чунин рафтори онҳоро дид, боз ба-рояш равшан шуд, ки на ҳама қавму миллат як расму оин доранд. Ва урфу одати хубро тавассути муносибати дӯстонаву равобит аз як дигаромӯхта, асптозониву бузкашӣ қабул медоранд. Дар чорводорони кӯчманчӣ аз ин одатҳо танҳо занозанӣ чун маросими пешқадам қабул шуда буд. Мурдагӯркунии онҳо табъи ӯро ниҳоят хира кард. Сабру таҳаммул аз даст дод. Агарчи то ин лаҳза дар рафтори ин

мардуми гуногунрангу гуногунхислат умумияте дида буд, вале ин монандиҳоро қаробате набуд. Дар Эрон дида буд, ки рӯзи Ошуро, дар он рӯзе, ки набераи ҳазрати Алӣ, имом Ҳусайн дар дашти Карбало аз дасти мухолифон ба шаҳодат расид, чун рӯзи мотам ба таври расмӣ бо синазанӣ мегузарониданд. Кӯчманчиён бошанд, му мекананду сарҳои урёни тилташонро афшонда ду даста ба сина мезананду мезананд. Чун ба қабристон расиданд, харро ба лаби гӯр оварда нафаре мурдаро аз пояш бардошта саронокӣ ба чуқурии чоргӯша партофт. Ҳама ба хокпартоӣ сар карданд.

– Биистед, хок напартоед! – бо оташинӣ гуфт Ҷеймс. Ҳама бо тааҷҷуб ба рӯи ӯ нигаристанд, ки андуҳи рӯю чашмони ғазаболудаш аз аҳволи кунунияш ҳикоят мекард. Аз асп бо ситеза фаромада лаби гӯр омад. Дарк кард кӯчманчиён мӯҳтоҷи ёриянд. Мебоист барояшон урфу одат ва шаклҳои мурдагӯркуниро ёд бидиҳад. Охир бо ҳамин сабаб ду рӯз дар ҷустуҷӯи мулло вақт сарф карда буданд.

– Шумо киро гӯр карда истодаед?

Ҳама хомуш буданд, ҳатто занҳо, ки бо тааҷҷуб ба ин ҷавони богурдаву чолок бо густохӣ ба меҳтару кеҳтари қавм дӯғ мезад, нигоҳи ҳайрат медӯхтанд. Дар нигоҳи онҳо тааҷҷубу ҳайрат ҳувайдо мегашт. Пири қоматхамида даст болои даст ба асо такя намуда ба саволи ҷавон посух дод:

– Одам, халпа, одам…

– Пас чаро ӯро чун одам гӯр намекунед?

– Мулло доштем, ҳамаро ӯ гӯр мекард. Ним сол пеш як шаби гарми тобистон, ки ҳама аҳли қабиларо мурдахоб бурда буд, фирор кард.

– Бандӣ буд, ки аз шумо гурехт?

– Не, ӯ ба қабилаи мо худаш афтод, мо ӯро рафтан намондем. Як соли дароз дар ғаму шодиямон шарик буд.

– Аз куҷо донистед, ки фирор кардааст?

– Пеш аз ин ду маротиба вақти гурехтанаш ба даст афтода буд…

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, ба қабр даромада мурдаро дуруст хобонд. Сипас аз гӯр баромад.

– Акнун чӯб биёред! – фармуд ба мардуми ҳайрон.

– Чӯб барои чӣ? – бечуръатона пурсид мӯйсафеди камонқомат.

– Барои боми гӯр…

– Дар ин гирду атроф дарахт нест, ҳама дашт асту биёбон.

– Пас лаҳад бояд канд. Мурдаро баоред!

Мурдаро аз қабр бароварданд. Чеймс чӣ тавре, ки дар Балх кандани қабру лаҳадро дида буд, лаҳад канд. Сипас фармуд мурдаро ба лаҳад дароранд. Касе ҷуръати иҷрои ин амалро надошт. Бо ҳайрату тааҷҷуб ба рӯи якдигар менигаристанд. Ҷеймс бори дигар эҳсос намуд, ки ба мардуми ин қавм ҳар ду тарзи қабркани ва дафни мурда бегона аст. Ва ҳанӯз ин чизро наомӯхтаанд. Мурдаро худ ба қабр даровард. Ба даҳани лаҳад чим зад. Ва аз ширдон берун баромада ба гӯр хок кашид.

Бо чорводорони ин қавм ду рӯз монд. Рӯзи дигар барои овардани ӯ Аланазар Ботурро фиристод.

– Ақалан як рӯзи дигар биист! – хоҳиш намуд мӯйсафеди кузпушт.

– Юлдошбобо бемор аст, фармуданд халифаро бетаъхир ба сари қуш бубарам, – ба ҷои Ҷеймс Ботур ҷавоб дод…

Дар қуш кайҳо боз онҳоро бо беқарорӣ интизорӣ мекашиданд. Занҳо дар гирди хаймае, ки ба мӯйсафеди солхӯрда Юлдош тааллуқ дошт, гиряву нола мекарданд. Аланазар ҳам ғамзадаву хиҷил буд.

– Чӣ ҳодиса рӯй дод? – суол кард аз ӯ Ҷеймс.

– Ду шабу ду рӯз аст, ки аҳволи мӯйсафед хуб нест. Нафаси охирини умрашро мегузаронад.

– Дар пеши ӯ ҳоло кист?

– Ҳеҷ кас… Бигзор осуда ҷон диҳад… – гуфт Аланазар. Ҷеймс ба хайма сар халонд, дар гӯшае бемори рангпарида хафи даҳон резонда чизе гуфтан мехост, аммо мадораш намерасид. Чироғи равғанин хира-хира месӯхт ва ҳар замон чашмак мезад, вале хомӯш намешуд ва торикиро ба гӯшаву канори хайма ва берун аз он меронд. Рӯи харобу паридаранги мӯйсафеди бемор тавассути равшании чироғ баръало

ба назар мерасид. Ҷеймс паҳлӯи бемор қарор гирифт, дастони шахшулу гармашро, ки дар рагҳои он хун дар ҳаракат буд, молиш дода ҳис намуд, ки марг ба ин наздикӣ дари ӯро куфтанӣ нест. Аз дар сар баровварда фармуд дар зарфе об биёранд. Ботур дар даст кӯзаи пуроб даромад. Кӯзаро паҳлӯи Ҷеймс монду саросема баромад. Беморро ҳарорат баланд буд. Ҷеймс зарфро рӯи даст гирифт, ки дар шиками калони он об қул-қул мекард, лаби кӯзаро ба лаби парсингбаставу хушки бемор бурд. Бемор баъд аз шикастани ташнагӣ, ки ду рӯз боз ҷонашро ба ҳалқаш оварда буд, нафаси амиқ кашиду чашм кушод. Ва ба рӯи Ҷеймси хирманмӯй, ки риши ғулиаш дар шуои хираи чироғ ҷило медоданд, нигарист. Хост лаб ширин кунад, вале табассум дар лабонаш мурд, нигоҳи оҷизонааш дар ҷисми хаставу заифаш шикаст.

– Шифо меёбӣ, худро ба даст бигир, – гуфт ва аз дар баромад. Аланазар ва мардони дигари қабила гирди гулхан нишаста паст суҳбат доштанд. Занҳо ҳамоно навҳа мекардanду рӯ ба само оварда талаб доштанд, ки ба пир умри дароз бубахшад. Ду шабу ду рӯз буд, ки дар фазои ин манзил ғаму дард сайр мекард.

– Бас кунед, қаҳри парвардигор меояд, – ба занҳо рӯ овард Ҷеймс, ки худро акнун миёни кӯчманчиён бегона намеҳисобид. Ва қадру қиммати хеш хуб медонист. Ҳарчи метавонист намоишкорӣ мекард, донишу фазилаташ нишон медод. Ҳис мекард, ки ҳар чӣ фармояд, қабул медоранд. Аз ин рӯ мекӯшид суханаш таъсиру ҷозибаи хеш гум накунад. Барои ин ҳадди эътидол нигоҳ медошт. Занҳо хомӯш шуданд ва бо тааҷҷуб ба мардҳояшон, ки танҳо фармону супориши эшонро чун қонун иҷро мекарданд, назари кунҷковона дӯхтанд. Онҳо низ хомӯш буданд. Аланазар, ки то ҳол пеши ҳамқавмони худ ҳаргиз ба шахси дигар эҳтиром намеовард, баробари дидани Ҷеймс аз ҷой бархост. Ва зуд аз рафтори хеш шармаш омад, ки шаъни хеш пеши як бандии аҷнабӣ паст зад ва дар ҷояш нишаст, аммо дигар ҷои ислоҳи «иштибоҳ»набуд. Аланазари сарбаланду хашмгин, ки абрувони тунукаш болои чашмони тангаш му-

дом барандохта буд, ҳаргиз ба чунин чоплусӣ тан намедод. Агар сараш аз тан ҷудо месохтанд, вале ин марди ношинос, ки чашмони кабудаш ба ҳама чиз кунҷковона назар мекард, ӯро ба ин пастӣ овард ва чун суол додан чораи дигари шармшиканӣ надошт:

– Аҳволи бемор чӣ тавр аст?

– Агар ӯро ба ҳоли худ гузорем, то субҳ зинда намемонад.

– Чӣ кор кунем?..

– Ҳарчи лозим буд барои шифоёбиаш кардам… Аҳволаш хуб шуд. Фардо ба по мехезад.

– Наход? Охир дар назъи ҷон буд ӯ…

– Ҷои он ки шифо бахшем, муҳите бунёд намудем, ки пеш аз муҳлат гузаштанаш имкон дошт. Хайрият сари вақт хабар додед, вагарна дер мешуд. Аз лаби гӯр гардонамаш.

– Зинда шуд?.. – Бо тааҷҷуб аз ҷой бархост Аланазар.

– Бале…

Аланазар ҳамроҳи дигар мардони қавм барои фаҳмидани асли масъала вориди хайма шуданд. Бемор чун онҳоро дид, ашк дар чашмонаш падидор шуд.

– Қабри маро ба зиндагӣ кандед… Ақалан дар ду рӯз як маротиба надаромадед, ки ба ҳалқам об бичаконед. Раҳмат ба падару модари халифа, ки дасти шафқаташро ба мани беҳимояву бемор дароз кард. Агар ба по хезам дар гарданам занҷир баста хизматашро мекунам…

– Гапа калон задед бобо…

– Гапи калон нест, ман асли гапро мегӯям. Ду шабу ду рӯз бемор хобидам, саг аз дарам надаромад. Зинда мондам, ҳамаи ин аз омади бахт аст, ки Худованд ба сари мо чунин як марди тавоно, як марди фарзонаву дилсӯзро фиристод, – гуфт мӯйсафед бо овози хаста, вале боваринок.

– Ӯро ҳифз мекунем. Бояд ба мо хизмат расонад, – гуфт Аланазар. Ҳама аз хайма берун шуданд. Ҷеймс назди гулхан нишаста, шохчаҳои хушки бурсу бедро ба оташ мепартофт.

– Мо саги шумо, – гуфт Аланазар ба Ҷеймс, ки ҳаргиз

ин чизро аз онҳо интизор набуд. Ва бо таҳайюр ба рӯи ӯ нигарист.

– Маро дар хиҷолат монондед…

– Ҷиддӣ мегӯям халпа, охир ту муъҷиза нишон дода мурдаро зинда кардӣ. Кароматнишон додӣ, каромат!..

– Не, ҳамааш дар дасти олоҳ-таолост, аз дасти мо бандаҳои ношукру худоношинос чӣ меояд?..

– Хоксорӣ мекунӣ халпа, ту муъҷиза нишон додӣ. Ҳар хоҳише, ки дорӣ бигӯй мо иҷро мекунем.

– Ташаккур, агар иҷозат медодед ба Ватанам Бухоро мерафтам.

– Ту хушбахтӣ, ки Ватан дорӣ, – гуфт бо таассуф Аланазар. Мо куҷо будани ватанамонро фаромӯш кардаем.

– Ватани мову шумо паси кӯҳҳои Олтой аст. Замоне бобоёнамон пушти чорво ба ин ҷойҳо омадаанд, – гуфт пирамарди камриши қоқина, ки ӯро Тошмат меномиданд.

– Ватан ҷоест, ки хуни нофат рехтааст, – гуфт Ҷеймс.

– Мо кӯчманчиён на хона дорему на Ватан, ҳар куҷо, ки барои чорво алаф пайдо кунем, онҷо Ватану хонаи мост…

– Одамизод чор ватан дорад: ватани аввал-пушти падар, ватани дуюм-батни модар, ватани сеюм-дунёи фонӣ, ватани чорум-дорулбақо, – гуфт Ҷеймс.

– Ватану сарҳади кишварро одамон худ сохтаанд. Вагарна Худованд барои ҳамаи бандаҳояш як дунё офаридааст. Агар барои ҳар қавму миллат дунёи дигар месохт, он гоҳ зиддияту душманӣ маъно пайдо мекард, – гуфт Аланазар.

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, дар дилаш шавқу шодӣ нағунҷид. Хомӯшона бо чашмони танг, гунаҳои барҷаста, бинии хурд, лабони борики онҳо зеҳн монд. Онҳо ба тоҷикон монанд нестанд. Балки аз эшон бартарӣ доранд, ки барои васеъ кардани чарогоҳҳояшон ба кишвари онҳо омадаанд. Вале тоҷикон ғам надоранд, ин чиз онҳоро ба ташвиш намеорад. Ҳанӯз ҳам миёни кӯҳпораҳои танг ҳаёт ба сар мебаранд. Ҳатто ба он сарфаҳм намерафтанд, ки дар ин кӯҳҳои осмонхарошу касногузар чӣ ганҷе нуҳуфтааст. Русҳо Бадахшонро аз худ кардаанд. Аммо то ҳол ба ганҷи он даст

нарасондаанд. Балки шояд чунин ният надошта бошанд. Охир Бадахшонро ба хотири он ба даст гирифтаанд, ки қаламрави хеш зиёд карда роҳи моро бубанданд. Не, роҳи моро баста наметавонед. Бадахшон аз мо мешавад ва мо аз Ҳиндустон то Бадахшон роҳи оҳан мекашем.

Ҷеймс миёни ин қавм обрӯи тамом пайдо кард. Ҳар мушкилоту душворие, ки пеш меомад, аз ӯ ёрӣ мехостанд. Аммо аз як чиз хиҷил буд, ки вақташ бесамар мегузашт. Супоришҳое, ки генералҳои инглис ба ӯ дода буданд, иҷро нашуда мемонд. Шояд ӯро гумоштагони дигар, ки дар гӯшаву канори ин сарзамин фаъолият мекарданд, кайҳо боз ҷустуҷӯ доштанд? Ва ё супориши таъҷилие баҳри расидан ба мақсадҳояшон доданӣ буданд? Аммо ӯ ба таъбири амакаш дар «мушхонае паноҳ бурда ба хушу хуррам гузаронидани рӯзгори шахсияш ҷадал дошту халос. Оромӣ ва осудагие, дар миёни чорводорон дошт, ӯро фориғбол карда буд. Рӯзу ҳафтаҳо мегузаштанду андешаи иҷрои супоришҳо намекард. Кӯчманчиён аз вазъи олам бехабар буданд. Ва дар ин бора қариб, ки гап намезаданд. Гӯё дар ин дунёи бедарвоза қонуну қоидаҳое вуҷуд надошта бошад. Мавҷудияти ҳокимият, ҳукми ҳокимро ҳини додани андоз, ки доруғаву амлокдорони амир ҷамъоварӣ мекарданд, дарк менамуданду халос. Гӯё барои ин қавми аҳлу тифоқ, ки сарҷамъона фаъолият доштанд, дунё аз чорвову чарогоҳ иборат аст. Сухани онҳо, асосан, сари ин масоил доир мегашт: «Дар қуши фалониву фалонӣ даҳ сар меш ва ё бузаш дугоник зоидааст. Ва ё ба рамаи фалонӣ гург ҳуҷум кардааст». Чунин буд ҳарфу суханони эшон. Аз нақли чунин воқеаҳо ба таааҷҷуб меафтиданд, оҳу афсӯс мехӯранд ва гоҳо аз беадолатие ба ғазаб меомаданд. Ҷеймсро чунин сӯҳбатҳои якранг дилгир мекард. Ва гоҳо барои гап гирифтан аз ину он масъалаи барои кораш муҳим суол дода ҷавоби муҷмал мешунид. Гоҳо асабӣ мешуд, вале зоҳир намекард, дардашро мехоиду фурӯ мебурд. Ва суханони таъсирнок мегуфту обрӯяш пеши онҳо дучанд мекард. Оромиву осудагие, ки дошт ӯро аз ҳама ташвишу заҳматҳо барӣ намуда буд, вале ин ҳам дер напоид. Шабе ба хаймаи онҳо шабохун заданд. Марду

занро дасту по баста як ҷо ҷамъ оварданд. Онҳо мардоне буданд, ки дар сарҳошон телпакҳои калон-калони пӯсти гӯсфандӣ доштанд ва чашмони мешияшон дар шуои гулхан оташак мезад, ки аз онҳо асаре аз раҳму шафқат дарёфт кардан муҳол буд. Ҷеймс низ қатори бандиён мехобид. Сарвари роҳзанон риши дарозашро молида бо забони нофаҳмое ба тобеонаш, ки шофу ханҷарҳои дудамаро бозӣ медоронданд рӯ оварда чизе гуфт. Ду нафари онҳо бо аспони хурдҷуссаи хеш савор шуда, чорвои беназоратмондаро пеш андохтанд. Нафари дигар занҳоро маҷбур намуд, ки ба роҳ бароянд. Онҳо худро ба рӯи шавҳарону падарони дасту по бастаашон партофта фиғон мекашиданд. Вале роҳзанон бо зарби тозиёнаву калтак ҳамаро ба роҳ даровcovarданд. Ҷеймс аз ҳама канор мехобид. Агар ҳар чӣ раво бинанд аз ӯ сар мекарданд. Вале баръакси чашмдошташ аз дигар канор ба ҷазодиҳӣ оғоз намуданд. Аввал мӯйсафеди акнун аз бистари беморӣ хеста Юлдошро сар заданд. Ӯро ду нафар рӯи замин кашида назди гулхан оварданд, сипас кундаеро, ки болои он нишаста дар гулхан гарм мешуданд, зери сараш гузоштанд. Сарвари роҳзанон шамшери бузургу вазнинашро боло бардошта ба гардани бандӣ зад. Сар як сӯ париду тан як сӯ. Бо ҳамин усул ҳама бандиёнро сар буриданд. Ниҳоят навбат ба Ҷеймс расид. Ӯро, ки дар канор буд, рӯи замин кашида пеши ҷаллод оварданд. «Ман меҳмон, ман мулло, ман тоҷик…»– зора мекард аз эшон.

– Мулло? – бо тааҷҷуб рӯ овард ба ӯ сарвари роҳзанон.

– Бале, яхши мулло, ката мулло… – ранг дар рӯи Ҷеймс намонда буд, ҳангаш канда мадораш хушк шуда, охирин умедашро ба зориву тавалло амалӣ кардан мехост. Сарвари роҳзанон нӯги шамшерашро ба кунда хаста ба он такя намуд.

– Сен тоҷик?..

– Меҳмон аз Бухоро, мадрасага уки… – намедонист фикрашро чӣ гуна фаҳмонад, арабча, тожикча биласиз…

Сарвари роҳзанон ба тобеъонаш чизе гуфт. Онҳо зуд Ҷеймсро дасту по кушоданд. Ҷеймс ба пояш рост шуда, ҳанӯз ба пурра озод шуданаш боварӣ надошт. Ҷеймс сар

то пояш меларзид.

– Сен мулло?...

– Бале, бале, яхши мулло, – ба хайма даромада дар даст китоб бозгашт ва ба хондан шурӯъ кард.

– Яхшӣ, яхшӣ – бо нишони мамнуният сар ҷунбонд сарвари роҳзанон. Ва ба ҷавоне, ки абрувони ғафсу чашмони олус дошт, рӯ оварда чизе фаҳмонд. Ҷавон аз Ҷеймс ба забони тоҷикӣ пурсид:

– Чӣ гуна миёни онҳо афтодӣ?

– Ман толибилми мадрасаам, аз Бухороям. Хатлон мерафтам, дар кӯши онҳо меҳмон шудам, аммо онҳо маро рафтан намонданд. Се моҳ боз ҳар куҷо чорвояшонро мебурданд, маро ҳамроҳ мегирифтанд…

Ҷавон ҳарчӣ Ҷеймс мегуфт, ба сарварашон тарҷума мекард. Ва суоли ӯро низ ба Ҷеймс маънидод мекард:

– Ту бо онҳо чӣ кор мекардӣ?

– Беморҳояшонро табобат мекардам, дуо мехондам, ба фарзандонашон таълим медодам…

– Ту бо мо ба Чорҷуй меравӣ, онҷо ба фарзандони мо таълим медиҳӣ…

– Ба чашм, – пеши пои сарвари роҳзанон ба зону афтод Ҷеймс.

– Бархез, ту толибилм ҳастӣ, ба ту даст намерасонем, – гуфт сарвари роҳзанон. Ба яке аз аспҳои ғаниматгирифта Ҷеймсро савор намуданд. Даста ба самти Мағриб равон шуд. Дар сафи онҳо Ҷеймси тарсхӯрда, ки ларзиши баданаш ҳанӯз рафъ нашуда буд, асп меронд. Гоҳ ӯро даҳшати аз сар гузаронда ба хотир меомад, баданаш араќи сард мебаровард, дилаш метапид, нафасаш дар гулӯяш тангӣ мекард, гоҳи дигар наҷотёбиашро чун муъҷизае арзёбӣ менамуду шодона шукронаи онро мекард, ки миёни чорводорон муллоён обрӯ доранд. Ӯ ба ин чиз дар се моҳи мусофирияш эътимод баст. Аммо бо тоҷикони ин сарзамин дар ин муддат боре ҳам рӯ ба рӯ нашуда буд. Акнун розигии сарвари қабилаи чорводорон Аланазарро дар хусуси сафари Бухоро гирифта буд, ки ин даҳшат ба сарашон омад. Ҳарчанд ба Аланазар ваъда дод, ки баъди як

муддат боз ба қуши онҳо бармегардад, нияташ тамоман дигар буд. Балки мехост дар Бухоро риштаҳои алоқаро бо гумоштагони давлати Англия барқарор сохта, сипас бо роҳи дигар паи амалӣ намудани супориши асосияш шавад.

Акнун Ҷеймсро дар сар танҳо як фикр буд. Бо кадом роҳе ки набошад, аз банди ин роҳзанони бетараҳум раҳо шавад. Вале як чиз аён буд, ки дастаи роҳзанонро тарк гуфта рӯ ба фирор овардан кори хатарнок буд. Ҷеймс хуб медонист, ки агар ба даст афтад, аз сад ҷонаш як ҷонаш амон намемонад. Аз ин рӯ алъон бо вуҷуди ҳама фикру андешаҳои ҳайяҷоновар, ки гоҳо ӯро ба шавқ меовард ва дар ҳолати дигар тарсу изтиробаш меафзуд, сабру таҳаммулро ягона чораи раҳоӣ аз ҳама биму хатар медонист.

Роҳзанон баъд аз барори корашон расо як ҳафта вақти хеш бо кайфу сафо гузарониданд. Чилим дуд медоданду аз нашъи тарёк мастӣ мекарданд, асираҳои дар ғами падару модар ҷигарбирёнро ба бар мекашиданд. Дар дегҳои калон-калон гӯшти гӯсфанд меҷӯшид. Сарояндаҳои хушовоз дар гӯшае менавохтанду суруди пурдардеро месуруданд. Роҳзанон аз таъсири тарёк масту махмур гоҳо шодӣ мекарданд, гоҳо аз таъсири суруд ба риққат омада ашк мерехтанд. Ҷеймс дар ин муддат борҳо нияти фирор кардан кард, вале саросемагиро эб надид. Шояд лаҳзаи аз ин мувофиқтар пайдо шавад. Аҷаб не барои санҷиш чунин корро раво дида бошанд, ки ман ба чӣ кор даст мезанам. Ва қасдан худро масту аласт вонамуд мекунанд. Дар асл ҳушёранд. Не, ман фирефтаи ягон дасиса намешавам…

Духтараки сафедпӯсти хурмомӯе, ки Айна ном дошт, дар хидмати сарвари роҳзанон буд. Ҳар дам чилими ӯро тоза мекард. Табақи гӯшт мемонд. Чун хоҳиш мекард, ки ба оғӯшаш дарояд, лулаболиштро пешкаш мекард. Пири тарёкӣ ду-се қулоб мекашиду болишт дар бағал чашмони хумораш худ ба худ пӯшида мешуд. Ҷеймс ин ҳолатро дида беихтиёр механдиду чун ба худ меомад даҳшаташ мегирифт. Айна ба рӯи Ҷеймс, ки бо тасодуфе зинда монда буд,

нигоҳи нешдоре афканда дунболи кори худ мерафт. Ҷеймс гумон мекард духтарак алъон аз марги бародару падари пираш хиҷил аст ва ҳатто хониши булбулро хуши шунидан надорад. Аммо абрувони гирифтаи Айна дар ҳолате, ки бо Ҷеймс рӯ ба рӯ меомад, амиқу равшан намоён мегардид: «Чаро баробари дидани ман рӯ турш мекунад? Чашм мепӯшад, ки маро набинад. Инҷо сирре ниҳон аст. Пештар дар қуши ҳамқавмонаш рафтораш дигар буд. Ба ман таваҷҷӯҳ дошт. Ҳатто боре ба хаймаам даромад».

Ҷеймс он лаҳза сукут варзид, бори аввал баъд аз як ҳафтаи биму ҳарос, ки аз сараш гузашт, дар бораи қуш, духтараки сафедпӯсту хурмомӯ, ки чашмони тангу зебояш меҳрубонона буданд, андеша кард. Он шаб ҳама дар хоб буданд, ҳатто сагҳо дар сукути шабҳои моҳтобӣ намечакиданд. Ӯ дар рушании чироғ китоб мехонд. Оёти Қуръонро бо овози баланд қироат мекард. Ана ҳамин вақт садои помонии касе шунида шуд, шарфаи по паси пардаи даромадгоҳ қатъ гардид. Ҷеймс низ аз амал даст кашид. Ҳазор гумону андеша дар як они воҳид гирди сараш чарх мегашт. Хомӯшии асрорангезе ҳукмрон гардид: «Маро мепоянд. Чӣ асроре дар ин хомӯшӣ ниҳон аст. Кӣ бошад? Ба ҷуз Аланазар касе ҷуръати ба ман озодона гап задан надорад. Ва ё Ботур омадааст бо умеде, ки ба дарде даво ёбаму қулфи муаммоеро кушоям. Аммо ин лаҳза ҷуръаташ намерасад, ки маро безобита кунад. Ё кадоме дар ҳаққи ман бадгӯӣ кардааст. Шубҳаву гумонҳои ботилро дар дили ӯ ҷой намудаанд, ки ин лаҳза паси дари ман омада мепояд. Чӣ амали зиште кардаам? Носазо гуфтам?.. Ва ё қироати Қуръони азимушшаън пеши ин қавм гуноҳ аст? Ёфтам, ёфтам, барои он омадааст, ки маро огоҳ кунад, то бо овози паст бихонаму чорводорони хаставу лакотро, ки ба хоби роҳат рафтаанд безобита накунам…

Ҷеймс банди ин фикру андеша буд, ки пардаи дар кушода шуд. Ва ба хайма духтараки сафедпӯсти хурмоимӯ даромад, ки гуннаҳои сурхаш аз ҳаяйҷони беандозаи ботиниаш далолат мекард. Ҷеймс ин духтаракро қаблан низ

дида буд, ки аз миёни духтарон бо ҳусни расои худ фарқ мекард. Ва ҳар гоҳ чашми духтаронро хато карда, ба рӯи Ҷеймс нигоҳи дилкашу марғубе меафканд. Ҷеймсро нигоҳҳои духтарак ба изтироб меовард, ки онро эҳсосоте дугонаи мухолифи ҳам таҳрик медод, ҳам тарс дошту ҳам нишот. Дилрабо буд нигоҳҳои духтар, ки ҳар марди беҳису кундаро ба худ мекашиду хуни гармро дар вуҷуди сарду карахташ ба ҳаракат меовард. Аммо тарс ба Ҷеймси мусофир, ки дар миёни мардуми бегона чун зоғи ало ба чашм мерасид дар ин ҳолат тасодуфӣ набуд. Аз ин рӯ нигоҳашро аз чашми духтар гурезонда худро ба нодонӣ мезад. Намехост бо андак беэҳтиётӣ худро дар нигоҳи ин мардум беобрӯ кунад. Ва ҳаргиз аз гӯшаи хаёлаш намегузашт, ки паси пардаи дари ӯ қарор дораду беҷуръатона дар банди изтиробу ҳайяҷон ба худ мепечад. Сангинии ин лаҳзаҳоро Ҷеймс, ки як дам пеш духтарак паси дар аз сар мегузаронд, баъди вориди хайма шудани ӯ дар ҷисми хеш эҳсос кард. Дар изтиробу ҳайяҷон дар худ меларзид, намедонист ба духтараки лолу хомӯш чӣ бигӯяд. Духтарак дар дами дар истода ба рӯи оташакгирифтаву чашмони ҳайрони Ҷеймс менигаристу менигарист. Ниҳоят шишаи сукути сангинро Ҷеймс шикаст:

– Чӣ матлаб дорӣ? Ягон кас бемор шуд?.. Аммо духтарак дар ҷавоб чизе нагуфт. Танҳо аз шарм нигоҳаш гурезонду ба замин сар хам кард.

– Кӣ фиристод? Аланазар равон кард? Духтарак аз шунидани ин ном як қад парид. Ва қафонокӣ ба самти дар бароматданӣ шуд, ки ба зини асп пешпо хӯрда афтод. Ва бо тарсу ҳарос нидо баровард:

– Ёқ, ёқ… Аланазар ёқ… – саросема аз ҷой хестанӣ шуд. Ҷеймс пеши духтарак сари зону нишаста ӯро бардошт. Вуҷудаш меларзид, ҳоли духтарак низ аз ӯ беҳ набуд. Як дам хомӯшии мадиде ҳукмрон гашт. Дили духтар ба сони кафтари ба чанг афтода мезад, вале шод буд, гӯё ин лаҳзаро кайҳо боз интизор бошад, ки ҷисму ҷонаш ҳаволаи ҷавон кард. Аммо ҷавони тарсӯ намедонист, ки чӣ бигӯяду чӣ муносибате ба ӯ раво бинад.

– Чӣ ном дорӣ? – пурсид аз духтар ҷавон.

– Айна… – ба зери чашм ба рӯи ҷавон нигариста гуфт духтар. Ва аз зери камзулчааш тоқии нақшинеро баровварда ба Ҷеймс дод.

– Ташаккур, – тоқиро дар сар монда бо табассуми бо тарсу ҳаяҷон махлут ба рӯи духтар нигарист. Духтар низ табассум намуд.

– Мезебад? Яхшӣ… – Дар ҷавоби суоли ҷавон бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва табассуми малеҳ дар лабонаш гул кард.

– Барои чӣ омадӣ? – надонист чӣ гуна аз даҳонаш баромад ин саволи бемавқеъву дурушт. Духтар аввал тааҷҷуб кард, вале якбора абрӯвонаш чун абри сиёҳи баҳорӣ рӯи дидагони тангаш бор андохтанд

ва ба рӯи ҷавон нигоҳи тезе афканду аз ҷой хеста аз дар баромад. Ҷеймс низ филфавр аз дунболи духтар давид:

– Баргард, Айна, ман ин тавр гуфтанӣ набудам. Баногоҳ аз даҳонам баромад, – аз дасти духтар дошт, вале духтар бо ситеза дасти ҷавонро аз худ дур карда ҷониби хаймаи хеш рафт, ки он ҷо бо дигар духтараки қавм хуфту хоб мекарданд. Ҷеймс он шабро бо фикру андеша рӯз кард. Ҳарчанд кӯшид хоб ба чашмонаш наомад. Хиҷилу дилсиёҳ буд. Рафтори хешро таҳлил карду бемавқеии онро баррасӣ намуд. Субҳ ӯро миёни духтарон пайдо карда натавонист. Аз сараш ҳазору як андеша гузашт, шаб низ бо вуҷуди бехобӣ хобаш ба чашм то дер наомад. Субҳ ӯро Аланазар бедор кард:

– Ба хайр?.. – бо шигифт ба рӯи сарвари қавм нигарист.

– Духтараки Норбой бемор шудааст… – ҷавоби муҷмал дод Аланазар.

– Духтари ӯ кист? – бемавқеу бефикрона баромадани саволро пай бурда, зуд паи ислоҳи он шуд. Ҳа, воқеан, беморияш чӣ будааст? Куҷояш дард мекунад?

– Намедонам, магар духтаронро мешиносӣ?

Аз саволи кунҷковонаи Аланазар, ки бо реби чашм ба рӯи ӯ нигарист, як қад парид, «ҷон аз дасту пояш баромад».

– Не, аз куҷо? Ҳозир баъзе мардҳоро намешиносам.

Охир ба омаданам ҳамагӣ як моҳ шудааст. Дар як моҳ киро мешиносӣ.

– Кӣ будани Норбойро пурсидӣ, пиндоштам мешиносиш?

– Не, намешиносам. Дар асл синну солашро пурсиданӣ будам. Барои табиб муайян кардани синну сол чизи асосист…

Ҷеймс аз паси Аланазар ба даромадгоҳи хаймаи Айна омаду якбора ҳайяҷону изтироб сар то пояш раъша давонд. Пардаи дарро як тарафа карда, Аланазар сар халонд:

– Халпа Ҳақдод омад, дарояд?...

– Дарояд! – овози занона баромад.

Ҷеймс аз паси Аланазар вориди хайма шуд. Дар гӯшае бемор мехобид, то гулӯ ба курпа печида, танҳо рӯи сафеду мӯйҳои хурмоияш менамуду халос. Духтараконии ҳамсинну солаш сари болинаш қарор гирифта, ӯро дилбардорӣ мекарданд. Бемор баробари дидани Ҷеймс кӯшиши хестан кард, вале Аланазар монеъ шуд:

– Нахез, ҳозир халпа Ҳақдод дуо мехонад, нағз мешавӣ…

Ҷеймс бо имои Аланазар ба чилёсини бемор шурӯъ намуд. Баъди ду-се маротиба хонда куф кардани бемор Аланазарро хоб гирифт, носро кашиду кӯча баромад. Духтараки дигар, ки Аланазар таъкидаш кард, ки бе иҷозати ӯ аз хона набарояд, баъди баромадани Аланазар ӯ ҳам берун шуд. Ӯ монду бемор. Бемор сахле ҷунбида ба рӯи Ҷеймс рӯ овард:

– Илтимос, воқеаи шабонаро ба касе нагӯй. Дар акси ҳол маро марг интизор аст. Маро ба Аланазар номзад кардаанд, ҳарчанд намехостам.

– Кай ин кор рӯй дод?

– Ҳамин шаб…

– Кӯҷоят дард мекунад?

– Дилам, ҳайрон нашав, ҳама дарду ғам пас аз ин воқеа рӯй дод. Тарсидам, ки ҳама гапро ба одамон мегӯӣ…

– Натарс, сирри маро танҳо Худо медонаду худам… Агар хоҳиш дошта бошӣ мегурезем…

– Не, не… Агар ба даст афтем, зинда намемонем. Ягона роҳи халосӣ аз ин варта сабру тоқат аст.

– Охир ту зани касе мешавӣ, ки ӯро дӯст намедорӣ…

– Дигар илоҷ нест, чӣ кунам?.. Аланазар ҳарчи хоҳад, ҳамон мешавад. Касе сухани ӯро ду намекунад. Ман ҳақ надорам зидди ӯ бароям, – инро гуфту ашкаш рӯи рухсораҳои лоларангаш шорид. Ҷеймсро ҳиссиёти номаҳфуме фаро гирифт. Дар банди фикру андеша афтод.

– Пас чаро он духтарак ба гуфти Аланазар амал накард?

– Ӯ аз сирри ман бохабар аст…

Аз ин сухани духтар ҷон аз дасту пои Ҷеймс баромад, дилаш суст шуд, пахтавор сафед гашт. Нафасаш тангӣ кард.

– Чаро сирратро ба ӯ гуфтӣ? Маро шарманда кардӣ Айна…

– Натарс, ӯ гунг аст…

– Чӣ хел, охир вақте, ки вориди хайма шудам ба ту чизе мегуфт…

– Сирри маро фаш намекунад, осуда бош. Бо маслиҳати ман моро танҳо гузошт… – курпаро боло карда ба гардани Ҷеймс дастонашро ҳалқа кард. Ҷеймс аз ин рафтори ҷасуронаи духтар моту ҳайрон монд. Намедонист чӣ бигӯяд, балки бедвори меларзид. – Аланазар меояд – овозаш ларзид.

– Натарс, ӯ ба доми занҳояш афтодааст, ӯро раҳо намекунанд…

– Чанд зан дорад?

– Маро ба болои се занаш гирифтанист… Шикамаш серу чашмаш гушна аст. Охир занҳояш ба дод омадаанд, мардро бинанд, бихӯрам мегӯянд, – абрувони Айна рӯи дидагонаш бор андохтанд. Аз тақдири худ розӣ нестам, лекин илоҷ надорам. Ҳарчи қаламкаш дар пешонаат навишта бошад, ҳамонро мебинӣ…

– Магар занҳояш розиянд, ки бо ту хонадор шавад?

– Кадом зан инро мехоҳад? Дар ин ҷо ҳукми мард

қонун аст. Зан танҳо фармонбардору каниз аст... Маро ҳам сарнавишт ба ҳамин варта мекашад. Ин дам дугонаи Айна саросема аз дар даромад. Айна худро аз оғӯши Ҷеймс раҳо карда ба сари синааш туф-туф карда курпаро ба сар кашид.

– Бубахш Айна, ки нороҳат кардам. Аланазар меояд...

– Ӯ туро дид?

– Не, ман гуфтугӯяшро бо зани сеюмаш Ойкиз шунидам, ки ба омаданаш зид буд. Аммо ӯ якравӣ мекард...

Ҳоли Ҷеймс бад буд, сари дилаш аз шиддати изтироб пасту баланд мешуд. Ранги рӯяш пахтаворӣ сафед буд.

– Як бори дигар тарсонед дилам мекафад... – гуфт Ҷеймс ва китобро саросема ба даст гирифт, ба қироат шурӯъ намуд, вале нафаси номураттабаш монеъи кӯшишу оҳанги таллафузи калом мешуд.

– Худро ба даст бигир, ки Аланазар рамузфаҳм аст, – гуфт Айна.

Ин дам шарфаи помонии касе аз берун ба гӯш расид, ки дар паси пардаи вазнини дар қарор гирифт. Айна курпаро то гулӯ ба рӯяш пӯшонида, худро хобида вонамуд сохт. Як лаҳза ҳама хавотиромез ба сукути шахси паси дар гӯшу ҳуш доданд. Парда якбара шуду аз дар Аланазар даромад. Дар дасташ як табақ лабо-лаб гушт. Ҷеймс ба Аланазар нимнигоҳе накарда қироати Қуръон идома медод. Ниҳоят баъди ду-се бор хондани сураи «Ёсин»таваққуф намуд. Ва китобро рӯи тали либос гузошт. Аланазар ба Ҷеймс рӯ овард:

– Халпа Ҳақдод, худат бигӯ, ба як мард чанд зан раво аст?..

Ҷеймс сукут варзид, дар лабонаш табассуми писхандомез падид омад.

– Мард ҳақ дорад ҳафт зан бигирад, вале набояд ягон занашро аз дигараш фарқ кунонад. Ба ҳама занҳо як хел муомила карда, нафси онҳоро қонеъ гардонад. Агар онҳоро ранҷонаду азоб диҳад, фардо рӯзи қиёмат ҷавоб хоҳад дод...

Аланазар ғолибона ба рӯи Айна, ки ин лаҳза сабру

тоқат аз даст дода буд, нигарист.

– Ман бо чор зан қонеъ мешавам. Ба ин зӯрам мерасад.

– Дурӯғ, ба ногоҳ курпаро партофта аз дар баромад Айна. Чашмонаш барқ мезаданд, рӯяш аланга гирифта буд.

– Ман ин мочасаги гирандаро сараш аз тан ҷудо мекунам, – бо қаҳр аз ҷой хест Аланазар, духтарак бо дидаи ашкбор беҷуръатона аз паси Айна баромад.

– Таҳаммул кун Аланазар! Духтари ҷавон сабукӣ кард…

– Дӯғу дарангашро рафта пеши очааш кунад. Ба ман гап мезадагӣ одам ҳоло таваллуд нашудааст… – аз дар баромаданӣ шуд Аланазар, лабонаш аз шиддати ғазаб пир-пир мепариданд, пешонияш чин гирифта абрувони паҳни каммӯяш ба ҳам пайваста чашмони тангаш боз ҳам тангтар шуда буданд.

– Ба ҳурмати Худо, сабр кун Аланазар. Ӯро бубахш!

– Не, роҳ деҳ халпа Ҳақдод, ман ӯро реза-реза карда пеши сагҳо меандозам. Як бор гузашт кардӣ тори сарат мешинанд. Садқаи хубии ман шаванд…

– Духтар аз моли дунё чӣ дорад? Ноз! Нозу фахраш ӯро зебо мекунад.

– Ман гузаштам аз баҳри зебогияш, – якравӣ мекард Аланазар.

– Биё, гӯшт хӯрем, ё неъмати Худовандро ҳам паси по заданӣ ҳастӣ?

– Маро ӯ паст зад. Мардуми ин қавм аз тифли ширхора то пири ҷогаҳияш ба ман аз бинӣ боло гап назада буд. Омада-омада як кучукбачааш ҳаф-ҳаф дорад, ки аз поям бигирад…

Ҷеймс ӯро ба сари дастархон шинонд, аммо ӯ ҳеҷ не ки ором шавад, якзайл ғур-ғур мекарду ғур-ғур мекард.

Аз ин миён як моҳ гузашт, масъалаи зану шӯии Айнаву Аланазар дар арафаи ҳалшавӣ буд, ки фоҷиаи нав сар зад.

Ҷеймс ба ин минвол чанд рӯз назари таҳқиқ аз духтар наканд, ки ба чӣ хотир аз дидани ӯ малулу ранҷидааст. Ва

тоқати дидани ӯро надорад.

Рӯзҳо ҳафта, ҳафтаҳо моҳ мешуданду чизеро пайхас карда натавонист, ки чӣ чиз боиси малоли хотири духтар шуда бошад. Ниҳоят азм кард шабе ба хаймаи сардари роҳзанон даромада, ба духтар дар ин бора сӯҳбат мекунад. Ва сабаб мепурсад. Вале қарору нияташро дидани посбонони дами дари хайма, ки бо шамшерҳои дудамаву сипару ҷавшани оличаноб мусаллаҳ буданд, ботил мекард. Ниҳоят чораи инро ҳам ёфт. Рӯзе баъд аз пешин, вақте ки ҳама роҳзанони номдору бообрӯ чилим дуд дода масту махмур буданд, Ҷеймс дарбононро пешаш хонда, китобхонӣ кард, аз азоби гӯру қиёмат ҳикоятҳо карда, дилашонро аз дунё сард намуд. Сипас барои рафъи ғаму андӯҳ онҳоро бо тарёк муроот кард. Дарбонон чилим кашиданд ба андозае, ки маҷоли ҷунбидан надоштанд. Сипару ҷавшан бадар карданду шамшер партофтанд. Посбонии дари хаймаи сардарашон дигар ба гӯшаи хотир намеомад. Рӯи рег ба сони чорво дароз кашида ҳазён мегуфтанд. Ҷеймс баъд аз сокиту ором шудани атрофу акноф ба даромадгоҳи хайма ҳозир шуд. Аввал ба дохили он гӯш дод. Шарфаву садое ба самъаш намерасид, ки намерасид.

Ҷеймс чун боварӣ ҳосил намуд, ки касе миёни ин роҳзанони шумнафас ҳушёр нест, азми даромадан кард. Шиддати эҳсосу ҳайяҷонаш рафъ намуду пардаи даромадгоҳи хаймаро во кард, дохили он гурворӣ торик буд, хуроккашии касе баланд ба гӯш мерасид. Ҷеймс хулоса баровард, ки пири тарёкиро мурдахоб бурдааст. Ва бо умеди пайдо кардани Айна ба самти муқобил хам шуда рафт. Ва бо овози паст садо кард:

– Айна дар куҷоӣ?

Садое дар ҷавоб нашунид. Пиндошт духтар низ хобидааст. Ба ин хотир ба самти ҳаракаташ даст бурд.

– Наё, тоқати диданат надорам… – овози духтар ӯро ба ваҳм овард, овози духтар ба андозае дурушту баланд садо дод, ки Ҷеймс як лаҳза дар ҷояш шах шуд. На нафас кашиду на нафас баровард. Ҳароси ӯ аз мӯйсафеди тарёкӣ буд, ки ин лаҳза дунёро об барад, хабар намешуд. Вале

қатли ваҳшиёна, ки пеши чашмаш рӯй дод ва саҳл монда буд сари ӯ ҳам аз тан ҷудо шавад, алови чашмашро гирифта буд. Аммо хуроккашии пайваставу ба ҳуштаки паровоз монанди сарвари роҳзанон басанда нашуд. Ин ҷавонро осуда кард. Ва ҷустуҷӯи хеш идома дод. Ба самти овоз, ки дар рӯ ба рӯи даромадгоҳ воқеъ афтода буд, хазида рафт.

– Чаро омадӣ? Акнун, ки дилам сиёҳ кардаӣ ба ҳазор узру баҳонаат бовар надорам…

– Гӯш кун Айна, ба номи Худо намедонам чӣ рафторе кардаам, ки боиси ранҷиши шумо шуда… Дилам хун накун, ки ғаму андӯҳ сабру қарорам бурдааст.

– Худро ба нодонӣ назан! Ҳама чизро медонӣ…

– Ҷои гап нест Айна, вагарна ҳарчи дар дил дорам пешат мекушоям. То бубиниву дарк намоӣ, ки чӣ касам.

– Дигар ҳоҷат ба шарҳи ҳолу шахсиятат нест. Чӣ кас буданат бароям чун оина рӯшан аст.

– Иштибоҳ мекунӣ Айна. Ҳама фикру гумонатро ғазабу алам ба бор овардааст, ки аз ғаму андӯҳ манша мегирад. Биёндеш ва як дам эҳсосоти ботилро аз сар дур бикун…

– Ба ман насиҳат нахон Ҳақдод. Вақте, ки сухани туро чун қонун мепазируфтем, гузашта рафт. Маҳз ҳамин зудбовариву ҳайрат, ки тавассути баландии донишат дар дили мо мекоштӣ, боиси ҳалокати авлоди мо шуд. Акнун таъсир надорад ҳамаи ин сафсатаҳоят. Дигар маро ба чарбзабониву фазилатфурӯшиат мафтун карда наметавонӣ…

Ҷеймс дарк кард, ки духтар мусибати ба сари қавм омадаро аз ӯ дидааст. Барои он ки бегуноҳияш исбот кунад, мебоист вақти зиёд ба ӯ фаҳмонад, ки сабаби зинда монданаш на дар он аст, ки ӯ мепиндорад, балки ӯро донишаш наҷот додааст… Аммо Айна якравӣ карда, ягон ҳарфи ҷавонро шунидан намехост:.

– Бирав, ягон қавми заҳматкашу бечорароро бо сеҳри суханат мафтун бикун. Ва ба роҳзанони хуношомат бигӯй, ки бираванду ҳамаро сар зада молу амволашон ғанимат бигиранд!?

– Айна аз ҷонат наметарсӣ?

– Не…

– Аз аспи ҷаҳл фаро, ман ба хотири хиёнатам ба қавми шумо зинда намондаам… Балки зиндамонданам ду сабаб аст, аввал дар саводи динӣ доштанам бошад, дуюм дар он буд, ки ман тоҷикам.

– Онҳо аз куҷо донистанд?

– Худам гуфтам… Вагарна маро низ чунин ҷазо дар пеш буд…

– Роҳзанонро тоҷик будану соҳибилмиат чӣ суд?

– Инро аз худашон пурсед! Ба хусус аз сарварашон, ки шабу рӯз дар канори ӯ қарор дорӣ… – Ҷеймсро оҳиста-оҳиста ҳарфи дурушту нешдори Айна таъсир кард.

– Чаро бовар надорӣ?

– Барои он ки моро фурӯхтӣ…

– Далел дорӣ?

– Бале…

– Ку мисол биёр?!

– Лозим шавад, далел ҳам мебиёрам.

– Ҳозир ҷои гап омадааст, исбот кун!..

Духтар дигар чизе нагуфт, пири роҳзанон, ки аз таъсири тарёк бехудона хуррок мекашид, паҳлӯ гашт ва чизеро бо шеваи худ ба забон оварда ғур-ғур кард. Ҷавон аз ин як қад парида хомӯш монд. Ва қафонокӣ хазида ба даромадгоҳ омад. Духтар, ки вазъи тарёкро хуб омӯхта буд, бепарвоёна рафтори ҷавонро бо истеҳзо мавриди мушоҳида қарор дода буд. Ҷавон пардаи вазнини намадини даромадгоҳро яктарафа карда берун баромадан хост. Вале хуроккашии пири роҳзанон дубора баланд шуд. Ба хаймаи тираву тор рӯшанӣ даромад, ки аз партави моҳи мунир сарчашма мегирифт.

– Аз ин пири зиндамурда метарсӣ, посбонони дами дарро надидӣ, ки ҳар кадом думи хукро мекананд?

– Ҳоли онҳо аз ин пири фартут беҳ нест. Ҳоло дар гӯшаву канори ин биёбон чун чорвоёни безабон хобидаанд. Ва намедонанд, ки дунё шаб аст ё рӯз… Барои он омадаам, ки дар ин шаби моҳтобӣ фирор кунем.

– Чӣ? Баъди ин хиёнати нобахшиданӣ умед дорӣ, ки бо

ту меравам?

– Хоҳӣ ихтиёрат, нахоҳӣ ту медониву ҳамин пири фартут. Дониста бош сари ҳамаи мардони қабиларо ӯ бурид…

– Ҳамин? – ба самте, ки хуроккашии пири роҳзанон шунида мешуд нигарист.

– Бале…

– Аз Худо гашта бошам, сари ӯро аз тан ҷудо мекунам, – аз ҷой хест Айна ва азми баромадан кард.

– Сабр кун азизам, – ӯро дар дами дар ба оғӯш кашид Ҷеймс.

– Сар деҳ!

– Ҳозир ҳамаи онҳо масти тарёканд, куштанашон душворие надорад, вале чорае аз ин ҳам осонтаре ҳаст, ки аз чанги ин ваҳшиёни бетараҳум раҳо ёбем.

– Чӣ тавр?

– Мегурезем…

– Аз дунболамон шаванд, ба даст афтем зинда намемонем.

– Натарс, ягон нафарашон ҳушёр намондаанд, мурдахобашон бурдааст. Мо на барои он мегурезем, ки хиёнат кардаем ва ё касеро қатл намудаем, балки аз он мегурезем, ки асири дасти роҳзанонем. Ҳоло фурсат фаро расидааст, набояд таъхир кард… Имрӯз ё фардо роҳзанон боз ба амалиёти хеш сар мекунанд, ки Худо медонад ҳоламон чӣ мешавад. Аз миёни асирон танҳо ду нафар мондаем. Мардҳоро сар буриданд. Занҳоро куҷое бурданд.

– Онҳоро фурӯхтанд…

– Чӣ? – Ба ҳайрат афтод Ҷеймс.

– Бале, фурӯхтанд ба ғуломӣ. Маро ин пири малъун ба ҳамхобагӣ хост. Вале то ҳол ҳамоғӯшаш болишт аст. Алаexisting назар ҳам бо он баҳодуриву фармонравоӣ муваффақ шуда натавонист. Армонаш дар дил рафт. Иншоолоҳ ин пири шайтонтинат ҳам ба ком намерасад, – ва худро аз оғӯши Ҷеймс раҳо карда аз миёни сару либоси бетартиб партофташуда чизеро ҷустуҷӯ намуд. Ва аз ҷой хеста ба мӯйсафеди масти хоб наздик шуд. Ҷилои шӯълаи ханҷарро Ҷеймс ҳине мушоҳида кард, ки он ба бадани пири роҳзанон фурӯ ме-

рафт. Зарбаҳои пай дар пайи корд, ки Айна бо як ҳиссиёти ваҳшиёнае ба дили қотили қавмаш мезад, пири бар асари тарёк беҳушу ёдро беҷон кард.

– Ту чӣ кор кардӣ Айна? Охир моро таъкиб мекунанд…

– Акнун дигар ҳоҷати таъхир нест. Агар ин корро намекардам намешуд. Кайҳо боз ин ниятро дар дил мепарваридам, он вақт танҳо будам, акнун ду нафарем. Бе ин ҳам аз пасамон мешуданд. Ҳоло танҳо як роҳ дорем. Дигар ҷои дудилагӣ нест. Рафтем…

Ҳарду аз хайма баромаданд, дар саҳни ҳавлӣ посбонони беёд ҳазён мегуфтанд. Сагҳои фарбеҳу сер дар бари хаёмаҳо дароз кашида чун соҳибони бангияшон фориғбол буданд. Танҳо пас аз он, ки паси хомаи бузурги рег паноҳ шуданд, Айна аз Ҷеймс пурсид:

– Куҷо меравем?

– Дунёи кушод, куҷое ки рост омад…

Ҳарду ба самти рост омада гом мекашиданду ҳайрон буданд, ки ояндаашон чӣ мешавад. Онҳо зери осмони кушоду бекарон, ки ба чашми зодагони инсон гоҳо ба сони хаймаҳои тираву тори чорводорон танг менамуданд, гоҳ медавиданду гоҳи дигар нафаси номуратабу ба тангнои гулу печхӯрдаро рост карда, равишашонро суст мекарданд. Моҳтоб дар форозӣ осмон мунаввару рӯшан ба назар мерасид. Сагҳои шикамсеру мастро рушании он гоҳо ба хашм меовард, ки ба сӯяш фук боло карда ҷакиши аблаҳона мекарданд. Чун хаста мешуданд гӯшаеро ихтиёр карда мехобиданд, асари хашму ғазаб, ки аз дасткӯтоҳию беақлияшон ба бор меомад, то дер дар тарҳи рӯяшон намоён мемонд. Ин шаб низ баъди ҷакишҳои зиёди номуродона хаставу лакот хобиданд, онҳоро дигар на шарфаву садое безобита мекарду на нулаи гургон…

Муҳит ба муроди дили бандиёни гуреза буд. Баъд аз он ки аз роҳгардии зиёд хастагӣ ба онҳо чира шуд беандешагии хеш дарк карданд, ки асп нагирифтанду пиёда ин роҳи тӯлониро пеш гирифтанд. Баъди он ки гуруснагиву ташнагӣ ба эшон ғолиб омад, саросемагияшонро дар боби нагирифтани тӯшаву оби нӯшокӣ бори дигар эҳсос

намуданд. Субҳидам ба фарози кӯҳе расиданд, ки дар шонааш барфи сафедро бардошта, ҷо-ҷо миёни ин сафедӣ раххои хурду бузург намоён буд.

– Ин кӯҳро, ки гузаштем дигар хатаре таҳдидмон намекунад. Онҳо ҳаргиз ба ин тараф намеоянд. Мо ба Бухоро меравем... – баробари баромадани ин сухан аз даҳонаш ӯро ҳиссиёте фаро гирифт, ки таи чанд рӯзе, ки бо роҳзанон мегузаронд ба гӯшаи хотираш намеомад. Балки дар ин бора фикр карданро барои худ мамнӯъ дониста буд. Он вақт ҷои ин набуд. Танҳо роҳҳои раҳоиро аз банди роҳзанон фикр мекарду халос. Имрӯз, ки андешаи гуворо ӯро ба сар омада буд, эҳсосоти хеш ниҳон дошта натавонист. Ва Айнаро ба бар кашид. Онҳо ин дам ба ҳам чунон часпида буданд, ки танҳо ҳиссиёти гарми заношӯӣ чунин ҳолатро тақозо мекард. Чун фориғ шуданд, рӯи сабзаҳои наврустаи доманакӯҳ, ки анвори гарми офтоби баҳориро нисор мекард, дароз кашиданд. Ҷеймс рӯ ба осмони софи нилӣ, ки дар канори он турнаҳо парвозкунон муждаи омад-омади баҳорро медоданд, дуру дароз нигариста, сипас ба духтар рӯ овард:

– Айна, ман нафаси озодиро эҳсос мекунам. Оҳ, чӣ қадар гуворост он...

– Паи моро, ки рӯи реги биёбон нақш мондааст, кайҳо бод бо регу хок пӯшидааст. Онҳо дигар моро намеёбанд. Вале куҷо рафтанро алъон аниқ накардаем...

– Аввал Бухоро меравем, сипас ба Хатлон.

– Чаро дар Бухоро намеистем? Ё он ҷо зистан хавфнок аст?

Ҷеймсро ин суол ба гирдоби андеша кашид. Сару савдояш намехост пеши Айна ифшо созад. Дар ин бора ба ӯ чизе нагуфта буданд. Танҳо муҳофизати хешро аз ҳама ҳолат гаштаву баргашта таъкид карданд, ки ҳама чизро баҳри раҳоӣ аз варта қурбон кунад, бе ягон фикру андеша. Зеро дар кишвари бегона ба ҷуз ҷон чизи азизтаре дошта наметавонист. Аммо дарди Айна дигар буд. Ӯ мусибати азимеро аз сар мегузаронд. Кунун касе надорад ба ҷуз Ҷеймс, ки ӯро зери боли хеш нигоҳ дорад. Ҷеймс

ҳамаи инро хуб мефаҳмид. Аз ин рӯ дар симои Айна шарики вафодореро эҳсос кард. Ва ҳар чӣ дар дил дошт, пеши ӯ кушод. Ва сирри хеш ошкор намуд.

– Пас ту мусулмониро чун ниқоб истифода мебарӣ?

– Бале, – Ҷеймс чашмони кабудашро танг карда ба рӯи духтар маншаи ханда намуд.

– Пас ту ҳам роҳзанӣ, фақат дар либоси дигар…

Аз ин ҳарфи духтар, ки оҳанги қаҳру ғазаб дошт, хиҷил шуд. Пушаймонӣ ӯро ғолиб омад. Дар як дам аз сараш ҳазору як фикру хаёл гузашт. «Чӣ бояд кард? Чаро ӯ аз ман ранҷид? Бо кадом роҳ қаҳру ғазабамро аз дилаш барорам?»

– Ба ту чӣ шуд? Ту ҳам тоҷик нестӣ? Акнун касе надорӣ. Хуб нест, ки ба ман кӯмак расониву дар зери қанотам осуда зиндагӣ кунӣ?

– Ман ба хотири модарам бо ту омадам, ки ҳаммилати ӯ ҳастиву соҳибилмӣ. Вале хато карда будаам. Модарам тоҷик буд, ӯро падарам вақти обгирӣ аз назди чашма друздидааст. Панҷсола будам, ки ғаму дарди ҷудоӣ аз хешу табор ӯро аз по афтонд ва вафот кард. Мудом ба мани кӯдак насиҳат мегуфт, ки калон, ки шудам ба тоҷик хонадор шавам. Ӯ зани сеюми падарам буд, ӯро дӯст намедошт. Имрӯз тақдири модарам дар ман такрор мешавад.

– Айна ту хушбахтӣ, зеро ба шахсе ҳамхона мешавӣ, ки ояндаи дурахшон дорад. Туро баъди он ки ин сарзаминро тобеъи Англия мекунем ба Ватанам мебарам. Ту Англияи мутаммадинро мебинӣ. Ту аз ин ифтихор бикун!

– Не Ҷеймс, ман роҳзанонро чашми дидан надорам. Ҳарчанд худ аз пушти чунин падарам. Ба онҳо нафрат дорам…

– Содда нашав Айна, ту ғами худатро бихӯр.

– Ту чаро ғами худатро намехӯрӣ? Ту чаро баҳри он омадаӣ, ки халқи сарзаминеро ба кишвари худ тобеъ намоӣ? Барои чӣ?

– Барои он омадаем, ки мамлакати шумо чун давлатҳои мутаммадин тараққӣ кунад…

– Дурӯғ… Шуморо нафси бад ба ин сарзамин оварда-

аст. На чизи дигар.

– Агар мо наоем дигарон ба сари шумо меоянд. Россия аллакай Бадахшонро ба худ тобеъ кардааст. Дар Бухоро таъсири худ гузоштаанд. Онҳо боигарии кишвари шуморо мебаранд. Мардуматонро истисмор мекунанд.

– Шумо чӣ?

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, оҳ кашиду лаб хоид. Сабукандешиаш дарк кард. Ва ба Айнаи ғазаболуду хиҷил рӯ овард.

– Бархез рафтем, ҳоло ки ҳаво мусоид аст…

Айна норозиёна аз ҷой хест, Ҷеймс пеш-пеш ӯ аз қафо равона буданд. Ҳарду хомӯшу сархам, дунболи ҳам пайроҳаҳои кӯҳиро боло мешуданд. Ҷеймс асабӣ буд: «Маро дар Бухоро аҷаб не ба гумоштагони амир фурӯшад. Ягона роҳ аз ӯ халос шудан аст. Илоҷи дигар надорам». Дар ин миён бори дигар дар фарози пешкӯҳа таваққуф намуд. Хомӯшиpo Ҷеймс халалдор кард:

– Азизам Айна, ба ин наздикӣ аз аспи ҷаҳл фаромаданӣ нестӣ? – ба паҳлӯи духтар қарор гирифта ӯро оғӯш кашид.

– Сар деҳ маро… – худро аз чанги Ҷеймс раҳо карда, канор нишаст. Ҷеймс бо тамасхур биниханд зада ба гӯшаи чашм ба рӯи духтар нигарист.

– Медонам, аз он ҳарос дорӣ, ки ман мусулмон нестам. Ва мусулмонзан ҳаргиз ба шавҳари ғайримусулмон кардан ҳақ надорад. Аммо як чизро дар хотир дошта бош. Ҳамхоба шудан ба зани ғайри никоҳ хоҳ ӯ мусулмон аст ва ё кофир, зинокорист. То он даме, ки ба мусулмон доштанам эътимод доштӣ аз оғӯшам ҳазар намекардӣ. Акнун, ки сирри хеш ошкор кардам аз ман мегурезӣ?..

Айна ба саволи ӯ ҷавоб надод ва аз ҷой бархосту пайроҳаи кӯҳиро боло шуд. Ҷеймс беҳаракату сархам дар банди фикру андеша монд. Азм кард пас гашта ӯро ба ҳоли худ гузорад. Ва бо ин роҳ аз ӯ халос шавад, вале боз тарсид. Ба пиндори ӯ Бухоро аз деҳаи хурде иборат аст, ки аҳолияш якдигарро мешиносанд. Ҳар шахси наве, ки онҷо пайдо мешавад зуд ба чашми мардум меафтад. Ва агар Айна хабар диҳад, ки як ҷавони ғайримусулмон дар ин шаҳр ба

мақсади нопок пайдо шудааст, обхонаву зиндонро танҳо орзу мекунаду халос. Балки ӯро ё сар аз тан ҷудо мекунанд ва ё ба дор мекашанд. Ба ин андеша аз ҷой бархосту дунболи духтар равон шуд. Гашти хеш тезонд. Духтар низ аз ӯ гӯё гурезон буд, ки чолокона пайроҳаҳои оҳугузарро пушти сар мекард. Ҷеймсро рафтори духтар ба ғазаб овард.

– Сабр кун Айна, – садояш кард, аммо духтар ба ӯ нимнигоҳе накарда қадаммонияш тезонд. «Ба дастам меафтӣ, он гоҳ кӣ буданамро мефаҳмонам, ҳоло гурез»– дандонҳояшро аз ғазаб ба ҳам фишурд, чашмони кабудаш оташ гирифтанд, рӯяш лаблабувор сурх шуд. Бо остини куртааш арақи пешонияшро тоза карду як дам таваққуф намуда нафас рост кард. Духтар беист пеш мерафт, пешкӯҳаро паси сар гузошта аз чашм ниҳон шуд. «Лаънатӣ, кӯҳгардияшро нишон дод. Мани ҳамворидида дар чунин роҳ ҳаргиз ба ӯ расида наметавонам. Бигзор биравад, мебинам то куҷо меравад. Ман Бухоро нарафта рост Хатлон меравам. Аздусар дар онҷо касеро намеёбам. Онҳое, ки мувофиқи нақша маро интизор буданд, кайҳо ноумед шуда ба макони асосиашон рафтаанд. Вақт беҳуда мегузарад. Дар Бухоро гапро пазонда баъд аз он ба кор мепардозам. Чӣ илоҷ, ки ин мӯйдарози кутоҳақл маро душман мехонад.

Душман заҳраш мечаконад. Бо кадом роҳе набошад аз ӯ халос шудан лозим. Бо кадом роҳ?..»Ҷеймс сари фарозӣ расида, ба пастӣ нигарист, ки баъди гузаштани он боз кӯҳи дигар сар мешуд, аз ин ҳам баландтар. Дарахтони қади дара ниҳоят паст ба назар мерасид, ки дар миёни онҳо пайдо кардани Айна кори осон набуд. Ҷеймс хеле вақт сарф кард, вале Айнаро дида натавонист. «Куҷо пинҳон шуда ва ё кайҳо кӯҳи пешомадаро низ паси сар кардааст». Ба ин андеша пайроҳаи борикро қадам монда ба дара дохил шуд. Ва бе он ки таваққуф карда нафас рост кунад ба кӯҳи пешомада баромадан гирифт. Нафасгириаш душвор мешуд, сараш чарх мезад, дилаш бенизом метапид. Аммо таваққуф намекард. Девонавор дашном медод. Куртааш аз арақи бадан тар шуда ба танаш часпида буд… Арақи шӯр аз пешониаш шорида чашмонашро ба сӯзиш меовард, ҳарчанд ҳар гоҳ бо

остини куртааш онро тоза мекарду тоза мекард. Ниҳоят хастагӣ, ки бар асари шитобу давиданҳои зиёд, ки умеди дастгир кардани духтар мекард, ӯро аз пой афтонд. Бемадорона дар сояи арчае нишаст. Ва оҳи пурдарде кашид, мукиҳояш аз гаштугузори зиёд суда шуда ҷо-ҷо дарида буданд. Акнун баҳор тахтнишин буду табиат аз қонунияти он намебаромад. Дарахтони арчаву бурс, ки сари сабзи хеш ба симои нилфом ёзонида буданд, аз вазиши боди сабук аҳён-аҳён ҷунбидан дошт. Рӯи Офтобро пораи бузурги абр пӯшида буд, як дам замину замонро пардаи тунуки торикӣ фаро гирифт. Ин ҳолат ҳарчанд муваққатӣ буд, вале дили Ҷеймсро сиёҳ кард. Аз он ҳарос дошт, ки ба ногоҳ рӯи осмонро абрҳои рӯи қулла, ки чун лашкари гирдиҳамомада бор андохта буданд, печонида бориш ба вуҷуд биорад. Онгоҳ ӯ сарпаноҳе надошт. Оббурдаву ғорҳо дар ин ҳолат ба дарди ӯ даво шуда наметавонист. Охир борон барф нест, ки ҷое, ки фитод, беҳаракат монда. Борон аз шохаҳои хурд ба амал омада, аввал ҷӯйча, сипас ҷӯй ва ниҳоят қади дараҳо ҳавз шуда саду сарбандҳоро меканд ва дараҳои жарфу ваҳим ва оббурдаҳои азимро ба вуҷуд меовард. Хавфи сел ӯро аз умед барканор мекашид. Аз ин рӯ дар гӯшаи дилаш ба сони малакҳои сиёҳ намоён шуда, ӯро ғамгин мекард.

«Гурехт, бигзор гурехтан гирад, мебинам то кучо меравад. Гумонаш кӯҳгардиро балад нестаму ӯро расида наметавонам». Ҷеймс мукиҳои фарсудаашро ба даст гирифта, пои луч ба пайроҳҳои борику морпеч ба сӯи фарозӣ қадам ниҳод. Пойҳои обилакардаашро сангчаву хоки шӯр озор медод. Обилаҳои кафида ба сӯзиш меомад. Вале тарси он ки Айна сирру савдои ӯ пеши Ватандорон фош мекунад, ӯро таъкиб мекард. Ҳарчанд духтар аз ӯ хеле дур рафта буду ҳатто ба чашм намерасид. Дандон ба дандон мемонд, аммо бо ин тоб оварда натавонист. Пойҳояш ба сӯзиш даромаданд. Дубора мукиҳояшро ба по пӯшид. Ва роҳи хеш идома дод…

Айнаро баногоҳ ғайб задани Ҷеймс ба ташвиш овард. Ҳарчанд баъди ин гуфугӯҳо аз ӯ дилсард шуда буд. Ҳарчанд

нияти аз ӯ ҷудо шуданро кайҳо боз дар дил мепарварид, сари фарозии қуллаи навбатӣ, ки онро бо заҳмати зиёд тай намуда буд, таваққуф намуд. Баъд аз фарозиро паси сар кардан, аз пеш нишебии ростфуромадаи харсангӣ баромад, ки дараи жарфу сердолу дарахт ба чашм расид, ки то ба қуллаи балантарини ин кӯҳсор тӯл кашида буд. Насими сард мевазид, гармии Офтобро кунд мекард, оҳ кашида рӯ ба қуллаи барфпӯш, нигарист. Гуруснагии сахту сангине ӯро ба сар омада буд. Азоби алим дошт, вале тоқат мекард. Ба умеди Ҷеймс буд, ки шояд чизе пайдо карда бошад. Ҳарчанд хуб медонист ӯ низ ҳини фирор кардан чизе аз нӯшокиву хӯрокӣ бо худ нагирифта буд…

Интизориҳояш тӯл кашид, бо вуҷуди ин сабр кард. Нафаси номураттаби Ҷеймсро дар паси сараш эҳсос кард, вале ба нозу нузи азалӣ, ки хоси занҳост, нимнигоҳе накард. Чунин вонамуд месохт, ки аз омадани Ҷеймс дарак надорад. Ба нишебии росту сангин менигаристу дилашро ваҳм меовард. Интизори он буд, ки Ҷеймс ӯро ба оғӯш мекашад ва ӯ ҷавони номусулмону густохро аз худ дур намуда, баҳси аз субҳи содиқ оғоз намудаашонро идома мебахшад. Вале Ҷеймси ғазаболудро, ки бо азоби алим ба фарозии теппа баромад, дар сар савдои дигар буд. Дандон ба дандон месоид аз ғазаб ва сари дилашро, ки аз шиддати таппиш пасту баланд мешуд дошта нафас рост мекард. Ӯро азобе, ки аз субҳидам аз дасти Айна мекашид, ҳушёр намуда буд. Аз духтар дигар ягон умед надошт. Ҳарчанд ҳиссиёте ӯро боло гирифт, ки аз нияташ баргардад, вале дарк намуд ҳамон қароре, ки баъди баҳсҳои шадид ва азобҳои рӯҳониву ҷисмонӣ ба вуҷуд омада буд дар дилаш устувор аст. Бо нияти амалӣ кардани он ба сӯи духтар боэҳтиёт нуг-нуги по қадам монд, то ки ӯ аз ин нияти Ҷеймс хабар наёбад. Духтар низ шарфаи пои ӯро эҳсос кард, ки ҷавон сӯи ӯ меояд, вале вонамуд сохт, ки чизеро пай набурдааст. Ӯро ғазабу нафрат тарк гуфта эҳсосоте фаро гирифт, ки қаблан ин ҳиссиёт ҷуръаташ фузуда бо вуҷуди ҳама хавфу хатар ӯро ба хаймаи ҷавон оварда буд. Аммо ҷавон ҳамон тарзе, ки саманди меҳнатдидаву вафодорашро аз ҷарӣ партофта

тӯъмаи гургон кард, ин амалро ба духтар раво дид… Сипас оҳи сабук кашид, ки касе аз сирру савдои ӯ хабар надорад. «Худо раҳм хурду духтар эҳсосоти худ ошкор сохт. Агар душманияш ниҳон медошту пинҳонӣ амал мекард, зинда монданам ба гумон буд. Хайрият соддагиву кушодагӯияш сабаб шуду ман аз ин офат сари вақт хабардор шудам».

Сари фарозӣ таваққуф карда ба чор тараф нигоҳи кунҷковона андохт. Касе ба чашм намерасид. Ба пастӣ рӯ овард, ки пайкари беҷони духтар мехобид… «Ба ҳамааш ту худат гунаҳгорӣ. Агар ҳиссиёти хеш дар дил ниҳон медоштӣ, ҳаргиз ба ин ҳол намеафтодӣ, балки гӯри маро дар зиндагиам мекандӣ. Дар ин кор гуноҳи ман ҳам кам нест, ки бо ифшои роз сабабгори қаҳру ғазабаш шудам. Гумон кардам баъди ин мусибат маро чун муттакои хеш қабул медорӣ. Вале туро ҳурофот ба гирдоби ҷаҳолат кашид. Хуб шуд, ки риштаи муносибатҳоямон дар ин мавзеи дур аз чашми мардум канда шуд. Агар дар шаҳр баъди никоҳ сирам фош мекардам, ҳолам бад мешуд, ки хуб не…»

Ҷеймс ба роҳ баромад, ҳарчанд пояш месӯхту гуруснагӣ азобаш медод. Бо вуҷуди ин хурсанд буд. Дар як муддати кӯтоҳе, ки ба кори мустақилона оғоз намуд, бетаҷрибагӣ ӯро дучори азобу мусибатҳои хурду бузург гардонд. Имрӯз низ азоб дошт. Ботинан худро мехӯрд. Охир ӯ имрӯз одам кушта буд. Коре кард, ки мудом аз содир намудани он меҳаросид. Ҳарчанд худ борҳо шоҳиди куштору қатли одамизод буд, ин корро ба дасти хеш анҷом додан намехост. Балки нафрат дошт ба қотилони инсон. Ӯ дар ин хусус пеш аз ин ҷанҷол ҳам, бе хунрезӣ мутеъи кишвари худ намудани хони давлатҳои ғайрро дошт, ҷуз ин андешаи дигар намекард. Ва дар ҳар сурат Ҷеймс амалеро пеша карда буд, ки боиси маргу куштори одамон мегардид. Вале ҳаргиз гумон намекард, ки ин кор аз дасташ меояд. Акнун пояш ба ботлоқи гуноҳ дармонда буд. «Об ки аз сар гузашт, чӣ фарқ дорад, ки як ваҷаб мегузарад ва ё даҳ ваҷаб». Хунро бо чизе шуста намешавад. Ӯро азоби ботинӣ чунон гирифтори хеш гардонида буд, ки ҳама фикру андешаи дигар аз ӯ дур шуда буд. Ва ҳатто дарди пояш ба ин андоза ӯро азоб намедод.

Гуруснагияш низ пир шуда, ҳалқаш хушк мешуд. Ба бахти бадаш ҷонзоте ба чашм намерасид, ки умеди дили гурусна-аш шавад…

Шебу фарозиҳоро гоҳо бо лабгазиҳои ғашовар, ки дарди пой боисаш мегашт, гоҳи дигар бо тезиву тундӣ ва ғур-ғуру дашномҳои беҳадафу асабиовар тай зада, Ҷеймс дар доманаи кӯҳи сарсафед таваққуф намуд.

Офтоб ба фарози қулла расида, чун мусофири танҳо аз садди бузург майли гузаштан дошт. Барфи сафед аз нури он ба сад ранг ҷило медод ин чашмро хира менамуд. Хеле барф аст, онро гузаштан дарди дигар. Андешаву дарди зиёде ба харҷ медод, нӯги риштаҳои сарбастаро ба даст бигирад, вале вақт дар ихтиёраш набуд. Баногоҳ чашми ӯ ба чизе афтод, ки як лаҳза саропо ҳушу гуш шуд. Чизе, ки кайҳо нияти диданашро дошт, дилаш ба таппиш даромад. Ва ҳама корро монда аз паи ӯ давид. Харгӯши барфосо сафед дар миёни пайраҳаи пурпеч, ки Ҷеймс хуни дил хӯрда бо чашидани заҳмати зиёд пушти сар кард, қарор дошт. Ва аз вазиши насими рӯҳпарвари баҳор ҳаловат мебурд. Барои ин луқмаи тайёрро ба чанг овардан мебоист дубора фарозиро нишеб шуд. Вале барои шахсе, ки ба ин андоза меҳнат кардааст, ба ҷо овардани ин амал кори осон набуд. Вақтро бо фикру андеша пушти по задан низ нишони камолоти инсон набуд, ки мавридшиносу бомағз бошад. Аз ин рӯ Ҷеймс таъхир карданро ба худ раво на-дид. Ва шарфаву садо набароварда аз паи ҷонвар давид. Харгӯш гӯшҳои дарозашро сих карда ба самти садо гӯш фаро дод. Ва ба он сӯ рӯ овард. Рӯ ба рӯяш марди ришу мӯйдамидаи кабудчашмро дид, ки андоми хешро шакли аҷибу хандаоваре дода боэҳтиёт ҷониби ӯ гом мекашид. Ҷонвар аҷали хешро дид, ки чаппасар гашт ва ба самти дара, ки дарахтони анбӯҳ сатҳи онро пӯшида буданд, то-зид. Вале пойҳои кӯтоҳи пеш ва дарози қафояш барои нишебиро хамидан мувофиқ намеомад. Аз ин рӯ бартарӣ пурра ҷониби Ҷеймс буд. Андак ҳаракати барзиёд ва ҷус-ту чолокӣ метавонист муродаш ҳосил кунад, вале боз ҳам дарди пой ва бароҳгарди номувофиқ будани мукиҳои

фарсуда монеъи ин амалаш мешуд. Қиёфаву тарҳи харгӯш барои кӯҳбароӣ мувофиқ меомаду халос. Агар нишебӣ ба сӯи харгӯши ба фарозӣ гурезон ҳазор таъқиб кунӣ ҳам гумон аст, ки муродат ҳосил шавад. Дар дигар ҳолат ӯ ба ин андозае, ки рӯ ба фарозӣ метозад фирор карда наметавонад. Гӯё маҳз ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта ин ҷонвараки бегурдаву гурезаро офарида бошанд. Дар ин вазъият ҳам харгӯшро бероҳагӣ наҷот медод, зеро таъқибгараш чунин пайроҳаи пурпечро бошитоб тай карда наметавонист. Вале бартараф сохтани азоби гуруснагӣ дар ҳар сурат ӯро ба ин амал маҷбур мекард.

Ҷеймс ба сари харгӯш, ки аз бими ҷон сарпаноҳ меҷуст, санг меандохт. Вале тирҳояш ба ҳадаф нарасида ӯро ба ғазаб меовард. «Падарлаънати шайтон, биист!». Аз шиддати алам фарёд мезаду дашном медод. Ва гоҳо аз рафтори аблаҳонаи хеш дар дил ханда мезад. «Кадом харгӯш гапро фаҳмида буд? Агар бифаҳмад, ҳаргиз ба гапи қотилаш гӯш намедиҳад».

Харгӯш ғеҷидаву тозида ба сатҳи ҳамвори дара, ки онро саро-сар дарахтони хурду бузурги арчаву бушол ва буттаҳои ба ҳам печида ва зичи хуч пӯшида буданд, расид ва бе ҳеҷ таваққуфу интихоб сари худ миёни решаи ковокӣ монд, ва як лаҳза ин харгӯшро тапиши номураттаби дилаш танзим ёфт. Балки андеша ҳам намекард, ҳама он заҳмати кашидааш, ки душмани ҷонашро аз ӯ фарсаххо дур медошт, ба ин амали носаҳеҳи ниҳояш барбод медиҳад. Ҷеймс рост ба сӯи арчаи солхӯрда, ки дар ковокии он харгӯш сару гӯши бузургаш паноҳ карда буд, омад. Ва бе ҳеҷ заҳмату ташвиш харгӯшаки гумроҳро ба даст овард. «Аҳмақ таслим шуданӣ, ки будӣ, чаро аз ҳамон фарозӣ ташвиш дода фаровардӣ?»Бо истеҳзо гуфт ба гӯши харгӯш. Дили ҷонвар бенизом мезад.

Хуршед рӯи шонаҳои кӯҳи ҷомасафед қарор дошт ва ҳошияи он чун варақи нимсӯхтаи дафтар сурх шуда, насимеро интизор буд, ки бо нафаси соҳиронаш аланга гирифтани онро тезонад. Дохили дара нисбат ба фарозиҳо ториктар буд. Дараро аз чашми нурбахшу рӯшани Офтоб

деворҳои ростфуромада ва дарахтони хурду бузург ниҳон медошт. Ҷеймс корд аз ниём кашида, онро пӯст канд. Ва шохҳои хушки арчаро, ки дар қисми поини он ба назар мерасид, шикаста дар ялангие ғарам кард. Ва бо корд чӯби ғафсу хушкеро тарошида пешдаргирон сохт. Ва санги чахмоқро ба ҳам зада оташ дар дод, гӯштро ба навдаи тари арча, хост, баъд аз он ки баргу шохчаҳояш тоза карда пӯст канд ва ба оташ дошт. Ҷеймс аз ин шикори бобарор ниҳоят мамнун буд ва кӯдаквор шодӣ мекард. Офтоб дар паси пешкӯҳа ғӯтида аз назар пинҳон мешуд. Торикӣ аз жарфнои дара ба сони дуди оташ ба фазои рӯшан печида махлут мегашт. Ҷеймс кабобро рӯи санги тоба гузошта, аввал бо дами корд дудаву сатҳи сӯхтаи рӯи гӯштро тарошида, сипас онро аз сих ҷудо намуда, ба қисматҳо ҷудо кард ва ба хӯрдан оғозид. Гуруснагӣ ӯро чунон ба васваса андохта буд, ки хаёл мекард, гӯштро ба тамом мехӯрад, вале танҳо ду порчаи онро хӯрда тавонисту халос. Балки ба хотири паст кардани эҳсосоти гуруснагӣ ба ҳамин миқдор ғизо қаноат кард.

Ҷеймс азм кард раҳи хешро идома диҳад, вале заҳмати зиёди кашидааш дар тӯли роҳи пуршебу фароз, ки гоҳо ҷони азизаш сари мӯе дар варта овезон буд, бемадору сусту фулусташ карда буд зарурати истироҳат карда, нерӯи тоза гирифтанро ба вучуд овард. Бинобар ин дар паноҳи дарахтони пурсукуту сарбаланди солхӯрда, ки чун бародарони дерин дӯш ба дӯши ҳам дода буданд, нияти хобидан кард. Ситораҳо дар фазои дудолудаи само чун ахтарони дар коми хокистар нуҳуфта аз насимаки дайдуе рӯ кушода чашмак мезаданд. Ҷеймс алафи хушки аз барфу борон амон мондаро аз таги дарахтон чамъ оварда, дар бехи арчаи бузург барои хоб ҷой тахт намуд. Ва болои он дароз кашид, санги чахмоқ, ки дар нифаи эзораш буд, хоби роҳаташ халалдор кард. Онро аз нифа гирифт. Ин чизро дар ин сарзамин фаровон истифода мебаранд. Ҳар чизро тасодуфе сабабгор аст. Аз он ҷумла мавриди истифода шудани ин сангчаҳои сафеди оташзо низ ба тасодуфе нисбат дорад. Замонҳои хеле қадим авлоди одамизод гӯштро хом истеъмол мекарданд.

Дар бораи пухта хӯрдани гӯшт тамоман тасаввурот надошанд. Боре баъд аз гуруснагии чандрӯза шикори эшон барор мегирад. Сайдеро дар миёни дара шикор мекунанд. Вале ин вақт дар фарози кӯҳ, ки нишебии он ба сатҳи дара мерасид, оҳуе бодворӣ гурехт. Ва аз зери пои ӯ чанд санг беҷо шуда, ба дара ҷар шуд. Аз зарби ба ҳам соиш хӯрдани сангҳо оташ хеста хору хаси хушк дар мегирад. Шикорчиёни ба воҳима афтода аз бими ҷон ба чор тараф фирор мекунанд. Оташ ҳама ниҳолу дарахтони қади дарарo месӯзонад. Баъд аз хомуш шудани сухтор бо дили сиёҳ ба ҷое, ки сайдашон меистод меоянду дуд аз димоғашон мебарояд. Сайд сӯхта ҷинҷ зада буд. Шикорчиён ноумед рафтанӣ мешаванд. Вале гуруснагӣ боис шуда нафаре аз эшон аз сайди пӯхта порае канда мехӯрад. Болаззат будааст мегӯяд ба шариконаш. Онҳо низ аз рӯи санҷиш порае канда мебинанд, ки гӯшти пухтаро лаззаташ дигар аст. Шикорчиён, ки роҳи пухта хӯрдани сайдашонро табиат омӯзонда буд, аз сангҳои сафеди қади дара пораҳо шикаста мегиранд. Аз он давра то ин замон санги оташзои чахмоқ дар хонадони мардум пайдо шуд.

Дар Англия дар ин бора ривоятҳои дигар мавҷуд буд. Ва тарзи соддатари оташдиҳиро ихтироъ кардаанд. Он ҷо аз кибрит оташ мегиранд. Вале дар ин сарзамин санги чахмоқ алъон аз истифода набаромадааст. Ҷеймс ин ривоятро аз тоҷикони Балх шунида буд.

Чашм ба ситораҳои само, то дер хоб ба чашмаш меҳмон нашуд. Ривояти кӯҳан ӯро дар қайди хеш нигоҳ медошт. Ҳис кард овози одамиро таи ду рӯз сахт пазмон шудааст. Ғам дар дилаш хона кард. Охир ин субҳи содиқ бо як сабукиву зудбоварӣ шахсеро қурбон кард, ки метавонист шарики якумраи ғаму шодияш бошад. Вале дар ниҳояти кор фаросаташ нарасид. Меҳнати кӯҳбарой, ки ғазабу аламаш фузуда буд, боиси вайроншавии хун ва ҳолати андешаи амиқу қатъии инсонияш гашт. Акнун пушаймон буд. Вале қудрати зинда кардани инсонро надошт. Инсон ба сохтани ҷисми беҷон муваффақ мешуд. Вале то ҳол ҷисми аз ҳаракат мондаи ҷонзотеро ба таҳрик наоварда буд. Тӯли ҳазорсолаҳо

бисёр чизҳоро омӯхт, вале ин чиз муяссараш нашуд. Шикастан, вайрон кардан, куштан барояш ҳеҷ душворӣ надорад. Вале дар хусуси зинда кардани инсони мурда ба ҷуз кароммоти ҳазрати Исо чизеро дар хотир надошт, ки ба он пайравӣ кунад. Ҷеймс ҳамаи инро хобу хоболуд аз дил мегузаронд. Хастагӣ тадриҷан нури чашмонаш заиф кард, пилкҳои дида ба ҳам пайвастанд, хаёлоташ қатъ ёфт ва тамоман хобаш бурд.

Субҳ бо чаҳ-чаҳи булбулони шурида, хониши мурғони шохсор чашм кушод. Баданаш аз шиддати сардӣ ба сони барги бед меларзид. Само дар назари аввал соф менамуд, вале сардии рутубатнокро мепароканд. Рӯҳи Ҷеймс аз таъсири хониши он мурғак болида буд. Ба патуи чашми бузинаш печида, ду пораи дигар аз гӯшти заргӯш истеъмол кард ва то андозае нафси саркашро қонеъ гардонд. Дар пироҳани ҳарир печида, ба умеди беҳии кор нишастан нишони фаросоти баланд набуд. Аз ин рӯ вақтро беҳуда сарф кардан нахост. Ва пораҳои боқимондаи гӯштро дар гӯшаи патуяш баст, корд дар ниём гузошт ва пайроҳаи оҳугузарро, ки шомгоҳ бо азоби алим боло шуда буду нафси саркаш дубора ба ин пастиш овард, рӯболо шуд. Сари дунгие, ки сабзазорро аз нишебии барфпӯш ҷудо мекард, ҳини баромадани Офтоб расид. Ва худро якпаҳлу партофта нафас рост кард, ба атрофу акноф назари муҳақиқона афканд. Офтоб сари қуллаҳои кӯҳсори муқобил, ки онро аз ин қуллаҳо водии васеъу доманфарох ҷудо мекард, қарор дошт ва тадриҷан чун ташти бузурги заррин бе ягон қувваи таҳрикдиҳандаи беруна рӯ ба само меовард. Водии доманфарох аз ин фарозӣ ба он андозае, ки дар канораш ҳашамату бузургӣ дошт, ба назар намерасид. Ҷеймсро вақтҳои охир мазамат мекард, ки чаро ин вазифаи хатарнокро ба дӯш гирифт. Дар асл ҳаргиз чунин ният надошт. Аз ҳамон вақте, ки падараш қурбони васавасаҳои ҷаҳонгирӣ шуд, дар дили кучакаш ба ин кору кирдор нафрати беандоза пайдо шуд. Хост ҳамроҳи модари сиёҳбахташ ба ватан баргардад, вале як гурӯҳ кулоҳпӯшони шикамбузург восита шуда ӯро аз модар ҷудо карданд ва

ҳамроҳи амакаш Ҷорҷ ба Афғонистон фиристодаанд. Ӯро низ чун амакаш вазифаи душвору масъулиятнок дар пеш меистод. Инак сари қуллаҳои барфпӯш ба умеди амалӣ шудани орзуҳои бесару нуг бо душворӣ гом мекашад, то барои ҳаммилатони сар то по мусаллаҳаш дастур диҳад, ки чӣ гуна, бо кадом роҳу восита ин сарзамини қадимбунёдро зери тасарруфи худ дароранд. Ҷеймсро носерамии ин мардум ба андеша меовард, ки қариб ними дунё таслими эшон буд, вале бо ин ҳам қаноат накарда заминҳои васеъу нопайдоканорро аз худ карда мардуми бумияшро истисмор кардан мехостанд. Дар асл соҳибони ин марзу бум гуноҳи бештаре доранд, ки то ҳол қиммати хоки хеш азиз намедорад. Бар зидди душманон вақте бармехезанд, ки панҷаи гирояшон гушашонро тоб медиҳанду ҳанҷари ҷонситон ба сарашон фурӯ меравад. Ба пиндори Ҷеймс ин мардум ба идроки ҳаёт алъон ноил нашудаанд. Ва то ҳол пай набурдаанд, ки бегонагон ба чӣ хотир дар марзу буми онҳо гашту гузор доранд. Ва бунёди чизи арзишнокеро, ки мояи хушгузаронии ҳаёт аст, чун офати осмонӣ арзёбӣ карда аз он чун аз марг меҳаросиданд. Ба зиндагии якранг

тан дода, ҳама мушкилоти ба сарашон омадаро ҳамчун нишонаҳои сарнавишт бе ҳайрату тааҷҷуб қабул мекарданд.

Ҷеймс ҳамаи инро дар тӯли вақти кӯтоҳе, ки миёни эшон қарор дошт, идрок намуд. Ва бори дигар эҳсос кард, ки ҳамаро хоҳ ӯ дунёдор аст ва ё камбағал бими гуруснагӣ ба вас-васа андохтааст. Ва ҳирсу тамаъ ононро маҷбур мекунад, ки аз ҳисоби дигарон ҳарчи бештар ғундоранду шикам сер кунанд. Гӯё дар дунё ғаму ташвиши дигар набошад. Лаззати зебоии ҳаётро низ дар ҳамин медиданд.

Ҷеймс инглисонро, ки худ насли ин миллати мутамаддин буд, дӯст медошт ва ба хотири дунёгирии он ҷаҳду ҷадал мекард. Ва паи амалӣ шудани он аз ягон чиз рӯ намегардонд. Ва байни маргу ҳаёт, тарсу нафрат тафриқае намегузошт. Якмаром шебу фарозиҳо, дарёву наҳрҳоро қадам мезаду қадам мезад, то ба манзили мурод бирасаду хизмати арзандатаре ба халқу миллати хеш бикунад.

Дигар қавму миллатҳо дар тасаввури Ҷеймс алъон қобилияти идроки дунёро надоранд. Ва онҳо мутеъи зиндагии лаҳзавиянд. Ба умеди оянда заҳмат кашидан гӯё эшонро ҳаргиз ба андеша намеоварd. Танҳо ҳамон вақт фикр мекарданд, ки шикамашон гурусна мемонду аз ғояти нафси саркаш чорвоеро сар мезананд ё аз дарахте мевае чинда истеъмол мекарданд. Ҳамин буд дарки дунёфаҳмии эшон ба назари Ҷеймс. Аз ин рӯ ифтихор дошт, ки ӯ мутаалиқи миллати инглис аст. Бегона он духти қабилаи кучманчӣ ба ин миллат мансуб будани ӯро рӯи хотир накард, балки чун ғосиб ба ӯ бо нафрат рӯ овард, ҳисси бадбинияш ниҳон надошт.

Ҷеймс гоҳо ба куштори инсон даст заданашро чун амали манфӣ арзёбӣ мекард, вале аз ҷониби дигар хешро ба он тасаллӣ медод, ки ҳама корро баҳри амалӣ шудани мақсадҳои дар наздаш гузоштаи халқу ватанаш анҷом дод.

Ҷеймс саргарми ин фикру хиёл санҷидаву боэҳтиёт роҳ ҷуста пеш мерафт. Барфи яхбаста дар партави Офтоби сӯзон ба сад ранг ҷило дода чашмро хира мекард. Ӯро орзуҳои рангину шавқовар, ки амакаш дар дили ӯ ҷой намуда буд, болу пар мебахшид.

Чанд лаҳза пеши назари ӯ корхонаҳои азими коркарди тилло, фабрикаҳои бофандагӣ, заминҳои ҳосилхези пахта, фермаҳои бузурги чорво падид омад, ки дар бораи он амакаш нақлҳои шавқовар мекард. Ҷеймс дар ин ҳолат худро савори аробаи зинатёфтаи чорчарха, ки онро ду саманди тезгоми инглисӣ мекашид, тасаввур мекард, ки дар тан сару либоси ашрофона бо кару фар аз паҳлуи мардуми пахтачин мегузарад. Сар аз кор набардошта одамон бо зери чашм ба ӯ менигаранд, духтарон орзуи онро доранд, ки Ҷеймс ба рӯяшон нигоҳи гарм андозад. Аммо Ҷеймси мағрур саломи худоиро аз эшон дареғ медорад. Ба онҳо аз хоҷаашон чанги сафеде насиб мекунад, ки аз зери чархҳои ароба мехезад. «Ба шумо ҳамин ҳам зиёдатӣ аст, эй мардумони кундфаҳму сустбунёд. Шумо лоиқи ин гарду хок ҳам нестед. Агар ба қадри он мерасидед, ҳаргиз мани аҷнабӣ дар сари шумо ҳукм намерондам...»Ҷеймс баъд аз эроди ин суханон

дарунакӣ оҳ кашид. Охир ҳамаи ин орзу асту бас. Барои расидан ба орзу заҳмати зиёд кашиданаш лозим меомад. Дар байни мардуми мусулмон фикре машҳур аст, ки қабл аз эроди чунин суханони баланд гиребон гирифта пеши парвардигор тавба мекунанд, ки гапашон куфр нағалтад. Аммо ӯ аз он ҷиҳат осуда буд, ки эътиқодманди мазҳаби дигар аст.Дар асл ба дине, ки дар миёни эътиқодмандонаш чун Ҷеймс чун мусулмон зуҳур мекард, ӯро сахт шефтаи худ гардонда буд. Ва ҳатто баробари иҷрои амали намоз, ҳарчанд сатҳи назарфиребона иҷро мекард, сабукие дар хеш эҳсос намуд. Асабҳояш ором гирифт, қадаммонияш суръат фузуд. Аммо боз суханони амакаш ӯро ба хотир омаду дарк кард, ки кист. Алъон миёни кучманчиёни чорводор эътироф шуда буд. Аммо мардуми бумии ин сарзаминро вонахӯрда намедонист ба ӯ чӣ рӯй медиҳад. Амакаш миёни Балхиён бо душворӣ роҳ ёфт. Муллоҳое, ки қабл аз ӯ миёни мардум обрӯ дошанд, сояашонро бо тир мезаданд. Ва ӯро беобрӯ кардан мехостанд. Вале Ҷорҷ бо таҳаммулу андеша нақшаҳои сиёҳашон барбод медод. Муаммоҳои сарбастаро дар миёни маърака бо овози баланд қироат мекарду сипас суол медод. Ҳарифони камсаводаш лолу хомӯш мемонданд. Ва Ҷорҷ худ ҷавоб дода ҳайрати одамонро меафзуд. Бо ҳамин роҳ даврагурезу мутеъ шуданд онҳо. Ва барои сайқали дониш пеши ӯ шогирд истоданд. Ҷеймс, ки худ шогирди амакаш буд, дар дил ҳарос дошт, ки дар Бухорои сермадраса, ки гаҳвораи илму дониш аст, чӣ гуна тоб меорад. Худро бо он тасалло медод, ки дар ягон мадраса таълим мегирад ва ё шогирди шахси фозиле мешавад. Аммо мақсадаш танҳо донишомӯзи набуд, балки донишро чун парда баҳри расидан ба мақсади ниҳоӣ мебоист истифода барад. Аз ин рӯ ҳама корро баробар мегузаронд. Ҳам омӯзишро баҳри сайқали дониш ва ҳам амал карданро ҷиҳати иҷрои мақсадҳои асосӣ…

Ҷеймс қуллаи сарсафедро бо душворӣ паси сар карда, ба доманакӯҳи сабзпӯш расид. Рӯз аз нисф гузашта буд, барои рафъи хастагӣ дар офтобрӯя нишаст. Пораҳои боқимондаи гӯштро сарфакорона истеъмол мекард, аз гӯшаи патуяш

кушод, ва бо корд реза кард. Боз аз рӯи эҳтиёт ду пораи он хӯрду боқиро баст. Ва роҳаш идома дод. Ҳини офтобшин ба рустое дар домани ёлае, ки нишебии он ба водии фарох мерасид, таваққуф намуд. Ба масҷиди деҳ ворид шуда, қатори дигарон намоз гузорид. Аҳли деҳ мусофири ҷаҳондидаро, ки бо суханони бомағзу бомаънияш онҳоро ба ҳайрат мегузошт, хуш пазируфтанд. Баъд аз хӯрдану нӯшидан сӯҳбаташон тафсид. Ҷеймс худро тоҷики Балх номид, ки донишу забондонияш барои ворид шудан ба чунин давраҳои камнуфуз кифоят мекунад. Балки метавонад миёни эшон обрӯи хеш физояд. Шабро дар масҷид рӯз карда, баъд аз хондани намози бомдод боз нияти сафар кард. Рустоиёни намозгузор ба ӯ фотиҳаи сафар дода, роҳи бехатару наздиктаринро нишон доданд.

Ҷеймс вориди Бухоро шуда мушоҳида намуд, ки шаҳр на он тарзест, ки ӯ мепиндошт. Бухоро бо бозорҳои бузургу мадрасаҳои овозадор, бинову иморатҳои мӯҳташам, растаҳои пур аз равандагону ҳунармандон, ки колои хеш ба фурӯш бароварда буданд, ӯро ба ҳайрат овард. Дар кӯчаҳои шаҳр аробаҳои дуаспаву якаспаи мусофиркаш чанги роҳро ба фалак хезонда равуо доштанд. Ягон-ягон аврупоипӯшон дар бозори мева сайр карда, меваҷоти писандидаашонро харидорӣ менамуданд. Ва бо фахру ғурур ба фойтунҳои қашанг менишастанд. Ҷеймс аз дидани онҳо ба изтироб омад. Вале таҳаммул карда аз паси онҳо гом ниҳод. То кӣ будани эшон таҳқиқ кунад. Чун гуфтугӯи онҳо шунид, ноумед шуд, дарк кард русҳоанд. «Инҳо пешдастӣ карда амирро мутеъи худ сохтаанд. Бадахшонро тобеъи Россия намудаанд. Акнун дар кӯҳистони Хатлон манбаъи тиллои Шуғновро ба даст овардаанд. Не, шумо инглисонро ҳоло намедонед. Дар Ҳиндустон ҳам ҷосусони шумо бо ниқоби муҳақиқону рассомон амал мекарданд. Вале муваффақ нашуданд. Дар он ҷо ҳам дасти мо боло хоҳад шуд». Меъдаи Ҷеймсро дидани меваву сабзавот, хӯрду хӯроки гуногуни бозор ба сӯзиш овард. Аммо тангае надошт, ки хӯрдание бихарад. Колое низ надошт ба арзиш, ки фурӯшаду маблағи он ба хӯрок харҷ кунад. Дар растаи кордфурӯшон ба хоти-

раш кордаш расид. Баъд аз пурсидани нархи корд аз кордфурӯш арзиши корди ниёмаш муайян сохт. Ва қатори эшон истода, ҳар харидор ва ё роҳгузаре, ки ба колояш зеҳн мемонд ташвиқ мекард. Он тарзе, ки фурӯшандаҳои дигар сифат доштанд: «Корди оличаноб, фузулаш аз Ҳиндустон, устоҳои инглис сохтаанд. Харидед ҳаргиз пушаймон намешавад. Занг намезанад, дамаш намегардад», – бо овози баланд хитоб мекард Ҷеймс. Ниҳоят ба корди ӯ харидор ёфт шуд. Ҷавоне дами кордро даст-даст карда нархаш пурсон шуд.

– Чанд танга медиҳӣ?

– Бист танга…

– Инсоф кунед ака, ба бист танга гов харидан мумкин.

– Воҳима накун додар, корда ман аз раҳ наёфтам. Агар пул лозим намешуд, дар сад сол намефурӯхтам.

– Мо пула набошад аз роҳ ёфтем? Ман ҳам савғо мебарам…

– Савғоро одамони бепул намегиранд…

– Пул дар куҷост? Понздаҳ тангаро бо хуни дил ёфтам..

– Аз бист танга кам намешавад… Ман ҳам дар ин шаҳр мусофир, додар. Як чиз инсоф кунед!

– Мусофир ҳам бошед, мовори аз Кӯлоб наомадаед? Балки аз гирду атрофи шаҳред.

– Аз гирду атроф мебудам, ҳаргиз кордро намефурӯхтам. Аз Кӯлоб бошӣ майлаш, бигир…

– Шумо ҳам Кӯлобиед?

– Ҳафт пушти гузаштаам аз Кӯлоб буданд, лекин худам то ҳол Кӯлобро надидаам. Раҳматӣ падарам дар бораи ватанаш нақлҳои аҷоиб мекарданд. Ният доштанд маро бо хешу наздиконаш мешиносонанд, вале умраш вафо накард.

– Аз куҷоӣ Кӯлоб буданд қиблагоҳатон?

– Мегуфтанд, ки дар наздикии деҳаашон кони тилло воқеъ афтодааст…

– Пас шумо аз Балҷувонед. Кони тиллои Шуғнов дар ҳудуди ин вилоят аст. Ман ҳам аз ҳамин маконам.

Ҷеймс понздаҳ тангаро шумурда панҷ тангаашро бо корд ба муллобачаи кӯлобӣ дод.

– Ман ба шумо бист танга не, балки понздаҳ танга додам, – бо тааҷҷуб гуфт муллобача.

– Ман ба шумо кордро ба даҳ танга додам, бо панҷ тангаи дигар ягон чизи дигар мехаред…

– Шумо ба пул эҳтиёҷ доштед-ку?

– Бале, алъон дидори ҳамшаҳр маро аз ҳазор ганҷи дунё болост, – лутф кард Ҷеймс. Ростӣ кордро бепул доданӣ будам, азбаски барои хурду хӯрок ва меҳмонхона як тангаи сиёҳ ҳам надоштам, аз ночорӣ гирифтам ин даҳ тангаро.

– Дар шаҳр ягон кас доред?

– Не, падарам аз Кӯлоб ба Бухоро меояд, дар мадраса таълим гирифта, сипас ба Балх меравад. Дар он ҷо хонадор шуда, то охири умр ҷое нарафта зистанд. Инак аз даргузашти қиблагоҳ се сол сипарӣ шуд. Азм кардам ба ватани бобу ҷадам сафар кунам. Омадам Бухоро, ба шаҳре, ки қиблагоҳ дар он ҷо дониш андӯхта буд.

– Ман як-ду ҳафта пас Ватан меравам, агар майл дошта бошед, сабр кунед, ҳамроҳ меравем.

– Дар ин муддат куҷо хуфту хоб мекунам? Хешу таборе надорам… – гуфт Ҷеймс ва ба реби чашм ба рӯи ҷавон нигарист.

– Хешу таборат ман. Дар ҳуҷраи ман мехобӣ, тару қоқ ҳарчӣ ёфтем бо ҳам мебинем…

Ҷеймс аз илтифоти ҷавони толибилм мамнунона табассум намуда хоҳишаш пазируфт ва аз паси ӯ равон шуд. Ҳарду ба ҳуҷраи толибилм омаданд.

– Дар ин ҷо ҳамшаҳриёни мо нуфузи калон доранд. Ҳама қозиёни аморат кӯлобиёнанд, ки ин мансаб вазифаи меросии эшон шуда. Толибилмонаш низ зиёданд. Аммо моро бо истеҳзо говсавор мегӯянд…

– Дар ҳақиқат говсаворанд ё тӯҳмат мезананд?

– Кай ва чӣ гуна пайдо шудани ин суханро намедонам? Аммо мо кӯлобиён аз ин чиз намеранҷем. Балки аз он ифтихор дорем, – Ҷеймс лулаболиштро зери каш гирифта

якпаҳлу зад ва болишти дигарро пеши меҳмон гузошт.

– Имрӯз дар Кӯлоб говсаворӣ мекунанд?

– Не, – писханд зад ҷавон, – дар мо ҳам мисли бухориёну балхиён чорвои саворӣ аспу хачир ва хару уштур аст.. Як вақт ба инҷо ҷавоне омада буд, ки забони моро намедонист ва мо забони ӯро. Ҳамон ҷавон ҳикоят кард, ки дар Бадахшон дидааст, ки говҳои серпашми боқувватро одамон савор мешаванд.

– Боре як муллои кулобӣ, ки дар мадрасаи Мири Араб мударрис буд, ба мо ҳикоят кард, ки говсавор лақаб гирифтанамонро воқеаи таърихӣ сабабгор аст.

– Чӣ воқеа, нагуфт?

– Ба гуфти мулло дар замонҳои қадим, ки кай, кадом сол будани онро касе аниқ намедонад, ба сарзамини мо лашкари хориҷиён ҳуҷум мекунад. Пеш аз ин ҷосусони онҳо дар миёни сипоҳи мо роҳ ёфта, ҳама аспони бодпои хатлонӣ ва дигар ҷонварони савориро заҳр дода, гумон мекунанд лашкари моро бе дасту по карданд. Вале ба гову гӯсфанду буз кор намегиранд. Чун лашкари душман ба марзи кишвар наздик меоянд, дидбонҳо ҳама ба як ҳаво бод ба коми карнай андохта, сипоҳи ғафлатзадаро аз хатар огоҳ месозанд, аммо ягон ҷонвари ба по истода намеёбанд. Шоҳаншоҳро хашм боло мегирад. Ва фармон медиҳад ба говҳо савор шаванд. Сипоҳиён аз ғояти тааҷҷуб ангушт ба дандон мегазанд. Ба шоҳи мо чӣ газанде расидааст, ки чунин фармон медиҳад? Охир одамизод дар тӯли ҳаёти чандин ҳазорсолааш говсавории касеро надида, борҳо санҷидааст, ки гов ҳайвони саворӣ нест. Вале шоҳро фармон қатъӣ буд. Ночор сипоҳиён говҳоро аз юғу испор ҷудо карда, ба корзор даромаданд. Аввал шоҳ ба барзагови шохчанбар савор шуду ба сӯи душман силоҳ кашид. Дигар сипоҳиён ба ӯ пайравӣ карданд. Душман аз ин сипоҳи ғайриоддӣ ба тааҷҷубу ҳайрат афтода, сипару силоҳ намедонист чӣ гуна истифода барад. Говсаворони кӯлобӣ дар ин ҷанг душманро мағлуб сохтанд. Баъд аз ҷанг шоҳи музаффар дарк мекунад, ки бо ин фармон ба амали гушношуниду ғайриимкон даст задааст…

Шояд ин лақаб натиҷаи ҳамин набард бошад? Гов ҷонвари якраву беандешаст. Ҳатто дар дами теғ мекушад ба пеш ҳаракат кунад. Қафо гаштанро намедонад. Мардуми моро низ чунин хислат хос аст. Ҳарчи ки гуфт, мекунад. Ҳаргиз аз роҳ намегардад. Аҷаб не говсавор гуфтанашонро сабаб ҳамин аст.

– Шояд, раҳматии падарам низ якравӣ доштанд, – гуфт Ҷеймс ва воқеаеро, ки дар Балх шоҳиди он шуда буд ба падараш нисбат дод. Дар назди хонаамон дарахти худрӯе буд, ки мо бачаҳо дар сояаш бозӣ мекардем. Ҳамсояамон онро буриданӣ шуд. Падарам зид баромад. «Чӣ зарар овардааст дарахт? Дар сояаш бачаҳо бозӣ мекунанд, ки аз ин дида давлати калон ба мову шумо нест? Аммо ҳамсоя ҳам якравӣ кард. «Дарахтро падарам шинондааст. Он ба ман таалуқ дорад»– гуфт ҳамсоя. «Номаъқул кардӣ, ин дарахти худрӯй аст, аз шоҳидон пурс!». «Шоҳид худам»-даст ба сина зад ҳамсоя. Аммо падарам ба хашм омад ва табарро аз дасти ҳамсоя гирифта дур андохт. Ҳамсоя чун дид зӯраш намерасад, илоҷи дигар ҷуст. «Хайр ман розиам, ки ними ҳезумро шумо гиреду нимашро ман». Падарам сари роҳ истода ҳамоно якравӣ дошт. «Не, на ман мегираму на ту». Чун дидам, ки қиблагоҳ аз ҷаҳл намефароянд, миёнарав шудам. «Розӣ шав, падар, аз ҷанг чӣ фоида?»Ӯро ба муросокорӣ даъват кардам. Аммо падарам аз гапашон нагаштанд. «Ҷои ҷанг-ҷанг ҷои нанг-нанг», гуфтанд. Ва маро низ моту маҳбут гардонданд…

– Дарахтро ҳамсоя набурид?

– Аз куҷо? Чун дид муродаш ҳосил намешавад, табараш сари китф карду гуфт: «Дарахтат аз сарат монад!».

– Ана дидед? – бо табассум гуфт ҷавон. Кӯлобӣ шоху дум надорад. Кӯлобиён бо хислату рафтор ва гуфтор аз дигарон фарқ мекунанд.

Ҷеймс баъди аниқ кардани ҳуҷраи ҷавон бо ӯ хайру хуш карда, ба тамошои шаҳр баромад. Бо умеде, ки инглисеро пайдо карда сабаби саргардониҳояшро гӯяд. Ӯ бо ин ният дар кӯчаҳо қадам зада ба ҳар як роҳгузар бо мароқи том нигоҳ мекард. Чун марди чашмкабуди

хурмоимӯеро медид аз пасаш кунҷковона роҳ мепаймуд ва қасдан аз ӯ чизеро пурсида ягон-ягон калимаҳои инглисиро ба забон меовард, то ки шахсияти ҳамсӯҳбаташро аниқ кунад. Мусоҳибонаш гоҳо бо тааҷҷуб ба ӯ назар мекарданд, гоҳи дигар бепарвоёна мерафтанд. Ҷеймс то бегоҳ шаҳрро ба як по гашт, аммо касеро пайдо карда натавонист. Шом хаставу ҳиҷил баргашт. Дар ҳуҷра ду ҷавони дигар менишасту дастурхон ороста буд. Дар партави чироғи равғанин сӯҳбати гарме доштанд.

– Оша бикашам? – суол кард ҷавон ва таштакеро аз гӯшаи ҳуҷра гирифта ба дастшӯӣ шурӯъ намуд. Чун дасти меҳмонро об гирифт, баъди шустан дастро такиданаш ҳайраташ фузун кард. Охир такидани даст баъди шустушӯй макрӯҳ ҳисоб меёфт. Аммо ҷавон пиндошт меҳмон ноогоҳ аст, вале пеши дигарон гуфтани айбаш ҷоиз надонист. Балки нахост ӯро шарманда кунад. Баъди тановули ошу нӯшидани чой сӯҳбаташон тафсид. Ҷеймс толибилмони мадрасаро бо донандагии хеш ба ҳайрат гузошт.

– Куҷо таълим гирифтаед? – суол кард аз ӯ ҷавони резапайкар Сайдалӣ.

– Дар назди падарам…

– Агар ба ватанаш Кӯлоб мерафт, ном ба номи ӯ мешуд. Дар Кӯлоб соҳибилмонро қадр мекунанд.

– Падарам дар ҳасрати Ватан сӯхт… Ӯ дами марг аз ман хоҳиш кард, ки ватанаш рафта кафи хок биорам ва рӯи гӯраш бирезам, то устухонҳояш ба хок нишинад.

Он қадар заъфу ғаму дард дар гуфтори Ҷеймс буд, ки дили ҳама об шуд.

– Оҳ, Ватан, Ватан… – бо ҳасрат сар ҷунбонд ҷавони резапайкар Сайдалӣ.

– Самарқанд сайқали рӯи замин аст, Бухоро қуввати ислому дин аст… – бо овози мутантан хонд соҳиби ҳуҷра.

– Вале бо ин ҳама зебоиҳо Бухоро баробари Ватани кӯҳсори мо зебо нест…

– Ватан ширин аст, – оҳ кашид Ҷеймс ва дар дидагонаш ашк ҳалқа зад ва бо гӯшаи остин оби дидааш тоза кард.

– Ватан ҷоест, ки хуни нофат чакида бошад, – гуфт

Сайдалӣ. Пас барои шумо Балх Ватан аст.

– Бале, Балхро дӯст медорам, вале ватани падариамро дӯсттар аз он. Падарам меҳри онро чунон дар дилам ҷой намуд, ки чизи дигар дар он намеғунҷад.

– Балх чун Бухоро обод аст. Аммо Кӯлоб ин гуна ҳашамату зебогиро надорад, – гуфт ҷавони хомфарбеҳе, ки то ин дам хомӯш буд ва бештар истеъмол карданро авло медонист.

– Ту Кӯлобро надидаӣ, Кӯлоб, Кангурт, Балҷувон шаҳрҳои ободанд, мадрасаҳои сершумор доранд.

– Пас чаро Бухорову Самарқанд меоянд? Ва ё мударриссони онҷо камсаводанд?

– Дар Кӯлоб despite онон бузургон зистаанд, ки шояд Самарқанду Бухоро бо ин бузургӣ чунин алломаҳоро надида бошад, – гуфт Сайдалӣ.

– Биё мон, натарсонмон... – бо истеҳзо ба ҳозирон нигоҳи тамасхуромезе кард ҷавони хомфарбеҳ. Бухорову Самарқандро ба Кӯлобчаат баробар мекунӣ?

– Кӯлобча нагӯ, – ғиреви Сайдалӣ ҳуҷраро ларзонд. Мӯи тани Ҷеймс аз даҳшат сихи ҷайравори рост шуд. Ҳама як дам ваҳшатзадаву лолу ҳайрон монданд. Чашмашон аз сар баромад. Ҷавони хомфарбеҳ ҳам дигар маҷоли ҷавоб надошт. Хомӯшона лабу дастони равғанолудашро пок карду баҳсро бефоида донист. Аммо Сайдалӣ бо ҳамон пайкари резааш ҳанӯз ҳам-ҳамаву дамдама дошт, хунаш меҷӯшид. Ҷеймсро бори дигар эҳсоси ваҳму ҳаросаш нисбати ин сарзамин ва мардуми он зиёда гардид. Вале аз як чиз хотирҷамъ буд, ки касе ба бегона будани ӯ шубҳа надошт. Баъди ин баҳси ноҷо меҳмонон рафтанд, ҷавони кӯлобӣ ва Ҷеймс танҳо монданд.

– Сайдалӣ, чаро ба қаҳр омад?

– Дидед ку, ӯро таҳқир кард.

– Чӣ хел таҳқир?

– Охир Кӯлобро Кӯлобча гуфт...

– Барои ҳамин ин қадар шӯридӣ?

– Барои ҳамин...

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, андешаи азиятоваре фарош

гирифт. Ӯро бебарорӣ аз яктараф, вохӯрӣ бо мардуми сарсахту ватандӯст аз ҷониби дигар ба ташвиш оварда буд. Эҳсос намуд, ки ҳама он андешаҳои қаблияш пучу беҳуда будаанд. Мардумеро надида дар бораашон андешаҳои пучу беҳуда рондан нишони дурандешӣ набудааст. «Ҳама афкори ман шабеҳи он аст, ки сояи кӯҳро зери по дида мепиндорӣ, ки кӯҳбарой ҳеҷ аст. Агар ноҷинстарин фарзандаш ба ин андоза дуғу даранг дошта бошад, ба далеронаш ҳоҷат ба гап нест. Ҳатто говони якраву беақлро гузаштагони ин зот бе лаҷому пуштанг савор шудаанд. Пеш агарчи ба ин шубҳа доштам, алъон сад дар сад бовар дорам, ки ин чиз афсона нест. Халқи худро аз дигар халқҳо боло гузоштан нишони фаросати баланд нест. Аммо мо то кунун чунин мепиндорем. Ва ба хотири ҷаҳонгирӣ ҳарчӣ аз дастамон омад, раво мебинем, ҳатто ба зодагони инсон. Муваффақиятҳо моро мағрур кардааст, ки ҳарифони худро ночизу нотавон меҳисобем».

«Чаро дар Самарқанд ва ё Бухоро истодани маро маслиҳат надоданд? Шояд инҷо сирре ниҳон бошад, ки худи ман аз он бехабарам? Вазифаи ман кашидани харитаи геологии ин сарзамин аст. Вале дар як вақт аз мавқеву нуфузи русҳо дар ин кишвар маълумот ҷамъ меорам. Мо дар асл дер кардем. Русҳо ҳама корро то ин дам анҷом додаанд. Имрӯз забоншиносонашон дар деҳоти ин кишвар машғули тадқиқотанд. Мо Бухороро дар ҳама ҳолат мағлуб мекардем. Вале русҳо садди роҳ шудаанд. Аввал мебояд норозигии мардумро нисбати онҳо бедор кунем. Чун оташи ғазабашон аланга гирифт, ба он ҳезум партоем, ки оташ пурқувват шавад. Мавқеи русҳо, ки танг шуд, чун «бародар»паҳлуи Ватандорон пайдо шавем...»

Ҷеймс рӯзҳои дигар низ паи ҷустуҷӯ шуд. Вале натавонист касеро пайдо кунад, ки қуввати дилу маслиҳатгараш бошад. Пиндошт ӯро фиреб додаанд. Ва ҷустуҷӯро қатъ намуд. Интизорӣ мекашид, ки кай вақти сафари толибилмони кӯлобӣ фаро мерасад, ки ӯ ҳам орзуи деринаш амалӣ созад. Аммо вақт бо оҳистагӣ гузаштан дошт. Рӯзе дар кӯчаҳои тангу печидаи шаҳр бемуродона танҳо ба хотири

куштани вақт гом мекашид, ки дарвеши зардинаи ришсурху чашмкабудро вохӯрд, ки дар гӯшае нишаста, ба мардуми роҳгузар назари амиқу мутаффакирона дошт. Ҷеймсро беихтиёр изтироб фаро гирифт. «Яқин инглис аст. Агар дарвеши асил мебуд, ҳаргиз нигоҳҳои зираку боандеша намеафканд ба мардум. Балки бо ин сару тани чашмрасу «назаррабо»зуд худро ошкор мекунад». Ҷеймс, ки қаблан нияти бо дарвешон шишту хез кардан дошт, ин рӯйдод ҳушдор дод, ин амал саҳеҳ нест. Аз ин хулоса мамнун гашт, ки тавассути таҷрибаву мушоҳидаҳо ба баду неки дунёи пурмуаммо сарфаҳм рафт. Боваpаш ба хеш афзуд. Табассуми худписандона дар лабонаш тарҳи дигар андохт. Ва чанд гом ба сӯи дарвеши танҳо ниҳод. Гӯш фаро дод, тарзе амал кард, ки мутаваҷҷеҳи он марди ба зоҳир ҷандапӯш нагардад. Яқин дарвеши кунҷкову аловчашм низ нигоҳи амиқ дошт ба атрофу акноф. Ончунон саргарми мушоҳидоти хеш буд, ки зери лаб чӣ мегуфт, иродааш дар ихтиёраш набуд. Ҷеймс аз аниқу дуруст баромадани мушоҳидоташ дар мавриди ҷосуси инглис будани дарвеш бори дигар ба худ болид. Ният кард паҳлӯи дарвеш рафта бо забони модарӣ чанд ҳарфи ҳазломез баён мекунад. Вале боз андешид, ки мабодо дарвеш бо мақсади ба дом афтондани ӯ чунин амалро раво дида бошад? Қадре сокит монд. Ва ба чор сӯ бо эҳтиёт назар андохта хавфу хатари ногаҳониро надид. Далерона ҷониби мусофири инглис гом кашид. Дигар бо эътимоди хеш шубҳа надошт.

– Бо чунин сару тани чашмрас гаштан хатарнок нест? – бо забони инглисӣ суол кард Ҷеймс аз дарвеш. Дарвешро ҳайрат фузуда буд ва лаҳзае гӯё ба даҳон об гирифта бошад лолу ҳайрон монд. Чун ба мӯи хурмоӣ ва чашмони кабудаш нигарист, дилаш қувват гирифт. Эҳсос намуд он касе, ки дар ҷустуҷӯяш буд, наздаш қарор дорад. Аз ин тасодуф саҳл монд фарёд кунад.

– Ту чӣ гуна пайдо шудӣ?

– Худо расонд…

– Офарин, қоил кардӣ, ту аллакай чун мардуми ин сарзамин фикр меронӣ. Ман бо сару тани дарвешӣ ҳам бего-

нагиамро рупӯш карда натавонистам.

– Шаҳри якчашмаҳо рафтӣ, як чашматро кур бигир…

– Бале, лекин ҳама аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонад.

– Бо сару либоси аврупоӣ гаштан хуб нест?

– На, ҳама аврупоиён озоданд. Бо ин сару либос танҳо русҳо ҳуқуқи озодона гаштан доранд. Дигарон ба тан ҷомаи сиёҳи рах-рах пӯшида, миёнро бо канаб баста мегарданд, ки аз дигарон фарқ кунанд.

– Чаро чунин сару либос мепӯшанд?

– То ки мусулмон аз кофир фарқ дошта бошад. Яҳудиёну ҳиндувон ва қафқозиён чунин сару либос доранд… Ман ночор ин либосро пӯшидам. То ки чун бегонагони «хосапӯш»нафратзада набошам. Барои аврупоӣ пӯшидан мебояд забони русиро донам. Мутаасифона, ин забонро балад нестам.

Ҷеймс баъди ин кашфиёт худро на чун шогирд уболаку ҳақир нишон медод, балки бо виқору ғурур густохӣ мекард. Балки одати шарқиро, ки дар хуну пӯсташ сахт ҷо гирифта буд, ин лаҳза фаромӯш карда, чун аврупоиён пеши калон озод ҳарф мезад. Ва ҷурму гуноҳи ӯ ошкор мекард. Ҳатто оҳанги танбеҳ дошт гуфтораш.

– Инглисон чун русҳо озод нестанд?

– Не, русҳо худро ҳокими ин сарзамин медонанд. Ва инглисонро пеши амиру ҳамнишинонаш сиёҳ кардаанд. Аз ин рӯ ошкоро гаштан миёни мардум хатарнок аст. Ягона роҳ бо шогирдони мадраса забон ёфтан аст. Вале ҳаргиз худро ошкор кардан лозим нест. Зеро ин мардум чунон ба урфу одатҳои худ ғӯтида рафтаанд, ки ғайримусулмонро агар фарзанди падараш ҳам бошад, хеш намеҳисобанд. Ба ӯ бо нафрат менигаранд.

– Маро ба Кӯлоб фиристоданд, то ки мавқеи ҷуғрофии онро омӯхта маълумотномае бисозам. Аммо аз ними роҳ бо сабабҳои гуногун гаштам. Ба Бухоро барои он омадам, ки аз гумоштагони сиёсии инглис, ки таҷрибаи кофӣ доранд, маълумот бигирам.

– Кори хуб кардӣ. Насанҷида як қадам пеш нагузор.

Дар ин сарзамин ҳар қадаматро мепоянд. Ба ҳама бо шубҳа менигаранд. Ба ин кор танҳо амалдорон диққат медиҳанд. Мардуми авом бепарвоанд. Вале ин маънои онро надорад, ки ба онҳо аҳамият надиҳӣ. Кӯлоб, ки рафтӣ боз ҳушёртар мегардӣ. Зеро Кӯлобиён дар рафиқӣ рафиқ, дар ҳазлу шӯхӣ устухон надоранд, аммо агар аз бовариашон баромадӣ, мурдӣ. Онҳо дар Бухоро низ ҳамаро ба дод овардаанд. Аз ҷонашон наметарсанд.

– Ман бо кӯлобӣ-бачае дӯст шудам, ки шогирди мадрасаи Мири Араб аст. Ваъда дод, ки маро ҳамроҳӣ мекунад. Ба ӯ гуфтам, падари ман ҳам аслан кӯлобист, вале дар музофоти Балх умр ба сар бурда онҷо фавтидааст. Маро васияти падари марҳумам ба ин роҳ ҳидоят карда.

– Кӯлобиёнро дар Бухоро говсавор мегӯянд. Дар асл соддадилу зудбоваранд. Вале дар ҷасурӣ чунон, ки аз лақабашон маълум, говони худсару якравро саворӣ мекунанд. Кӯшиш бикун аз бовариашон набароӣ... Вагарна ҳазор ҷаҳду ҷадал кунӣ ҳам фоида намекунад.

– То рӯзи сафар алъон як ҳафтаи дигар вақт дорам. Ин рӯзҳоро чӣ гуна гузаронам?

– Рафта ба он говсавор бигӯй, ки рӯзи таъиншуда меоӣ. Ман туро бо чанд тан инглис шинос мекунам, ки миёни ин мардум соҳибобрӯянд ва ҳатто хати иршод гирифта муридону ихлосмандони зиёде доранд.

– Онҳо дар Кӯлоб будаанд, ё не?

– Аниқ намедонад. Вале бо андак сӯҳбат медонад, ки аз куҷосту чӣ хулқу хуро дорост. Ҳамаи ин зиракӣ нишонаи ҷаҳонгардии ӯст.

– Кош зудтар эшонро медидам...

– Худи ҳозир рафта ҷавоб бигир!..

– Ин бегоҳ наметавонам.

– Чаро наметавонӣ?

– Говсавор ваъда дод, ки маро ба маҳфили хеш мебарад. Дар хонаи Қутбиддин ном асилзодае баргузор мегаштааст ин маҳфил. Бинам чӣ маҳфилест? Чӣ мегӯянду чӣ мехоҳанд?

– Бирав... – гуфт дарвеш ва ба рӯи Ҷеймс зеҳн монд.

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд..

– Дар ягон маҳфили эшон будед?

– Ин сара дар осиёби бобом сафед накардаам. Рафтӣ, мебинӣ чӣ мегӯянд. Мо дар фикри ҷаҳонгириему эшон дар андешаи кушодани муаммо…

– Онҳо нияти ҳуҷум надоранд ба хоки кишваре?

– Ҳамаашро оҳиста-оҳиста мефаҳмӣ… Мудом азобу шиканҷа дидаанд дар тӯли таърих. Боре ба кишваре ҳуҷум наовардаанд ва бо зури шамшер халқеро мутеъи хеш нанамудаанд. Шиорашон ин аст: «Нимтаи нон роҳати ҷон», боз мегуянд: «Сари хамро шамшер намебурад».

– Дар Афғонистон, баракс, онҳо ба мо ҳеҷ сар намефуроранд.

– Ба Кӯлоб, ки рафтӣ айнан ин гуна муносибатро мебинӣ. Ин шаб низ эҳтиёт бикун.

Ҷеймс баъди ин гуфтугузор бо хотири ҷамъу табъи хуш ба ҳуҷраи толибилми кулобӣ омад. Бағайри соҳиби ҳуҷра, нафаре онҷо нишаста сиёҳпӯсте буд, ки абрувони ғафси пайваст, риши ғулӣ, лабони сергӯшту чашмони сиёҳи калон-калон дошт. Ва баробари вориди ҳуҷра шудани

Ҷеймс сар то қадами ӯро муҳақиққона аз мадди назар гузаронд. Тарзи нигоҳ, тааҷҷубу ҳайрат ва мушоҳидакории меҳмон дар дили Ҷеймс оташи ҳарос фурӯзон кард. Дасту пояшро ларза гирифт. Гӯё болои ҷинояте ба даст афтода бошад. Суханаш дар гулӯяш гиреҳ хӯрд. «Чӣ кор кунам? Чӣ касест ин ҳабаш?»Нигоҳашро аз ӯ гурезонда дар кунҷак нишаст. Ва китоберо аз тоқча гирифта дар партави чироғи равғанӣ варақ зад. Андармони мутолиа шуд, вале зоҳирӣ буд рафтораш. Дар асл чизе ба майнааш наменишаст.

– Чӣ китобест? – баногоҳ суол кард меҳмон аз Ҷеймс. Овози нарми бачагона хилофи афту андомаш буд, ки Ҷеймсро ба тааҷҷуб овард. Аммо ҳаросаш пасанда нашуд. Вале хомӯширо авлотар  дониста сар аз «мутолиа»набардошт. Меҳмон аз беҷавоб мондани саволаш хиҷолат кашида, ба соҳиби ҳуҷра рӯ оварда ба гӯшаш

ишора карда «кар будан ва ё набудани»Ҷеймсро пурсид. Аммо аз ҷавон ҳам ҷавоби номафҳум шунид, чун посухи ӯ низ бо ишора буд. Ҷеймс бо абрувони гирифта чашм аз китоб намеканд, гӯё бо камоли майл машғули мутолиа бошад. Дар асл ҳушу хаёлаш банди гуфтори ҷавони кӯлобиву меҳмони сиёҳчурдаву ҳайратнигоҳ буд.

– Вақти рафтан шуд, меравем? – суол кард аз Ҷеймс ҷавон.

– Куҷо?

– Маслиҳат чӣ буд?

Лаб бурма карда китф дар ҳам кашид Ҷеймс, гӯё чизе ба хотираш набошад.

– Нагуфта будам, ки туро ба маҳфил мебарам?

– Оре, гуфта будед, акнун ба хотирам расид.

– Хотираро сайқал бидеҳ. Барои мустаҳкам шудани хотира бештар шеър мебояд хонд. Дар маҳфил, ки ширкат варзидӣ, бегуфтугӯ, байтҳои дилчаспу пурмазмун дар хотират менишинанд.

Ҷеймс боз хомӯш шуда китобро варақ заду аз нав ба он зеҳн монд. «Биравам ё наравам?». Дудила шуд. «Не, меравам!». Агар наравам, чизеро намефаҳмам. Мутолиа, урфу одати онҳоро бояд омӯхт. Аммо ин ҳабаш аз осмон афтодагиворӣ ду чашми сиёҳаш аз ман намеканад. Гӯё инсонро акнун дида бошад. Ба гуфти тоҷикон «аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор». Меравам, ку бинам чӣ мегӯянд». Ҷеймс китобро пӯшонида, ба тоқча гузошт. Ва аз паси толибилми кӯлобиву ҷавони сиёҳчурда бархост.

Онҳо тангкӯчаҳои шаҳрро гузашта ба ҳавлии боҳашамате ворид шуданд, ки дар самти шарқии он дари ду табақааш кушода ба назар мерасид. Ва аз дохили он гуфтугӯи чанд тан шунида мешуд. Ҷеймс аз паси ҷавони кӯлобӣ, ки ӯро Мурод меномиданд, вориди ҳуҷра шуд. Ҳуҷраи васеъ пур аз ҷавонони толибилм буд, ки дар рушании чироғҳо хонтахта гузошта китобхонӣ доштанд.

Аз боло ҷавони навриши саллакалоне якпаҳлӯ зада, зери кашаш лулаболишт гирифта буд. Вай ба пиёла чой рехта дам мекашиду аз рӯи дастурхон мағзи зардолу ва ё мавизи

сиёҳро ба даҳон мебурд. Ба Мурод, ки дар пойгаҳи дар нишаста буд, рӯ овард:

– Хез, аз боло гузар.

– Боло ҷои бузургон аст; ку бинем ягон кас меомадагист.

– Дар ин бару гузар аз ту дида бузургтаре нест.

– Воҳима кардӣ-да…

– Ба ростӣ, ки бузургӣ. Бузург набошӣ аз ҳамон ҷои дур меоӣ, ки сабақи устодони закиву донои Бухороро гирӣ?

– Ҳар гову хар, ки Бухоро омада ба дараҷаи бузургӣ расад, кори осон будааст… – гуфт Мурод бо ҳазл.

– Меҳмононро нашиносондӣ?..

– Ин кас-Алишер, ҳамшаҳрии мо, шогирди мадрасаи Олимҷон, – ҷавони сиёҳҷурдаро нишон дод Мурод, – ин кас Ҳақдод, аз Балх омадаанд, ки ба диёри падараш Кӯлоб биравад. Ҷавони закиву ҳушманд аст, – ба Ҷеймс ишора кард.

– Бисёр хуб… Бисёр хуб… Аз пешонаи фарохаш маълум, ки ақлу дониши амиқаш беҳуда мегузаронад. Дар роҳе, ки дигарон қадам гузоштаанд, гом мезанад.

– Ҷадид нашуд осмон ба замин намечаспидагист, – бо гӯшаи чашм ба ҷавони саллакалон нигарист ҷавони беríше, ки пешаш хонтахта монда хомӯшона мутолиа мекард.

– Дар ҳақиқат, чизи нав ба назари мардум аввал булаҷаб менамояд. Вале оҳиста-оҳиста одат мекунанд. Дар Бухорои мо ҳам ҳамчунин. Амиру гумоштагонаш дар пайи мо сояворӣ мегарданд. Метарсанд, ки ҷавонбухориён дунёро чаппа мекунанд.

Ҷавони бериши китобхон бо нишони огоҳӣ ду-се маротиба сурфид ва ба рӯи ноқил нигоҳи маънодоре афканд.

– Хайр бас, гапи бисёр як хара бор. Мақсади мо тамоман як чизи дигар аст.

– Аз чӣ метарсӣ, мулло Сафо?!

– Гап дар сари тарсидан нест. Мақсад аз ҷамъомади мо дар чист?

– Ман ҳам сари мақсад омадам…

– Бас-бас!.. – сар ҷунбонда бори дигар ба рӯи ҳамсӯҳбаташ нигарист ва аз ҷой хеста берун баромад. Ҷеймс донист, ки маҳфили эшон маҳфили сиёсист ва ҳароси онон аз ӯст, ки ғайричашмдошташон пайдо шуд. Худро қадре ноҳинҷор ҳис намуд. Вале аз он чиз шод шуд, ки бо ин роҳ хеле маълумот ҷамъ меорад. Дар хусуси қувваҳои сиёсӣ. Маълум ки қувваи нав бо тафаккуру ҷаҳонбинии ҷадид дар арсаи сиёсат баромаданианд. Аммо ҳокимони замон ҳаргиз хоҳони он нестанд, ки пинакашонро касе вайрон кунад. Тарси ҷавони бериш аз Ҷеймс буд ё марди сиёҳҷурда ва ё ҳарду, ин барои Ҷеймс аниқ набуд…

Мулло Сафо ҳамсӯҳбаташ-махдуми Қутбиддинро ба гӯшае кашида пичиросзанон ба насиҳатхонӣ даромад.

– Аз хашми амир наметарсед, ки ошкоро дар пеши ҳар касу нокас пусткандаи гапро мегӯед?

– Одамони худианд.

– Пеш аз ин онҳоро дида будед?

– Агар одамони дилпур намебуданд, Мурод онҳоро ин ҷо намеовард.

– Наход соддагии ҳамин говсаворро то ҳол пай набурда бошед?

– Мулло Сафо, агар ба амир расониданӣ бошанд, бигзор бигӯянд. Ман дигар наметарсам. Ҷони ман даркор бошад бигиранд…

– Содда нашавед махдум! Ғурури шумо ба касе лозим нест. Худро эҳтиёт кунед. Бо чашм дида истодаед ку? Чӣ хел одамонро бо андак гуноҳ сар аз тан ҷудо мекунанд. Ба дор мекашанд. Аз манора ҳаво медиҳанд. Сангсор менамоянд. Зиндону ҷазои ҳафтоду панҷ чӯбаш дарди бахайр…

– Мефаҳмам, амир ҷадидҳоро тоқати дидан надорад. Мо ҳам набояд тарсем. Охир, дар тамоми аморат аз мавҷудияти чунин як қувваи пешқадаму ислоҳотхоҳ хабар доранд. Вале аз онҳое сари тарс дорем, ки аз сояи худ меҳаросанд.

– Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон…

– Суханони шумо ҳама аз дилсӯзист, вале вақти пинҳон амал кардан гузашт. Чашми мардумро бояд кушоем. Ба онҳо ҳақиқатро фаҳмонем. Мо бошем, калоғеро мемонем, ки аз овози худ заҳракафем, – махдуми Қутбиддин инро гуфту бо қадамҳои калон-калон ба ҳуҷра даромад. Мулло Сафо низ норозиёна сарафшонда аз паси ӯ вориди ҳуҷра шуд. Ҳуҷрабудагон сари муаммое ҳанӯз баҳс доштанду баҳс. Мулло Қутбиддин ба ҷои худ гузашта нишаст. Ва лулаболиштеро таги каш намуда ба гап даромад.

– Дар тамоми дунё қувваҳои тараққихоҳ дар паи дигаргунисозии ҷамъиятанд. Аммо дар Бухорои мо ҳанӯз ҳам гирифтори афсонаҳои забонзаду аз ҳақиқат дуранд…

– Говсаворон бо сарварии Восеъ шуриданд, ба куҷо расиданд? – бо киноя суол кард Сафо.

– Мо бояд роҳи дигари муборизаро интихоб кунем. Ин ҳам як мактаб аст. Кӯдак то наафтад, роҳгардиро намеомӯзад. Шӯриши Восеъ ҳарчанд дар як гӯшаи дури аморат рӯй дод, вале бунёди онро ба ларза овард. Тарси амир аз ин ҷиҳат афзун аст. Ва моро эътироф кардан намехоҳад. Озодфикрон низ аз тарси ҷон аз бинӣ боло гап зада наметавонанд. Ҳамаатон дидаи бино доред. Бубинед чӣ гуна кишвари моро аз чор тараф гургони тездандон хомохом хӯрданианд.

– Аз ду тараф не? – ӯро ислоҳ карданӣ шуд Мурод.

– Куҷо аз ду тараф? Руссия, Англия, Туркия, Хитой. Ҳамаи ин кишварҳо бо мақсади сиёсати хешро ба сари мардуми мо таҳмил кардан ҷаҳду ҷадал доранд. Аммо шоҳу муқаррабонаш аз хоби роҳат бархостанӣ нестанд. Руссия бошад дар кишвари мо нуфузи бештаре дорад. Ашхосе, ки тобеъи ин кишвар бошад на қозӣ ҳаққи газидан дораду на қушбегиву амир. Корхонаҳои саноатӣ, роҳи оҳан ҳама моли Руссиянд. Мо интизорем, ки кай пурра мустамликаи ин ё он кишвар мешавем…

– Руссия пешқадам аст, оҳиста-оҳиста тавассути бунёди корхонаҳо, пайдо шудани қарияҳои русӣ мамлакати мо ҳам ба қатори кишварҳои мутамаддин рушду нумӯъ

мекунад…

– Содда нашав, мулло Сафо. Россия ва подшоҳи он Николай ҳаргиз ҷаҳд намекунанд, ки дар Бухоро ҳизбҳои сиёсӣ сар бардоранд. Ӯ аз таҷрибаи талхи хеш ибрат гирифтааст. Хуб медонад, ки дар Петербургу Москва солҳо иқомат намуда душвориҳои ин кишварро андухтааст. Ва ҳаргиз ҷонибдори чунин тарзи кор нест. Бинобар ин ба амир ҳуқуқ додааст, ки корҳои дохилии кишварро худаш мустақилона ҳаллу фасл намояд.

Ҷеймс, ки то ин дам хомӯш менишаст, ба гап ҳамроҳ шуд.

– Модоме, ки чунин қувваи сиёсӣ вуҷуд дорад, мебояд аз берун барои қувват гирифтан ёрӣ пурсад.

– Масалан аз кӣ? – бо тааҷҷуб суол дод Сафо.

– Аз Англия ва ё Туркия…

– Не, намешавад. Мо бояд танҳо ба он кӯшем, ки қувваҳои беруна ба мо сироят накунанд. Онҳо ба мо ёрӣ мерасонанд, вале бо мақсади амалӣ сохтани нақшаҳои худ. Мо ҳоло таҷриба надорем ва барномаамон ҳанӯз хом аст. Дар байни мо ҳастанд ашхосе, ки аллакай мафтуни сиёсати Туркияанд. Ва ҳатто ба он мекӯшанд, ки бо ин забон суханронӣ кунанд. Ба мо чунин сиёсат лозим нест. Аз борон гурехта ба лой афтоданро мемонад ҳолати мо.

– Амири мо худ дар шаҳрҳои мутамаддин таҳсил карда, аз тараққиёти он кишварҳо ба хубӣ огоҳ аст. Вале баъди ба сари тахт нишастан ягон ислоҳоту дигаргуние дар кори хеш пеш нагузошт. Маҷбур шудем худ ба ин роҳ равем, – махдуми Қутбиддин чои гармро пуф-пуфкунон дам кашида илова намуд:

– Мо набояд бо роҳи зӯрӣ ислоҳоти хешро ҷорӣ намоем. Дар ин сурат хун мерезад ва мардум ба мо нафрат мекунанд.

– Набошад чӣ кор кунем? Оё амир ба гапи мо гӯш мекунад? – суол кард мулло Сафо.

– Не, албатта, амир аз ҳамаи мо зирактар аст. Ӯ медонад, ки Россия барин давлати абарқудрат аморати ӯро пуштибон аст. Аз ин рӯ ягон ислоҳоту дигаргуниро наме-

пазирад. Баръакс, ҳар қадами моро зери назорат гирифта ба корамон халал мерасонад. Аллакай муллоҳои кӯҳнапараст дар маъвизаҳои хеш дар ҳаққи мо бадгӯӣ мекунанд. Мардум аз шунидани номи ҷадид меҳаросад. Гӯё ҷадидон аждаҳо бошанд, ки ҳар куҷо мерасанд, ба тухми инсон қирон меоранд.

– Кори мо аз ҳар ҷиҳат хом аст. Кушта шудани домулло Туроб фаъолияти моро суст кард... – гуфт мулло Сафо.

– Мулло Туроб ҳам узви ҳамин ҷамъият буд? – суол кард Ҷеймс.

– Бале...

– Ӯро кӣ кушт?

– Одамони амир...

– Барои чӣ?

– Барои ҷадид буданаш, – кӯтоҳ ҷавоб дод Сафо.

Аммо Ҷеймс тамоми тафсилоти воқеаро вобаста ба кушта шудани мулло Туроб донистан мехост, вале бо вуҷуди саволҳои пай дар паи кунҷковонааш муродаш ҳосил нашуд. Хост боз савол диҳад, вале сабру тоқатро авло донист. Нахост шубҳаи дигаронро нисбати хеш бедор кунад. Тағйир ёфтани авзоъю берун баромадани мулло Сафову соҳиби хонаро ба ташрифоти ногаҳонии ӯву ҷавони сиёҳҷурда нисбат доштанашро ҳамон замон пай бурда буд, хиҷолат кашида бошад ҳам, ҳама бори миннатро ба хотири ҳарчи хубтару амиқтар донистан ба гардан гирифт, ба қавли тоҷикон ба рӯй пусти хук кашид. Ҳарчанд асли ин воқеаро донистанӣ буд, ба як чиз қаноат ҳосил кард, ки тафсилоти воқеаро аз Мурод баъди ин ҷаласа мепурсад.

– Барои он ки ангуштнамо набошем, бояд ҳуқуқу ғояҳои умумибашариро, ки асоси барномаамон аст, ба мардум фаҳмонем, – шишаи хомуширо шикаст мулло Сафо.

– Бо кадом восита? Кӣ ба мо имконият медиҳад? – сар бардошт махдуми Қутбиддин.

– Ҷангидан даркор... – гуфт Мурод.

– Шумо говсаворонро дар ҷанг монанд, – бо шӯхӣ гуфт мулло Сафо.

– Набошад нигоҳ карда шинем, ки кай моро мекӯбанд?

Кушта шудани мулло Туроб набояд моро тарсонад. Мо як кас нестем. Қувваи мушт дар ҷамъи ангуштон аст. Дар куҷо вазъ мегӯӣ? Кӣ туро гӯш мекунад? Ин роҳи хатарнок аст. Танҳо махфиёна амал кардан лозим. Ҷонибдоронамонро рӯйхат карда онҳоро мусаллаҳ мекунем. Ана, баъд…

– Эҳ, Мурод, Мурод, чунон гап мезанед, ки гӯё ин кори осон бошад, – бо истеҳзо луқма партофт мулло Сафо.

– Барои Восеъ магар осон буд?

– Охир мо ҳизби сиёсием. На ягон гурӯҳи ҷангҷӯю шурапушт, – илова кард махдуми Қутбиддин.

– Дар ин замон ҳай-ҳай накунӣ зин зада саворат мешаванд. Чӣ, ба гумони шумо авлоди Амир Олимхон аз азал шоҳзода буданд? Ҳаминҳо ҳам тавассути шурапуштиву хунрезӣ ба сари қудрат омадаанд. Имрӯз кӣ мегӯяд, гузаштагони Амир Олимхони манғит ҷинояткор набуд? Кӣ мегӯяд?

– Баланд гап назан Мурод… – ӯро ором карданӣ шуд мулло Сафо.

– Ё ман дурӯғ мегӯям, – аз аспи ҷаҳл фаромаданӣ набуд Мурод.

– Гапатон рост. Кӣ гуфт, ки дурӯғ аст, – ба гап ҳамроҳ шуд махдуми Қутбиддин.

– Имрӯз ҳамон шурапуштони каллабур, ки ҳафт пушт он тараф истад, ҳафтод пушташ аз Муҳаммад бӯе набурдааст, Сайидзода… Сояи Худо… Шумо бошед аз сояи худ метарсед!..

– Сад дар сад ҷонибдори шумоем, вале гап дар сари он аст, ки мақсади мо сарнагун кардани аморат нест. Балки мо ислоҳотчием. Ва даъвои тахту тоҷ надорем, – ӯро ором карданӣ шуд махдуми Қутбиддин.

– Ислоҳотро чӣ гуна метавон гузаронд, оё бо ҳамин гуна баҳсҳои бемаънӣ?

– Ҳақиқат зодаи баҳс аст. Баҳсу музокираҳои мо саҳлу содда нест. Агар сармоя пайдо кунем, кори мо пеш меравад. Онҳое, ки Туркпарастӣ мекунанд бо сармоя таъминанд. Ва нашрияҳояшон пайваста чоп мешаванд. Мо чӣ

дорем?

– Бале, махдуми Қутбиддин дуруст мегӯяд. Ягона воситаи тарғибот нашрия аст, маблағ лозим,-гуфт мулло Сафо.

– Туркпарастонро кӣ бо маблағ таъмин мекунад? – пурсид Ҷеймс.

– Мамлакати Туркия, ҳатто ҷавонони бухориро вақти таҳсил кӯмак мерасонанд, – гуфт махдуми Қутбиддин.

– Барои пешрафти корҳо бояд ба онҳо муроҷиат кунем ва ё ҳеҷ набошад аз Россия ёрдам пурсидан аз манфиат холӣ нест.

– Россия ҳаргиз ба мо ҳамкорӣ намекунад ва эҳтиёҷ ҳам надорад ба қувваи мо. Туркҳо тайёранд, вале мо намехоҳем, – гуфт мулло Сафо.

– Англия чӣ? – боз пурсид Ҷеймс.

-»Кал додари кур». Англия ҳам чун Россия аст, мо ба онҳо умед намебандем, – гуфт мулло Қутбиддин.

– Воқеан, дар Балх чӣ гапу хабар аст? Мегӯянд миёни афғонҳову лашкари инглис задухӯрди шаддиде ба амал омадааст? – суол кард Мурод. – Аз ин чиз хабар надоред? Охир шумо, – Аз он ҷо омадам, – гуфтед-ку?

– Бале, дар аснои омаданам миш-миш буд, ки инглисҳо нияти ба шоҳи Афғонистон кӯмак кардан доранд. Ва барномаи тараққиёти кишварро сохта, пешкаши шоҳ кардаанд. Вале як гурӯҳи кӯчаки аҳолӣ хайрхоҳиҳои инглисонро напазируфтаанд. Шояд ин гурӯҳ бар зидди онҳо сар бардошта бошанд…

– Дар Афғонистон инглисонро вохӯрдед ё не? – суол кард Мурод.

Ҷеймс аз ин суол хиҷил шуд. Вале чораи дигар надошт ҷуз ҷавоб гуфтан ва бо кафи даст арақи пешонаашро пок намуда, балғами дар гулӯ дармондаашро бо сурфа ислоҳ карда посух гардонид:

– Бале, дидам онҳоро. Ва, ҳатто, салому алейк кардам… Аммо забонашонро нафаҳмидам.

– Мегӯянд, мардуми ҷанговаранд?

– Не, инглисоне, ки ман вохӯрдам, тамоман дигар бу-

данд. Онҳо мекушиданд ба мардум кӯмак расонанд. Аммо мардуми ҷоҳил ба эшон таваҷҷӯҳ надоштанд. Баръакс, онҳоро «кофир»гӯён дашном медоданд…

– Чӣ рангу намуд доранд онҳо?

– Русҳоро дидаед?

– Бале…

– Инглисҳо ҳам ҳамранги русҳоянд. Фақат дар забон фарқ мекунанд.

– Дар асл мо ҳама, хоҳ рус, хоҳ инглис ва ё мусулмон ҳама фарзанди як падару модар Бобои Одам ва Момо Ҳавоем. Вале нафси саркаш, ки пешбарандаи он иблис аст, мо фарзандони инсонро бероҳа кард. Барои қонеъ намудани нафс ҳазорҳо чақрим роҳро тай карда Ҳиндустону Афғонистон, имрӯзу пагоҳ мебинӣ, ки дар хоки Бухоро қарор доранд. Магар дар Инглистон намеғунҷанд? Ҳамаи онҳо ба вас-васаи дунё гирифтор шудаанд, – гуфт махдуми Қутбиддин.

Аз дар ҷавони навриши лоғарандоме бечуръатона гом ниҳод ва ба махдум рӯ овард.

– Дастҳоро бишӯям?

– Бале, ошро бикашед, ки ишкамам нағора навохт, – гуфт махдуми Қутбиддин ва остини яктаҳи сафедашро барзада омодаи дастшӯй шуд. Ҷавон дар як даст таштак, дар дасти дигар офтоба вориди хона шуда аз як тараф ба дастшӯӣ даромад. Ошро хӯрданду чой нӯшиданд ва намози хуфтанро хонда, ҳар кадом ба самти манзили хеш раҳсипор шуд. Ҷеймс аз ин сӯҳбат хеле баҳра бардошт. Ба ҳуҷраи Мурод баргашту дар ҷогаҳ дароз кашид. Таассуроти аз ин сӯҳбат бардоштааш ӯро дар қайди хеш нигоҳ медошт. Хобаш парида буд. Дарк кард, бо одамоне рӯ ба рӯ омад, ки афкори инқилобӣ доштанд. Қаблан андеша дошт, ки Шарқ ва мардуми он ба мисли чорводорони нимваҳшӣ, афғонҳои сахтсар ва ҳиндувони зору зарир чорае надоранд, ки рӯзгори хеш дигаргун созанд. Вале вохӯрии имшаба бо ҷавонони озодандеш ҳама фикру хаёлаш ба куллӣ тағйир дод. Якравию ғурури Мурод, таҳлилҳои амиқу пухтаи мулло Сафо, мулоҳизаронихои

ботамкинонаи махдуми Қутбиддин ӯро бо тамом моту маҳбут гардонд. «Не, вақти хешро бо суханони пучу беҳуда барбод намедиҳанд ин мардум. Баракс, бедоранд. Ва дунё онҳоро ба гирдоби хеш печидааст. Дигар ин мардумро хоболуд гуфтан намешавад. Хушбахтона, қонуни сахти амир ба амалиёти озодонаи онҳо монеъ аст. Ва ҳаргиз ба он имкон намедиҳад, ки эшон маъруфу мӯҳтарам бошанд. Сари бедорро ба дор мебаранд. Аммо мақсадашон амалӣ намешавад. Амир дар симои Руссия пуштибони абарқудрате дорад. Ва ҳаргиз ба нуфуз ёфтани Англия имкон намедиҳад. Кӯшишоти мо натиҷа медода бошад? Боварам намеояд. Охир касеро то ҳол пайдо накардаам, ки ба мардуми мо таваҷҷӯҳ дошта бошад».

Хуроккашии ҷавони сиёҳчурда баланд шуд. Ин боиси нороҳатии Ҷеймс гардид. Ва паҳлу гашта ба рӯйи Мурод нигарист, ки дастонашро болишт карда ба сақфи ҳуҷра менигарист. Ба ёдаш зад суоле, ки ба мулло Сафо дода ҷавоби пурра нагирифта буд. Ва кайҳо интизори он буд, ки аз маҷлис сокит шаванд, тафсилоти онро аз Мурод мепурсад. Инак он лаҳза фаро расид. Мурод ҳам саргарми фикр буд. Ва хоб ба гӯшаи чашмаш намеомад. Ҷеймс аз болин сар бардошта оринҷ ба замин гузошта сар рӯи панҷа гирифт.

– Мулло Туробро чаро куштанд?

– Шунидӣ-ку, барои он ки ҷадид буд.

– Бале, инро медонам. Вале чӣ гуна онро куштанд? Ба дор кашиданд, сангсор намуданд?..

– Не, амир бо вуҷуди он ки ҷадидонро чашми дидан надорад, ҳаргиз бадбинии хеш ошкор намесозад. Мулло Туроб ба мақсади огоҳ намудани

амир аз мавҷудияти чунин қувваи сиёсӣ ба арк меравад. Қушбегӣ ӯро қабул карда, пешниҳод мекунад, ки мақсаду мароми гурӯҳро дар қоғазе сабт намуда ба Амир пешкаш кунад. Чун амир ба он шинос шуд, хоҳиши сӯҳбат доштан ва ё надоштанро ба шумо сипас иброз медоранд. Мулло Туроб бо умеди ваъдаҳои қӯшбегӣ ба манзилаш бармегардад. Вале одамони қушбегӣ хилват

ёфта бо корд ӯро ба қатл мерасонанд ва ҷасадашро дар яке аз чордевориҳои валангори канори шаҳр мепартоянд. Дар паҳлуи ҷасад эзори занона мегузоранд, гӯё Мулло Туроби раҳматӣ бо зани кадоме дастдарозӣ карда, аз ҷониби шавҳари он зан ба қатл расидааст. Одамони қозӣ ва кӯшбегӣ эзорро кӯча ба кӯчаву хона ба хона мегардонданд ва мепурсиданд, ки ба кӣ тааллуқ дорад? На соҳиби эзор ёфт шуду на қотили мулло Туроб…

– Аз куҷо донистед, ки ин кори одамони қӯшбегӣ аст?

– Дар Бухоро зане, ки дар болои хиёнат ба шавҳар ба даст меафтад, ҳаргиз зинда намемонад. Чӣ тавр шавҳар таҷовузкорро мекуштаасту зани хешро не?

– Агар ин кор ғайри хоҳиши зан рӯй дода бошад?

– Дар ҳарду ҳолат ҳам зан гунаҳгор аст. Агар эзориягон зани ин бару гузар мебуд, ҳамон замон овозаву дарвозааш сар то сари шаҳр ғул-ғула меафканд. Ва он марди даюс сарашро гирифта аз шаҳр мерафт ва ё ба хотири намоиши нангу номусаш сари зан аз тан ҷудо мекард.

– Наход?.. – Ҷеймс чунон гирифтори ҳайрат шуд, ки дигар надонист чӣ гуна аз ҷой нимхез шуд.

– Чӣ ҳайрон шудед? Магар дар Балх чунин одат нест?.. Ва ё аҳкоми шариат танҳо барои бухороиҳост?

– Рости гап ба ин масъалаҳо хело кам диққат медодам, – худро сафед карданӣ шуд Ҷеймс.

– Ин воқеаҳо дар зиндагӣ тез-тез рӯй медиҳаду дар хотир менишинад ва ҳаргиз он ба майлу хоҳиши мо вобаста нест, ки онро донистан мехоҳем ё не…

– Дуруст, дар қарияи кӯчаки мо, ки дар доманаи кӯҳе дур аз шаҳр воқеъ шуда, чунин ҳодиса асло рӯй надода буд. Ҳоло ки рӯй додани чунин воқеаҳоро дар Бухоро шунидаам, тааҷҷубам афзуд.

– Аз гап дур рафтем. Гап дар сари чӣ буд?

– Ҳизб…

– Не, ба ҳизб вобаста набуд…

– Чӣ хел ба ҳизб вобаста набуд? Охир кушта шудани мулло Туроб оҳанги сиёсӣ дорад, гуфтед-ку?

– Ҳа, ба хотирам омад. Гап сари кушта шудани мулло

Туроб мерафт. Ин куштор миёни моро шикаст. Бисёр аъзоёни ҷамъият канораҷӯиро авло донистанд. Барои он ки онҳоро ба ҷадидӣ айбдор накунанд, пеши ҳар одами рост омада ҷадидонро дашном медоданду ноҳақии эшон исбот карданӣ мешуданд. Бо ин роҳ шубҳаву гумонро аз дили одамон нисбати хеш бартараф месохтанд. Баъзеҳо ба хидмати қӯшбегӣ гузашта, барои он ки газанде ба эшон нарасад, кори моро пеши одамони ӯ қисса мекарданд.

Мо дар шаҳр хеле кам мондаем. Бисёр аъзоёни ҷамъият аз тарси амир сари хеш гирифта ба рустою қарияҳои дур рафтанд.

– Магар шумо наметарсед?

– Аз гург, ки битарсӣ саҳро набаро, гуфтаанд, – гуфт Мурод ва сукут варзид. Ҷеймс низ чашмони обияшро аз Мурод наканда лаҳзае беҳаракат монд. Ва боз суол дод:

– Модоме, ки ҳокимон муқобили ислоҳотанд, чӣ ҳоҷат ба хатар монданӣ ҷон?

– Хуни мо вайрон шудааст, ҳарчанд мекӯшем ин масъалаҳоро аз сар дур кунам, намешавад. Бо суханони мафтункунандаву ҳақталошиашон маро ҳам ба гирдоби бало андохтаанд ин ҷадидон.

– Пушаймон шудагистед?

– Не, вақте ки мебинам беадолатӣ, фисқу фасод, порахӯрӣ, дуздӣ ба дараҷаи ифрот расидааст ва амиру муқаррабонаш ҷонибдору дастгири қонуншиканиҳоянд, чӣ гуна бо ҷадидони ислоҳотхоҳу ҳақиқатҷӯ напайвандам? Кӯҳнапарастиву карахтӣ боиси пӯсидани пойдевори аморат шудааст. Аммо ҳокимони давр аз чор тараф ҷисми хеш мутакои девори гандидаву шуразадаи аморат кардаанд. Дер ё зуд ин бино фурӯ меравад.

– Магар намояндагони подшоҳи Россия ба хотири бунёди демократия ҷаъияти шуморо дастгирӣ намекунанд?

– Чӣ гумон мекунед, ки онҳо ба хотири ин Бухороро ба тасарруфи худ даровардаанд? Баракс, мардуми бечора дар зери зулми дутарафа мондаанд.

– Ба ҳар ҳол бо намояндагони Россия сӯҳбат кардан лозим…

– Абдуқодир Муҳиддинову Файзулло Хоҷа ба назди эшон даромада арзи ҳол намудаанд, ки восита шаванд, то амир пешниҳодоти ҷадидон ба назар гирад. Вале ҳар бор намоянда ин корро ба қафо партофта аз даромадан ба назди амир истиҳола мекунад.

– Ба Россия умед бастану ба тамаддуни он такя кардан нишони хирадмандӣ нест. Охир онҳо ба ҷуз манфиатҷӯӣ фикри дигаре надоранд…

– Бале, ба ҳамин хотир ба ин сарзамин омадаанд.

– Инглисҳо ин тавр нестанд, онҳо давлатҳои зери тасарруфи худ бударо ҳамаҷониба кӯмак мерасонанд…

– Чӣ ин қадар инглисонро ба осмони ҳафтум мебаторед?.. – Мурод нимхез шуда, сар рӯи панҷа гирифта, ба Ҷеймс рӯ овард:

– Онҳо ҳам аз русҳо монданӣ надоранд, вале то онҷое, ки дидаву шунидаам, инглисҳо пешқадамтаранд…

– Инглисҳо русҳоро ба як нул мезананд. Ҳамон ҳиндувони бехонаву дари Бухоро, ки ҷуз судхӯрӣ амали дигар надоранд, бо таъсири зулму истибдоди ин «пешқадамон»дур аз ватан, инҷо сарсонанд…

– Ростӣ, ягон истисморгар кирои таъриф намекунад.

– Лубиёву каду, лаънат ба ҳарду.

Ҷеймс сар ба болин монда ба сақфи тираи ҳуҷра нигарист. Дигар намехост чизе пурсад, ҳарчанд дар хусуси шӯриши Восеъ дар Хатлонзамин, ки дар ин бора аз забони мулло Сафо шунид, маълумот гирифтанӣ буд. «Барои имрӯз кифоя, фардо ин чизро мепурсам», қавл дод ба худ. Ва чашмонашро пӯшид, то ки зуд хобаш барад…

Азбаски шаб хеле дер хуспида буд, субҳидам базӯр аз хоб хест. Аввал хоб ширинӣ кард. Ҳарчанд бонги азони муаззин шунид, ки мусулмононро ба намози бомдод даъват мекард. Аммо аз шарми шарикони мусулмонаш ва роҳ надодан ба шубҳаву гумон нисбати хеш аз ҷой бархост. Ва офтоба гирифта ба таҳоратхона рафт…

Баъд аз таҳтул бо баҳонаи сайри бозор аз Муроду ҷавони сиёҳчурда ҷудо шуда ба мавзеи таъиншуда раҳсипор гашт, онҷо ҳамшаҳрии дарвешсимояшро дар

сару либоси дигар дида, ба ҳайрат наафтод. Зеро худ ба ӯ маслиҳати тағйири либос карданро дода буд. Баъд аз салому алейк ҳарду гӯшаи хилватро интихоб карданд.

– Ку аз маҳфил гап зан. Чӣ дидӣ? Чӣ шунидӣ?

– Шумо гуфтед, ки дар маҳфил шеър мехонанду муаммо мегӯянд. Вале маҳфиле, ки ман онҷо ҳузур доштам, соф маҳфили сиёсӣ буд. Танҳо аз сиёсат гап мезаданду аз сиёсат.

– Дар маҳфили ҷадидон иштирок кардӣ? – суол дод Герберт ва хандаи сохтаи хунуке дар лабонаш падид омад.

– Бале, онҳо ислоҳотчӣ будаанд. Рости гап ҷаҳонбиниву фаҳмишу тафаккурашон дар як сатҳ набуд. Суханронии якеаш ба даҳшатам оварду аз дигараш ба андеша…

– Натарс, аз дасти ин ҷорчиёни навбаромад, ки дар симои ҳокимони Россиягияшон пуштибону ҳомии демократияро диданианд коре намеояд. Онҳо сари худро ба бод медиҳанду халос. Дар миёни онҳо намояндагони мо ҳаст. Вале ҳанӯз таъсире ба онҳо расонда наметавонанд. Ҷадидон дар асл озодфикронанд, ки дар миёни ин миллати сарсахт акнун нашъунамо мекунанд. Вале муғчаҳои ин дарахтро сармои бемаҳал мезанад. Онҳо ҳама чизро дарк кардаанд, вале таҷриба надоранд. Ба ягон қувваи беруна бовар кардан намехоҳанд. Вале хатмкардагони мадрасаҳои Туркия дар зери таъсири фарҳангу афкори онҳо монда тарғиби сиёсати онҳоро доранд. Онҳо аз мо бартарӣ доранд, агарчи забонашон дигар аст, вале мусулмонанд. Дар зери байрақи ислом кори худро мекунанд. Барои мо аморат беҳтар аст, аз он ки озодфикрон мардумро бар зидди мо мешӯронанд. Аммо амир зери таъсири ҳокимияти Россия мондааст. Даромаду баромад ба шаҳрҳоро полисҳои рус назорат мекунанд. Ва барои худ аллакай шаҳри замонавии Когонро дар дувоздаҳ чақрим дуртар аз шаҳри Бухоро бунёд гузоштаанд. Амиру қӯшбегӣ ҳатто ба корҳои маъмурии он дахл карда наметавонанд. Мо дер кардем…

– Ба қавли тоҷикон: «Дер ояду шер ояд», – гуфт Ҷеймс.

– Бале, воқеаҳое, ки дар Петербург рӯй дода истодаанд, бегуфтугӯ пояҳои давлатдории Россияро суст мекунад. Ин ба он оварда мерасонад, ки давлатҳои бо зӯрӣ тобеъ шуда истиқлолият пайдо мекунанд. Мо вазифадорем ба истиқлолияти ин кишварҳо, бахусус аморати Бухоро, роҳ надиҳем ва онро тобеи худ кунем.

– Мо ҳам аз қувва истифода мебарем?

– Бале, вале на он тарзе, ки Руссия кард. Мо бояд қуввае дошта бошем, ки ба мо гӯш бикунанд ва тарғиби тамаддуну тараққиёти давлатамонро ба уҳда бигиранд, – гуфт Герберт ва саллаи калони сафедашро ба даст гирифта, сари тосидаи навтарошидаашро кафмол кард.

– Ба андешаи шумо ба мо чунин имконият медиҳанд?

– Кӣ мехоҳад, ки дар болои сараш каси дигар фармонфармоӣ кунад?

– Ба Руссия таваҷҷӯҳ доранд-ку?

– Рафтори онҳо гургошно асту бас. Амиру мулозимонаш бо суханони болохонадори тумтароқ шоҳро васф мекунанд. Вале дар асл тайёр аст пӯсти эшонро гӯсфандвори биканад. Вале қудраташ намерасад. Россия ҳам илтифоту суханбозиҳои амирро хуб медонад. Вале аҳволи тангаш имкон намедиҳад, ки нисбати ӯ чораи қатъитаре бинад…

Ҷеймс аз суҳбати якранг, ки аз шомгоҳ инҷониб сари ин мавзӯъ идома дошт, хаста шуда, интизори он буд, ки Герберт ӯро ба назди инглисоне мебарад, ки дар Бухоро нуфузи калон доранд. Ва ҳатто аз устодони закиву донои хеш хатти иршод гирифта шогирдони зиёде тарбия намудаанд. Аммо Герберт ҳанӯз ҳам дунболаи ҷадидҳо ва афкори эшон сухан мегуфту сухан мегуфт. Ҷеймс ночор суханро дигар сӯ кашид.

– Бало ба паси ҷадидҳову Россия, ман интизорам, ки кай маро ба назди ҳамшаҳриёни рӯзгордидаву шӯҳратёрам мебаред.

– Тоҷикон мақоле доранд: «Осиёб ба навбат»… Навбати он ҳам фаро мерасад. Ҳоло сари ин масъала, ки аморати Бухороро ба ларза овардааст, сухан ронданамон зарууртар аст…

– Бигзор аморати Бухоро хоку тunion шавад, ба мову

шумо чӣ? Хуб нест нақшаҳои халқамонро, ки ба мову шумо супурдаанд, амалӣ намоем?

– Албатта, барои мо муҳимтар аз он дида коре нест. Вале ин корро дар як рӯз амалӣ карда наметавонем.

– Дар ҳақиқат кори мо тӯлониву дилгир аст. Аммо тезондани он ба халқамон нафъи бештаре меорад.

– Мо ҳам хоҳони ҳамон чизем…

– Вақти ман танг аст, пас аз ду-се рӯз бояд ба Хатлон сафар кунам. Дидани ашхоси маъруф барои пешрафти корҳоям шояд нафъи бештаре орад? Ба мани нобалад маслиҳати эшон чун обу ҳаво зарур аст…

– Рафтем, – гуфт Герберт ва ба пасаш нигоҳ накарда гузари чармгарону косибонро гузашта ба самти шимолии шаҳр равон шуд. Ҷеймс ҳам аз паси ӯ, қадамҳои калон-калон мегузошт, қариб ки давида мерафт. Ҳарду хомӯш буданд. Ҷеймсро ҳайяҷони шадиде фаро гирифта буд, ки хиёлу андеша аз гӯшаи хотираш намегузашт. Герберт тез-тез гом ниҳода сар ба гиребони тафаккур кашида, бо абрӯи гирифтаву пешонаи чин ба пеши пояш дида дӯхта, тангкӯчаҳоро убур мекард. Кайҳо харитаи ҷуғрофии ин кишварро кашида буданд. Бойигарии зеризаминиаш ҳушу ёдашро ба худ мекашид. Вале нияти тасарруфи онро бо сабабҳои гуногун ба қафо мепартофтанд. Набудани дарвозаи обӣ ба укёнус нақшаҳои эшонро даҳсолаҳо қафо мепартофт. Барои сипоҳиёнро вориди ин сарзамин намудан мебоист шаҳру кишварҳои зиёдеро ба тасарруфи хеш дароранд. Ҳиндустонро ба худ тобеъ намуда даст ба Афғонистон зада буданд. Пас аз истилои ин сарзамин навбат ба аморати Бухоро мерасид. Вале Россияи подшоҳӣ интизор нашуд, ки сипоҳиёни инглис кай аморати Бухороро майдони амалиётҳои истилогарона қарор медиҳад. Балки вақтро ғанимат донист. Гербертро бебарориҳои пай дар пай дар муборизаҳои мусаллаҳона дар хоки Афғонистон ба андешаи азиятовар кашида буд. Чунин мепиндошт, ки нақшаҳояш баҳри тасарруфи аморати Бухоро ҳаргиз амалӣ намешавад. Зеро сипоҳиёни размдидаву мусаллаҳи инглис бо қуввае сар ба сар шуда дучори мағлубият мегашт, ки ба

таври бояду шояд мусаллаҳ набуданд. Силоҳу шамшерашон аз даврони хеш қафо монда буд…

Герберт дар назди дари дутабақаи мунаққаш таваққуф намуда ба Ҷеймс рӯ овард:

– Ҳамин ҷо интизор шав. Ман зуд бармегардам, – як табақи дарро тела дода вориди ҳавлӣ шуд. Ҷеймсро лозим омад, ки муддате дар интизори Герберт вақт сарф кунад. Акнун он изтиробу ҳаяҷоне, ки дар аснои роҳ дар вуҷудаш рашъа давонда буд, алъон басанда гардид. Девори баланди похсагину дари ду табақаи мунаққаш аз биноҳои ҳамсоягонаш мондание надошт. Ҷеймс бори дигар ба сар то сари дару девори ҳавлӣ диққат дода дигаргуние эҳсос накард, ки ба аҷнабӣ будани бошандаи он далел шавад. Ин дам як табақи дар ғиҷиррос зада кушода шуд ва Герберт кала кашид.

– Биё, – гуфта ба Ҷеймс ишорати даромадан карду ба самти утоқи долончадори қисми шарқии ҳавлӣ, ки дар пойгаҳи дар як ҷуфт мукии мардона меистод, равон шуд. Ҷеймс ҳам фармонбардорона аз паси ӯ гом кашида, вориди ҳуҷра гардид. Дар гӯшаи хона рӯ ба рӯи муричаи чоргӯша марди миёнсоли салакалоне риши мошу биринҷашро қабза карда интизори омадани меҳмонон буд. Ба китоби кушодаи дар хонтахта будааш нигоҳ намекард. Ҷеймс баробари дидани мард дилаш таҳ кашид, табассуми сохтаву нозеби Герберт, ки дар миёнаи хона рост истода гоҳ ба уву гоҳ ба мард менигарист, ҳаросаш фузун кард. Чашмони кабуди обияш кушода шуд. «Маро куҷо оварда бошад? Ягон осоре аз аҷнабӣ будани ин мард дар симояш ҳувайдо нест. Чӣ касест? Ба даст афтодам…»– ниҳоят хулоса кард ӯ. Ҳазору як фикру тахмин аз сараш мегузашт, дар ин лаҳзаи кӯчак, ки тӯли он ба назараш ба сони як соати интизорӣ дарозу дилгир буд.

– Хуш омадед!.. Аз боло гузаред! – ҳамон тарзе, ки нишаста буд ба Ҷеймс ишора кард марди салакалон. Овози буррову бешикасташ бори дигар ба Ҷеймси ҳаросида ҳушдор дод, ки мард аҷнабӣ нест. Қариб буд пешпо хӯрда биафтад, вале худро ба даст гирифта, бе он ки чун

шарқиён хоксории хеш намоиш дода пойгаҳи дарро интихоб кунад, ба ҷои нишондодаи мард гузашта нишаст…

– Ҳамин кас аст ҷавоне, ки дар борааш ҳарф задам, – гуфт Герберт ба марди салакалон.

Мард салаашро аз сар гирифта аз даруни он арақчинро бароварда ба сар ниҳод ва салаашро ба рӯи болишти дар паҳлӯяш буда гузошт. Ва табассуме намуд.

– Ҷавони хуб менамояд. Аммо зуд дасту похӯрда мешудааст. Бетаҷрибагӣ-да… Ҳамин тавр не?..

Ҷеймс ҳанӯз ҳам нафаҳмид, ҳарфи мард ба кадом кӯтоҳии ӯ нисбат дошта бошад. Ҳанӯз дарк накарда буд, ки ба ӯ салом надод ва бетакаллуфона аз ӯ боло гузашта нишаст. Ба назараш ҳама рафтораш табиӣ сурат гирифта буд.

– Рӯзҳои наздик азми сафари Хатлон дорад, – гуфт Герберт ба Ҷеймс ишора карда.

– Мувофиқи шунидам Хатлон сарзамини бузург аст. Ба кадом мавзеи он азми сафар доранд?

– Ба Шуғнов… – кӯтоҳ ҷавоб дод Герберт.

– Бисёр хуб, бисёр хуб, – ба рӯи Ҷеймси хомӯш, ки шармидаву ҳайрон менишаст, нигарист мард. – Қаблан дар куҷо буданд?

– Дар Балх иқомат доштаанд. Бо супориши калонҳо азми сафари ин сарзамин намудаанд… – боз ба ҷои Ҷеймс ба саволи он мард посух дод Герберт.

– Дар Бухоро кораш осон буд, вале инҷо зарурати истоданаш нест. Дар Хатлон ҷуз гӯшанишиниву омӯзиши урфу одат илоҷи дигар надорад. Вагарна бо ин рафторе, ки хоси ӯст, зуд ба дом меафтад.

– Магар кӯлобиён бо рафтору гуфтор фарқ мекунанд? – суол кард Ҷеймс.

– На он қадар, ҳар як мавзеъ урфу одати ба худ хос дорад. Кӯлоб ҳам ҳамчунин. Вақте, ки ман бори аввал ба Бухоро омадам, маслиҳатчиву роҳбаре надоштам. Шумо хушбахтед! – гуфт мард ва чун одат риши калони мошу биринҷашро кафмол карда ба Герберт рӯ овард.

– Харитаи Бухорои шарқиро биёр!

Герберт зуд аз ҷой хеста аз хона баромад ва муддате нагузашта дар даст қоғазе ба сони карнай печон вориди

ҳуҷра шуд.

– Наздик бишин, – гуфт ба Ҷеймс мард ва чироғро фурӯзон кард. Қоғазро кушода ба хатҳои каҷу килеб ва нишонаҳои он ишора намуд.

– Ин харитаро аз Когон, аз як саёҳи рус харидам. Ҳамроҳам мударисе буд аз мардуми таҳҷой, ба хариди булаҷаби ман тамасхур намуд. Ман ҳам ба ҳоли ӯ ханди-да будам. Аммо ӯ маро соддаву сабукандеш пиндошт. Бе-хабар аз ҳоли хеш… – Ва ба харита нигариста нуқтаеро нишон дод ба Ҷеймс. – «Ана ҳамин ҷост макone, ки азми сафари онҷо доред. Кони тилло доштааст, ки аз қадимулайём мардум ба ҷамъоварии тилло машғул буда-анд».

Ҷеймс ин суханонро қаблан аз он нафароне, ки дар хонаи амакаш меҳмон шуда буданд, шунида буд, вале бо-ри дигар дар хусуси ин макон

шунидан барои хеш нолозиму беҳуда надонист. Балки дар ин хусус ҳарчи бисёртар маълумот гирифтан мехост.

– Шояд имрӯз русҳо Ширкатҳои истеҳсоли тиллоро дар ин мавзеъ бунёд карда бошанд?

– Не, дасти онҳо алъон ба ин корҳо нарасидааст. Фикру зикрашон банди васеъ намудани замин асту халос…

Ҷеймс то рӯзи сафари Хатлон ҳар субҳ ба инҷо омада, дар хусуси пешомаду нақшаҳои оянда маълумот ҷамъ ме-кард. Як рӯз пеш аз сафар ба ӯ як микдор пул, сару либос ва тӯшаву талқон доданд, ки харҷи роҳ кунаду ба ин маблағ боғе ва ё манзилеро дар Хатлон ба хотири зист харид намо-яд. Субҳидам оташи бедуд аз самти Машриқ сар набаро-варда ҳарду ба роҳ баромаданд. Мурод дар як палаи хурҷин чанд китоб, сару либос ва савғои бо пули меҳнатӣ харида-ашро гирифта буду дар почаи дигараш хурду хӯрок. Ҷеймс ҳам айнан бору бунашро ҳамин сон ҷо ба ҷо карда буд.

Бешитоб роҳ мерафтанд, то ки хастагӣ бар эшон чира нагардад. Ва ҳар гоҳ баъд аз тай кардани роҳи дароз дар сояи дарахтони сари роҳ, ки роҳгузарону мусофирон дам гирифта, хастагӣ аз бадан дур мекарданд. Баъд аз чанд рӯзи роҳпаймоӣ ба қаторкӯҳҳои Ҳисор расиданд. Шом

фаро мерасид, Офтоб ба нишемангоҳи хеш, ки паси қуллаҳои осмонхарош қарор ёфта буд, нишастан дошт. Ҷеймс зери саддаи бузурги солхӯрда нишаста, кафи пойҳояшро, ки бар асари роҳпаймоиҳо обила карда буданд, молиш дода, ба Мурод рӯ овард.

– То Кӯлоб, чӣ қадари дигар роҳ аст?

– Ҳозир ними роҳро тай накардаем. Акнун ба Ҳисор расидем. Баъди Ҳисор Душанбеву Шоҳмансур ва Норакро бояд тай намоем.

– Шабро куҷо рӯз мекунем?

– Дар боло чашмае ҳаст, – ба баландии теппае, ки чанорҳои бузургаш намоён буд, ишора намуд Мурод, – онҷо ҳезум ҳам ёфтан мумкин. Оташ гиронда хомшурбо мепазем. Чанд рӯз аст, ки дами гарм нахӯрдаем.

– Кошки… Гӯшт ҳаст, пиёз ҳаст, дигар чӣ лозим?

– Бархез, ба ҳамин шаст боло бароем, ки офтоб ҳам шишт, торик шавад кор душвор мегардад.

Ҷеймс хурҷинро сари китф гирифта аз ҷой хест ва дастҳо паси пушт оҳиста-оҳиста аз паси Мурод куталиро боло шуд. Баъди як дам ба сари теппа, ки чанорҳои азим дар ҷои ҳамвортари он ҷой гирифта буданд, расиданд. Канортар аз ин дарахтон теппаи лучу урён, ки дар болояш ходаи пӯсткандаи латабанде ба назар мерасид, қарор дошт. Дар нишебӣ бошад, хоначаи чукидаву намзада, ки паҳлӯяш хаймаи чӯпонӣ воқеъ афтода буд, дарак аз бошишгоҳи чорводорон медод. Дидани ин манзара, бахусус хаймаи чӯпонӣ, дар дили Ҷеймс ғул-ғулаи тарсоварero бедор кард. Як дам дар ҷояш шах шуд. Ранги рӯяш парид. «Боз ба дасти чорводорони кучманчӣ афтодам… Чӣ бояд кард?»Ба Мурод рӯ овард, ки хушҳолона ба хайма дида медӯхт.

– Биё, аз ин ҷо равем! – пичиросзанон ба Мурод муроҷиат кард Ҷеймс.

– Барои чӣ? – ба ҳайрат афтод Мурод.

– Ин ҷо одам будааст…

– Бигзор бошад, мо одам нестем?..

– Маро нафаҳмидед, охир ин ҷо бошишгоҳи чорводо-

рон аст.

– Боз хубтар…

– Ҷеймс аз ин рафтори бепарвоёнаи Мурод безобита шуд, намедонист чӣ гуна сабаби тарсу ҳаросаш ба ӯ баён кунад.

– Охир онҳо одамони ваҳшисуратанд. Аҷаб не моро дида дигар ҷавоб надиҳанд. Азоби аз дасти онҳо кашидаамро баъд ба ту мегӯям. Ҳозир, ки касе моро надидааст, рафтем.

– Натарс, Ҳақдод, ман чорводоронро надидаам? Ба мо кордор намешаванд. Куштанд, ҳардуямонро мекушанд, – гуфт Мурод бепарвоёна ва ба сӯи хайма гом партофт. Ҷеймс аввал аз худписандии Мурод дар ғазаб шуд, хост ӯро партофта бозгардад ба роҳи омадааш. Вале нахост ноҷавонмардии хеш нишон диҳад. Ва аз паси ӯ дилу бедилон қадам монд. Чун ба хайма наздик омаданд ба ногоҳ саги сафеди гушу дум буридае ғуроссзанон ба сӯяш давид. Ва писарбачаи тахмин даҳсола аз хайма берун шуда, сагро бозпас гардонд. Мурод гиребони куртааш кушода ба сари синааш туф-туф карда тарсу ҳарос рафъ намуд.

– Чашма дар куҷост? – ҳарчанд медонист ба мақсади кунҷковӣ пурсид Мурод аз писарбача.

– Ҳо дар он ҷост, – самти ғарби чанорҳоро бо дасташ нишон дод писарбача.

– Чорвоятон куҷост?

– Ба чаро бурдаанд. Ҳамин замон бояд биёянд…

– Мусофирем, нияти шабро инҷо рӯз кардан дорем.

– Биёед, ба хаймаи мо. Падарам ҳамин замон меояд…

Мурод ба Ҷеймс ишора кард, ки аз паси ӯ биояд. Ҷеймс дилу бедилон ба Мурод рӯ овард:

– Сагаш боз нагазад?..

– Намегазад, – ба ҷои Мурод писарбача ҷавоб дод. Ва онҳоро ба хайма даровarда чироғро фурӯзон кард.

– Чаро чорворо дер меоранд? – суол кард Мурод.

– Падарам имрӯз танҳост, амакам ба деҳа рафт. Оши ҳалол ҷамъ меорад…

Ҷеймс аз ин ҳарфи писарбача ба ҳайрат афтод. Оши ҳалол, муносибати чорводоронро ба деҳа бори аввал мешунид. Мурод тааҷҷуби ӯро рафъ намуд.

– Чорводорони шумо гуфтагӣ тамоман дигаранд. Инҳо дигар…

– Чӣ хел?

– Онҳо моли худро мечаронанду макони аниқ надоранд. Аммо инҳо чорвои халқро бонӣ карда музди корашонро мегиранд, ки онро оши ҳалол меноманд…

Ин лаҳза садои саг баланд шуд. Писарбача берун баромад ва аз нав ба хайма сар халонд.

– Падарам чорворо овард…

Як дам пас марди болобаланди ришсиёҳи баракси чорводорони қаблан дидаи Ҷеймс чашмкалону фарохпешона бо рӯймоли миён дасту рӯи шустаашро тозакунон сурфа дода, вориди хайма шуд. Ва бо меҳмонон салом карда аз пойгаҳи дар нишаст. Ва ба писарак эрод гирифт.

– Калаварам, пеши меҳмонон ҳеҷ чиз наовардӣ?

– Чӣ биёрам?

– Ҷурғот, қурут, мавиз, боз чӣ ҳаст?

– Ҳеҷ чиз лозим нест, – хиҷолат кашид Мурод.

– Парво накунед, мусофирони зиёде аз ин роҳ мегузаранд. Шабмондааш ҳаминҷо шабгузаронӣ мекунанд…

– Мо ҳам азми сафари Кӯлоб дорем, – гуфт Мурод, – Порсол ҳамин вақт аснои сафар ҳамин ҷо як шаб хуфта будам.

– Замоне дар ин ҷо деҳае қарор доштааст, – гуфт чӯпон. Вале аҳолияш баъд аз ҷангу ҷидолҳои тӯлонӣ бо сипоҳи ғоратгари аъҷуҷу маъҷуҷ ба ҷон расида, ба ҷойҳои бехавфтар миёни кӯҳҳои сарбафалак кашида кӯч мебанданд. Деҳаи матрук ба макони ҷуғзону дарандагон табдил меёбад. Аз миён солҳо мегузарад, мардуми ин деҳа бо деҳаи дигар, ки хешу ақрабо буданд, ба ҷанг мехезанд. Мусофир ном пирамарди бо ору номус бо мақсади пешгирии низоъ, ки ҳокимон барои нигоҳ доштани мансабҳояшон мардумро ба ҷанг хезонда буданд, ба миён медарояд. Ва мардумро ба оромиву сулҳу салоҳ даъват мекунад. Аммо ҳокимон ин

нияти хайри ӯро ба тарзи худ шарҳ медиҳанд, ки гӯё Мусофир мардумро ором мекунаду душманро ногаҳон ба сари эшон меорад. Ҳамдеҳагон ба ҳарфи ҳокимон бовар карда пирамардро аз деҳа меронанд. Ӯ деҳ ба деҳ гашта барои худ сарпаноҳ меҷӯяд. Вале дар ҳеҷ куҷо ба ӯ рӯи хуш намедиҳанд. Ниҳоят ба хонаи додарзодааш, ба Таҳдашт, ин деҳа даҳ-дувоздаҳ чақрим дуртар, дар самти мағрибии ин макон ҷойгир аст, меравад. Солҳои гушнагӣ будааст, зани додарзодааш шавҳарашро ба хонаи дарун хонда ғур-ғур мекунад. «Як лаб нон намеёбам, ки ба кӯдаконам бидиҳам. Боз ин аждаҳо аз куҷо омад», – гӯён ба сари шавҳараш мешӯрад. Пирамард ин гапро шунида аз хона мебарояд. Ва шабошаб ба ин макон меояд. Ходаи латапечро дидед? Дида бошед ана ҳамон ҷо чордевори намзадае будааст. Дар паноҳи девор оташ дар дода шабгузаронӣ карданӣ мешавад. Азбаски борони сахт меборидааст, девори намгирифта ба сари пирамард фурӯ меафтад. Додарзодаи пирамард аз хонаи дарун мебарояд, ки амакаш нест. Мепиндорад берун баромадаасту андак пас меояд. Интизор мешаваду интизор мешавад, вале аз амакаш дараке намешавад. Ниҳоят ба ҷустуҷӯ мебарояд. Ва паи пои ӯро, ки рӯи барф нақш монда буд, бӯ гирифта меояд, ки амакаш зери девор монда қолаб тиҳӣ кардааст, ҷасади ӯро аз зери девор ёфта, ба худ меандешад, ки агар хона барам, пеши ҳаққу ҳамсояҳо шарманда мешавам. Ҳамин ҷо гӯр кунам? Бе ҷаноза меравад… Ва ҷасади пирамардро бурда миёни деҳаи худашон, ки дар миёнашон ихтилоф афтода буд, мепартояд. Ҳамдеҳагон ҷасади пирамардро ёфта пеши ҳокимашон мебаранд.

«Ана, дидед? – мегӯяд ӯ. Ҳарчанд ин мӯйсафед ба онҳо таваҷҷӯҳ дошт, ба фоидаи онҳо кор мекард, имрӯз аз дасти душманон ваҳшиёна кушта шуд. Тақдири ҳамаи мо ҳамин аст. Дигар аз онҳо инсофу адолатро ҷустан маъно надорад. Ягона роҳ бояд мо онҳоро нест кунем. Ва интиқоми пирамардро бигирем!»– мегӯяд ҳокими деҳа. Аз хурд то калон; занону мӯйсафедон ҳама савганд ёд карда, бо белу каланд, табару шоха мусаллаҳ мешаванд. Ин дам ҷасад бо амри парвардигор аз ҷой мехезад. Ва ба марду-

ми ба шӯромада рӯ меорад. Аз тарс ҳама он силоҳе, ки хотири қатли ҳамсоягони хеш гирифта буданд, аз дасташон меафтад.

«Мардум, фирефта нашавед! Дар ду дунё розӣ нестам, ки зиндаву мурдаи маро ба хотири ҷанг андохтани касе ба кор баранд… Маро касе накуштааст ба ҷуз Худое, ки халқам карда…»Ва тафсилоти воқеаро ба эшон ҳикоят мекунаду пеши пошон афтода аз нав ҷон медиҳад. Мардум гиребон гирифта тавба мекунанд…

– Ба ҳокими фитнагар чӣ чора мебинанд?

– Аз ӯ рӯй мегардонанд. Ӯ худ ночор аз деҳа баромада меравад. Аз ҳамон вақт инҷониб ин ҷой зиёратгоҳ аст. Ҳар роҳгузаре, ки шабмонда шуд, ҳамин ҷо хуфту хоб мекунад. Агар танҳо ҳам бошад, осебе ба ӯ намерасад. Арвоҳи ин бузургвор ҳамеша нигаҳбони мусофирон аст. Ва ин ҷойро шаҳиди Мусофир меноманд…

– Зинда шудани мурдаро одамон дидаанд?.. – пурсид Ҷеймс.

– Дидаанд, ки мегӯянд, – гуфт Мурод.

– Бале, дидаанд… Агар пеши ҷангро намегирифт, дар дунё одам намемонд, – гуфт чӯпон.

– Агар дар дунё одам намонад, боз кӣ одам пайдо мекунад? – пурсид писарак, ки баъди муҳайё кардани анвои хурданӣ ба гапи эшон гӯш фаро дода буд.

– Худо… – кӯтоҳ ҷавоб дод Ҷеймс.

– Дар маркази дунё гове мавҷуд аст, дар зери пои ӯ тухм истодааст, агар одам саросар нест шавад, он гов тухмро зер мекунад, ҳамон замон одам пайдо мешавад, – гуфт чӯпон.

– Маркази дунё куҷост? – пурсид писарбача.

– Бухоро… – ҷавоб дод падараш.

– Одамро Худованд офаридааст, – гуфт Ҷеймс.

– Бале, бо амри Худованд гов тухмро зер мекунад, – гуфт чӯпон. Ва берун баромад, то ки аз аҳволи чорво бохабар шавад.

– Муболиға ҳам ҳаду ҳудуд доштагист… – пичирос зад Ҷеймс ба Мурод.

– Ягон гапи муболиғаомез гуфт?

– Гуфт, ки агар мурда зинда шуда пеши ҷангро намегирифт, дар дунё одам намемонд…

– Рост гуфтааст…

– Агар дар андак ҷанг тухми одамӣ намемонд, мо дар рӯи дунё намебудем…

– Гӯш кун Ҳақдод, агар мурданамон таъин нашуда бошад, сарамонро буранд, зинда мемонем. Агар вақти ман расида бошад чӣ? Ба сарамон афтодани сангчае баҳона мешавад…

Ҷеймс баҳс карданро ба ин ду тани якфикру мутаассиб аз рӯи фаросот надонист. Ҳарчанд ба ҳарфи эшон боварӣ надошт ва дар таи дил ба ҳолашон механдид. «Аҷаб соддаву зудбоваранд ин мардум. Сад шукр, ки чунин хулқу хӯро доростанд. Вагарна аз хоки Англия як қадам берун по мондa наметавонистем. Як замон лашкари Чингиз Мағрибро ба ларза оварда буду Темурланг бо кушторҳои ваҳшиёнаву оммавияш сиёсату якатозии машриқиёнро сар то сари ҷаҳон тарғиб намуда, таъсири хешро шинонд. Аммо якрангиву карахтӣ дар идора намудани кишвар ба он оварда расонд, ки ҳама ин шӯҳрату обрӯи эшон футур рафт. Имрӯз кишварҳои машриқзамин бо сиёсату афкор дар ҳамон сатҳи ибтидоии хеш мондаанд. Чизи нав онҳоро ба даҳшат меорад. Ва аз он меҳаросанд, бо он баҳонае, ки ин ҳама кашфиёт бо хосту роҳбаландии иблис аст».

Риштаи хаёлоти Ҷеймсро чӯпон барканд, ки аз дари хайма сар халонда, онҳоро ба берун хонд ва рӯ ба ходаи латабанд овард. Ҷеймсу Мурод ва писарбача аз паси ӯ баромаданд.

– Бубинед, аз рӯзи шаҳодати ин бузургвор асру солҳои зиёде сипарӣ шудааст, вале ҳар шаб баробари фарорасии торикӣ машъали он шаби фоҷиабор афрӯхтааш фурӯзон метобад. Ин ҳам нишони бузургии ӯст, ки бо гузашти асру замонҳо ҳама фасли сол оташи он фурӯзон аст…

Ҷеймс аз ин гуфтори чӯпон бори дигар даруни дил хандид. Ва барои муайян кардани тадқиқи хеш ба чӯпон суол кард:

– Баъди шаҳодати бузургвор ҷасадашро дар куҷо

гӯронданд?

– Ҷасадашро ба деҳаи навини бошандагони ин маҳал мебаранд. Вале ба хотири он ки ин макон ӯро насиб карда будааст, бо маслиҳати калонҳо баъди ҷаноза тобуташро дубора ба ин ҷо меоранд. Ва дар ҳамон ҷое, ки девор ба рӯяш фурӯ ғалтида буд, дафн мекунанд…

Ҷеймс писханд заду ба чӯпон рӯ овард:

– Он чизе, ки мо оташ гумон мекунем устухон аст, ки дар таркибаш фосфат дорад ва шабона ба сони машъал метобад…

– Астағфуруллоҳ бигӯй… – гиребонашро гирифт чӯпон, ту ба каромоти ин марди шариф шак меорӣ? – сар ҷунбонд бо оҳу воҳ. Мегӯянд дар Бухоро ҷадидҳо пайдо шудаанд, ки зидди аҳкоми шариату нишондоди Аллоҳанд?.. Ту шояд аз фирқаи эшон бошӣ?..

– Бадгумонӣ, хоси инсони шариф нест. Ҳаргиз аз ман чунин гумон набар. Ман он чӣ шунидам, ҳамонро мегӯям.

– Аз кӣ шунидӣ? – пурсид Мурод.

– Аз як муллое, ки бо инглисҳо ошноӣ дошт…

– Мулло аз куҷо буд?

– Аз Балх… Он мулло ба ман ҳикоят кард. Шабе аз паҳлӯи мазор мегузаштаанд, ки дар канори гӯре оташ фурӯзон аст. Мулло пиндошти хеш ба инглис мегӯяд: «Соҳиби ин гӯр дар вақти зиндагияш гуноҳи бисёр

содир карда будааст, ки гӯраш месӯзад». Инглис ба ҳоли мулло хандида сабаби онро мефаҳмонад. Аммо мулло якравӣ мекунад. Инглис устухонҳоро аз гӯр бароварда ҷои дигар мегузорад. Ва барои исботи фикраш чанд гӯри дигарро канда устухонҳояш берун мекашад… Мулло ниҳоят ба сухани ӯ бовар мекунад.

– Ту ҳам ба гапи ҳамон инглиси номусулмон бовар мекунӣ?

– Дар асл ба ҳама бовар мекунам. Ба каромоти ин бузургвор низ ягон шаку шубҳае надорам, вале инҷо суханони инглис ба хотирам заду дар омади гап гуфтам, – Ҷеймс аз баҳси кардааш пушаймон шуда, роҳи баромадро аз чунин вазъият дар муросо кардан дид.

Ва сар ба зер афканда ба муроқаба рафт. Як дам хомӯшӣ ба амал омад. Писарак ба хайма сар дароварда падарашро ба берун даъват кард, ки хомшӯрбо пазид. Чӯпон берун баромада оташи дегдонро бо аловков берун кашид ва бо қошуқи чӯбин намаки онро чашид. «Намакаш соз омадааст»... Сипас ба косаҳо шӯрбо кашида, ба писарбача дод, ки ба хайма дароварда пеши меҳмонҳо гузорад. Ва худаш ба табақи чӯбин гӯшти онро бардошта вориди хайма шуд. Меҳмонон оби шӯрборо дам кашида нонҳои таҳиаловиро ба оби он тар карда мехӯрданд. Чӯпон корди калони ялаққосиашро, ки аз оташи чироғ нур гирифта ба ҳар сӯ мепароканд, аз ғилоф кашида, гӯштро пора кард.

– Ман дар аснои сафари Бухоро, вақти ба Тирмиз расидан ба дасти чорводороне афтодам, ки бо забони дигар гап мезаданд, онҳо ҳар қадами маро таҳти назорат гирифта буданд.

– Кор мефармуданд? – пурсид чӯпон.

– Не, вазифаи ман муллогӣ буд... Ҳурмату эҳтиром доштанд ба ман, вале як шаб дастаи ғоратгаре шабохун зада ҳама мардҳоро ба ҷуз ман сар заданд. Молу чорворо бо худ гирифтанд. Онҳо дар ҷоҳилӣ аз чорводорони пешина ҷоҳилтар буданд. Як шаб фирор кардам...

– Падари ман ҳам аз қавми онҳо буд, – гуфт чӯпон, – ин пеша бароям падаркасбист. Модари маро низ дуздида будааст. Як шаби зимистон ба рама галаи гургон ҳуҷум мекунад, падарам калтак ба даст ба ҳимояи чорво мехезад. Вале танҳоиву беҳимоятӣ боиси мағлубияташ мегардад. Гургон на танҳо падарам, балки тамоми рамаро пора карда мепартоянд... – гуфт чӯпон. Хомӯшии ҳузноваре хаймаро фаро гирифт. Ҷеймс ба чеҳраи андешаманду пурчини чӯпон нигарист. Ва ба хотири рафъи андӯҳ суол доданро авло донист.

– Чӣ тавр миёни мардуми тоҷик афтодед?

– Модарам баъди ҳалокати падарам ба деҳаи худ бармегардад. Мани хурдсолро тағоҳоям асра карда ба воя расониданд. «Кӯрмак ба зоти хеш мекашад»мегӯянд, ман ҳам бо вуҷуди муқобилияти модар ба роҳи падар рафтам...

– Ба модарат хостгор мефиристод, намешуд?

– Фиристодааст, вале тағоҳоям лақай гуфта хостгорҳоро таҳқир кардаанд. Падарам дар қаҳр шуда, дар паи дуздидани модарам мешавад. Ва як шаби тӯй модарамро танҳо ёфта медуздад.

– Охир лақайҳо ҳам мусулмонанд-ку?

– Бале, мусулмонанд, вале бо тоҷикон хеле кам издивоҷ кардаанд, – гуфт Мурод, ки то ин дам ба сӯҳбати эшон гӯш медод.

– Аҷиб… – бо таҳайюр ба рӯи Мурод нигарист Ҷеймс. Бо ин тарзи нигоҳаш, ки нишони кунҷковии ӯ буд, сӯҳбатро гарм гирифтан мехост.

– Тоҷикон худро аз дигар қавмҳо як сару гардан боло мегиранд, гӯё аз онҳо бартарӣ дошта бошанд, – бо истеҳзо гуфт чӯпон. Мурод чои гармро пуф-пуфкунон дам кашида пиёларо рӯи дастархон гузошту чашм сафед кард ба чӯпон.

– Дар асл бартарӣ доранд…

Чӯпон дар ҷавоби дурушти меҳмон, ки сабабгораш суханони дағали худи ӯ буд, хиҷолат кашид, вале ба инкори он ҳарфе назад. Аз ин гуфтора Мурод низ сурх шуд, дар ҷабинаш қатраҳои шабнамосои арақ намоён гашт. Ҷеймс, ки барои донистани ҷузъиётҳои нозуку муаммоҳои дандоншикан мудом майна об мекард, ин гуфтора айни муддао буд ба хотири кушодани ин муаммо.

– Чӣ гуна бартарӣ доштаанд?

Мурод, ки ба ҷавоби ноҷою беандеша баён кардааш ҳанӯз ҳам хиҷолат мекашид, ин савол боиси ғазабаш гашт ва ба гӯшаи чашм ба рӯи ӯ теғ кашид.

– Рӯи дунёро гашта ҳамин чизро надонистӣ?

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, дар ҳақиқат ҷон дошт суоли нешдори Мурод, ӯ шоҳиди рафтору кирдори қавмҳои хурду бузурги ин сарзамин гашта, неку бадро хуб омӯхта буд. Вале паҳлӯи дигари суол ӯро сахт безобита кард. «Ӯ ҷаҳонгардии маро аз куҷо медониста бошад. Ё аз забонам баромад?... Не суоли нешдори ӯ ишора ба сафари Балху Бухоро карданам аст, ки ба дасти чорводорони

кӯчманчиву ғоратгарони каллабур афтоданамро ҳикоят карда будам»... Дар дилаш суолҳои ғашовару шубҳаангез пайдо мешуд, ҳаросаш меафзуд, вале андешаҳои тасаллобахшу таскиндиҳанда ӯро аз банди он раҳо мекард. Он шабро бо чунин андешаҳо рӯз кард. Фақат дар дами субҳ хобаш ба чашм омад. Вале вақти хуфту хоб набуд. Мебоист ба ин салқинӣ роҳи байни Ҳисору Душанберо тай мекарданд. Бо чӯпон хайрбод гуфта, аз чашмаи шаҳиди Мусофир машкҳои худ аз об пур карда, ба роҳ баромаданд.

Вақти говгум ба Душанбе расиданд. Дар чойхонае, воқеъ дар канори бозори Шоҳмансур, чой нӯшида, шабро онҷо рӯз карданд ва субҳ боз ба роҳ баромаданд. Як шаб дар Норак ва шаби дигар дар Кангурт хуфту хоб намуданд.

Ҷеймс субҳидам аз хониши булбулакони ин мавзеъ чашм кушоду ҳайраташ фузун гашт. Ва бори дигар ба ғазаби он ҷавони резапайкари кӯлобӣ, ки шаби нахустини меҳмониаш дар ҳуҷраи Мурод ба сари ҷавони хомфарбеҳи камриш мерехт, тан дод. Сари ҳар санги ду кӯҳи муқобили ҳам истодаи ин дара ду нафар толибилмони мадрасаҳои бешумори Кангурт дар субҳи содиқ муколама доштанд. Вай оҳи пурдарде аз умқи ҷигар баровард. «Чӣ бояд кард? Ин мардум ба он андозае, ки мегӯянд гулу гумроҳ нестанд. Дар нахустин шаҳру рустоҳояш ба чӣ миқдор толибилмону таълимгоҳҳо мавҷуд бошад? Шояд ҷадидони худшиносу озодфикр аз Бухоро дида ин ҷо бисёртар аст? Дилам гувоҳӣ медиҳад. Агар ҷои хуб мебуд маро намефиристоданд». Дар Кангурт як рӯзи дигар истода, бозору дуконҳои ҳунармандонашро сайр карданд ва чун офтобсаворон бомдоди дигар пеш аз он, ки фонуси зарди субҳ дар тоқи мармарини осмон фурӯзон шавад, ба роҳ баромаданд. Ҷеймсу Мурод хурҷинҳои пурборашонро ба китф партофта, оҳиста-оҳиста пайроҳаҳои аз рафту омади зиёд хушку бегиёҳро, ки рӯ ба фарозӣ ба сони мори хуфта менамуд гом зада, Кангурти овозадору ободро паси сар мекарданд. Онҳо дар аснои роҳ машғули гуфтугӯ буданд. Ин чиз боиси он мегашт, ки хастагиро эҳсос намекарданд. Гоҳ хомӯш мешу-

данду гоҳи дигар сари масъалаи номафҳуме баҳс намуда, ба муҳокима мепардохтанд. Ҷеймс бо вуҷуди ин дар хусуси ояндаи ноаёну номафҳум, ки паси ин кӯҳҳои печидаву беканор ва ё миёни дарахтони махуф ба сар мебурд, андеша дошт. Ҳамин, ки лаҳзае аз сӯҳбат фориғ шуд, дунболи андешаро мегирифту мерафт ба жарфнои он. Аммо ҳеҷ ба хулосае омада наметавонист. Ва тасаввуроти нахустин аз дидани рустову шаҳрҳои ин сарзамин ӯро қонеъ намегардонд. Балки шогирди якумхонеро мемонд, ки аз дидани ҳарфҳои каҷу килеби саҳфа саргарангу ҳайрон сар мехориду сар мехорид. Оре, мафкурааш дар ғунҷоиши ҳама ин шаклҳои мухталиф танг буд ва якбора хотирааш ҳама ин нишонаҳоро таҷассум карда наметавонист. Барои ин мебоист чашмаш одат мекард. Ҳоло чунин имкон наёфта буд, барои ба ин мақом расидан фурсат дошт, вале таҳаммул карданаш мебоист. Дунболи Мурод мерафт, ба муроде, ки рӯзе халқаш ҳокими мутлақи ин сарзамин бошад. Аммо Мурод тасаввур ҳам намекард, ки душмани халқу Ватаншро ба хонаи худ мебарад. Аз дилу нияти ӯ хабар надошт. Балки мисли дигар ҳамқавмону ҳамхунонаш ба забон, ба лаҳми гӯшт, ки дар баёни афкор устухон надораду ҳама гумону андешаҳоро аз сари соҳибаш рафъ мекунад, эътимод дошт. Ба Ҷеймс, ки худро кӯлобиасл меномид, бовар мекард.

Ба Балҷувон субҳи рӯзи дигар расиданд… Мурод ба Ҷеймси хастанамо, ки ҳанӯз намедонист сафарашон куҷо поён меёбад, рӯ овард. Пӯсти рӯяш аз таъсири офтоби сӯзон сӯхта сиёҳ шуда, лабонаш парсинг баста, чашмони кабуди осмонияш ба косахонаи сар даромада, устухонҳои ду бари рӯяш ба сони гунаҳои лақаю қунғиротҳо барҷаста, ба ӯ симои осиёӣ дода буд.

– Роҳамон то куҷо тӯл меёбад?

– Монда шудӣ? – лабханд намуд Мурод. Ва ба сӯи қуллаи пешорӯ ишора намуд. Дар паси ин кӯҳ деҳаи Хазлаат воқеъ афтодааст, он ҷо пири мо эшони Сайид Аъзами Фирӯз иқомат дорад. Ӯро зиёрат накарда гузашта рафтан хуб нест.

– Эшонро зиёрат карданӣ ҳастӣ?

– Бале, агар падарам фаҳмад, ки ӯро надида ба Аспирингон омадаам, хафа мешаванд. Хубаш пирамонро дида, дуояшро гирифта, сипас ба деҳаамон меравам.

Ҷеймс ба рағми хоҳиши Мурод чизе нагуфт. Балки интизори он буд, ӯро шарики ин сафари хеш мегирад ё не… Мурод ҳам ҷуз ин хоҳиш чизи дигар гуфта наметавонист. Ба хонаи эшони Сайид Аъзами Фирӯз вақте омаданд, ки офтоб ба қиём расида буд. Ҳама пиру барно дар ин вақту соат ҷои сояву офтобпаноҳ ҷуста мехуспиданд, то дами паст шудани тасфи ҳаво. Ҳавлии эшон дар миёни ҳисори деворҳои баланд воқеъ афтода, чор сӯи онро садаву чинорҳои азим, ниҳолҳои туту гелос, зардолуву себ иҳота карда буд. Миёни ин ҳавлии пурдолу дарахт хонаи похсагини гиландова, ки кохи бо мурури вақт аз таъсири боду борон намоёнаш зардӣ мекард, қомат меафрохт. Дар паси хона рӯ ба рӯи мурprincipal меҳробшакл зери сояи гелоси солхӯрда суфаи начандон баланд ба чашм мерасид, ки эшон дар ин лаҳза болои гилеми аз пашми буз бофташуда машғули мутолиа буд. Баробари ба чашм расидани меҳмонон эшон аз ҷой хест.

– Муҳаммадмуродӣ? Хуш омадӣ, дар чашмот ҷонум, набераи ширин – Ӯ Муродро ба оғӯш кашида бӯсид. Ва бо Ҷеймс низ гарму ҷӯшон вохӯрӣ намуд.

– Хуш, бачам, ку нақл бикун! Аз хона меоӣ ва ё аз Бухоро?

– Аз Бухоро тақсир.

– Ҳоло хона нарафтаам бигу? Хуб кардӣ, бачам. Хуб кардӣ.. Дар Бухоро чӣ гапу хабар?

– Тинҷӣ, бобӣ… Ҳама овораи кори худ…

– Бухороро ёд кардам, давраи хуби ҳаётамро онҷо гузарондам. Аз ҷаҳорсолагим аз хона баромада, баъди бист сол, дар синни сиючорсолагӣ, ба деҳа баргаштам. Бухорои давраи таҳсили мо аҷаб даврае буд, гоҳ-гоҳ маҳфилҳою шабнишиниҳоро бо фозилону олимони он замон хоб мебинам…

– Нияти сафари Бухоро надоред?

– Ку қувват, пир шудем, – бо ҳасрат гуфт пирамард ва

миёни сафҳаи китоби кушода хатчӯб монда онро пӯшонд. Гоҳ-гоҳ дилам ҷӯш мезанад, вале боз аз раъям мегардам. Давраи хуби умрам гузашт. Чӣ шоирону олимоне баромаданд? Ҳайрат, Айнӣ, Фитрат, Ҳамдӣ…

– Аз онҳо шеъри кадомашон бозоргир аст?

– Аз Ҳайрат… Вақти донишҷӯиям ҳар субҳ ба бозор мешитофтам, пеш аз ҳама аз деворе, ки шеърҳои шоирони муосирро меовехтанд, нусхабардор мекардам. Дар замони мо Шоҳин, Савдо, Аҳмади Дониш гули сари сабади маҳфилҳо буд.

Ҷеймс аз шунидани ин сухан даруни дил хандид. Ӯро воқеае, ки дар бозори Бухоро рӯй дода буд ба хотир омад. Рӯзе сари субҳ мардуми зиёдеро рӯ ба девори самти шарқии бозор дид, ки якдигарро тела дода чизеро дидан мехостанд. Ҷеймс пиндошт онҷо масхарабозе ва ё ширинкоре ба хотири чор танга ёфтан ҳунари хеш намоиш медиҳад. Ва ё колои арзонбаҳову камчинеро ба савдо баровардаанд. Ҳисси кунҷковияш боло гирифту ба гирдиҳамоӣ наздик шуд. Садои хониши шеърро аз забони ҷавоне шунида, пурсид:

– Чӣ гап аст?

Мард ангушти шаҳодат рӯи даҳон гузошта, ишора намуд, ки хомӯш шавад. Боз аз он мард пурсид:

– Чӣ мефурӯшанд?

– К… – гуфт он мард бо дуруштӣ ва аз пеши Ҷеймси лолу ҳайрон ба канор рафт. Чанд нафаре, ки аз паси шарикони шеърдӯсташ омада буданду ба шеърхонии ровӣ дилу бедилон гӯш медоданд, аз ин саволу ҷавоб даҳон кач карда хандиданд. Ҷеймс лаблабуворӣ сурх шуд. Ночор чашми онҳоро хато карда аз давра дур рафт. Ҳоло, ки эшон ёд аз он давраҳои сернуфузи шеърдӯстон мекард, он воқеа ба хотираш зада, даруни дил хандид.

– Мегӯянд дар Бухоро ҷадидон нуфуз пайдо карда амирро ба ҳоли танг овардаанд?

– Не, баракс, амир ҳоли онҳоро танг кардааст…

– Ҷадидон ба кӣ такя мекунанд?

– Ҳоло чунин қувва пайдо нашудааст, ки пуштибони

онҳо бошад. Ҳайронанд, ки аз кадом қувваи бонуфуз истифода баранд…

– Чунин қувваҳои бонуфуз кадомҳоянд?

– Равшанфикрони русу инглис, турку тотор…

– Онҳо ҳаргиз ба ҷадидон кӯмаки беғаразона намерасонанд. Аз Амир ҳам умеди некӣ нест. Ӯ ба хотири нигаҳдории салтанаташ, ба русҳо эҳтироми калон дода, ҳатто ба хурдтарин намояндаи Руссия аз бинӣ боло гап зада наметавонад… Ҷадидон дар асл фикрҳои пешқадам доранд. Ва ҳаргиз гуфтору кирдорашон хилофи аҳкоми шариат нест. Вале думравону косалесони амир онҳоро дар назди мардуми соддаву гумроҳ бад мекунанд. Кофиршон мехонанд, нақшаҳояшонро барқасдона ғалат мефаҳмонанд, мардумро гул зада, гумроҳ менамоянд… – эшон оҳ кашиду сари бузурги худро хам карда дар ҳолати муроқаба ба нақшае дида дӯхт ва чашмони калон-калони сиёҳашро, ки мижгонҳои дароз иҳота карда буданд нимроғ намуда, лабони ғафси пургӯшташро ба ҳам фишурд. Бинии уқобӣ, абрувони ғафс, риши сафеди паҳнаш дар ин ҳолат ӯро нурониву дилкаш нишон медод. Пас аз лаҳзаи сукут, дубора сар боло кард. – Бале, Муҳаммадмуродҷон, аз ноилоҷӣ замонасозӣ мекунем, дар акси ҳол худи ҳамин муридони содиқу вафодор бо иғвои худобехабаре дунёро хуг мехезонанд. Рӯзро ба назарамон тор мекунанд… Афсӯс пир шудем. Ин гапҳо зеби шумоҷавонон дорад, – гуфт эшони Сайид Аъзами Фирӯз, Як замон ба сиёсат сахт таваҷҷӯҳ доштам. Баъди ба Ватан баргаштан ҳавсалаам пир шуд. Дигар дар ин бора қариб, ки фикр намекардам. Гоҳо хуморам мегирифт. Аммо ҳамсуҳбати бафаҳму ҳамсанге наёфта хиҷил мешудам. Деҳ ҷои сайқали донишу инкишофи тафаккур нест. Беҳуда ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ нагуфтааст:

*«Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,*
*Ақлро бенуру беравнақ кунад…»*

– Пирам, мардум сухани шуморо ду намекунанд. Чӣ мешавад дар маъвизаҳои хеш ягон-ягон дар ин хусус ҳарф

бизанед, – гуфт Мурод. Эшон табассуми сохтае карду ба рӯи Мурод нигарист.

– Дар дами пирӣ ба ин кор даст задан ба ман намезебад. Мардуми ҷоҳил хокамро мебезанд…

– Ба шумо кордор намешаванд…

– Худо дар дили мардум раҳму шафқат андозад, вагарна ба падару модари худ раҳм намекунанд.

– Шумо ҳам ҷадид будед? – суол кард Ҷеймс, ки то ин дам хомӯш менишаст.

– Не писарам, лекин ҷадид маънои кофиру номусулмонро надорад. Чуноне, ки имрӯз ин калима дар забони мардум чунин оҳанг пайдо кардааст. Ҳамаи ин аз нофаҳмист… Мардумро маърифатнок кардан лозим. Набошад ҳамаи ин аҳду ҷадалҳои равшанфикрон нақшест дар об.

Лаҳзае хомушӣ ҳукмрон гардид, эшон чашмонашро нимроғ карда ба рӯи Ҷеймс нигарист ва ба фикр ғутавор гашт.

– Шумо ҳам аз Аспирингонед? – суол кард Ҷеймс.

– Гузаштагонаш аз Шуғнов будааст. Падараш баъди хатми яке аз мадрасаҳои Бухоро ба Балх рафта он ҷо зиндагӣ мекунад ва ҳамонҷо мефавтад.

– Ин ҷавон ба хотири иҷрои васияти падар азми сафари Ватани ӯро дорад, – гуфт Мурод.

– Ҷавони баору номус будааст, – гуфт эшон, ва ба рӯи ӯ бори дигар назари муҳаққиқонаву асрорангезе афканд.

– Мадраса нахонда бошад ҳам, чанд мударрисро мулзам кард, – гуфт Мурод.

– Донишмандоне ҳастанд, ки ягон дабистону мадрасае хатм накардаанд, балки тавассути омӯзишу кӯшишоти шахсияш аломаи даврон шудаанд. Дур намеравем, Сайид Анвари Даштакиро мисол мегирем. Ӯ на дар Бухоро хондаасту на дар Самарқанд, балки аз деҳаи худ як қадам берун по намондааст. Ҳатто дар умри сараш бозорро надидааст…

– Барои чӣ? Бозор нарафтанаш чӣ ҳикмат дорад? – бо тааҷҷуб суол кард Ҷеймс.

– Бозор ҷоест, ки мардум ба хотири равнақи савдояшон дурӯғ мегӯянд. Қасам мехӯранд, якдигарро фиреб медиҳанд. Ҳамаи ин фанду фиреб аз чӣ сар мезанад? Аз сустии имон. Бале, имонат, ки суст шуд ба ҳар роҳ меравӣ. Аммо Сайид Анвари Даштакӣ ҳатто рӯи ҳар одамро намедид ва имрӯз ҳам аз ин амали хеш даст намекашад. Мутолиа мекунаду мутолиа… Ҳафтаҳо, моҳҳо аз болои ҷойнамозаш нахеста ба муроқаба меравад. Имрӯз дар ин мавзеъ ӯвори шахси фозилу доно ёфтан душвор аст.

Сипас дасти меҳмонҳоро об гирифта, хӯрок оварданд. Баъди хӯрдани таом Мурод аз пираш иҷозати рафтан хост. Аммо эшон як шаб истоданро аз ӯ хоҳиш намуд. Мурод ночор ба хотири наранҷонидани пираш розӣ шуд. Шаб ба шарафи толибилми аз Бухоро омада, эшон зиёфати калон дод. Ва ҳаққу ҳамсояҳоро даъват кард…

Субҳидам баъд аз хондани намози бомдод дуои эшонро гирифта, ба роҳ баромаданд. Пеш аз сафар бошад эшон Муродро ба гӯшае хонда, мушоҳидаҳои хешро дар бораи Ҷеймс ба ӯ нақл кард. Мурод ба ҳайрат афтода, бори аввал надонист чӣ гуна ба рағми сухани пираш ҳарф зад.

– Не тақсир, ӯ мусулмон аст. Номаш Ҳақдод…

– Содда нашав. Ман аврупоиёнро бори аввал надидаам. Боз худат мушоҳида бикун. Ӯ баъди дастшӯӣ дастонашро такид. Намозаш низ самимият надошт. Рафтору гуфтораш, ҳама сохтаву фиреб аст. Ӯ бо мақсади сиёҳе ба ин сарзамин по ниҳодааст. Гузаштагонаш аз Шуғнов гуфтӣ дар дилам рафт, ки нияташ пок нест. Чӣ балоеро ба сари ин мардум меорад. Ман мурдаву ту зинда, ба гапи ман меоӣ, – гуфт эшон. Сиёҳие дар самои дили Мурод рӯ зад, ба сони абри баҳорӣ, ки дар кадом гӯшаи уфуқ паси кӯҳҳои сукутрафтаву ботамкин, ки осмонро ба дӯш бардошта, на оҳ мегӯяду на уф, канда шуда, баногоҳ рӯи самои кабудфомро парда мекашид.

– Маълум, ки ба масъалаҳои калон дахл карда ҷузъиётҳои нозукро сарфи назар намудааст, бехабар, ки ин чизҳои назарногир ӯро ба дом меафтонад…

– Ислом чизи хурду бузург надорад, қиммати ҳама қонунияташ баробар аст. Якеро ичро карда аз дигараш рӯ тофтан нишони мусулмони асил будан нест…

– Чӣ кор кунам? Ба амир хабар диҳам?

– Не, хубаш кордор нашав, касе барои ин ба ту ташаккур намегӯяд. Балки зархаридони ин ашхос ба туи беҳимояву танҳо зарар мерасонанд. Хулосаи ман амиқу аниқ нест. Барои ба он пурра эътимод бастан, мебояд онро омӯхт…

– Рост гуфтед, пирам. Ин корро ман ба уҳда мегирам…

– Кай ба Бухоро меравӣ?

– Баъди як моҳ…

– Шарикат чӣ?

– Аниқ намедонам. Охир ӯ ба нияти зиёрати ватани бобогӣ омадааст. Меравад ё мемонад, маълум нест. Дар ин бора ҳанӯз гап назадаем…

Он рӯз аввал ба Аспирингоҳ-хонаи Муродшон омаданд. Мурод дамдузду андешаманд менамуд ва ба суолҳои кунҷковонаи таҳдори шарикаш ҷавоби рӯшан намедод. Ҷеймс низ аз ин тарзи муомилаи ӯ чизеро дарк карда наметавонист. Аммо намепурсид сабаби дигаргунии авзояш. Дарк мекард ин лаҳза тоби савол надорад. Сабр карданро аз ҳама воситаҳои дигари таъсиррасонӣ ба инсон авло донист. Дар манзили онҳо гӯё тӯй шуд, хешу табор ба дидорбинии Мурод меомаданду меомаданд. Рӯи дастархони пурнозу неъмат, савғои ҳаққу ҳамсояҳо оварда зам мешуд. Яке тутпис меоварду дигаре тутмавиз, сеюми чормағз. – Баъди як ҳафта бо хоҳиши Ҷеймс ба сафари Шуғнов баромаданд. Аммо дар он ҷо дар хусуси ҷавоне, ки баъди хатми мадрасаи Бухоро ба Балх рафта ва ё муқими Бухоро шуда бошад, касе ёдовар нашуд. Ин боиси зиёд шудани шубҳаи Мурод нисбати Ҷеймс гардид, вале сир бой надод. Ва аз рӯи насиҳати пираш амал мекард… Як ҳафтаи зиёд дар Шуғнов ва деҳаҳои атрофи он сайр карда ниҳоят азми сафари Аспирангон намуданд. Ҳини шухи душворгузареро убур кардан дар фарози теп-

пае дар Сарихосор чашми Ҷеймс ба санге афтод, ки сурати одамизодро ба хотир меовард. Аз пайкара чашм наканда атрофи онро аз назар гузаронд. Санг бо таъсири боду борон, гармову сармо шабеҳи ҳайкали инсон буд.

– Инро кӣ тарошидааст?

– Чиро мепурсӣ? – ба моҳияти суоли ӯ сарфаҳм нарафт Мурод.

– Ин пайкараро мегӯям. Ба фикрам кадоме аз бошандагони маҳалҳои атроф ба он чунин шакл додааст?

– Бо амри Худованд чунин ранг гирифтааст ин санг.

Ҷеймс аз ин сухани ҳамсӯҳбаташ ҳайрон шуда бошад ҳам, вале тавре ангошт, ки ягон шаку шубҳае ба зоти Худованд пеши ин бандаи фидокору содиқаш зоҳир накунад.

– Гумон кардам ин кори ҳунармандест?..

– Ба ҷуз ин зоти пок, кӣ чунин ҳунар дорад? Касе ҳаққи пайкарасозӣ надорад, – гуфт Мурод ва аз рафтан бозистода ба Ҷеймс рӯ овард. – Ин пайкарае, ки ту мебинӣ таърихи дуру дарозе дорад… Таърихи пайдоиши он ба назарам ба даврони мусулмоншавии мардуми ин сарзамин алоқаманд аст… Ривоят мекунанд, ки замоне дар ин қаламрав нафарони будпараст мезистаанд. Мунодиёни ислом кӯҳ ба кӯҳу шаҳр ба шаҳр гашта мардумро ба ислом даъват мекарданд. Ҳар касе, ки исломро қабул мекард, зуд аз ҷониби душманони ин дин кушта мешуд. Мусулмонкушӣ чун пешаи ифтихорӣ аз ҷониби мардуми ҷоҳил қадр мешуд. Ва соҳибобрӯ буданд чунин ашхос. Ин пайкараи авлиёи Сангин аст. Ӯ исломро қабул карда моҳу солҳо ба тоату ибодат машғул мешавад. Ва бо даъвати ӯ ҳазорҳо марду зани номусулмон исломро қабул мекунанд. Душманон ба таъқибаш меафтанд ва ҷои хилват меҷӯянд. Шабе дар асной таъқиб ба ин тангно афтода роҳи гурез намеёбад. Ҳамагӣ ба дастгир шуданаш ду-се қадам монда буд, ӯ рӯ ба осмон оварда аз самими қалб зорӣ мекунад:

– «Худоё, маро ба санг бадал куну ба ин кофар рӯ ба рӯ насоз!..»

Ҳамон замон пайкараи ӯ ба санг бадал мешавад. Кофар, ки теғи ҷонситон дар даст дар паи қассосгирӣ буд, аз дидани ин рӯйдод лолу ҳайрон мемонад. Ва аз аспи ҷаҳл

фаромада теғ ба санг зада, пеши ин пайкараи бузург ба зону афтода мегиряду мегиряд. Ва аз ӯ омурзиши гуноҳ хоста, калимаи шаҳодат ба забон меорад…

– Агар имрӯз ҳазор бор зорӣ кунанд, ки Худоё ҷонам биситон, дуои касе мустаҷоб намешавад. Чаро?

– Он замонҳо даму нафаси одамон бурро буд. Ҳар нияте, ки аз сидқ аз Худованд талаб мекарданд, амалӣ мешуд. Ҳозир чӣ? Нафасҳо ғажду ғализ шудаанд… Ҳамаи ин подоши ҳаққи мардумхӯриву риёву бухлу ҳасад ва фанду фиребгарист…

Ҷеймс дар тӯли вақте, ки бо ин мардум ҳамнишинӣ дошт, бо ривояту нақлҳои асотирии эшон ху гирифта буд. Ҳарчанд рӯзҳои аввал ба ин чиз бо назари танқидӣ менигарист, ба ҳолашон аз таҳи дил механдид, вале алъон ба он сахт бовар мекард. Ба кароматӣ бузургворонаш эътимод дошт. Шаку шубҳаро дар дили ӯ амакаш бедор мекард, ки таи чанд моҳи дурӣ аз ӯ хомӯш гашт. Рӯҳонияти одаму олам дар ӯ таъсир мегузошт, ки бунёди онро дар аснои зиёрати пирони донову тавоно тавассути суҳбати гарму самимияшон дар қалби сангини ӯ ҷой мекарданд. Ҷеймс он вақт ба пирони кор сахт эътимод баста буд. Ва ҳар гоҳ аз хона гурехта мерафт ба он манзиле, ки мардум ба Худованд дилу ҷон бахшида каромот нишон медоданд. Волидонаш муқобилият карданд. Ва ба ӯ фаҳмонданд, ки рафтори он мардуме, ки ақли ӯро бо сеҳру ҷодуяшон бурдааст, ноқис асту ба маънии зиндагӣ сарфаҳм нарафтаанд. Аммо Ҷеймсро гапи хушку холии волидонаш, ки садди роҳаш мешуданд, заррае таъсир намекард. Балки он мӯъҷизае, ки на ҳар кас аз уҳдаи иҷрои он мебаромад, ақлу ҳушаш рабуда буд. Ӯро бештар ҳаракатҳои марди харобе, ки раги дасту пояш барҷаста, устухонҳои қабурғаҳояшро ҳисоб кардан имкон дошт, мафтун мекард…

– Агар майл дорӣ, биё, ман ба ту ҳама усулҳои машқро нишон медиҳам… Шавқу ҳавас дошта бошӣ ин кор мушкилӣ надорад, – гуфт он мард баъди фарҷоми ҳунарнамоияш ба Ҷеймси хурдсол, ки тааҷҷубзадаву ҳайрон, чашм аз ӯ намеканд. Ҷеймс он вақт ба маънии су-

ханони ӯ сарфаҳм намерафт. Аммо чашмони хайрхоҳу забони ширинаш бо вуҷуди номафҳумӣ дар дили ӯ оташи меҳрро бедор кард. Субҳи рӯзи дигар боз пайдо шуд ва аз устодаш ин амалиётро омӯхт. Вале волидонаш сахт муқобилият карданд. Дарро рӯ ба рӯяш бастанд, акнун ҳар қадамашро зери назорат гирифта буданд. Оҳиста-оҳиста тавассути бадгӯиву пастзании ихлосмандони ин ҳунар дар дили ӯ сардие нисбати он ба вуҷуд омад… Баъд аз сари падар бошад ба тарбияи амакаш монд. Сабаби ҳама ин сарсону саргардониҳои минбаъдааш амакаш буд, ки ба ӯ забон омӯзонд, расму оин, эътиқоди динии форсизабонҳоро таълим дод… Вале мудом ба ӯ насиҳаткунон мегуфт, ки аз ҳад нагузаронад. Зеро, ба гуфти ӯ, исломи аслӣ дар ҳадди миёна қарор дорад. Аз ин ҳад пасташ нишони сустии имон, зиёдаш аломати ҷунуну ифрот мебошад, ки сабабаш идоранашавандагии нафсу рӯҳ аст. Ҷеймс ҳаргиз ҳадди эътидолро риоя намекард, гоҳ дар фавқи эътимод буду гоҳи дигар бо таъсири насиҳатҳои амакаш ҳама савобу самари дар ин роҳ омӯхтаашро ботил месохт…

Дар деҳаи Аспирангон Мурод ду ҳафтаи дигар истоду сипас азми сафари Бухоро кард. Ҷеймс ғайричашмдошти ӯ дар «ватан»-и падар нияти истодан намуд. Ӯ барои сохтмони манзил теппаеро миёни рӯди Сурхоб, ки оби он ҷорӣ шуда ба ду шохаи баробар тақсим мешуд ва баъди чанде боз бо ҳам мепайваст, ҷоеро таги чашм кард… Ин замини ҷазирамонанд, ки аз чор тарафаш об мегузашт, ба назараш шабеҳи Англия метофт. Ду шабу ду рӯз дар ин мавзеъ хуфту хоб кард, арзу тӯли онро қадам зад, эътимоду боварӣ ҳосил намуд, ки беҳтар аз ин ҷой маконе нест. Аммо танҳо буд дар ин кор. Як худаш аз уҳдаи сохтмони манзил намебаромад. Ва сохтани хонаро ба он тарзе, ки дар ин сарзамин бино мекунанд балад набуд. Мурод бошад азми сафари Бухоро дошт.

Давраи ғалладаравӣ фаро расида буд, Ҷеймс ба корҳои хонаи Муродшон кӯмак мерасонд. Ҳамроҳи падару додарони рафиқаш ба дарави ғалла мерафт. Аммо дар хусуси сохтмони манзил ва нақшаву нияти хеш ба ка-

се забон намекушод. Бештар ҳини истироҳату истеъмоли таом андеша карданро авло медонист.

– Чӣ туро азоб медиҳад писарам? – боре суол кард аз ӯ усто Насим – падари Мурод.

– Мушкилие надорам…

– Аз он рӯзе, ки ҷӯраат Мурод рафт, ту ба андеша афтодаӣ… – Агар душворие дошта бошӣ, гап зан. Аз дасти мо ҳам каму беш кор меояд!..

– Ташаккур…

– Пас чаро гирифтаавзоӣ?

– Зодгоҳамро ёд кардаам, вале дил аз ин сарзамин канда наметавонам. Ду рӯз пеш аз сафари Мурод ман ҳам омодаи рафтан будам, вале хоб дидам… Падарам дар хобам мегуфт, «Ҳақдод, писарам аз ин замин, ки ман онҷо зоида шудаам ба ҳеҷ куҷо намеравӣ. Агар рафтӣ, як дасти ман аз хок берун аст! Ба падарам суол кардам. Падар ман ин ҷо танҳоям, манзилу макон надорам. Дар куҷо манзил созам? Аз ки ёрӣ пурсам? Ӯ ба ман рӯ овард: «Асоямро мепартоям, ҳар куҷо, ки афтод, онҷо манзил бисоз! Он ба замине, ки миёни рӯди Сурхоб аст, афтод. Ва ҳамон замон чӯби хушки асо ғунча баста шоха давонд… Сипас дар фарҷоми суханаш гуфт: «Ту аз танҳоӣ натарс, ба кор сар бикун, Худо мададгорат мешавад». Ва дастҳо паси пушт карду ба Мағриб рӯ оварду рафт. Ман аз пасаш нигарон, лолу ҳайрон мондам. Ӯ оҳиста-оҳиста пастиву фарозиҳоро тай зада ба ғубори шафофи уфуқ даромад. Ман фарёд кардам. «Падарҷон, маро партофта куҷо меравӣ?»Садоям дар гулӯ печид. Нафасам тангӣ кард. Боз садо кардам, на як бору ду бор. Ниҳоят садди бузурги роҳи гулӯям кушода шуду садоям бемамоният баромад. Вале чунон баланду дағал буд, ки худам аз даҳшати он бедор шудам…

– Он заминро рафта дидӣ?

– Бале, ҳамон субҳ, дилам қарор нагирифт…

– Арвоҳи падар нигаҳбонат аст, ҳама корҳоят хуб мешавад. Лекин як мушкилӣ ҳаст. Ту бояд аз мири Балҷувон иҷозатнома гирӣ, вагарна бахилон садди роҳат мешаванд.

– Киҳоянд он мардони бухлпеша?

– Онҳо ҳозир нестанд, вақте, ки корро сар кардӣ, паша барин гирди сарат чарх зада бо вижоси худ асабатро хароб месозанду бо аризаҳои тумтароқи хеш ба миру қозӣ даъво мебаранд, ки ин замини меросии фалон бобову бобокалонаш буд…

Ҷеймс хомӯшона ба нуқтае дида дӯхт. Усто Насим интизори ҷавоби ӯ нашуда дами достро бо ангушт даст-даст карда, санги сурх аз лифаи миёнбанд гирифта ба тез кардани он пардохт… Ҷеймс саравал аз нияти хеш даст кашид. Нахост бо хезондани эҳсоси бухлу ҳасади чанд нотавонбин худро миёни ҳокиму мулозимони ӯ маълум кунад. Ӯ бо ин роҳ мехост дар ин фарозии ҳамвору дилкаш, ки рӯд аз ду ҷониби он гузашта мерафт, барои худ боғ бунёд сохта, баъди амалӣ шудани нақшаҳояш онҷо қасре бино созад.

– Мир дар куҷо мешинад?

– Дар Балҷувон… – ҷавоб дод усто Насим ва сангро аз нав ба миёнбандаш баст.

– Ба назди ӯ чӣ хел равам?

– Иҷозати ӯро гирифтан мехоҳӣ?

– Бале…

– Дониста бош, мир бефоида то ҳол кори касеро иҷро накардааст…

– Чӣ хел фоида?

– Барои он ки корат барор бигирад ба ӯ ришва бояд дод.

– Ришва?.. Масалан чӣ?

– Мол ё танга.

– Мани мусофир чӣ дорам? Агар қонуну қоидаи давлатдорияшон ҳамин бошад, мо барин пойлучон дар сад сол якамон ду намешавад…

– Дар дунё бағайри қонунҳои асосӣ, қонунҳои нонавишта амал мекунанд, ки ҳама корҳои хурду бузург тавассути он иҷро мешаванд… Дар замони мо ҳар касе, ки ба инсофу адолат умед мебандад, шахси солим нест. Мо кайҳо дасту дил шустаем аз он қонуниятҳое, ки чун меъёри зиндагӣ навишта шудааст, – гуфт усто Насим.

– Дасту дил шустан аз қонуниятҳое, ки меъёри ҳаётанд оё паст задани аҳкоми шариат нест?.. – гуфт Ҷеймс зоҳиран худро ранҷида вонамуд сохт.

– Рост, ҳамин тавр аст, мани осиву гунаҳгор ба маънии сухани худ сарфаҳм намеравам. Туба… Туба… – даст ба гиребон бурд. Сад ҳазор бор тавба! Пир, ки мешудай, на ҳушат мемондаасту на хаёлат… Забон аз ихтиёрат мебаромадааст… – узрхоҳона суханони куфру ноҷои худро пардапӯш кардан мехост усто Насим. Ҷеймс ба дил шод шуд, ки суханаш таъсирнок баромад. Ва ин боиси баланд шудани обрӯяш пеши марди муътакиду содда гардид. Оҳиста-оҳиста барои нуфузи худро зиёд кардан ба нақли ҳикояю қиссаҳо аз рӯзгори авлиёву анбиёҳо шурӯъ намуд… Усто Насим бо даҳони воз ба воизи ширинсухан менигаристу менигарист.

– Писарам Ҳақдод, ту ғам нахӯр, ман ба ту ёрӣ мерасонам. Дар деҳаи Хазлаат пири мо эшони Сайид Азъами Фирӯз истиқомат мекунад. Ман туро ба назди ӯ бурда ин масъаларо мефаҳмонам. Ба воситаи ӯ ин корро ҳал кардан осон. Ӯ толибилмонро аз ҷонаш зиёд дӯст медорад. Агар донад, ки босавод ҳастӣ, сараш ба осмон мерасад. Ҳама корро партофта паи иҷрои кори ту мешавад.

– Наход?

– Чӣ, бовар надорӣ?.. Дигаронро намедонам. Аммо то ҳол хурдтарин хоҳиши маро иҷро накарда намондааст..

– Иҷозатро мир намедиҳад?

– Албатта ӯ медиҳад… Лекин эшон восита мешавад. Сухани ӯро бе чуну чаро иҷро мекунад.

Ҷеймс аз лутфи беҳадди усто Насим мамнуну шод шуд ва бо дили гарм ба кор часпид.

– Дам бигир, худро азоб надеҳ, – мегуфт усто Насим, вале Ҷеймс сар аз кор намебардошт…

Бегоҳӣ баъди хӯроки шом, дар оби сарди анҳор дасту рӯй шустанд ва роҳи деҳаи Хазлаатро пеш гирифтанд. Шабро дар адир рӯз карда, сари субҳ ба хонаи эшон расиданд. Эшон рӯи суфа нишаста ҳамон тарзе, ки пешаш хонтахтаву китоб як моҳ пеш аз ин дида буданд, меистод

ва бо овози баланд қироат мекард. Баробари дидани усто Насиму Ҷеймс эшон аз ҷой бархост.

– Нахезед пирам, гунаҳгорамон накунед! – Усто Насим шитобон пешвози эшон рафт, то ки эшон аз барои як муриди камтаринаш ин қадар заҳмат накашад.

– Хуш омадед.

– Бубахшед, ки дар ин субҳи содиқ ташвиш додам… – узр пеш овард усто Насим.

– Магар мушарраф шудан ба дидори дӯст ташвиш аст? Ёди дидоратон мекардам. Муҳаммадмуродро ҳини сафари Бухоро дида аз шумо пурсидам. Агар ҳамин рӯз дер мекардед, аз пагоҳ нияти сафари Аспирингон доштам.

– Омадани мо ҳаргиз садди роҳи шумо шуда наметавонад. Ҳамроҳи мо меравед.

– Худо хоҳад…

Рӯи курпачаҳои дар суфа густурдашуда нишастанд. Дар чойнике чой ва дар табақе ширбиринҷ оварданд пеши меҳмонҳо. Баъд аз сӯҳбати гарм, ки оҳанги меҳр дошт, сари масъалаи асосӣ омаданд.

– Агар сутуни хонаро биканӣ, бом ба сарат меафтад. Олимон сутуни дунёанд. Ва осмон ба дӯши онҳост. Агар осмон биафтад, на танҳо инсоният, балки тамоми ҷуку ҷондор ҷон ба ҷаббор месупорад. Ҳамин хел нест пирам?..

– Бале… – эшон ба маънии ин сухани рамзии муриди содиқаш Усто Насим сарфаҳм нарафта хомуширо авло донист. Ва ба шунидани давоми сухан омода шуд.

– Сад ҳазорон шукр, ки осмон болои сари мо бесутун истодааст… Ҳамааш ба худи мо вобастагӣ дорад. Агар олимонамонро эҳтиром намоем, ба онҳо ғамхорӣ бикунем, ҳаргиз фалокате ба сарамон намеояд. Агар баръакси он амал кунем, Худо нишон надиҳад… Рӯзи мардум сиёҳ мешавад… – гуфт Усто Насим ва ба чашмони андешаманди эшон нигарист, ки ба донаҳои тасбеҳи Ашки Марямаш нигариста дар ҳолати муроқаба буд.

– Бале… – боз ӯро тасдиқ намуд эшон.

– Ин ҷавонро Худо ба мо расондааст, – ба Ҷеймс ишо-

ра намуд Усто Насим. Дарё аст, дарё… Лекин бесарпаноҳ аст. Заминеро миёни Сурхоб таги чашм карда, нияти манзилсозӣ дорад, вале ҳаросаш аз он аст, ин амалдорон рӯзе ба пас аз беиҷозат ба ин замин соҳиб шуданаш дарак ёфта маҳкумаш накунанд…

– Аз мири Балҷувон қоғаз гирифтан чӣ душворӣ дорад?..

– Мо ҳам ба ҳамин матлаб омадаем, ки ба ин ҷавони соҳибилм кӯмак кунед! Ва арзи ӯро ба мири Балҷувон расонед…

– Охир мир ҳаргиз кореро бе ришва ба субот намерасонд…

– Ҳокими навро намешиносам. Ҳокими пешин-Мирзои Қорӣ гапрас буд…

– Ягон каси дигарро ба миён андозед, пирам…

– Киро ба ин кор вобаста кунем?.. – норозиёна ба Усто Насим рӯ овард эшон. Усто Насим авзои парешону андуҳи рӯи эшонро нисбати худ бори аввал дид ва дар гулӯяш дармонд. Ҷеймс низ дарк кард эшон сухани гуфтан дорад ба Усто Насим ва пиёла гирифта, бо баҳонаи обнушӣ ба сӯи чашма, ки дуртар аз ҷои нишасташон, аз паҳлӯи саддаи сарбаланде ҷӯш зада мебаромад, гом ниҳод.

– Пирам, агар ин корро накунем ин ҷавон меравад…

– Бало ба пасаш… – ҳамчунон бо сардӣ гуфт эшон. Аммо сир бой надод.

Усто Насим, ки бори аввал шоҳиди чунин тарзи гуфтор буд, шигифтзадаву ҳайрон, надонист бихезад ва ё биистад. Биравад ё бимонад?.. Эшон Ашки Марямро дона-дона мешумурд дар зикри парвардигор буд. Муриди дӯстдораш ба гӯшаи хотираш намезад. Парвои ӯ надошт… Гӯё ӯро намедид. Усто Насим ҳаргиз инро аз пираш чашмдошт набуд. Шахсе, ки пашаро озор намедод, омада-омада дили муридашро ранҷонд… Усто Насим ба гирдоби тафаккур ғутавор шуд. Шояд сухани ман бемаънӣ баромад? Ва ё аз рашк, ки ба ин ҷавон таваҷҷӯҳи беандоза дорам?.. «Гадо душмани гадо»гуфтаанд.

Аз ҷой хесту ҷониби кӯча гом кашид, бе хайру хуш. Эшон ӯро дид ва ё надид, ё диду нодида шуморид. Ҷеймс низ аз қафои ӯ баромад. Ба Аспирангон омаданд, хомӯш, ҳарф намезад. Дилаш сиёҳ буд аз он воқеа. Чор шабу рӯз ин чизро таҳқиқ кард, таҳлил намуд. Намедонист дар ин кор кӣ гунаҳгор аст. Ӯ, Ҳақдод ва ё пираш?.. Ниҳоят як субҳи бармаҳал Ҷеймсро аз хоб бедор кард.

– Хез, рафтем…

– Куҷо?

– Баъд мефаҳмӣ…

Ҷеймс дигар савол доданро лозим надонист. Ва аз ҷой хест, дасту рӯй шуст. Аз паси Усто Насим равон шуд. Як рӯзи дароз роҳ гаштанду роҳ гаштанд. Ҷеймс ҳам савол надод, ки куҷо, ба чӣ кор мераванд? Ниҳоят шомгоҳ ба деҳае расиданд. Усто Насим худ ба гап оғозид.

– Умедам ба шайх буд, аз ӯ ҳам дилам монд. То он рӯз дар ҳама ғаму дардам паҳлӯям рост меистод. Якбора рӯяш чаппа гашт… Ин ҷо писари амакам Зариф зиндагӣ мекунад. Амлокдор аст. Тақрибан як сол пеш барои Муродҷон-писарам хостгорӣ кардам духтари ӯро. Гапи калон зад: «Ба чени курпаат по дароз кун»гуфт. Дилам дар таҳ зад, чойро ба замин мондаму омин карда хестам. Аз ҳамон рӯз инҷониб қадамамро ба ин сӯ намонда будам…

Ҷеймс дарк кард Усто Насим ба рӯ пусти хук кашида омадааст, ки иҷозати сохтмонро дар он гӯшаи дилрабо барои ӯ бигирад. Аммо хиҷолат кашидани ӯро дар худ тасаввур намекард. Балки бо кадом роҳ, ки набошад иҷро шудани корро хостгор буд… Усто Насим ба дари ду табақаи амлокдор омада садо кард. Дарро ба рӯяш писарбачаи тахмин даҳсолае кушод:

– Падарат дар куҷост?

– Дар хона… – кӯтоҳ ҷавоб дод писарбача ва ба рӯи меҳмон нигоҳи тааҷҷубоваре афканд.

– Чӣ ҳайрон шудӣ? Нашинохтӣ? Ку инҷо биё. Ман амакат мешаваме… – гуфт Усто Насим ба писарак ва аз анбонаш камонғулаке баровард. Писарбача, ки ба як табақи дар час-

пида, ба он такя карда буд, аз ин тӯҳфаи барояш аз тамоми ганҷи дунё пурқиммат хурсанд шуда, қадаме ба пеш гузашт. Вале якбора дар ҷояш шах шуда монд. Ва қафо гашт.

– «Оча…а…а… Аҷина…А…ҷ…и…н…а… – бо тамоми овоз фарёд зад. Ва ба ҷониби ҳавлӣ давид. Якбора аз меҳмонхонаи амлокдор даҳ-дувоздаҳ нафар меҳмон қисме бо дастони ба равған олуда, бархе бараҳнапой ба ҳавлӣ баромаданд. Гӯё дар ин шаби тобистон дар ин ҳавлӣ савол борид. Ба ҳар оҳанг. Яке олудаи изтироб, дигаре тарс, сеюми кунҷковона, бе ягон дарду эҳтирос. Чӣ гап шуд? Кӣ зад? Кӣ буд? Писари кист?.. Ба якдигар рӯ оварда мепурсиданд. Писарак бошад ба сӯи дар ишора мекард. «Дар онҷоянд, ду нафаранд…»зане аз кӯза ба панҷааш об рехта, ба рӯи писарак зад. Зани дигар ба ӯ об нӯшонд. Амлокдор, ки бо ҳарос пеши писараш рост меистод, сабаби тарсу ҳароси ӯро пурсид.

– Кӣ зад?..

– Аҷина маро дуздиданӣ шуд…

– Ку аҷина?

– Дар пушти дар…

Касе ба дар наздик намешуд. Амлокдор худро шердил гирифта, бо қадамҳои калон-калон наздики дар омад ва як табақи онро оҳиста тела дод. Пайкараҳои сиёҳи ду тан марди ношинос дар сояи девор намуди маҳиберо доштанд, ки шабеҳи он дар девори муқобили кӯча партави бадр акс андохта буд. Онҳо низ аз ин воқеа, ки боиси тарс хӯрдани писарбача шуданд, хиҷолат кашида ба ғалоғулаи дохили ҳавлӣ гӯш медоданд. Амлокдор ба шабаҳҳои хомуш нигаристу дилашро тарс фаро гирифт ва оҳиста дарро пӯшиданӣ шуд. Усто Насим садо кард.

– Салом, акаи Зариф, маро нашинохтед?

Амлокдор аз ин сухан мутаҳайирона дар ҷояш истод. Ва бодиққат ба рӯи онҳо нигарист.

– Ту кистӣ?..

– Додарат-Насим…

– Насим? Худо бигирад нағмата, бачама талхакаф кардӣ…

– Мо ӯро натарсодем…

Амлокдор дилу бедилона бо меҳмонон салому алейк карда ба ҳавлӣ баргашт. Усто Насиму Ҷеймс низ аз қафои ӯ ба ҳавлӣ даромаданд. Дар чеҳраи онҳо нишони хиҷолату шарм намоён буд. Меҳмонони дигар, ки ҳамаи ин гуфтугуву ҳодисаро шоҳид буданд, даст афшонда, дубора вориди меҳмонхона шуданд. Усто Насиму Ҷеймс низ бо ҳидояти амлокдор ба меҳмонхона даромада аз пойгаҳи дар нишастанд.

– Оча… – садо мекард писарак.

– Чӣ гап дорӣ?

– Кӯча мерам!

– Ҳеҷ куҷо намеравӣ!..

– Мерам…мерам…

Майлаш, бирав… Магарам зинда наоӣ…

– Охир дигарон бозӣ доранд-ку?

– Кӣ?..

– Маъруф, Саид, Нозим…

– Саиду Нозиму Маъруфа сартилтако бурдаанд.

– Куҷо?

– Пушти кӯҳи Қоф…

– Барои чӣ?

– Барои хӯрдан…

– Сартилтако чӣ хеланд?

– Даҳони калон доранду мӯи сари парешон, гӯшои чапар. Нохунҳои дароз, бадани пашмин… Чашмои писарак сафед мешуд, дар ҷояш менишаст… Аммо ноилоҷ буд, бояд берун бараояд. Агар набарояд эзораш тар мешавад.

– Бирав, берун рушан аст…

– Не, метарсам…

– Аз чӣ метарсӣ?

– Аз аҷина…

– Натарс, ҳеҷ чиз нест!

– Не, танҳо намеравам… Бо ман биё…

– Бирав, ғамум нате бачам…

– Не…не…

– Барои чӣ?

– Метарсам.

Тарса дар дили ӯ ҷой карда буданд. Аз хурдӣ… Агар гиря мекард ӯро метарсонданд.

– Гиря накун, ки аҷина омада мебарата…

Писарак хомӯш мешуд. Ва бо ҳарос ба чор тараф дида медӯхт, ба шарфаву садои пои ин махлуқи нестандарҷаҳон гӯш фаро медод. Пеши назараш чунин махлуқ пайдо мешуд. Соатҳои дароз аз банди ин фикру андеша раҳо намеёфт, ки намеёфт… Ҳоло, ки мурданивор тарс хӯрда буд, дар оғӯши модараш каме шерак шуд.

– Аз чӣ тарсидӣ?

– Аз аҷина… Ӯ ба ман камонашро нишон дод ва хоҳиш кард, ки бигирам. Ҳамин, наздик шудам, халташа кушод. Маро ба халтааш андохтанӣ буд, ки гурехтам…

Усто Насиму Ҷеймс, ки дар пойгаҳи дар нишаста буданд, ба меҳмонони олиқадри амлокдор гӯш дода, аз нушу неъмате, ки рӯи хон буд, истеъмол менамуданд. Найчаи дарози ба офтоба пайвастаро бо навбат ба даҳон гирифта, дуд мекарданд. Ҷеймс чунин маъракаҳои бангиёнро бисёр дида буд. Вале алъон худро ба нодонӣ зада аз Усто Насим пурсид:

– Ин чист?

– Намедонам… – китф дарҳам кашид. Ҳамин вақт амлокдор вориди хона шуд. Марди салакалони ришғулӣ, ки ба лулаболишт такя дода, чашмони нимкофашро аз дар намеканд, суол кард:

– Писаратро кӣ тарсонда будааст?

– Меҳмонҳо… – ба Усто Насиму Ҷеймс ишора кард. Онҳоро аҷина гумон кардааст…

– Ҳа-ҳа-ҳа… бо ангушташ Ҷеймсро нишон дод. Охир чашмони инро дар рӯзи равшан бубинӣ талхаат мекафад. Ҳол он, ки ин воқеа дар шаб шудааст… – гуфт марди камриши қоқина, ки паҳлӯи ӯ менишаст.

– Чашмони кабуди пайғамбаркушат намонад-е… Ку як дуд бигир!... – ба Усто Насим дароз кард чилимро марди дигар, ки чашмонаш аз таъсири банг булуқ зад буд.

– Дуди чист? – ҳайрон шуд Усто Насим.

– Аввал дуд бигир, баъд мефаҳмӣ… – гуфт марди саллакалон.

– Не ташаккур…

– Бикаш! – дӯғ зад ба Усто Насим саллакалон.

– Қурбони шумо шавам, охир ман чӣ будани онро намедонам…

– Намедонистӣ чаро омадӣ?..

– Хонаи писарамакам омадам…

– Баҳона накун, дуд бигир…

– Наметавонам…

– Ҳоло ба ту ёд медиҳем… Ку чилимро ба даҳонаш монед! – фармуд саллакалон. Ду марди нисбатан ҷавон чилимро ба даҳони Усто Насим хастанд.

– Уҳу-уҳу… нагуфтам, ки наметавонам…

– Ёд мегирӣ… Ку ту бигир аҷина!.. – ба Ҷеймс рӯ овард саллакалон. Гулдуроси ханда меҳмонхонаро ларзонд. Онҳо аз шиддати ханда суст мешуданд. Ишкамашонро дошта механдиданду механдиданд…

– Аҷина не… – бо ангушти шаҳодат ба Ҷеймс ишора карда аз ҷой хест, камриши қоқина, хандаро дар банди дилаш бардошта.

– Аҷина набуда чӣ буд? – ба ӯ рӯ овард саллакалон.

– Пишаки маскадузд.. – даст ба сина зад марди ришдарози гушлақа, ки абрувони ғафсаш ин лаҳза ба ҳам пайваст.

– Бӯи дурӯғ омад… – ба саллакалон нигариста писханд зад ба ҳарфи гушлақа марди камриш.

– Пеши шумо дурӯғ, пеши Худо рост, ки дидам. Қадаш тақрибан як метр меомад. Баданашро аз нӯги по то теппаи сараш пашм пӯшида буд. Боз чӣ хел мӯй бигӯӣ? Ҷингиламӯй… Чашмонаш лахчавори сурх, гӯшҳояш чун гӯши хар, биниаш уқобӣ, даҳонаш аждаҳор, дандонҳояш аз мор, думаш думи шер, пойҳояш пои бузро мемонданд.

– Дар куҷо дидӣ? – ба маънии «дурӯғ»сар ҷунбонд камриш.

– Дар вакти бачагиям. Рӯи хокистарҳои поини ҳотаамон…

– Чӣ кор мекард?

– Хокбозӣ… Сагам онро диду гурехт. Ҳай гурехтан кард, ҳай гурехтан кард.

– Дурӯғ, дурӯғ… Аҷина унхел нест, – ӯро инкор кард камриш. Аҷинаи ман дидагӣ тамоман дигар хел буд… Қади вай тахмин чор метр меомад. Дастонаш борики дароз. Пойҳояш деввори… Дар пешониаш якто чашм дошт…

– Бас, бас… Дурӯғ ҳам ба эбаш будагист… Дар ин бару гузар аҷина-паҷина нест. Ҳамаашро гургҳои гушна хӯрдаанд, – гуфт марди камриши ҷавоннамое, ки то ин дам хомӯш менишаст.

– Бори аввал шунидам, ки аҷинаро гург мехӯрдааст, – гуфт саллакалон. Асосан, аҷина аз Бисмиллоҳ… мегурезад.

– Чаро ин намегурезад? – ба Ҷеймс ишора кард камриш. Якбора қаҳ-қаҳаи ханда меҳмонхонаро ларзонд. Ҷеймс сурх шуд. Ба гӯши Усто Насим пичирос зад.

– Биё, рафтем…

– Сабр кун…

– Дигар наметавонам.

– Агар ин хел кунӣ ҳаргиз корҳоро буд карда наметавонем, – гуфт Усто Насим. Саллакалон бо ду даст ишкамашро дошта механдиду механдид. Каландриш ба сари ришдарози қоқ мезаду шиддати хандаро аз ҷисми ӯ рафъ кардан мехост. Ним соат вақти эшон ба хандаву бозӣ сарф шуд.

– Хайр шуд, – нимхез шуда ҷелаки рах-рахашро бадар кард саллакалон. Ва ба амлокдор рӯ овард:

– Зариф ягон зиндагӣ дорӣ?..

– Зариф моро танҳо ба ана ҳамин коҳдуд зиёфат доданист, – гуфт камриш.

– Агар ягон чиз биёрад ҷонаш халос, вагарна худашро мехӯрем, – гуфт каландриш.

– Наорад аҷина пешамон аст, медиҳемаш мегазад кайф мекунад, – гуфт қоқина.

– Чаро ба аҷина медодаем, худамон мехӯрем, – гуфт каландриш.

– Киро хӯрданиед? – чашмони варамидаашро нимкоф кард саллакалон.

– Зарифа…
– Гӯшти ӯ бӯй мекунад… Қаҳ-қаҳа боз баланд шуд.
– Як гап databases… – амлокдор дар дами дар пайдо шуд.
– Чӣ гап?
– Маро кӣ мехӯрад?
– Ман, – даст бардошт каландриш…
– Аввал куҷоямро мехӯрӣ?
– Пойҳоятро…
– Аввал к… – намехӯрӣ?
Қаҳ-қаҳа дубора баланд шуд. Болиштзанӣ мекарданду ба рӯи якдигар чакка мемолиданд. Тиз медоданду механдиданд. Усто Насим ҳам баробари онҳо механдиду механдид. Аввал кабоб оварданд, сипас оши палов, ҳеҷ чиз намонд. Ҳамаро лиштанд.
– Ҳой аҳмаққо, – рӯ овард ба онҳо саллакалон. Куз куҷост?
– Кадом куз? – ҳайрон шуд каландриш.
– Кузи дуторӣ…
– Ҷалила бигу…
– Ҳамун хокдарсара биёрен!..
– Шаб рӯз мешавад, ӯро аз куҷо меёбем, – эътироз кард амлокдор.
– Барои ман фарқ надорад… Аз куҷое, ки набошад, ёфта биёредаш.
– Дар оғӯши занаш бошад чӣ?
– Дар ишками аждаҳор, ки бошад биёредаш…
Амлокдор ба сари Ҷалили дуторӣ, ки бинобар хам будани миёнаш куз меномидандаш, усто Насиму Ҷеймс ва каландришу ҷавони хизматгорро фиристод. Ба дари хонаи ӯ омада бо як овоз садо карданд.
– Куз… Ҳо куз!..
– Лаббай…
– Баро рафтем…
– Куҷо?
– Хонаи амлокдор…
– Ҷунубам-е… Наметонам…

Каландриш ба хона даромад, ба дигарон имо кард, ки дароянд.

– Рафтем!..

– Аз барои савоб, ғамум натен. Онҷо одамони бузург нишастаанд, ман бо сару тани…

– Бигирен ӯро…

Ҷалила аз таги курпа кашида, ба неву нестонуш гӯш накарда, лучу урён хонаи амлокдор бардошта оварданд.

– Аз куҷо оварден?

– Аз оғӯши зануш…

– Охир баданам нопок аст, – узр пеш оварду ҷои айбашро бо кафи даст пӯшонд Ҷалили дуторӣ.

– Намурдӣ кузи валадзино… Аз кай боз ту фаришта шудӣ? Агар туро сесаду шасту шаш рӯз дар оби Сурхоб бишӯянд, пок намешавӣ… Ҳаром омадӣ, ҳаром меравӣ… – гуфт саллакалон. Ханда боз танинандоз шуд дар ҳавливу кӯча.

– Бихон! – имо кард қоқина.

– Бо чӣ бихонам? Дуторам фаромӯш шудааст…

– Бо к… – гуфт саллакалон.

– Айб аст-е…

– Чилима биёрен!... Ку дуд бикаш…

Куз дуд кашиду дуд кашид. Чашмонаш хумор шуд. Шарми рӯяш парид…

– Намурдӣ, изокаш… Ҳамон чиза гӯё як ту дошта бошӣ… Аз сараш биқапу бизан…

Ҷалили куз мувофиқи нишондоди саллакалон амал карда гӯё дутор мезаду месуруд.

– Ҳо дар овозат садқа… – нидо медод қоқина…

Дами хурусфарёд ҳамаро хоб бурд. То нисфирӯзӣ хобиданд. Чун ҳушёр шуданд, Ҷалила лучу урён дида боз хандиданд.

– Маро ҳамин хел овардед? Акнун чӣ хел хона мерам?

– Инаш кори ту… – гуфт қоқина.

– Ҳамин хел аст? Дигар агар кушед ҳам як қадам намемонам.

– Ҳамин шаб ҳам омаданӣ набудӣ, лекин сар-сари даст

парвозкунон омадӣ… – гуфт каландриш.

– Ин шаб хотири шайх зӯрӣ кард, – ба саллакалон ишора кард куз.

– Дурӯғ… – гуфт каландриш. Нопокиатро баҳона кардӣ… Имрӯз худро сафед мекунӣ?

– Ҷелаки маро пӯш, – гуфт саллакалон, бахшидамат.

– Пойҳоямро бо чӣ пӯшонам?...

Амлокдор изорашро ба ӯ бахшид.

– Ту ҳам балоӣ, дунёра ба ҳамин нағмаҳоят хӯрдаӣ… – гуфт камриш.

Меҳмонон рафтанд, амлокдор танҳо монд. Усто Насим арзи ҳол намуд.

– Барвақттар нагуфтӣ? Ҳама амалдорон ҳамин ҷо буданд. Дар ҳаминҷо масъаларо ҳал мекардем, – гуфт Зарифи амлокдор.

– Шумо ин корро ҳал карда наметавонед?

– Чаро наметавонистаем?..

– Аз дасти шумо биояд, чӣ ҳоҷат пеши дигарон рафтан?..

– Лекин як мушкилӣ ҳаст, – гуфту сар ба сукут рафт. Гӯё гиреҳи чигилтарини муамммоеро кушоданӣ бошад.

– Чӣ гуна мушкилӣ?

– Барои ҳуҷҷат гирифтан мебояд ришва дод…

– Ба кӣ?

– Ба мири Балҷувон… Ба ман биёред, ман ба ӯ мерасонам…

– Ба ҷону дил, аз моли худам медиҳам. Садқаи сараш. Эшон аз мо рӯ гардонд. Гапамро нагирифт. Рости гап ба дониши Ҳақдод рашк бурд.

Агар ман мартабаи ин ҷавонро аз эшон боло накунам, номамро дигар мекунам.

– Кадом эшонро мегӯед? – пурсид амлокдор.

– Сайид Аъзмаи Фирӯз…

– Ҳамун наметавонам гуфт?

– Бале…

– Наход? Охир тамоми амалдорон бе маслиҳату дуои ӯ кореро ба даст намегиранд. Чаро наметавонам гуфта бо-

шад? Ӯ гапи касеро намегардонд ва хоҳиши кӯдакро ҳам рад намекард…

– Рости гап, густохӣ ҳам шуда бошад хайру хуш нокарда омадам.

– Кори хуб накардӣ… Ӯ ба ҳар ҳол пири мову шумост…

– Аз ҷонум зиёд дӯсташ медоштам. Баъди ҳамин кор дилам аз ӯ яхворӣ хунук шуд… Охир ман барои худам не. Барои як ҷавони соҳибилми мусофир ин корро карданӣ будам…

– Набошад ду гов биёред… – гуфт амлокдор ба Усто Насим.

– Як гову як гӯсфанд биёрам чӣ?

– Майлаш, як гови дигарро худам медиҳам… Мир бе ришва боди шикамашро беҷо намекунад. Ҷанҷоли бедардакиҳову сарҳадиҳоро нашунидаӣ?

– Не…

– Ҷавоне аз Сарҳад қаҳр карда меравад. Дар Бедардак ном мавзеъ ба хизмати мардум машғул шуда, бо маслиҳати калонҳои деҳ онҷо хонадораш мекунанд. Соле аз миён мегузарад ва меояд ба деҳаи бобогӣ. Калонҳои Сарҳад ба дидани Бедардак омада ин мавзеъро хуш мекунанд. Ва дар паи сохтани манзил мешаванд. Бедардакиҳо ин рафтори Сарҳадиҳоро дида ғавғо мебардоранд. Ва ба мири Балҷувон арз мебаранд. Мир Сарҳадиҳоро ба қозихона мекашад. Калонҳои Сарҳад барқасди Бедардакиҳо тамоми доройяшонро ҷамъ оварда ба мир пешкаш мекунанд, то дар ин мурофиа ғолиб бароянд. Мир ба Сарҳадиҳо маслиҳат медиҳад, ки як хурҷин хокро аз Сарҳад ба Бедардак-ба ҷои деҳаи имрӯзаи Чашмаи Оғо бурда бирезанд. Ва ба қозӣ он ҷойро маълум бикунед. Чун қозӣ ба Қуръон қасам дод, хоки овардаатонро рӯи каф гирифта қасам бихӯред, ки хоки Ватанамон аст. Сарҳадиҳо бо ин усул соҳиби он мавзеъ шудаанд.

– Ба мо ҳам бо ин усул замин медода бошанд?!

– Кӣ медонад? Шумо гуфтагиҳоямро биоред, шуд.

– Кай биёрам?

– Кадом вақте, ки овардӣ, кори ту ҳал мешавад.

– О дар хоки потон садқа… Ҳамин кори мара буд ку-над, ку. Аз замин то осмон аз шумо ризо мешудам, – бо мамнуният гуфт Усто Насим.

– Кори намешуданӣ дар дунё нест…

Усто Насиму Ҷеймс шоду хурсанд аз хонаи амлокдор баромаданд. Субҳи рӯзи дигар ба деҳаи Аспирингон ра-сиданд. Усто Насим гови алобулои қисир ва як гӯсфанди фарбеҳи бурдоқияшро аз хона гирифта чаппасар гашт. Ҷеймс аввал худро ширин кард.

– Амак биёед говатонро набаред. Ман дар ҳамин бару гузар ягон чордеворӣ андохта қатори дигарон зиндагӣ кардан мегирем.

– Не бачам, кор, ки ба нангу номус оид шуд, қафо гаштан нишони номардист. Агар ин корро накунем, эшон мегӯяд, ки аз дасташ наомад. Сарамро дар санг мезанаму ин корро мекунам… Дар асл ба эшон сар ба сар шудан аз рӯи ақл нест. Вале...

– Чаро аз ӯ меҳаросанд?

– Онҳо авлоди Сайиданд. Касе дили онҳоро ранҷонад, ҳатман, ба шикаст дучор мешавад. Дар Чашмаи Нигор Асад ном муллое буд, хатмкардаи Бухоро. Бахил буд, ягон эшону муллоро чашми дидан надошт. Рӯзе дар як маърака ба эшон таъна мезаданд, ки ӯ авлоди Сайид нест. Гӯё баъди онки авлоди Муҳаммад-пайғамбарро Ҳаҷоҷи золим таъкиб мекунад, онҳо гуреза мешаванд. Сипоҳе бо дастури душманони пайғамбар фармони бардурӯғе мео-ранд, ки гӯё шоҳ фармудааст ҳама авлоди ӯро аз тифли гавҳора то пири дар назъи ҷон сар аз тан ҷудо кунанд. Сипоҳиён ин корро иҷро мекунанд. Вале касе хабар мео-рад, ки шоҳ саломат баргардонидани Сайидонро талаб дорад. Сипоҳиён фиреб хӯрданашонро дарк мекунанд. Ва аз бими ҷон туздону роҳзанонро, ки мардум аз дасташон ба дод омада буданд, аз банди зиндон раҳо карда, хати иршод дода мегӯянд, ки авлоди пайғамбар ҳаминҳоянд. Мулло Асад ҳамин ривояти дуруғинро далел оварда ба эшон таъна мезанад ба эшон Шумо бо сайидзодагиатон фахр накунед! Гузаштагони шумо ҳамон туздон буда-

анд…

– Эшон чӣ гуфт?

– Маншаи ханда карду гуфт: «Бадбахт, дар дили ту иблис хона кардааст»… Ҳамон пагоҳӣ мулло аз хоб мехезад, ки гарданаш каҷ шудааст… Сарро ба сад дар зада илоҷи шифо ҷуст, гарданаш рост нашуд, ки нашуд. Ночор таноби ба пору олудаи гусолаеро ҳалқа карда, ба гардан андохту пеши эшон рафт. Зорриву тавалло кард. Раҳми эшон омаду ӯро бахшид. Шифо ёфт. Баъди ин мурд рафту муллогӣ накард. Шабу рӯз дар дари хонаи эшон хизматгорӣ намуд.

– Пас чаро дидаву дониста ба ӯ ситеза мекунед?

– Ба кори хайр даст задаам… Наход барои ҳамин ҳам сазоям диҳанд?

Амлокдор гову гӯсфандро қабул кард ба онҳо ваъда дод, ки васиқаро ду рӯз пас худаш мебарад. Рӯзи дигар амлокдор ба хонаи шайх Абдураҳим, ки як рӯз пеш дар хонааш меҳмон буд, бурда ба воситаи ӯ васиқаро дар боби истифода бурдани замини миёнаоб аз мири Балҷувон гирифт. Амлокдор васиқа дар даст савори асп ба Аспирингон омад. Ӯро амакбачааш Усто Насим хуш қабул кард. Аммо Зарифи амлокдор бо як чорво қонеъ нашуд, нафси саркашаш боз чизеро аз амакбачаи соддааш кандан мехост.

– Ду гов барои мир камӣ кард, – гуфт ӯ васиқаро ба дасти Усто Насим дода. Як гӯсфанди шумо, ки ба ивази гов дар хона нигоҳ доштанӣ шудам, ночор илова кардам.

– Ба шумо ҷабр кардем… – гуфт Усто Насим. Фардо худам мебарам….

– Лозим нест, – гуфт амлокдор.

– Шумо хизмати калон кардед… Мо бояд бе ин ҳам ҳаққи хизмататонро медодем. Болокории ҳамаи ин ҳаққи шумо рафтааст…

Ҷеймс дарк кард амлокдор дурӯғ мегӯяд, вале сир бой надод. Ӯ ба худ меандешид: «Наход барои манфиати дигарон ба худ ҷабр кунанд?»Аммо ба ин чиз шубҳа карда наметавонист. Вақте, ки як марди камбағалаш ба ин андоза ба ӯ лутф намуда, тамоми дороияшро харҷ мекард.

Он шаб амлокдор меҳмони Усто Насим шуда, субҳ бо гӯсфанди дигаре ба хона баргашт. Дар байни ду-се рӯз як гову се гӯсфандаш рафт, аммо хурсанд буд, ки кор иҷро шуд.

Ҷеймс рӯзи дигар ҳамроҳи Усто Насим ба ҷазира омад. Ҷои манзили ояндаро чину рӯб карданд.

Усто Насим ҳашар ташкил карда дар муддати кӯтоҳ манзили Ҷеймсро бино кард. Ҷеймс низ бо суханони болохонадору зебояш дили одамонро меёфт. Таваҷҷӯҳи мардум рӯз аз рӯз нисбати ӯ афзун мегашт. Аммо Ҷеймс медид ва эҳсос мекард, ки дар қаламрав шахсони бообрӯ рӯҳониянд. Вале на ҳамаи онҳо ба ин чиз меарзиданд. Ӯ ҷиҳатҳои сусту заифи ин гуна ашхосро дар ҳини сӯҳбатҳо дарк мекард. Дар ин қаламрав танҳо ба Сайид Аъзами Фирӯз ҳамсанг шуда натавонистанашро пай бурда буд. Ва бар зидди ӯ ҳар гуна овозаҳои бардурӯғ паҳн мекард. Бо вуҷуди хафагияш Усто Насим нисбати эшон ягон бӯҳтонро қабул намекард. Ҷеймс ҳамаи инро хуб омӯхта буд. Ва дар ин бора боэҳтиёт гап мезад. Ҳарчанд медонист баланд шудани обрӯяш миёни мардум ба ин шахсияти ҳалиму хоксор вобастагӣ дорад. Маҳз ӯ тавассути заҳматҳояш ӯро ба мардум шиносонд. Соҳиби манзил гардонд…

– Мегӯянд ӯ муридонашро ба ду гурӯҳ ҷудо карда будааст. Онҳое, ки чизе мебаранд ба гурӯҳи аввали муридони хоса тааллуқ доштааст. Ашхосе, ки бо вуҷуди садоқату эътиқод чизе бурда наметавониста бошанд ба гурӯҳи дуюм дохил мешуданду эшон ба онҳо аҳамият намедодааст… – гуфт Ҷеймс боре пеши Усто Насим.

– Тӯҳмат аст, эшон ин гуна одам нест. Ӯ ҳамаро як медонад…

– Гапи шуморо нагирифт-ку?

– Агар аз дасташ меомад, мекард…

– Чаро одамон ин қадар аз ӯ метарсанд?

– Охир ӯ сайидзодааст…

– Сайидзода ҳам мисли мову шумо инсон аст-ку?

– Бале, вале эшон асилзодаанд. Ва аз мову шумо дар мартаба болоанд…

– Не, мартабаи одамизод дар бузургии бобу аҷдодаш

нест, балки инсони асил бо ахлоқи худ шинохта мешавад…

– Сайидзодагон сазовори эҳтироманд… Зеро пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад аз ин авлод аст…

*– «Гирди номи падар чӣ мегардӣ?*
*Падари хеш шав, агар мардӣ…!»*

– Ба ин авлод шӯхӣ карда намешавад. Аз падарам шунида будам. Дар як замон духтараке бо духтари сайидзода машғули бозӣ будааст, байни онҳо гуфтора мешавад. Духтарак гиря карда пеши модараш меояд. Модараш, ки дар танур алов мемонд, сари духтараш дастмол мекунад.

– Кӣ зад?

– Бибӣ Амина…

– Барои чӣ?

– Барои он ки духтарашро ту гуфтам.

– Бояд чӣ мегуфтӣ?

– Шумо…

– Ин авлод чунон сернозу иззатталабанд, ки ҳатто кӯдаки гаҳвораашонро ту гуфта намешавад-е… Ин лухтаки худат, инаш аз кист?

– Аз бибӣ Амина…

– Чаро бардошта гаштӣ?

– Чиркин шуд, партофт…

– Ту ҳам парто…

– Ба куҷо?

– Ба алов, хокистараш намонад. Боз ҳамин чӯби хушка шумо мегуфтаем? – лаб бурма карда писханд зад. Духтарак лухтакро ба оташ партофт…

Оташи танур хомӯш шуд, зан нонҳояшро пухта дар аснои хокистари танурро гирифтан чашмаш ба лухтак афтод, ки бо фармони ӯ духтарак ба оташ партофт. Ягон ҷояш насӯхта, чӣ хеле буд, ҳамон тарз беосеб буд…

Ҷеймс дигар дар ин бора бо муридаш баҳс кардан нахост. Зеро қудрате надошт эътиқоди мардумро нисбати эшони Сайид Аъзами Фирӯз паст кунад. Ҳарчанд мекӯшид, наметавонист, суханонаш таъсирноку нишон-

рас намебаромад. Ва дар ҷавоб қиссаву устураҳои гушношуниду ҳайратоварро шунида, бори дигар эҳсос мекард, ки таъсири сайидҳо миёни мардум ба он андоза амиқу пурқувват аст, ки на ҳар шахси пурдону фозил ба ин андоза нуфуз пайдо мекунад. Ӯро ин чиз ба андеша меовард. Роҳҳои обрӯ пайдо карданро меҷуст.

Ҳарчанд муридонаш зиёд буду бархе аз эшон шабу рӯз дар манзили ӯ кор мекарданд. Қисми дигар пири ҷавону мусофирашонро тарғиб намуда, аз фазилати баланду донишмандии ӯ ҳарф мезаданд... Ӯ бо қувваи муридонаш ду ҳуҷраи дигар созонда, ҳамом, чиллахона бунёд кард. Аммо кори асосияш иҷро нашуда буд. Мебоист сар то сари қаламрави Балҷувон қадам зада харитаи онро мекашид. Роҳҳои бaромаду даромадро ба Шуғнов муайян мекард.

«Дар мағзи ин сарзамин ганҷи зиёде нуҳуфтааст... Барои кашфи он сари бомағз даркор. Мардуми он ҳанӯз аз хоб нахестааст. Ҳарки бедор аст, чун ҷадидон бадному нафратзадаанд...»– меандешид Ҷеймс.

Рӯзе бо мақсади омӯхтани мавқеи ҷуғрофии он сарзамин дафтару қалам гирифт, тӯшаву талқон омода намуд ва ба муриди нахустину содиқаш Усто Насим гушрас кард, ки азми шикорравӣ дорад, агар майл дошта бошад ӯро ҳамроҳӣ кунад.

Усто Насим ин хоҳиши Ҷеймсро бе чуну чаро маъқул донист. Ва барои сабук шудани корашон нархари сиёҳи худ ва мочахари ҳамсояро

талабида овард, ба ҳарду маркаб аилу пуштанг зада ба сафар омода намуд. Деҳаҳои Аспирингон, Хлесон, Зувайр, Бузкушак, Афардиро савораву пиёда як ҳафта гаштанд. Усто Насим, ки ними умрашро сарфи роҳҳои пуршебу фароз намуда буд, намедонист чаро ба пираш ин деҳаҳо лозим шуда бошад? Дар асл ба нияти шикор аз хона баромада буданд, аммо Ҷеймс гӯё ҳамаи инро фаромӯш карда буд, ки аз дидани деҳаҳои сернуфуз, дашту дараҳои жарф гӯё, ки сер намешуд. Қоғаз паҳн карда дар он чизе менавишту аз нав давоту қалам ба анбонаш мениҳод ва роҳи худ идома медод. Усто Насим ҳам

хомӯшона аз паси ӯ мерафт, ба саволҳояш ҷавоб медод. Дар бораи деҳаҳо, одамонаш ва сангу чашмасори он қиссаву ривоятҳо мегуфт. Ба Дараи Мирон ном русто намози шом расиданд. Ин дам муаззин азони намоз медод.

– Шабро дар хонаи эшони Сулаймон мегузаронем, – гуфт Усто Насим ба Ҷеймс.

– Ӯро мешиносӣ ва ё номашро шунидаӣ?

– Се сол пеш писари амакам девона-касал шуд. Пеши табибу муллоҳои зиёде бурдем, фоида накард… Касе гуфт, ки дар дараи Мирон эшони Сулаймон ном касе ҳаст ва пайвандони эшони Сайид Аъзами Фируз. Даму нафасаш тоза асту ҳаркиро дуохонӣ кунад шифои комил меёбад. Беморро ба наздаш бурдем. Аввалаш-ку Худо, ба дуохонии ӯ шифо ёфт. Бечора як ҳафта на шаб хоб буду на рӯз…

– Беҳтараш шабро дар кӯҳ рӯз кунем.

– Эшонро зиёрат накарда рафтан аз рӯи инсоф нест…

– Айб нест?

– Агар дасти холӣ мерафтем, айб мешуд…

– Чӣ мебарем?

– Аз ин дида савғои хубе ҳаст? – ба бузи кӯҳӣ ишора кард, ки рӯи хар ҷисми беҷонашро тарзе монда буданд, ки сари буридаву дар пӯст овезонаш кашол меистод. Дар чашмони беҳаракату ҷилонокаш ҳузне нуҳуфта буд, ки бо задани тири ногаҳонӣ ба синааш эҳсоси марг дар вуҷудаш раъша давонд.

– Гуфти шумо шавад…

Харҳоро пеш андохта ба деҳа ворид шуданд. Чашми Ҷеймс ба духтараки мавзунқомате афтод, ки сару рӯяшро бо докаи сафед печонда буд ва фақат чашмони оташбору мижгонҳои синону абрувони камонаш ба чашм мерасиданд. Духтарак кӯзаи калонро шуста аз оби чашма пур кард ва сари китф гирифта калон-калон қадам зада, ҷониби он ҳавлияшон равон шуд. Усто Насиму Ҷеймс низ харҳои худро ҷониби он ҳавлӣ ҳай карданд. Онҳоро эшон пешвоз гирифт, харҳоро ба оғил бастанд. Бузи кӯҳиро яке аз муридони эшон пӯст канда, ба табох супурд. Ба шарафи меҳмонон эшон ҳаққу ҳамсояҳоро даъват кард.

Он шаб сӯҳбати гарме доир гашт, ки ба Ҷеймс таассуроти амиқе боқӣ гузошт. Ӯ баробари баҳрабардорӣ аз сӯҳбат шахсияти хешро чун донишманд ба дигарон шиносонд. Вале пай бурд, ки бо вуҷуди ҳамаи ин ба мартабаи эшон расида наметавонад. Ҳама бойёну заминдорони бузург ба ин авлод ҳасад мебаранд. Ҳатто амирони манғит барои соҳиби чунин мартаба шудан аз ин авлод зан гирифта, ба ин восита ба насли хеш номи сайидӣ доданд. Ҷеймсро ин чиз ба андеша овард. Ба худ қавл дод, ки он духтараки мавзунқомати зеборухсорро, ки ҳини обгирӣ дида буд ба ҳамсарӣ мехонад. Ва муфт соҳиби ин мартаба мегардад. Боварӣ дошт, ки волидони духтар донишмандии ӯро рӯи хотир карда розӣ мешаванд. Ба ин андешаи ба пиндори хеш амиқу устувор сафари тадқиқотияшро ҷамъбаст намуд. Ва субҳи рӯзи дигар ба манзили хеш омад. Азбаски тӯли ин чанд рӯз ба ҷуз таҳорат оббозӣ накарда буд, ба ҳамом даромад. Ҳезум сӯхта онро тафсонд. Об ҷӯш кард. Сипас ба сараш як кӯза об рехту ба бухории сангин об пошид. Об фишос заду ба ҳавр бадал шуда, ба шифт бархӯрд ва ба тамоми ҳамом паҳн гашт… Баъд аз шустушӯй ба муридонаш Сафар ва Саттор фармуд, ки туту зардолую себи хушкро ҷамъ карда дар халтаҳо бардоранд. Ба чиллахона даромада онҳоро огоҳ намуд, ки ба ӯ кордор нашаванд. Ва ҳар ки ба суроғи ӯ биёяд, чилланишин буданашро ба эшон хабар диҳанд. Ва худ ба чиллахона, ки онро чун хилватгоҳ истифода мебурд, даромад. Чароғи равғанин фурӯзон кард. Чироғи сиёҳ чашмак мезад, аммо хомӯш намешуд ва торикиро ба гӯшаҳои ин кулбаяки хурд, ки дар дохили кулбаи васеъ бунёд ёфта буд, меронд.

Давоту қалам сохт, қоғаз паҳн кард, ва ончи дар сафар осемасар дар авроқе тарҳрезӣ карда буд, ба вароқи дигар кашидан гирифт. Харитаи қаламрави Балҷувонро бояд ду нусха мекашид, яке барои худаш дигариро тавассути намояндагони дар Бухоро буда ба Афғонистон мефиристод… Аммо то Бухоро расонидани онро чӣ гуна ташкил мекунад, худаш ҳайрон буд… Ниҳоят илоҷи онро ёфт.

Харитаро мебоист ба дасти ягон шахси сафари Бухоро дошта фиристонад, лекин онро ошкор фиристода наметавонист. Ҳарос дошт, ки ба ин амалаш шубҳаву гумони дигаронро ба худ бедор мекунад. Аз ин рӯ аввал ба Герберт нома навиштанро авло донист. Зеро деҳ ба деҳу кӯҳ ба кӯҳ гашта харита кашиданро ба ӯ нафармуда буданд, балки Ҷеймс ин корро мувофиқи салоҳдиди хеш иҷро намуд, ва ба пиндори худ харитаи офаридааш нисбат ба харитаи аз дасти кадом як рус харидаи Герберт мукаммалу дақиқ офарида шудааст. Ҷеймс бо ин роҳ ба эшон гуфтан мехост, ки вақти хеш беҳуда нагузаронида, мудом дар паи пажуҳишу ҷустуҷӯ аст.

Дар ин шабу рӯз касе азми сафари Бухоро надошт, ки нома бифиристад. Вақт мегузашту ин нақша амалӣ намегардид. Хост худаш биравад, аммо инҷо буданаш зарууртар буд… Вале нарасидани гапу хабар аз Бухоро ӯро хиҷил мекард. Дар хусуси дигаргуниву тағйиротҳои ин шаҳри овозадор ҳарчи бештар донистан мехост. Дар асл овозаҳои росту дурӯғ тез паҳн мешуданд. Миш-миш буд, ки амир Олимхон ҷадидонро таъқиб карда ҷазои олитаринро сазовор медонад… Ва бачабек (болшевик) дар Петербург аҳволи Николайро танг кардааст. Аз ин рӯ амир Олимхон бепушту паноҳ мондааст. Ҷеймсро ин хабарҳои изтиробангез беқарор карда буд. Бисёр мехост шоҳиди ин рӯйдодҳо бошад. Аз нақшаву нияти ҷадидони хунгарм огоҳ шавад. Вале дасташ кӯтоҳ буд. Аз ҷониби дигар ба дурустии овозаҳо онқадар эътимод надошт. Кораш бисёр буд, як сари танҳо аз уҳдаи ҳама кор баромада наметавонист. Ӯ барои харитаи тартибдодааш аломатҳои ҷуғрофӣ кашф мекард. Аммо аз он ғам мехӯрд, ки кори пешгирифтаи ӯро русҳо кайҳо аз худ кардаанд. Ва солҳо боз муҳандиси кӯҳшиносаш Журавко-Покорский ба воситаи дастгоҳҳои тиллокорияш дар болооби руди Яхсу ба заршӯӣ шуғл дорад. Ҷеймс дар ин мавзеъ сӣ деҳаро зи сару бар қадам зада, бо кору бори онҳо шинос шуд, ки асосаш ба тиллошӯӣ машғул буданд. Мардуми ин рустоҳо бо вуҷуди меҳнати сангин пушт ба пушт, авлод ба авлод бо усули куҳна кор мекарданд. Онҳо ҷинсҳоро, ки аз регҳои на он қадар калон иборат аст, бо ғалбер бехта, сипас

хурду калонаш аз ҳам ҷудо намуда ба оби равони рӯд мешӯянд. Заррачаҳои тилло ба намади дар тахти об густурдашуда дар мемонанд… Бо ин усул мардуми зиёде машғулият доштанд…

Ҷеймс ба кори дигари капиталистони рус: Сирос, Николаев ва Рембер, ки дар кони тиллои Шуғнов фаъолият доштанд, шинос шуд ва дар дафтари қайдҳояш онро ишора намуд. Ӯ аз он дар ғазаб буд, ки ҳама ин боигариҳо кайҳо соҳиб пайдо карда буданд.

Пахтазору ғаллазори васеъ, ки дар канори роҳи Динтур то Ховалинг доман паҳн карда буданд, диққати Ҷеймсро ба худ кашид.

Ҷеймсро набудани алоқа ба Бухоро чанд рӯз боз ором намегузошт. Ӯро, бахусус, тасарруфи ганҷи ин сарзамин аз ҷониби капиталистони рус ба ташвиш оварда буд. Ба номи Герберт номаи муфассале вобаста ба ин чиз иншо намуд, вале ба дасти кӣ фиристодани онро намедонист. Аз Балҷувон ҳар ҳафта ба Бухоро намояндагони бек Абдураҳим-додҳо номаҳои ба унвони амир навиштаро мебурданд. Аммо Ҷеймс ба воситаи онҳо фиристодани номаро аз рӯи ақл намедонист. Дар фикри сафари Бухоро буд, ки қосид хабар овард: писари Усто Насим-Мурод, бо гуноҳе зиндонӣ шудааст. Усто Насим, ки тамоми дороияшро барои гирифтани васиқаи бек ҷиҳати сохтмони манзил барои Ҷеймс харҷ намуда буд, ҷонҳавл ба ҳавлии ӯ омад. Ҷеймс ин лаҳза дар чиллахона дар рӯшании чароғ мушоҳидаҳои хешро дар дафтари қайдҳояш менавишт. Ҳарчанд дар ин ҳолатҳо ба ӯ кордор намешуданд. Вале ин лаҳза бо исрори Усто Насим, ки ранг дар рӯяш намонда, беҳолу бемадор дар гӯшаи суфа менишаст, аз чиллахона баромад. Ҳолати рӯҳии ӯ аз ваҷоҳаташ аён буд.

– Тинҷист?

– Аз куҷо тинҷӣ? Муродҷонро дар Бухоро зиндон кардаанд.

Ҷеймс дарк кард Муродро бо гуноҳи ҷадидӣ зиндон кардаанд.

– Як ҳафта боз Муродҷон ба хобам медарояд. Рангаш испарак ворӣ зард, чашмонаш амиқ, баданаш лоғар. Аз

ман мадад металабид... – Ҷеймс андешаи худро ба муридаш тарзе баён мекард, ки чунин хобу хоббинӣ танҳо хоси авлиёву анбиёҳост. Бо ин роҳ таъсиру нуфузи хеш дар дили ин марди соддаву содиқ амиқтар карданӣ буд.

– Бо чӣ гуноҳе зиндон карда бошанд ӯро? – оби дидагонашро бо гӯшаи остин пок кард Усто Насим.

– Дар хобам аз ӯ суол кардам: «Муродҷон, чӣ гуноҳе аз шумо содир шуд?»Шаби аввал ҷавоб надод. Шаби дуюми хоббиниам низ чизе нагуфт. Шаби сеюму чоруму панҷум низ ба суолам посух нашунидам. Танҳо шаби ҳафтум гуфт...

– Чӣ гуфт?

– Бо ҷадидон ҳамкору ҳамнишин будааст...

– Наход?.. – усто Насим аз ин сухан як қад парида, гӯё даҳшате фарош гирифта бошад, чун мурғи посӯхта худро мезаду мехӯрд. Боварам намеояд, ки бо ҷадидони худозадаву оламсӯз ҳамнишин шуда бошад. Акнун чӣ кор мекунам? Чизе надорам, ки харҷи роҳ карда Бухоро равам.

– Шумо надошта бошед, мо дорем. Ман зиндаам. Бародариро ба чӣ рӯз гуфтаанд? Ҳардуямон меравем...

Ҷеймс бо ин роҳ мехост алоқаро ба Бухоро барқарор кунад ва ҳамчунин он чӣ ки дар ин сарзамин дида, мушоҳида карда буд, ба онҳо нақл бикунад. Ва хубие, ки Усто Насим нисбати ӯ арзонӣ дошта буд, баргардонад.

Субҳи он рӯз Ҷеймс ҳар ончи ки дошт, аз пулу пайса бо худ гирифт ва ҳамроҳи Усто Насим озими Бухоро шуданд. Усто Насим қабл аз ин Бухороро надида буд. Ҳамагӣ дур аз маҳали зисташ то Кангурт рафта буду халос. Тирамоҳи он сол ду оилаи дарвозиён, ки ҳар сол аз давраи кишт то айёми ҷамъоварии ғалла дар Балҷувон бо зироаткорӣ машғул буданд, аз Усто Насим хоҳиш карданд, ки то Кангурт онҳоро роҳбаладӣ кунад. Онҳо пеш аз сафар ба Ватан фарзандони баркамоли хешро, ки дар ин шаҳри кӯчак, вале сермасҷиду мадраса таълим мегирифтанд, нияти дидан доштанд. Усто Насим ҳарчанд Кангуртро надида буд, вале «сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр»гуфта онҳоро ҳамроҳӣ кард... Он вақт ҷавон буд, баъди ин ҳеҷ гумон надошт, ки рӯзе азми сафари Бухоро мекунад. Бухорое, ки дар бораи он ашхоси фозилу

таълимдида нақлҳои аҷиб мекунанд. Усто Насим чунин мепиндошт, ки ҳаргиз мушарафи дидори Бухоро намегардид…

Чун ба Бухоро расиданд, Ҷеймс аввал ба мадрасаи Мири Араб даромад. Ҳуҷрае, ки Мурод истиқомат дошт, қулф задагӣ буд. Аз ҳамсояҳуҷрааш куҷо будани ӯро пурсид. Аммо ӯ китф дарҳам кашида ҷавоби муҷмал дод.

– Як моҳ аст, ки аз ӯ хабаре нест. Ба шунидам, ба ватанаш-Балҷувон рафтааст…

– Кӣ гуфт, ки Балҷувон рафтааст? – боз пурсид Ҷеймс.

– Як ҳамшаҳрияшро дидам, ки дар мадрасаи Кукалтош мехонад…

– Ӯ чӣ ном дорад?

– Намедонам. Агар бубинам, мешиносам…

– Вақт надорӣ, ки ҳамроҳи мо ба Кукалтош равем, охир мо мусофирем. Аз Балҷувон омадаем, то ки ӯро хабар бигирем…

Ҷавон ба гирдоби тафаккур афтода каме хомуш монд ва хоҳиши мусофирони заҳматкашидаро, ки осори он дар тарҳи рӯяшон намоён буд, пазируфт.

Кӯчаҳои тангу печидаро гузашта ба мадрасаи Кукалтош омаданд. Ба бахти эшон он толибилми кӯлобӣ дари ҳуҷраашро пӯшида акнун азми рафтан доштааст. Ҷавони танумanди навриш баробари дидани мусофирон зуд пай бурд, ки онҳо кулобиянд. Ва дари ҳуҷраашро кушода онҳоро ба нишастан таклиф кард.

Баъд аз ҳолу аҳволпурсӣ Усто Насими коҳидаву хароб, ки тӯли роҳ танҳо ғам хӯрда буд, аз писараш Мурод пурсон шуд.

– Шумо ба ӯ кӣ мешавед?

– Падарашон…

– Муродро як моҳ пеш чун иштирокчии шӯриши Колесуф зиндон карданд…

– Дар кадом зиндон?..

– Дар Бухоро…

Усто Насим сар ба гирдоби тафаккур даровaрда ба андеша рафт…

– Колесуф кист? – пурсид Ҷеймс.

– Як уруси ёғӣ, дар Когон сипоҳ гирд оварда ба муқобили Амир шӯриш бардошт. Шӯриш панҷ рӯз давом кард. Бо вуҷуди он ки сарлашкари сипоҳӣ Амир Шамс Туқсабо ба шаҳодат расид, ҷонибдорони Амир бар ҷадидони хоин зафар ёфт.

– Колесуфро кӣ ҷонибдорӣ мекард?

– Ҷадидон…

– Пас писари ман, Мурод ҳам ҷадид буд? – пурсид Усто Насим.

– Намедонам, вале бо ҳамин гуноҳ гумонбар шуда зиндонӣ шуд… Бисёриҳоро бадарға карданд.

– Чаро ӯро бадарға накарда бошанд?

– Шояд то таҳқиқи гуноҳ дар зиндон нигоҳ дошта, сипас ҳукм бароранд…

– Колесуф болшевик буд? – пурсид Ҷеймс.

– Бале, ҷавонбухориён дар охир ба ӯ хиёнат карданд, вагарна Амирро шикаст додан душворие надошт…

– Ту ҳам ҷадид ҳастӣ? – нимшӯхиву нимҷиддӣ суол кард Ҷеймс ва хандаи маснуе зад ба Ашӯр.

Ҷавон аз суоли дар ин шабу рӯз таҳқиромези Ҷеймс дар ғазаб шуда, нигоҳи тезу ҷоншикоре афканд ба рӯяш.

– Хафа шудӣ?..

– Агар аз рӯи инсоф гап занем, ин суолро ман бояд ба шумо медодам…

– Ба ҷадидон монанд ҳастем? – гапро ба шӯхӣ бурд Ҷеймс.

– Риши сурхат бас аст, ки бе суди мурофиа маҳкуми зиндонат кунанд, дигар ягон баҳона суд намекунад.

– Ман ба тағоҳоям монандам, онҳо ҳам риши сурху мӯи хурмоӣ доранд. Падарам сабзина буд… – гуфт Ҷеймс.

– Агар ба дасти нукарони Амир афтодӣ, дигар на аз падарат мепурсанду на аз тағоят. Худо бигӯй, ки номат бо ҷадидӣ олуда нашавад.

Чӣ қадар одамони бегуноҳ қурбон шуданд, Худо медонад… – оҳи бадард кашид Ашӯр.

– Муродҷони маро ҳам бо тӯҳмат зиндон карданд? Чӣ

кор кунам? Додамро ба кӣ гӯям?...

– Қозикалон Бурҳониддин кӯлобист. Ӯ пеши Амир нуфузи калон дорад. Ва ҳатто қӯшбегӣ бо ҳамон мартабаи баланд пеши ӯ нотавон аст. Ариза навишта ба қабулаш бирав, шояд дар дилаш заррае тараҳҳум пайдо шавад, – гуфт Ашӯр…

– Кӣ ариза менависад?

– Мо… – гуфт Ашӯр ва аз ҷой хеста аз тоқ китоб бардошт ва қоғазеро аз миёни саҳафоти он гирифта, давоту қалам тайёр карда, дуру дароз навишт. Усто Насиму Ҷеймс сар ба гиребони тафаккур даровaрда, хомушона, интизори анҷоми кори Ашӯр буданд. Чун Ашӯр ба ариза нуқта гузошт, Ҷеймс ба қоғаз дида дӯхт ва аризаро мутолиа кард.

– Дар ин ҷо нуқтае афтодааст, – қоғазро ба Ашӯр гардонд Ҷеймс. Ашӯр ҳам эроди ӯро қабул дошта нуқтаи фаромӯшшударо сабт кард.

– Аризаи хуб навиштаӣ… – таъриф кард ӯро Ҷеймс, – акнун бо кадом роҳ онро ба қозӣ мерасонем?

– Ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе қозӣ Бурҳониддин арзу шикояти аҳолиро қабул медорад. Метавонед субҳи рӯзи дигар, баъд аз намози бомдод, ба қозихона омада, аризаро ба ӯ бисупоред…

– Ҷавоби онро кай мегирем?

– Баъди ягон ҳафта…

– Ин қадар дер?..

– Аризаҳо ниҳоят бисёранд ва барои ҷавоб навиштан вақт даркор.

– Бале, ҳар як номаро таҳқиқ мекардагистанд, – Ашӯрро тасдиқ кард Ҷеймс.

– Шояд таҳқиқ мекарда бошанд, ки фосилаи байни саволу посух як ҳафтааст…

– Дар ин ду рӯз чӣ кор мекунем? – гулпурсӣ намуд Усто Насим.

– Дар ҳамин ҳуҷра хуфту хоб мекунед… – гуфт Ашӯр.

– Шумо дам гирифта бишинед, ман бозорро сайр карда то вақти намози пешин меоям, – гуфт Ҷеймс ба Усто

Насим, ки маҳтали ишорат буд. Ва кайҳо боз мехост ҷое пайдо карда баҳузур бихобад, то таъсири хастагӣ аз тан бадар кунад. Ҷеймс анбонаш ба китф партофта, бо эшон хайру хуш карда аз ҳуҷра баромад. Усто Насим лулаболиштро таи сар монда ғанаб рафт. Ашӯр низ баъди хуфтани меҳмон аз паи кори худ шуд.

Ҷеймс ба ҳамон ҳавлие, ки пеш аз сафари Хатлон Герберт ӯро ба онҷо оварда буд, омад. Як табақи дарро тела дода, вориди ҳавлӣ шуд. Ва рост ба ҳуҷраи шайх омад, ки мукиҳояш дар дами дар меистод. Ба хотири огоҳонидани ӯ овоз рӯшан кард.

– Дароед! – аз дохили ҳуҷра овози шайх баромад. Ҷеймс вориди ҳуҷра шуда, анбонаш ба гӯшаи хона монда, барои вохӯрӣ бо шайх ба пеш гом ниҳод.

– Туӣ домулло Ҳақдод, писарам? – шайх ба истиқболи Ҷеймс аз ҷой бархост.

– Нахезед, гунаҳгорам накунед! – Ҷеймс бо лутфу назокат, ки хоси шарқиён аст, ба шайх рӯ овард.

– Офарин, кайҳо боз орзуи дидорат доштам.

– Ман ҳам дар он гӯшаи дунё зори дӯсте будам, ки дарди дил кунам, – гуфт Ҷеймс ва оҳ кашид.

– Ғам нахӯр, писарам. Хидмати ту ҳаргиз дар назди миллат беподош намемонад… Ку биншин, аз дидаву шунидаат нақл бикун. Дар он гӯшаи дури аморат чӣ гапу хабар аст? Ба воқеаҳои Бухоро чӣ баҳо медиҳанд?

– Дар он минтақа натанҳо воқеаҳои Бухоро, ки рӯҳияи мардум онро таҳрик медиҳад, балки фармонҳои худи амир баъди як ва ё ду моҳ мерасад… Мардумаш баъди шикасти Восеъ аз ҷониби қушунҳои амир дар ин садсола ба худ намеоянд.

– Дар хусуси табодуллоти Уктабрӣ чӣ мегӯянд?

– Гуфтам-ку онҳо дар хоби ғафлатанд, ба ин наздикӣ бедор шуданашон ба гумон аст. Онҳо аз чизи нав ба даҳшат меоянд. Ва чун аз аҷал меҳаросанд. Шунидам дар Қаротегин муллобачаеро бо фармони қозӣ сангсор карда куштаанд.

– Бо кадом гуноҳ?

– Гӯё ӯ ба Қуръон қасам хӯрда бошад, ки дар Бухоро аэроплонро дидааст… Мардум ба ӯ бовар намекунанд. Ва ӯро чун пайрави роҳи шайтон ба чунин ҷазо сазовор медонанд… Дар Шуғнову Сари Пули Ховалинг капиталистони рус имрӯз ба истеҳсоли тилло мешғуланд, аммо ин мардумашро ба ташвиш намеорад, – харитаи ба дасти хеш тартибдодаашро аз анбонаш бароварда пеши шайх гузошт.

– Хурсандии мо, пас бармаҳал будааст?

– Бале, мо қафо мондаем…

– Лекин имрӯз имкониятҳои мо зиёдтар аст, ки хуҷаини ин сарзамин шавем.

– Чӣ хел? Охир русҳо дурдастарин гӯшаи ин қаламравро ба даст оварда ганҷи онро мекашонанд.

– Ин аҳамият надорад. Муҳимаш имрӯз дар Петербург Ҳукумати подшоҳии Рус, ки аморати Бухоро тобеи он буд, сарнагун шуд. Ҳукумати болшевикӣ ҷон мекоҳонанд, ки пояҳои давлатдориро мустаҳкам кунад, вале он бо оҳистагӣ амалӣ мешавад. Болшевикон мехоҳанд дар кишварҳои як вақтҳо ба аморати подшоҳии рус тобеъ буда, бо роҳи табаддулот Ҳокимиятро ба даст дароранд ва сохти давлатдориро дигаргун кунанд. Аммо кушишҳояшон натиҷа надода истодааст. Амири Бухоро ба Колесуф ва думравони ҷадидашон дастболо шуд. Дар ин роҳ саҳми мо кам нест. Маҳз мо, ҷадидони ба онҳо сахт эътимод бастаро ба роҳ даровардем, ки ғалабаи Колесуф шикасти аморат не, балки шикасти миллати мазлуми Бухорост, ки аҷнабиёни ғайримусулмон ба сари эшон ҳоким мешаванд. Ҷадидон, ки дар асл ислоҳотчиву миллатгароанд, онҳоро дар нимароҳ танҳо гузошта, қафо гаштанд.

– Аз шикасти ҷадидон чӣ суд?

– Амир ҳам шуришчиёнро шикаст доду мустаҳкам кард. Амирони манғит, ки тӯли ҳукмронии хеш дар болои сар доштани хусаеро чун Руссияи подшоҳӣ одат карда буданд, дар симои Англия пайдо кардани пуштибонро кайҳо боз орзу дорад.

– Ҷадидони Бухоро тарафдори Ҳокимияти подшоҳӣ буданд. Онҳо мақсаду мароми хешро танҳо хушӣ ба хушӣ, бо роҳи пешниҳод ба амир, амалӣ кардан мехостанд.

– Бале, ҳамин тавр буд. Баъд аз муҳорибаи Колесуф мақсаду мароми хеш дигар карданд. Ва бештари ҷадидон зери таъсири болшевикони рус монданд. Ин бар зарари мост. Зеро имрӯз, ки дар Петербург ҳокимият ба дасти Шуростт, метавонанд бо ёрии онҳо таъсири хешро дар ин қаламрав бигузоранд. Хушбахтона, қисме аз онҳо ин равияро қабул намедоранд. Ин парешониву зиддиятҳои байниҳамдигарӣ ба фоидаи мост. Мо аз он бояд, ки истифода барем.

– Ҷадидонро пурра ба зиндон партофтаанд?

– Не, бисёрии онҳо пароканда шуданд. Ва имрӯз таҳти ҳимояи Ҳокимияти Шуравии Россияанд…

– Мо киро ҳимоя мекунем? Ва барои нуфузи хешро зиёд кардан аз кадом қувва истифода мебарем?

– Алъон ба амир Олимхон… – гуфт шайх ва ба харитаи Ҷеймс чашм давонд. Ва барои муқоиса харитаи хешро, ки қабл аз сафари Хатлон ба Ҷеймс ошно карда буд, кушод. Харитаи Ҷеймс кашида бо дарбаргирии боигарии табииву ҷуғрофии ин сарзамин ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо аз харитаи ӯ пурраву ғанӣ метофт.

– Ман ин харитаро аз рӯи шунидам ва ё нишондоди касе накашидаам. Балки онро деҳа ба деҳа, кӯҳ ба кӯҳ гашта, ҳар кадомро таҳқиқ карда, сипас рӯи саҳфа овардаам. Дар он ҷо ман танҳо будам, бо вуҷуди ин мекӯшидам аз вақт самаранок истифода барам. Дар миёни рӯди Сурхоб манзиле сохтам. Барои чашми мардумро бастан ҷиллахона бунёд кардам, ҳар гоҳ онҷо даромада мушоҳидаҳои хешро дар дафтар мебардорам. Бо ин восита бо як тир ду нишон мезанам. Онҳо гумон мекарданд чилланишинӣ мекунам. Дар асл бошад дар чиллахона ба кори худ машғул будам. Агар ду нафар мебудем, кор ранги дигар мегирифт. Ақаллан, Гербертро ба ман ҳамроҳ мекардед.

– Герберт ба ман чун обу ҳаво зарур буд. Бо кӯшиши ӯ хеле корҳо ба анҷом расонида шуд. Ӯро ба дашти туркман фиристодам, то ба намояндагони мо аз воқеаҳои Бухоро маълумот диҳад.

– Вақти он расидааст, ки мо ҳам чун русҳо дар ин сарзамин озодона гардиш кунем.

– Ҳоло чунин фурсат фаро нарасидааст.

– Ҷадидон ба кори мо халал мерасонанд, агарчи ислоҳотчиянд…

– Аз ислоҳоти онҳо ба мо чӣ фоида? Ҷадидҳо чун болшевикон душмани сохти ҷамъиятии Англияву дигар давлатҳои пешқадаманд. Намояндагони расмии мо ба амир мулоқот доштанд. Амир аз мо инглисон меҳаросад, вале аз ноилоҷӣ мехоҳад аз қувваи мо истифода бубарад…

– То он вақте, ки барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ иҷозат нагирем, нуфузи мо дар ин сарзамин зиёд намегардад. Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем миёни мардум ошкоро кор барем.

– Миёни мардум чӣ кор мебарем? Мо табадуллот карданӣ нестем-ку? Мақсади мо ба даст овардани конҳои тилло, истифодаи ганҷҳои зеризаминӣ, истеҳсоли пахтаву мӯина аст.

– Дар Бухоро ба ин муваффақ шудан душвор аст. Зеро авзои онҷо дар ин солҳои наздик ором намешавад. Агар аз вақт истифода бурда капиталистони русро аз ин конҳо пеш кунем, касе муқобили мо хеста наметавонад. Зеро ҳокимияти подшоҳии рус, ки пуштибони онҳо буду шаъну эътибороти шаҳрвандони хешро дар ин сарзамин ҳимоя мекард, вуҷуд надорад. Ҳокимияти Шуравӣ бошад бо онҳо ҷанг эълон кардааст.

Шайх лабони ғафсашро ба ҳам фишурда ба андеша рафт ва пас аз каме сукут дубора ба Ҷеймс рӯ овард.

– Ба андешаи шумо мувофиқам, вале амир Олимхон бо вуҷуди онки дар Петербург Ҳокимияти подшоҳии Рус сарнагун шуд, умедвори бозгашти ӯро дорад. Ба андешаи ӯ болшевикони сустбунёд дубора ҳокимиятро ба шоҳ месупоранд… Бозгашти шоҳ имкон надорад. Вале ба сари

қудрат омадани қувваи нав аз эҳтимол дур нест…

– Мо чӣ кор мекунем?

– Сабр…

– Онгоҳ дер намешавад?

– Шояд не…

– Ҷадидон баъд аз шикоят шояд аз таъқиботи шоҳ гурехта ба кӯҳистон паноҳ баранд. Он гоҳ дар онҷо боз доираҳои зиддиинглисиву ислоҳотхоҳонаи хешро оғоз мекунанд. Ин ба зарари кор аст.

– Магар кӯлобиёни саркаш ба мо халал намерасонанд?

– Дар бораи онҳо бештар воҳима мекунанд. Шояд замоне чунин хислат доштаанд, вале имрӯз аз он феълу атвор чизе боқӣ намондааст. Ҳама мутеъу гирифтори зиндагии сахти хешанд. Аммо ривоятҳо ҳарчи қадар хоҳӣ дар ин сарзамин бисёр аст. Ҳатто дар бораи ҳар сангу дарахташ ҳикояте, қиссае ва ё афсонаву устурае бофтаанд.

– Говсаворияшон ҳам ривоят аст?

– Бале, кони тиллои Шуғнов, ки дар харита мебинӣ, тӯли асрҳо ба ихтиёри бегонагон буд. Имрӯз низ аз он бегонаҳо истифода мебаранд.

– Киҳо?..

– Искандари Зулқарнай аввалин шуда аз он истифода мебурдааст. Сипас муғулҳо онро ба даст овардаанд. Аз он пас манғитҳо, инак русҳо. Агар насиб бошад, рӯзе мо ҳам ба он соҳибӣ мекунем.

– Иншоолоҳ… Аз ин мебарояд Балҷувон замини ҳосилхезу табиати мусоид дорад, ки дар он пахта, ғалла, кунҷит бе обёрӣ ҳосил медиҳад? – ба дафтари қайдҳои Ҷеймс нигарист шайх.

– Ба марди дарвозие вохӯрдам, ки ба харҳо ғалла бор карда буд ва аз Ховалинг ба Дарвоз мерафт. Ӯ гуфт, ки агар дар рӯи дунё гуруснагӣ шавад ҳам дар Балҷувон гуруснагӣ намешавад. Чун аз ӯ сабаб пурсидам ба ман ривояте нақл кард:

«Баъди аз Биҳишт ронда шудани Бобои Одам ва Бибӣ Ҳаво онҳо дар рӯи замин сарсону саргардон мегарданд ба умеде, ки макони дилписанде пайдо мекунанд. Аммо ба ҷуз

регистон маконе дилписанд намеёфтанд, зеро иблис паи озори онҳо буд. То онҳоро маҷбур кунад дар ҳаққи Офаридгор носазо гӯянд. Аммо бо вуҷуди тангии рӯзгор ва таъсири он, ки иблис барояшон муҳаё мекард Бобои Одам ва Бибӣ Ҳаво дар ҳаққи Олоҳ таоллоҳ носазо намегуфтаад. Баръакс шукр мекарданду ба умед гом мениҳоданд ба заминҳои нав, вале ҷои дилписанд намеёфтанд, ки намеёфтанд. Парвардигор меҳнати онҳоро бидид ва амр кард дар Балҷувон ва атрофи он сукунат ихтиёр кунанд. Ва барои кишту корашон аз Ҷабраил талаб кард як ҷуфт барзагов аз биҳишт барояшон муҳайё кунанд. Бобои Одам ва Бибӣ Ҳаво ба Худованд саҷда карданд. То ин вақт гандум танҳо дар биҳишт мерӯид. Ҷабраил ба Бобои Одам ва Бибӣ Ҳаво кишти гандум ва нигоҳубини ин зироатро омӯзонд. Ҳамин тариқ Бобои Одам ва Бибӣ Ҳаво ҳазор сол умр дидаанд…»Барзагов дар ана ҳамин ҷо хобидааст, – гуфт Ҷеймс ва ба нуги қалам ба нуқтае аз харита ишора намуд.

– То ҳол?

– Бале, теппаест бузург, агар аз канор истода ба он назар бидузӣ, намуди барзаговро дорад.

– Барзагови дигар куҷост? – бо тамасхур суол кард шайх.

– Дунёи кушод, куҷои дигар рафтагист-да…

– Офарин, феълу хуи онҳоро гирифтаӣ. Агар камтари дигар бо онҳо бошӣ, чунон ривоятҳо мебофӣ, ки ягон тоҷик дастовгират намешавад.

– Дар Хатлон аз забони ҳар бошандааш, ончунон қиссаву ривоятҳо шунидам, ки ҳуш аз сарам парид. Гӯё ба ҷуз қиссагӯиву шеърхонӣ кори дигар надошта бошанд.

– Ба бахти мову шумо… Агар онҳо ҳам мисли мо мебуданд, ҳаргиз қадамамон ин сарзаминро намедид, – гуфт шайх ва аз ҷо бархост.

– Куҷо хестед?

– Гап занам хӯрок бипазанд.

– Ба кӣ?

– Ба ҳамсоя…

– Ташвиш накашед, ҳозир аз сари хӯрок хестем, – гуфт

Ҷеймс ва шайхро ба ҷояш шинонд.

– Аз роҳи дур омадӣ, хӯрок мефармудам…

– Зану бачаҳо куҷоянд?

– Ба Англия фиристодам, то ин дам дар Ҳиндустон буданд. Онҳо забонро аз худ карда натавонистанд.

– Зан нагирифтед?

– Не…

– Аммо ман нияти зангирӣ дорам…

– Чӣ?... Зан мегирӣ?

– Бале… Духтари яке аз шахсони бонуфузро таги чашм кардам. Онҳо сайидзодаанд.

– Сайидзода?.. ба андеша рафт шайх ва дубора ба Ҷеймс рӯ овард, – дилат аз худат пур аст?

– Бале…

– Эҳтиёт шав, онҳо ба ҷузъитарин рафтор диққат медиҳанд. Сайидзодаҳои Бухоро ба мардуми авом духтар намедиҳанд. Аммо дар Кӯлоб намедонам. Напурсидед?

– Не... Онҳо медодагистанд, дар Бухоро шаҳрвандони одияш бухориёнро аз мардуми музофотҳо боло мегиранд.

– Набошад худро ба сайидзодаҳо мансуб бидонад.

– Ҳамин хел мекунам…

– Мурид пайдо кардӣ?

– Бале, ба Бухоро омаданамро сабабгор яке аз ихлосмандонам шуд… Писари ӯро барои иштирок дар муҳорибаи Колесуф ба зиндон партофтаанд.

– Ҳоло дар куҷост?

– Дар яке аз ҳуҷраҳои мадрасаи Кукалтош хобидааст. Ғаму андеша ва заҳмати роҳ хастааш карда…

– Имшаб инҷо мемонӣ?

– Не, меравам, ваъда дода будам…

– То бозгашт ба Хатлон маро хабар бигир. Боз бедарак шуда наравӣ… – гуфт шайх ва аз бағалкисааш як қабза пули қоғазӣ баровард, – барои муридат сарф бикун!

– Ӯ ҳам барои ман ҷонашро дареғ намедорад…

– Мефаҳмам… Акнун бирав! Фардо баъд аз намози пешин дар ҳаминҷо интизорат мешавам. Ман ҳам кор дорам. Дафтари қайдҳо ва харитаи Ҷеймсро миёни курпаву

курпачаҳои талчидашуда гузошт.

Ҷеймс аввал ба бозор омада биринҷ, гӯшт, равған ва сабзӣ харида, сипас оҳиста-оҳиста ба сӯи ҳуҷраи Ашӯр, ки Усто Насим онҷо дам мегирифт, раҳсипор шуд. Усто Насим чунон ба хоби сахт рафта буд, ки ҳатто омадани Ҷеймсро эҳсос накард. Ҷеймс сабзӣ пӯст карда асбоби ош омода намуд ва интизори Ашӯр истод.

Ҳарчанд ошпазиро дида, тарзи пухтанро медонист, вале ҷуръат намекард. Усто Насим аз бонги намози пешин бедор шуда, ба таҳоратхона шитофт…

Ашӯр баъд аз анҷоми намоз ҳозир шуд. Усто Насиму Ҷеймс дар ҳуҷраи ӯ менишаст.

– Дар вақташ омадӣ, ҳайрон будем, ки ошпазиро ба кӣ фармоем… – гуфт Ҷеймс.

– Ошпази хуб нестем, ин корро Муродҷон мекард. Якду бор ёрӣ дода будам, ку ҳунарамро нишон диҳам.

– Ман ҳам боре мустақилона оши палов напухтаам…

– Якҷоя мепазем, чизеро ман надонам ту бигӯй, агар ту надонистӣ ман ёд медиҳам…

– Аз як калла-да ду кала хуб нест?

Ҳарду масолеҳи ошро ба дегхона бурданд. Усто Насим, ки ба гуфтору рафтори онҳо хомӯшона дида медухт афсурдахотир менамуд. Аз рухсораҳои сурху ғаб-ғаби овезон ва китфу бозувони паҳлавононааш осоре намонда буд. Аз он рӯзе, ки ин хабарро шунид, лаззати хӯроку вақти хушро намедид, ки намедид. Ба худ мегуфту мепечид, месӯхту дар мегирифт. «Хайрият Ҳақдод ҳасту хотирам то андозае ором аст… дар ин рӯзи сахт дар шафатам рост шуд, нагуфт, ки писарам ҷадид аст. Роҳи дарозро ба ин хотир тай карда омад. Боре нашунидам, ки шикоят кунад. Баръакс маро пайваста дилбардорӣ мекард…»Зонувони харобашро оғӯш гирифта, ғунча шуда менишаст, манаҳаш ба такяи зонувон монда, дидагони фурӯрафтаю чун чашмони гӯсфанди сарбурида шафофу беҳаракаташ ба нуқтае гиреҳ хӯрда буд… Ӯ аз тақдири ояндааш меандешид. Ӯро дар ватанаш чӣ мегӯянд? Чӣ ӯро интизор аст? Саволҳое буданд, ки тӯли роҳ таркаш

намекард. Ва ҳамеша нӯги забонаш буд. Инак боз саволҳо сари забонаш пайдо шуд, беихтиёр чун одат. Ба худ тасаввур мекард, ки ҳамдеҳагонаш дар ҳаққи ӯ чунин мегӯянд. Худаш низ ба ҷаддидон нафрат дошт, ҳаргиз гумон надошт, ки писараш ба ҷадидӣ ном мебарорад. Ашӯр ҳам дар ҳаққи ҷадидон бо ҳақорат гап мезанад. Эҳсос мешуд, ки ба эшон таваҷҷӯҳ дорад, вале аз ошкоро гуфтан ҳарос дошт. Аҷаб замоне фаро расида буд, бародар бо бародар, падар бо писар бо шубҳа менигаранд. Ба якдигар боварӣ надоранд. Усто Насим аз сӯҳбати аввал пай бурда буд онро. Вале таҳаммул мекард. Намехост ҷавони хайрхоҳ ва дилсӯзро, ки барояш сарпаноҳ дода, тамоми роҳу воситаҳоро барои расидан ба дидори фарзанди бандияш нишон медод, ранҷонад. Чуноне, ки Ҳақдод бо саволи бемавқеи худ хотири ӯро озурда намуд.

– Ғам нахӯр, ҳамааш хуб мешавад, – аз дар даромад Ҷеймс. Қозӣ Бурҳониддин ҳамшаҳрии худамон будааст… Наход роҳи дуру дарозро тай карда омаданамонро рӯи хотир накунад?

– Худо медонад?.. Ба ҷадидӣ, ки гунаҳгор шуда бошад, авф карданашон ба гумон… – оҳ кашид Усто Насим.

– Бале, ҷадидон аз паси болшевикон рафтанианд. Онҳо ба ғазаби Худо гирифторанду худ намедонанд… – илова кард Ҷеймс ба рағми андешаи муридаш, ки суханони рӯҳнавозашро чашмдор буд.

– Чӣ кор кунам? Биниро безеб гуфта бурида мешавад? Ба сад орзуву ҳавас ба ин даргоҳи илм равонаш кардам. Ба умеде, ки сарамро ба осмон мерасонад, – оҳ кашиду сар афшонд Усто Насим.

– Боре дар маҳфилашон иштирок доштам.

– Шумо?..

– Бале, тасодуфан… Он вақт дарк карда будам ба роҳи хато мераванд…

– Чаро пештар нагуфтед? Шояд роҳи пешгирӣ кардани ин корро меёфтем…

– Аввал ин ки одати хабаркашӣ надорам… Агар мегуфтам ҳам бефоида буд. Зеро онҳо сар ба куштан медиҳанду аз

роҳи хеш намегарданд. Инро ҳамон шаб, ки дар маҳфилашон будам, эҳсос кардам. Ва гӯшамро кашидам, ки дигар мурам ҳам ҳамнишини ҷадидон намешавам…

– Чӣ мегуфтанд?

– Ба андешаи онҳо гузаштагонашон ҳама ҷоҳилу бесавод будаанд… Рости гап суханоне ба забон меоварданд, ки ба гуфтанаш забонам пеш намеравад. Худашон-ку осии гумроҳ, вале шунавандаро ба гуноҳи худ шарик мекарданд…

– Оббо, нафаҳмидем-да… Бачаро аз даст додем.

– Ду-се бор насиҳаташ кардам. Фаҳмондам, ки кӯшишоташон бефоида аст, бе хости Худованд барге намеҷунбад ва туфи кардаат рӯзе ба рӯи худат мезанад… Ба кӣ мегӯӣ?.. Ранҷид…

– Ошро дам партофтам, – гуфт Ашӯр аз дар даромад ва чойники чойро ба тоқча монда, болояшро бо сачоқ пӯшид, ки сард нашавад. Ҷеймс баръакси ӯ дастархон густурда нонро аз анбонаш бароварда болои он гузошт.

– Чойро биёр, менӯшем…

– Дар байни асру шом? – бо тааҷҷуб суол кард Усто Насим.

– Гӯё аз осмон афтода бошӣ, ки ҳамин чизро надонӣ? – гуфт Ашӯр ба Ҷеймс.

– Намефаҳмам барои чӣ?

– Барои он ки убол аст дар миёни намози асру шом дастурхон густурдан, – ба ҷои Ашӯр Усто Насим ҷавоб дод.

– Хайрият, ягон каси бегона нест, вагарна ба ҷадидӣ муттаҳамат мекард, – гуфт Ҷеймс.

– Барои ҳамин?

– Бале, ҳозир ҳама чизро баҳона мекунанд. Ҳатто риш тарошидану куртаи тугмадор пӯшиданро…

Ҷеймс аз ин рафтори хеш хиҷолат кашида сурх шуд. Дарк намуд, ки бо вуҷуди он ки миёни мардум мегардад ва урфу одати эшонро хуб медонад, ҷузъиётҳое ҳастанд, ки басо нозук ва назарногир, онро сарфи назар кардан имкон надорад. Аз ин рӯ ба худ қавл дод, ба ҳар чиз

беҳудаву баҳуда кордор намешавад. Ҳеҷ гумон надошт, ки ҳамин гап далели бедонишиву боиси шубҳаи дигарон шуданаш мегардад. Метавонист ҳамон лаҳза гапро ба дигар сӯ барад ва баҳона кунад, ки миёнаи асру шом будани вақтро фаромӯш кардааст. Вале он вақт ин чиз ба гӯшаи хотираш намеомад. Баръакс, нодониву нобаладии хеш бо саволҳои кӯдаконааш ошкор сохт. Ҷеймс, ки то ин дам худро пухтаву боандеша мепиндошт, ин лаҳза сустии худро эҳсос кард. Ин вақт муаззин азони намози шомро дод ва ҳар се ба намозгоҳ шитофтанд…

Рӯзи дигар низ Ҷеймс ба назди инглиси шайхтарош рафт, Ашӯр Усто Насимро ба сайри бозору мадрасаҳои шаҳр бурд.

Шайх дар меҳмонхона интизори Ҷеймс меистод, ки баробари шарфаи пои ӯро шунидан аз ҷой бархост.

– Кайҳо боз интизорат будам… – эҳсосоти худро пинҳон карда натавонист шайх.

– Ду пойро ба як мӯза андохт, ки тамошояш барам. Азбаски ваъдаи омадан карда будам ин корро ба гардани як муллобачаи ҳамшаҳрияш бор кардам, – баҳона пеш овард Ҷеймс.

– Хуб кардӣ…

– Дигар илоҷ надоштам, ҳарчанд вазифадор будам, ки дар ҳар сурат ӯро роҳбаладӣ кунам…

– Агар ҳаял мекардӣ, маро намеёфтӣ. Зеро баъд аз нисфирӯзӣ кори заруре доштам. Рафтанам лозим буд.

– Омадани ман чӣ зарур буд?

– Ману ту масъалаи муҳимеро бояд ҳал кунем, – намуди ҷиддӣ гирифт шайх.

– Чӣ масъала? – ҳаяҷони худро фурӯ бурда, ҳушу гӯш ба шайх дод. Кай ба қозӣ Бурҳониддин ариза мебаред? – суол кард шайх, ҳарчанд медонист.

– Пагоҳ баъд аз намози бомдод…

– Дирӯз ман бо як ҷадиди кӯҳна, Аминҷон Махдуми Зиё вохӯрда будам. Ӯ ба ман маслиҳат дод, ки ин корро кардан ҳеҷ имкон надорад. Зеро қозӣ Бурҳониддин ба ҷадидон, хоҳ ӯ болшевик аст ва ё ғайри болшевик, фарқ намегузорад. Ва ҳаргиз ба хотири ҳамшаҳрӣ будан ва ё

заҳмати роҳро кашидан ба касе тараҳҳум намекунад. Ҳатто амир Олимхон ба ҳамон иқтидоре, ки дар даст дорад пеши қозӣ нотавон аст.

– Наход?..

– Инро аз номаҳои имдодхоҳонаи амир Олимхон ба унвони қозӣ Бурҳониддин дарк кардан ҳеҷ душворӣ надорад, ки ба дасти болшевикон афтодааст…

– Аминҷон Махдуми Зиё дар озодист?

– Бале, охир ӯ домоди қозӣ Бурҳониддин аст. Ва ҳамчунин бародарзодаи ӯ ҳисоб меёбад. Аминҷон Махдуми Зиё агарчи як замон сарвари ҷадидон буд ва ба онҳо хайрхоҳӣ мекард, имрӯз аз хати кашидаи амакаш берун намебарояд. Зеро тавассути хайрхоҳиву кӯмаки ӯ ба мансаби уроқӣ расида, қозии тумони Хайробод таъин шудааст. Ва ба қозикалон Бурҳониддин садоқат дорад. Ҳаргиз намехоҳад пуштибони наслу авлодаш, ки тавассути ӯ соҳиби вазифаҳои баланд шудаанд, аз мансаб дур шавад.

– Ба ҷадидон чӣ хайрхоҳӣ мекард?

– Элчии Руссия боре ба қозикалон Бурҳониддин нома навишта, дар он мақсаду мароми ҷадидонро мефаҳмонд, ки минбаъд эҳтиёт бошад, Аминҷон Махдуми Зиё бошад, ин номаро ба ҷаъияти ҷадидон мерасонад.

– Ин корро дар давраи сарвари ҷадидон буданаш кард ва ё имрӯз ҳам мекунад?

– Аз дасташ биояд, имрӯз ҳам ёрии худро дареғ намедорад… Боре Амир бо мулозимонаш нақшаи ба даст афтодани ҷадидонро кашида буданд. Мебоист он рӯз дар хонаи Фазлиддин Махдум ҷамъ мешуданд, вале Аминҷон Махдуми Зиё онҳоро аз хатар огоҳ месозад…

– Пас дар халос кардани Мурод низ ёрии худро дареғ намедоштагист?

– Худо медонад?.. Гоҳ ба худ асту гоҳ бехуд… Барои аз даст надодани мансаби меросӣ, ки дар ин даврон ду авлоди қозиҳо барои ба он соҳиб шудан мубориза мебаранд, дар канор намеистад. Ва тарафдори қозии маъзулшударо дар кучое, ки рост биоянд, мекубанд. Онҳо барои соҳиб шудан ба мансаб аз қувваи ҷадидон истифода бурдан мехоҳанд.

– Кист он даъвогари мансаб?

– Муҳаммадшарифи Садр, падари ӯ қозикалони Бухоро буд ва мехост мансаби авлодияшро аз Бурҳониддин бигирад. Аз ин рӯ аз ҳамкорӣ кардан бо ҷадидон даст намекашид. Ва бо роҳи инқилоб ба орзуи деринаш расиданӣ буд. Вале Бурҳониддин аз вай зирактар баромад. Ӯ нақшае тартиб дода ба амир Олимхон пешкаш намуд. Мувофиқи ин нақша Амир баённомаи бардурӯғе қабул намуда, ислоҳоти ҷадидонро маъқул донист. Ва ҷадидони аз натиҷаҳои нахустини кор саргарм намоиш ташкил намуданд. Бурҳониддин бо дастгирии аскари Амир намоишро пахш намуда, душманони ашадии хеш одамони Муҳаммадшарифи Садрро мурданивор кубид. Дар ин воқеаҳо Аминҷон Зиё фаъолона ширкат варзида, дар задани одамони ин душмани авлодаш, ки пуштибонии худро аз қувваи ҷадидон медид, иштирок мекард ва ба гурӯҳи муштзӯронаш супориш медод, ки ба эшон тараҳҳум намекунанд.

– Ба шумо, ки ҷиҳати кӯмак ба як ҷадиди бандӣ саъй доред, аз ӯ зарар намерасад.

– Мо, якдигарро солҳо боз мешиносем. Ва медонад, ки ба ҷамъияти ҷадидон таваҷҷӯҳ надорам…

– Аз ин маълум мешавад ба қозикалон ариза бурдан маъние надорад?

– Бале, ӯ феълу атвори хусури худро панҷ панҷаашворӣ медонад. Ӯ гуфт, ки қисме аз ҷадидони ба даст афтода ба қатл расонда шуду баъзе ба иқболашон ҷазои ҳафтоду панҷ чӯбро чашида зинда монданд. Танҳо ба даҳ-дувоздаҳ нафари онҳо насиб гардид, ки ҷон ба саломат баранд.

– Чӣ тавр аз дасти нукарони шоҳ халос шуданд?

– Онҳоро он ҷадидоне раҳо карданд, ки дар миёни аскарони амир буданд…

– Наход барои он ки падари ҷадид аст, ҷазо диҳанд? Охир ҳар кас барои худ ҷавоб медиҳад.

– Метарсам ба касофати ӯ ба ту осеб нарасад…

– Ба ҳар ҳол бояд эҳтиёт шуд. Аз бало ҳазар гуфтаанд.

– Аввал фаҳмидан даркор, ки ӯ зиндааст ва ё мурда… Чӣ ном дошт?

– Мурод…

– Дар куҷо мехонд?

– Мадрасаи Мири Араб…

– Аз Аминҷон Махдуми Зиё аниқ мекунам, – гуфт шайх ва номи ӯро дар вароқе навишт.

– Кай ӯро мебинед?

– Баъд аз зуҳр…

– Ба мо кай хабар мерасонед?

– Кадом вақте, ки зинда ё мурда, зиндонӣ ё фирорӣ буданашро аниқ кунам…

– Агар як ҳафта пас маълум шавад?

– Ба ҳар ҳол сабр кунед!..

– Агар ба ӯ ягон воқеа рӯй диҳад, аҳволи ман ҳам хуб намешавад. Дар Балҷувон ӯ маро дастгир буд. Ҷонашро дареғ намедошт.

– Мефаҳмам, ӯ дар ҳама ҳолат ба ту даркор мешавад.

– Агар зиндонӣ бошад, Аминҷон Махдуми Зиё ӯро раҳо карда метавонад ё не?

– Намедонам, шояд… Инро ҳам аниқ мекунам, – гуфт шайх ва аз миёни тали курпаву курпачаҳо дафтари қайдҳо ва харитаи тартибдодаи Ҷеймсро баровард.

– Ман харитаро ба калонҳо нишон додам, – ба гӯшаи чашм ба Ҷеймс нигарист, ки аз табақча себ гирифта пӯст мекард.

– Маъқул донистанд?

– Ба корат баҳои баланд доданд, ки меҳнати ҳалол кардаӣ…

– Ҳар як нишонае, ки дар он мебинед, тавассути заҳмат рӯи кор омадааст. Пиёдаву савора гашта, бо аҳолии он маҳалҳо бевосита сари сӯҳбат нишастаам. Дар ҳама ҳолат роҳбаладу шарики шодиву ғамам ҳамин мард буд, ки имрӯз мусибат ба сараш афтодааст, – гуфт Ҷеймс ва пешонааш чин хӯрда, дидагонаш танг шуд. Лаби поинашро хоида, оҳ кашид.

– Аз мани ганда насиҳат, дар ҳама ҳолат ғами худро

бихӯр! Барои ҳар кас худро хору зор накун!..

– Охир ӯ барои ман ҷонашро дареғ намедорад.

– Бигзор, вале ту худро эҳтиёт кун. Дар ин сарзамини бегона, дур аз ёру диёр, касе ғами моро намехӯрад.

– Рости гап ба мардуми ин сарзамин сахт дил бастаам. Наметавонам ба онҳо бадиро раво бинам…

– Баъд аз амалӣ шудани нақшаҳо, агар розӣ бошӣ ҳамин ҷо мемонӣ, агар не меравӣ ба зодгоҳат, ба оғӯши волидайнат… Ҳозир вақти амал кардан аст, – гуфт шайх дар авзои ӯ нишонаи ноумедӣ эҳсос мегашт, ки онро Ҷеймс дар ин лаҳзаи пуризтироб нисбати хеш бедор кард. – Дӯст намедорам шахсеро, ки сустиродагӣ мекунад ва ба хотири андак илтифот ғулому бандаи касе мегардад.

– Охир мо инсонем, бояд одамвор рафтор кунем…

– Кӣ гуфт, ки рафтори ваҳшиёна кун?

– Намедонам, Худованд маро мебахшад ё не?

– Барои чӣ?

– Охир дар ҳар қадам гуноҳе мекунам, шахсеро фиреб медиҳам… Ба хотири чӣ намедонам?

Шайх аз ин рафтори Ҷеймс ба ғазаб омад. Саҳл монда буд ӯро дашном диҳад. Вале дар ниҳояти кор таҳаммул кард. Ва хандаи маснуъ дар лабонаш падид омад. Даст ба китфи Ҷеймс ниҳод ва сукут варзид. Ҷеймс ин лаҳза фикрашро ҷамъбаст карда наметавонист. Ҳарчанд пешонааш чин буду абрувонаш гирифта.

– Аз гап дур рафтем, Ҷеймс, мақсади мо ба ҳар сурат бояд амалӣ шавад. Дини ислом гоҳо муътакидонашро сахт гирифтор мекунад. Ба дараҷае, ки фаромӯш мекунад чӣ касест, – ва озмоишкорона ба рӯи Ҷеймс нигарист.

– Маро самимияту одамдӯстии ин мардум мафтун мекунад. Ба фикрам ин ба табиати эшон вобаста аст. Вагарна муътакидони ин динро кам надидаам…

– Ба харита нигар, – хатчӯбро ба нуқтае пахш намуд шайх. Ҷеймс низ ба он нишона чашм дӯхт. Ва дам ба дарун гирифта гӯш ба ҳарфи шайх дод. Ҳавзаи кони тиллои Шуғнов дар ин ду-се сол тамом намешавад?

– Дар тӯли ҳазор сол тамом нашуду имрӯз тамом ме-

шавад?... – авзои ноҷури Ҷеймс якбора дигар шуд, акнун дар чеҳраи ӯ нишонаи иштиёқ ба зиндагӣ, ба коре, ки пеша кардааст, намоён гашт. Шайх дарк кард Ҷеймс бо вуҷуди зиракӣ дили ҳасос ва соддагии ба худ хосаеро дорост, ки ҳар дам метавонад фикру ақидаашро дигар созад. Барои ба ин ноил шудан мебояд ӯро ба кор саргарм нигоҳ дошт. Зеро натиҷаи аввали кораш бобарор буд.

– Сармоядорони рус истихроҷи тиллоро шояд ба он андоза баланд бардоштаанд, ки маҳсули якрӯзаи корашон баробари заҳмати ҳазорсолаи заршӯёни пешин бошад?

– Бо вуҷуди ин захираи он интиҳо надорад…

– Воҳима мекунӣ? Чизи адонашаванда дар дунё нест… – гуфт шайх ва ба даҳони Ҷеймс нигарист, ки таассуроти хешро аз ин боб чӣ гуна баён месозад.

– Бо чашми худ набинед, ҳаргиз бовар намекунед. Агар кор барор бигирад, ҳамроҳи мо меравед?

– Ба ту бовар мекунам, албатта ҳаваси рафтан дорам, вале инҷо набошам, намешавад…

Гуфтугӯи онҳо то дергоҳ тӯл кашид. Гоҳ хомӯш шуда ба андеша мерафтанду гоҳо боз ба муҳокимаи масъалае мепардохтанд. Дар хусуси ояндаи ноаёне, ки орзуҳо машъалдори ин роҳ будаанд, бисёр ҳарф мезаданд, ки қисматашон ба чӣ пайвастааст ва чӣ онҳоро интизор аст.

Ҷеймс бо вуҷуди онки қабл аз зуҳр аз хонаи шайх берун шуд, ба ҳуҷраи муллобачаи кӯлобӣ Ашӯр намози шом омад. Бештари вақти хеш дар чойхонаи назди бозор гузаронд ва ба як миқдор пули қоғазии русӣ се нон, як харбузаву тарбуз харида ба анбонаш андохт ва оҳистаоҳиста роҳи мадрасаро пеш гирифт…

Усто Насимро танҳо ёфт, ки пушт ба девор дода, бо чашмони нимкоф ба як нуқта менигарист. Гунаҳои барҷаста, манаҳи хароб, дастони хушк, ки зонувонашро оғӯш гирифта, беҳаракат меистод, дарак аз хастагии рӯҳу костагии ҷисм медод, ки ташвишу тараддуд боиси он гашта буд. Ба саломи Ҷеймс, ки бо вуҷуди ҷавониаш эҳтироми калон дошт, ба ӯ сар ҷунбонду халос. Лабони ба ҳам бастааш гӯё ях карда буд, ки ҳаракате зоҳир наме-

кард. Ҷеймс низ беҷуръатона анбонашро кушода тарбузу харбузаро баровард:

– Ашӯр нест? – суол кард ба Усто Насим, аммо аз ӯ ҷавобе нашунид, пиндошт саволаш нашунидааст ва бори дигар суол кард, аммо ин дафъа ҳам посух нагирифт. Эҳсос кард дидаву дониста ҷавоб намедиҳад, балки дилаш лабрези ғаму дард аст.

Вақте, ки Ҷеймс ба назди шайх рафту Усто Насимро Ашӯр роҳбалад шуд, онҳо дар бозор бо Исо ном муллобачаи кӯлобӣ вохӯрданд, ки бо Мурод аҳди дӯстӣ доштанд. Ашӯр бе он ки падари Мурод будани Усто Насимро бифаҳмонад, аз ӯ ҳолу аҳволи ӯро пурсид.

– Муродро ҳафтоду панҷ чӯб задаанд, номаълум, мурдааст ё зинда – гуфт Исо.

– Кӣ гуфт?

– Мулло Ҳаким ҳам ба ин ҷазо маҳкум шуда буд. Муродро пештар аз ӯ чӯб зада будаанд, ки то анҷоми ин амал мурдавори хобида, маҷоли ҷунбидан надошт. Пас аз ӯ Ҳакимро ҳафтоду панҷ чӯб зада ба канахона партофтаанд ҷисми нимҷонашро. Аз Мурод ҳамин қадар хату хабар аст, – гуфт Исо. Аз шунидани ин хабар ранг дар рӯи Усто Насим намонд, мадори пойҳояш хушк шуд, ки дар ҷояш нишаст.

– Ҳеҷ гап нест, шояд баъд аз ин ҷазо раҳо ёфта бошад? – ӯро дилбардорӣ кард Ашӯр. Аммо дигар фоида надошт гапи хушку холӣ. Танҳо дидани фарзанд метавонист ӯро аз варта раҳонад. Ӯро беҳол оварданд ба ҳуҷра. Аз ҳамон вақт инҷониб лаби нону қатраи обро ба даҳон набурда, дар он сурат менишаст. Ба худ ҷабр мекарду ин амали худро маъқул медонист. Хомӯш буду хомӯш… Ашӯр ночор барои пухтани хӯрок ошхона рафт. Усто Насим монду ҳуҷраи холӣ. Сараш гиҷ буд, намедонист дар кадом хусус биандешад. Андешаҳояш дард дошт, сӯз дошт. Гоҳгоҳ дар миёни ин ҳама фикрҳои пурдард умеде оташак мезад дар замираш. Шояд гурехта бошад? Ва ё дар зиндон хобидааст? Ҳар куҷо бошад, сараш аз санг шавад, дарду доғашро набинам…

Ҷеймс, ки рӯ ба рӯяш нишаста буд, сукути андӯҳбори мавҷударо таҳаммул мекард. Ва интизори мавриде буд, ки ҳарф аз Мурод кушоянд. Ва мазмуну гуфтугӯяшро бо шайх дар бораи Мурод арз намояд.

Мурод дар вақти муҳорибаи Колесуф яке аз пешқадамони ҷабҳа буд. Бале дар мавриди ҳалкунанда аз ҳама пеш бо ҷавонбухориён гӯш дода, мавқеи миллатчигӣ пайдо кард. Ба онҳо фаҳмонданд, ки Колесуф баъд аз ғалаба Ҳокимияти миллиро барҳам зада, тамоми қудратро ба болшевикони рус медиҳад. Ин боиси рӯҳафтодагӣ ва дасту по хӯрдагии ҷадидон гашт. Колесуф ниҳоят танҳо монда муҳорибаро бохт. Ва таъқиботи ҷадидон аз ҷониби Амир оғоз ёфт. Мурод баъд аз бебарорӣ дар ҳуҷраи худ, воқеъ дар мадрасаи Мири Араб, ба кунҷи андӯҳ менишаст. Мақсаду мароми болшевикон писандаш набуд, аз ин рӯ ақибнишинии ҷадидонро дуруст меҳисобид. Вале таъқиботи аъзоёни ҷамъият аз ҷониби Амир ӯро сахт ба андеша оварда буд. Ана, дар ҳамин вақт дари ӯро яке аз аъзоёни ҳамин ҷамъият-Маъсум куфт. Чун вориди ҳуҷра шуд рангаш парида, милки чашмонаш дарида, аз дидагонаш ашк ҷорӣ мешуд.

– Чӣ гап шуд?..

– Исову Амонро бурданд, дар ҷустуҷӯи шумоанд.

– Кӣ?..

– Одамони Амир…

– Аз куҷо донистӣ?

– Ба ҳуҷраи Исо меомадам, ки сарбозони Амирро вохӯрдам, уву Амонро даст паси пушт баста мебурданд. Маро пай набурданд. Ҷонҳавл ин сӯ давидам, то огоҳат кунам аз хасм паноҳ барӣ…

– Наход, ки маро баранд?

– Охир узви фаъоли ҷамъият будӣ. Ва дар ошӯб саҳми калон доштӣ.

Мурод даме сукут варзид ва осемасар бархост.

– Аз бало ҳазар.

– Бояд баъди ин воқеа як дақиқа ҳам дар шаҳр намемондӣ. Мерафтӣ ба диёри бобогит.

Мурод аз дар бароям ё набароям, ки даромаданд чор марди ҳузарб, сар то по мусаллаҳ. Муродро бе ягон гап пеш андохтанд. Маъсум аз тарс барги бедворӣ ларзид. Ва боиси шубҳаи нукарони Амир гашт, ки ӯро низ даст паси пушт бастанд.

– Сар диҳед ӯро, ӯ ягон гуноҳе надорад, – гуфт бо зарда Мурод.

– Сар медиҳем ё намедиҳем, аз ту намепурсем… – гуфт яке аз сарбозон, ки бинии калони уқобӣ дошт.

– Ту ғами худатро бихӯр, шогирди иблис, – песонд сарбози дигарӣ.

– Бегуноҳ мешуд, дар хонаи ҷадид паноҳ намебурд!, – писханд зад биникалон ва ба ҳамроҳаш чашмакӣ зада баланд хандид.

– Агар мо намешудем, Колесуф ғалаба мекард, – гуфт Мурод.

– Бе шумо ҳам Худованди карим худаш онҳоро саришта карда буд. Шумо баръакс, зидди подшоҳи ислом бархоста кофиронро ҷонибдорӣ кардед, – гуфт уқоббинӣ.

– Мо мақсади онҳоро кайҳо боз медонистем, барои он дар ошӯб ҳамроҳ шудем, ки дар вақти ҷӯшу хуруши ҷанг аз дохил онҳоро сусту фулуст гардонем…

– Зоғ бо шустан сафед нашудааст.

– Шумо ба ботлоқи ҷаҳолат ғӯтидаед, аз шумо бӯйи умед нест, – бо хашм рӯ гардонд аз онҳо Мурод ва бо қадамҳои баҳодурона, бо сари баланд роҳи худ идома дод.

– Ба номи Худо қасам, гуноҳе надорам ва ба ошӯб ширкат наварзидаам, – гуфт Маъсум худро бечораву бегуноҳ вонамуд сохта, гардан каҷ кард.

Аз ин рафтори ӯ Муродро хашм гирифт, ки сар афшонда норозигӣ намуд. Аммо нукарони Амир аз ин бечоранолии Маъсум рӯҳ гирифта ба якдигар абрӯ паронда заданд.

– Қасам нахӯр, қасам хӯрдан хоси мард нест. Қасамро занон дар лаҳзаи душворӣ ва кудакон аз тарс ба забон меоранд, – гуфт уқоббинӣ.

– Сари баландатро пеши ин ноҷавонмардҳо паст накун! – гуфт Мурод ба Маъсум рӯ оварда.

– Ин Худоношиносҳо даъвои сарбаландӣ доранд, чун ҷоншон ба тангӣ омад, занаквори гиря мекунанд, – гуфт сарбози сабзинаранги қаддароз, – Дар хотир дорӣ, чӣ хел Юсуф гиря карда буд?

– Албатта, дар хотир дорам... – гуфт уқоббинӣ.

Як рӯз пеш сарбозон ба ҳавлии Абдурауф ном ҷадиди кӯҳнаи бухороӣ зада даромаданд. Додари Абдурауф Юсуф аз омадани сарбозони амир хабар ёфта, бародарашро дар зери шолаи алаф пинҳон намуд ва худ хонтахта паҳн намуда ба мутолиаи китоб машғул шуд. Ва ҳатто омадани сипоҳиёни хунмастро нодида вонамуд сохт.

– Абдурауф куҷост? – аз ӯ пурсид уқоббинӣ.

– Намедонам...

– Дурӯғ нагӯй, ту ӯро пинҳон кардӣ, – аз гиребонаш гирифта дар гулӯяш теғ монд.

– Намедонам...

– Агар аз ҷонат сер нашуда бошӣ, бигӯй. Вагарна сарат аз танат ҷудо мекунам.

Ранг дар руи Юсуф намонд. Ҷонаш ширин буду бародар азиз. Аммо сарбозони амир ягон зарра раҳму шафкат надоштанд. Каллабурии онҳову харбузакушии Юсуф баробар буд.

– Бигуй, бародарат куҷост?

– Намедонам...

– Саратро сари гусфандворӣ мебурам. – теғро ба гулуяш расонд.

– Ҳой бефаҳм, бигӯй бародарат дар куҷост? Агар куҷо буданашро гӯйӣ, ҷонат халос! – гуфт сабзинаи қаддароз.

– Аввал сар диҳед... – илтиҷо кард Юсуф. Уқоббинӣ теғро аз гулуи Юсуф гирифт. Ва мунтазири ҷавоб истод.

– Ку гап зан!

Юсуф гулуяшро дастмол карда панҷаашро пеши чашм оварда медид. Ҳеҷ бовараш намеомад, ки корд ба гулуяш кора накарда бошад ва дубора даст ба гулу мебурд.

– Намегуӣ? – бо таҳдид ба сӯяш қадам монд уқоббинӣ.

– Бародарам гунаҳгор бошад, худи ӯро ҷазо диҳед, ман чаро аз барои ӯ ҷазо медидаам?

– Барои мо фарқ надорад, бародаратро мекушам ва ё

худатро…

– Охир ман гуноҳ надорам.

– Агар куҷо будани бародаратро нагӯӣ, худатро мебарам.

– Куҷо?

– Ҷое, ки рафтан ҳасту омадан не, – гуфт уқоббинӣ ва ба ҳамроҳаш нигариста чашмак зад.

– Бигӯӣ ҷонат халос мешавад, – гуфт сабзинаранги қаддароз.

– Намедонам… – дар гапаш устувор истоданӣ буд Юсуф.

– Сар занед ӯро!, – фармуд уқоббинӣ. Ду сипоҳӣ дар як дам Юсуфи лолу ҳайронро дасту по баста, теғро болои сар бардошта, интизори фармон шуданд.

– Кушоед, раҳм кунед, – ба илтиҷо даромад Юсуф.

– Тезтар гап зан, вақт надорам, – гуфт уқоббинӣ ва бо ханҷар бандро бурид.

– Ана, бандро кушодам, гап зан! – гуфт сабзинаранги қаддароз, ки бесаброна интизори ҷавоб буд.

– Даруни шолаи алаф паноҳ бурдааст, – гуфт Юсуфи тарсхӯрда. Сипоҳиён дар як дам Абдурауфро аз таги шолаи алаф бароварданд. Ва даст бастанд.

– Пеш дароетон, – гуфт уқоббинӣ. Ва бародаронро ба кӯча бароварданд. Ҳамсояҳо аз роғи дару сари деворҳо кала кашида, бародарони бахтбаргаштаро бо нигоҳи андуҳбор ва оҳу афсӯси ботин мегуселонданд. Касе ёрои сухан гуфтан надошт. Ҳарчанд Юсуфро низ мебурданд, вале бовар намекард, ки ба ӯ ҷазое сазовор бинанд. Аз ин рӯ, бо беқарорӣ ба сабзинаи қаддароз, ки нуги милтиқашро ба тахтапушташ халонда шитоб карданашро талаб мекард, рӯ овард:

– Маро халос намекунед?

– Ҷонатро, албатта, аз ташвиши зиндагӣ халос мекунем, – гуфт сабзинаи қаддароз ва ба шарикаш нигарист, ки аз ин зарофати ӯ қаҳ – қаҳа зада механдид.

– Охир, ваъда дода будед?..

– Бале, дар ҳақиқат ваъдаи ҷонхалосиатро дода будам.

– Охир ман гуноҳ надорам, – дар ҷояш истода аз рафтан саркашӣ намуд Юсуф.

– Пеш даро, – бо нуги милтиқ ӯро тела дод Уқоббинӣ.

– Номард…

– Номард манам ё ту?

– Ту!..

– Номардиро ту кардӣ, ки бародаратро фурухтӣ, – гуфт сабзинаи қаддароз. Аз сари Юсуф гуё оби хунук рехта бошанд, ҳангу мангаш канд. Ва дар ҷояш шах шуда монд. Ва кудакворӣ ҳунгосзада инони гиряро сар дод.. Гиряи ӯ барои ногузирии маргаш буд ва ё хиёнаташ ба бародар, ки то ҳол рози ин муаммо барои касе аниқ муайян нашуда буд. Мардум воқеаро ба ҳар шакл обу ранг медод.

Он рӯз Муроду Маъсумро ба арк оварда бо фармони қозӣ Бурҳониддин ҳафтоду панҷ ҷубӣ заданд. Ва сипас ба зиндон партофтанд.

Маъсум баъд аз ду рӯзи ин воқеа ба дарду ранҷ тоб наоварда аз дунё гузашт. Вале Мурод зинда монд. Ӯро ҷадидоне, ки миёни сипоҳи амир буданд, раҳо намуда, ба хонаи домулло Туман ном марди Балҷувонӣ оварданд. Домулло Тумани Балҷувонӣ бо донишу ҷаҳонбинии васеъи худ миёни мардум обрӯи калон дошт. Ва дар бисёр масъалаҳо бо ҷадидон баҳс мекард ва ҳатто ба онҳо маслиҳат медод, вале ҳаргиз дар ҷамъомадҳояшон ба таври ошкоро ширкат намеварзид.-Ин корҳо оқибат надорад, – мегуфт. Ва дар давраи муллоёни мутаассиб бо эҳтиёт гап мезад ва ҳарфи онҳоро гоҳо дастгирӣ карда ба полизи ҷадидон санг меандохт. «Дар зиндагӣ гowворӣ як тараф ҳаракат кардан, дидаву дониста ба дунболи марг қадам мондан аст», – ба ҷадидони якраву якрӯ, панд медод, ки гоҳ-гоҳ муросокории ӯро ба одамони куҳнапараст дида эрод мегирифтанд.

Домулло Туман ба бемор дар ҳуҷраи даруни меҳмонхонааш, ки махсус барои хуфту хоб муҷаҳҳаз шуда буд, ҷой дода, ба назди ӯ даро барои бегонагонро манъ кард. Аҳволи Мурод хуб набуд. Намии зиндон ба ҷисми абгораш, ки чашидани ҳафтоду панҷ чӯб ба бор оварда бу-

даш, таъсири амиқ гузошта буд, ки гулӯяш хориш карда ба сурфидан маҷбураш менамуд. Домулло Туман ба Мурод хӯроки гарм хӯронда ҷароҳатҳояшро малҳам мемолид.

– Сагҷон будаӣ… Аз ин бало, ки растӣ, оқибат ҳушёр мешавӣ. Қадаматро దониста мемонӣ. Дар зиндагӣ то пешпо нахӯрӣ, ба қадри ҳаёт намерасӣ, – гуфт домулло Туман риши дарози мошу биринҷашро ҳилол карда, ба ранги испаракворӣ зарди Мурод нигарист. Аз ӯ ҷавобе нашунид, тоби саволу ҷавоб надошт Мурод. Ба худ мепечиду дандон ба дандон мемонд.

– Ба кӣ даркор аст ин ҷонкоҳии ту? Аз ду сар ба Амир сар ба сар шуда наметавонед. Сартона ба сари балшувикони урус намонед, ки ӯ бачаҳалоко тамоман дигар хел одаманд. Балшувико подшоҳеро сарнагун карданд, ки як давлати паҳновару пуриқтидора идора мекард. Ҷадидҳои туро чӣ? Чӣ кор карданашро намедонанд. Ба умеди онҳо нашаву бирав ба ватани худ, гӯшаеро обод кун! Дар ин ҷо будани ту дигар маъние надорад. Хонданро ба субут расондӣ!.. – гуфт бо киноя домулло Туман. Ба ин ҳарфи домулло низ Мурод чизе нагуфт ва хомӯшона андешаҳояшро фурӯ бурд. Аммо домулло ҳанӯз ҳам гап мезад.

Падару модарат ҳастанд? – суол кард аз Мурод домулло. Мурод хомӯшона ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Волидонат, ки зинда бошанд, чӣ истодаӣ? Дар Бухоро ҳам барои нон ёфта зиндагӣ кардан заҳмат кашидан лозим меояду дар Балҷувон ҳам. Ман ҳам ба ҷои ту мебудам мерафтам…

– Чаро нарафтен? – суол кард Мурод.

– Куҷо мерафтам?

– Ватанатон.

– Ватан бо падару модар зеб дорад, пои касе барои мани сағера сих намезанад… Ҳар куҷо нон ёбам, ҳамон ҷо барои ман ватан аст. Нисфи умри ширинам дар ин шаҳр гузашт, соҳиби хонаву дар, соҳиби бахт шудам. Акнун куҷо меравам?

– Зодгоҳатонро ёд намекунед?

– Дилам, ки аз одамон монд, ҳиҷ чизуш намефорам, –

гуфт домулло Туман ва оҳ кашид. Ба Бухоро омадани маро таърихаш дуру дароз аст. Дар панҷсолагим падару модарам мурд. Амакам-Азиз, илоҳи ҷош ҷанат шавад, ба тарбияи худ гирифт. Худораҳматӣ бебисот буд. Занша сар дод, боз зани дигар гирифт, ба умеде, ки кӯдак меёбад, Худо надодаш. Зани якумаш хуб асрам мекард. Зани дуюмаш сояма аз девор метарошид. Бо ҳама ин ранҷу озор тоқат мекардам. Ба тақдири бадам амакам касал шуда мурд. Ман мондаму ҳамин беваи шаттоҳ… Илоҳи дар сақари дӯзах бисӯзад, ин бева хуни ҷигарма қоқ кард. Ҳар чиза баҳона карда, мезад. Дар хона роҳ намедод. Дар охури гову каҳдон шабро рӯз мекардам. Рӯзе фориғ аз гапу хабари дунё, дар рӯи кундаи бед, ки чанд сол пеш амакам бурида буд, нишаста дутор мезадум, ки омад… Омаду дутора ба сарум зад. Ана, ҳаминҷа ҷои дутор аст, – як бари сарашро ба дасташ нишон дод домулло, – беваро илоҳи гӯраш дар бигирад, деҳара ба сар бардошт.

– Барои чӣ?

– Баҳона кард, ки гӯё ман аз мурдани амакам хурсандӣ мекарда бошам. «Амакат лолачинӣ нарафтааст, ки сур андозӣ». Ӯ вақт дар даруни чордаҳ будам. Инак шасту чор сол дорам. Панҷоҳ соли умрам дар ин шаҳр гузашт. Хубиш рафту гандагиш монд…

– Дигар суроғи хонаи падар накардед?

– Зани амакам баъди як ҳафтаи сарма гирифта баромаданам шавҳар кардааст.

– Баъд куҷо рафтед?

– Бухоро омадам, дар хонаи бойҳо дастёрӣ кардаму дар мадраса таълим гирифтам… Агар ҷои рафтан медоштам як рӯз дар ин ҷо намеистодам…

– Бо кадом рӯ равам? Охир Бухоро барои таҳсил омада будам…

– Мо хонда чӣ шудем? Кадом одами босавод дар ин замон қадр дорад?.. Дар ҳақиқат волидонат ба умеданд, ки фарзандашон ба таҳсил рафтааст, аммо ту ба роҳе рафтӣ, ки ҳаргиз онҳо чашмдор набуданд.

– Волидонам маро мефаҳманд, аммо аз мардум шарм медорам.

– Ба андешаи ман дар ин дунёи бевафо ҷон коҳонда хондан маънние надорад. Бесавод будан ҳазор бор хуб аст, мо хонда чӣ шудем, гоҳ бахудему гоҳ бехуд…

– Намефаҳмам, барои чӣ ба мардуми соддаву гумроҳ ҳасад мебаред?

– Гумроҳ мову туем, ки як рӯ надорем. Бо андешаҳои шакокона гоҳо гунаҳгор мешавему дар ҳолати дигар тавбаву омурзиш мехоҳем аз Худованд. Ҳама ин дурӯғгӯиҳомонро сабаб дониш аст, ки бо заҳмати зиёд андӯхтаем. Рости гапро гӯям, кори шумо ҳам дуруст аст. Соз кардед ин даюсони Худобехабарро. Кӯшиш кунед, агар намуред ба мақсад мерасед.

*Хун мехӯрад чу тег дар ин давр ҳар ки ӯ,*
*Як рӯю як забон бувад аз покгавҳарӣ.*
*Монанди шона ҳарки ду гардиду сад забон*
*Бар фарқи хеш ҷой диҳандаш ба сарварӣ. –*

гуфт домулло Туман ва хомӯшона ба дидагони ҳайрони ҷавон зеҳн монд. Мурод ҳайрону лол буд, дарди ҷисмониро мехоиду фурӯ мебурд ва ё маънии ҳаёти пурмуамморо донистан мехост, ки ин чиз ба домулло Тумани рамузфаҳму рӯзгордида пӯшида буд.

– Хайр, хуш бош, – гуфту рафт дунболи кори хеш ва беморро ба ҳоли худ гузошт, то вақти хеш ба осудагӣ гузаронад. Мурод дар ин ҳуҷраи хилват расо ду ҳафта хобид. Пирамарди ғарибнавоз ӯро сарпарастӣ кард, обу нон дод, беморбонӣ намуд. Ва аз дидаву шунидааш ҳикояҳо нақл намуд. Баъд аз пурра шифо ёфтан бо ришу мӯи расида ба тан либоси дарвешӣ аз шаҳр берун шуд. Ӯ бо ҳамин Бухороро тарк карда ба зодгоҳаш раҳсипор шуд, то аз ин хатаре ки ба сараш афтода буд, раҳо ёбаду ҷон ба саломат барад. Ӯро суханони домулло Туман таъсир карда буд, ки якравию якрӯиро сахт маҳкум мекард. «Ба авзои замона диққат дода қадам бимон, ки пешпо нахӯрӣ.»

Мурод чун одат аввал ба деҳаи Хазлаат омад, то пираш эшони Сайид Аъзами Фирӯзро зиёрат кунад ва сипас ба деҳааш биравад. Намози аср ба деҳаи Хазлаат расид.

Ин дам эшон офтоба ба даст баъди таҳорат аз ташноб мебаромад. Чун чашми ӯ ба андоми коҳида, сару либоси дарвешона, мӯи дароз ва бетартиби муридаш афтод, ба ҳайрат наафтод, балки пиндошт ягон дарвешест ва ё гадо, ки дар ин бевақтӣ ба умеди сарпаноҳ ёфтан ба кулбаи ӯ ташриф овардааст.

– Пирам нашинохтед? – ба сӯи ӯ бошитоб қадам ниҳод Мурод.

– Муҳаммадмуродӣ?.. – ӯро ба оғӯш гирифту бӯсид. Ва ба қироатхонааш даровард меҳмонро то тафсилоти воқеаҳои Бухоро ва ҳолу аҳволи муридашро бифаҳмад. Ва касе ба эшон дар ин маврид халал нарасонад.

Он шабро Ҷеймс дар ҳуҷраи Ашӯр, паҳлӯи Усто Насими ғамбемор, ки пайваста оҳ мегуфту ягон ҳарфи тасаллобахши эшонро намепазируфт, бо ғурбат гузаронд.

– Бигир, ягон чиз бихӯр. Аз по меафтӣ, – талқин мекард Ҷеймс.

– Ман заҳра бихӯрам. – мегуфту оҳ мекашид ҳар гоҳ, ки оҳ мекашид, гӯё ними баданаш об мешуду чун буғ ба ҳаво мехест.

– Агар медонистам омада-омада дар охир сустиродагӣ мекунед. Танҳо меомадам... Ҳозир аниқ маълум нест, ки ба Мурод чӣ ҳодиса рӯй додааст. Аз рӯи шунидам ӯ фирор кардааст, – гуфт Ҷеймс.

– Кӣ гуфт?

– Пирамро дида будам, ӯ бо одамони амир дӯстӣ дорад. Ба ӯ гуфтаанд, ки қисми зиёди ҷадидонро гурезондаанд. Шояд Мурод ҳам миёни онҳо бошад?

– Охир ҷазои ҳафтоду панҷ ҷӯбро пеши чашми одамон чашидааст. Чӣ гуна баъди чунин ҷазо зинда мемонад?

– Зинда мемонанд, ман худам чандин нафар ҷазо дидагонро дидаам, ки як сол пеш бо ҳукми қозӣ сазодида буданд, – гуфт Ашӯр.

– Аз байни ҳазор кас як кас-ним кас зинда намонад, дигаронро Худо медонад... – мегуфт Усто Насим.

Субҳидам барои фаҳмидани асли масъала ҳар се ба хонаи Герберт омаданд. Ҷеймс ӯро ҳамчун пири тариқати

нақшбандия шиносонд. Ва фазилату дониши ӯро ташвиқ кард…

– Писари ҳамин кас аст Мурод, – гуфт Ҷеймс, – Усто Насимро ба Герберт нишон дода.

– Ташвиши зиёд кашида омадед, писаратон баъд аз ҷазо бо ёрии ҷадидони дигар фирор кардааст. Шояд ба зодгоҳаш рафта бошад?

– Дар забонатон садқа, наход писари ман зинда бошад?

– Саломат аст, – гуфт Герберт.

– Ҳазор шукр… Агар ба Ватан баргардам, як чорво қурбонӣ мекунам, – кӯдаквори хурсандӣ мекард Усто Насим. Ашуру Ҷеймс ҳам аз ин хабар шод шуда, ба китфи Усто Насим навозишкорона мезаданду ҳазл мекарданд.

– Ман ҳам аз ин ҷо ба ватан баргардам зан мегирам, – гуфт Ҷеймс.

– Худам тӯй мекунам, – гуфт Усто Насим.

– Шумо роҳбарӣ кунед бас, ҳамаи хароҷоти тӯй ба гардани ман, – гуфт Герберт ба Усто Насим рӯ оварда.

– Касеро, ки хоҳад меравам… – гуфт Усто Насим.

– Ин кас Сайидзодаанд, агар аз авлодони худашон ягон духтар ёбед, боз беҳтар мешавад, – гуфт Герберт.

– Сайидзода?

– Бале, аз авлоди пайғамбар…

– Беҳуда ба ӯ ихлос накарда будаам… Аз забони худашон боре нашунидам, ки сайидзодаанд.

– Ҳақдод дӯстдоштатарин шогирди ман аст. Ҳаргиз ба асилзодагии хеш ифтихор намекард. Пайваста меомӯхт, – гуфт Герберт.

– Дар ватани мо сайидзодаҳо одамони маъруфанд. Халқ онҳоро эҳтиром мекунанд…

– Дар ҳама ҷо онҳо соҳибэҳтироманд. Ҳар кас эшонро паст занад, Худо ба пастиш мезанад.

– Не, ман ба онҳо эҳтиром дорам, – гуфт Усто Насим ва аз дилаш гузашт ин сарсониву шикастанҳояшро сабаб он бошад, ки ба эшони Сайид Аъзами Фирӯз ситеза кард. Дар дил тавбаву омурзиш хост аз Худованд, барои чунин

густохиаш нисбати эшон.

Он шаб дар хонаи шайх – Герберт хобида субҳидам озими роҳи Хатлон шуданд.

… Мурод дар хонаи пираш Сайид Аъзами Фирӯз рӯз ба сар мебурд. Ба деҳа рафтанашро эшон маслиҳат надод. Зеро овозаи ҷадид буданаш сар то сари вилояти Балҷувон чун боди тирамоҳӣ паҳн шуда тааҷҷубу ҳайрат, нафрату шикасти эътиқодро дар дили эшон бедор мекард. Ӯ аз назари одамон пинҳон шуда мегашт, бештар ба мутолиа ва дар ҳолатҳои дигар дар полизи пираш кор мекард, ба чорвояш обу алаф медод…

Усто Насиму Ҷеймс ҳангоми бозгашт ба хонаи эшон даромаданд. Ҳарчанд Ҷеймс ин амалро нораво донист, вале Усто Насим аз назди хонаи пираш гузашта рафтанашро нишони сустии эътиқоду ғурӯри ноҷоя ҳисобида, ҳама ранҷишу кудуратәшро аз дил баровард. Сайид Аъзами Фирӯз меҳмононро хуш истиқбол намуд ва ба меҳмонхонааш шинонд.

Мурод низ ба дидорбинии падари ранҷур ва аз боиси ӯ саргардонаш омад. Сайид Аъзами Фирӯз тамоми ҳаракату рафтори Ҷеймсро ба мушоҳида гирифта, зоҳиран худро андармон ба доназании мусхаф сохта, аз ӯ чашм намеканд. Чашми тезбину рамузфаҳми Ҷеймс ин рафтори эшонро пайхас намуд ва барои ғайритабиӣ ва сохта натофтани рафтораш тамоми иродаашро ба кор мебурд. Ҳини дастшӯӣ, ки ин амалро яке аз муридони эшон ба ҷо меовард, Сайид Аъзами Фирӯз ба Ҷеймс диққат дод, ки баъди об гирифтан дастонашро такид ва сипас бо сачоқ пок кард. Инро ба Мурод низ нишон дод. Аммо худи Ҷеймс чизеро аз рафтори худ носаҳеҳу нодуруст намеҳисобид. Балки ба пиндораш ҳама ҳаракату рафтораш мувофиқи қоида сурат мегирифт. Сайид Азъами Фирӯз баъд аз таом ва сӯҳбати тӯлонӣ ба зодгоҳаш рафтани Муродро маслиҳат надод. Ва субҳидам меҳмононро гусел намуд.

– Дастафшонданаш вақти дастшӯӣ нишони номусулмониаш аст, – гуфт Сайид Аъзами Фирӯз.

– Ғайримусулмони мусулмонтарош, чӣ гуна ин ҷо пайдо шуда бошад?

– Барои фаҳмидани авзои кишвари мо омадааст. Солҳои охир тез-тез пайдо мешаванд… Аммо дар ин сурат бори аввал мебинам, тавре вонамуд мекунад, ки гӯё мусулмони асил бошад. Аммо ҳама рафтораш назарфиребие беш нест.

– Падарам ба ӯ сахт эътимод дорад…

– Шунидам, ки тамоми дороияшро баҳри ӯ сарф намудааст…

– Наход?

– Ӯ дар замине, ки миёни рӯди Сурхоб воқеъ афтодааст, нияти манзилсозӣ мекунад. Барои ин иҷозати мири Балҷувон лозим буд, барои иҷозатномаро гирифтан ба назди ман омаданд, ки восита шавам, вале ман рад кардам. Ҳарчанд ба падарат эҳтироми зиёд доштам ва наметавонистам аз рӯяш гузарам. Ба ин кор розӣ нашудам… Охир ин «ниқобпӯш»нияти нек надорад.

– Ӯро бояд ошкор кард…

– Ин кор аз дасти ман намеояд, агар чунин рафтор кунам аҷаб не, ашхосе пайдо шаванд, ки ин амаламро ба нотавонбинӣ нисбат диҳад.

– Ман ӯро фош мекунам.

– Не Мурод, таҳаммул бикун, маҳз ӯ дар лаҳзаи мушкил дасгири падарат шуд.

– Пас чӣ кор кунем?

– Сабр … Ку бинем оқибати корҳо ба чӣ меанҷомад.

– Ҳар гапе шавад дар Бухоро мешавад. Ин ҷойҳо аз дуди оташ амон мемонад…

– Худо худаш медонад, мо бандаҳои осиву гунаҳгор фарзу тахмин мекунем…

– Пирам, рости гап дар Бухоро ягон гап мешавад. Амир дер намепояд. Агар ақлаш бигираду ягонислоҳот дар сохтори давлатдорияш ворид созад, ягон соли дигар ҳокимияташ поиш мекунад, вагарна дар ҷони ҳама задааст, – гуфт Мурод ва пиёлаи дуғобро дам кашида лабонашро пок кард. Сайид Аъзами Фирӯз ба донаҳои тасбеҳ нигари-

ста зикри ваҳӣ мекард. Ва ба муҳокимарониҳои муридаш хомӯшона гӯш фаро медод ва ягон-ягон бо саволҳои кунҷкобонааш таи дили Муродро фаҳмидан мехост. Мурод аз асп фаромада бошад ҳам ҳанӯз пой дар узангу дошт ва бо ҳайяҷон аз боби ислоҳот ҳарф мезад. Дар гуфтораш оҳанги инкор ва ғазаб эҳсос мегашт. Эшон ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ набуд, ки муридаш ошкоро пеши ҷамъият барояд ва бо чунин соддагӣ ва осонӣ худро фош созад.

– Одам пир шавад, мемирад. Ҳукмронӣ ҳам ҳамчунин, зур поиш дошта бошад баробари як умри инсон поиш дорад. Манғитҳо давраи салтанати хешро кайҳо гузарондаанд.

– Онҳо бояд сарнагун шаванд…

– Муродҷон, инҷо худамонем, пеши ҳар касу нокас забон нигаҳ бидор!

– Мон ин мардум бифаҳманд, подшоҳашон чӣ кас аст.

– Намефаҳманд. Беҳуда худро азоб надеҳ. Ҳарки мефаҳмад хору зор аст…

– Мардуми мо аз қадимулаём ба сарварони бегона эътимод доранд. Худкуши бегонапарварем. Ҳар гапу хабаре шавад бегонагон мекунанд, аз дасти мардуми мо намеояд ин кор.

– Чӣ хел бегонагон?

– Маҳз онҳо ба тахту тоҷ ва сарвати ин сарзамин умедворанд. Аз даврони Искандари Зулқарнай инҷониб хоки сарзамини моро бегонагон истифода мебаранд. Ҳоло барои он русу инглис талош дорад? Мо чӣ? Ба гӯш пунба хаста, чашми якдигар бастаем. Балки мебинему гурда надорем.

– Ман то зиндаам ба ин роҳ намедиҳам.

– Аз дасти як нафар ин кор намеояд.

– Чаро онҳо ба як нафар эътимод мебанданду мо не? Магар Ҳақдоди сурхриш танҳо нест?

– Ба назари мо танҳост, ки медонад бо чунин сурат киҳое дар ин сарзамин давру даврон меронанд?

– Ман ӯро фош мекунам, бигзор мардум кӣ будани шайхи навбаромадро бидонанд. Ниқобро аз рӯяш мегирам.

– Ба ту бовар намекунанд... Сабр кун, ҳама чиз оҳиста-оҳиста рӯи об мебарояд, – гуфт эшон ба Мурод, ки саргарми эҳсосоти шадиди хеш бо ҷунун гап мезаду чизе садди роҳаш наметавонист шудан.

Мурод баъд аз як ҳафтаи ин гуфтугӯ, баъд аз фаромадани торикӣ аз пираш рухсат пурсида азми сафари деҳа карданашро дархост намуд. Эшон ҳарчанд розӣ набуд, вале ин дафъа ба ӯ дуои сафар дод ва таъкид кард, ки худро ба чашми ҳар касу нокас намоён насозад. Ва аснои сар задани хатар манзили пирашро паноҳгоҳ ҳисобад. Эшон ба ӯ аспи мушкини хешро пешкаш намуд, ки онро тӯли роҳ савор шавад. Мурод сари субҳ ба ҳавлияшон ворид шуда аспро дар пояи чормағз баст ва гулӯ афшонд. Модараш баромад. Чун писарашро саломат дид, ҳуш аз сараш парид.

– Дар пеши пот очата бикушад Худо-е, – гуфту дастоша ба гардани Мурод ҳалқа кард.

– Паст гап зан, оча!..

– Маро куштӣ, мурда будам зинда шудам... Отат мегуфт, ки бачам зинда саломат аст. Дилам бовар намекард. Гапу хавари мардума намегӯӣ бачам. Тирворӣ сурохат мекунад.

– Оча, паст гап бизан, боз ҳамсояҳо нафаҳманд...

– Натарс бачам...

– Отам куҷост?

– Ҳамроҳи Ҳақдод ба шикор баромаданд. Ду рӯз аст, ки даракшон нест.

– Ба кадом тарафҳо рафтанд?

– Ба тарафи Шугнов...

– Чӣ? Мурод надонист ин суоли бемаврид ва пуризтироб, ки бори дигар ҷосус будани Ҳақдодро собит менамуд аз забонаш баромад. Модараш ба ҷавоб додан овора нашуда, рафт дунболи кори худ. Мурод ба фикр ғутавар шуд. «Шуғнов шикор рафтааст? Ҳамааш баҳонааст». Ин мардум бовар мекунанд ба ӯ. Не, ман бовар надорам. Гапи пирам сад дар сад дуруст аст».

Модар ба пеши Мурод нону маска ва як чойник чой оварда монд ва як бухчаро кушод, ки даруни он

халтачаҳои пури даҳонбаста меистод. Модар ҳар як халтачаро кушода рӯи дастархон мавизу чормағзу писта рехт.

– Камтар, оча…

– Бихӯр бачам, ба номи ту ҷогаҳ карда будам.

– Дар Бухоро чунин дастурхонороиро бинанд, механданд.

– Барои чӣ, бачам?

– Охир дар он ҷо пеши меҳмон ҳаргиз ин қадар мағзу чағзи бисёр намеоранд. Аз ҳамааш кам-кам меоранд дар табақчаҳо…

– Табақча кофта мегардам. Ҳар кас насибаи худша мехӯрад. Бихӯр, ошат шавад… Хӯрдан бигир бачам, ман рафта ҷӯраҳота даъват мекунум.

– Не, ҳиҷ кара нагӯй…

– Барои чӣ? То отат омадана сӯҳбат мекунен аз ину онҳо зиқ мешавӣ…

– Не-не, ҳиҷ каса нагӯй. Хубуш камтар хоб мекунум, шаби дароз хоб накардам.

– Хости дилакут бачам, то бегоҳа отат шояд, ки биояд. Ҳар вақте, ки шикор бираван ду ва зур бикаша се рӯз меистанд.

Модар барои Мурод рахти хоб тахт кард, пеши асп коҳ рехт.

… Усто Насим бо таклифи Ҷеймс ду рӯз пеш азми шикорравӣ карданд. Ва тушаву талқон гирифта субҳидам ҳанӯз Офтоб набаромада роҳӣ шуданд. Усто Насим ҳеҷ намефаҳмид, ки чаро пираш ба ҷои он ки ба макони оҳувону бузҳои ваҳшӣ раҳсипор шавад, майли ӯ ба ободиҳо буд. Чунин мепиндошт, ки чӣ будани шикор ва куҷо будани макони сайдро дарк намекунад ва инро ба шаҳрӣ будани ӯ нисбат медод. Аз ин рӯ гаштаву баргашта ба ӯ мефаҳмонд, ки деҳот ҷои шикор нест. Вале Ҷеймс на парвои сайд дошту на парвои шикор, балки иҷрои супориши Герберт барояш муҳимтар меистод. Ва баробари ба ҳар деҳу маҳаллаи зисти одамон ворид шудан таҳпурсӣ карда маълумот ҷамъ мекард. Рӯзи сеюм Усто Насим қатъиян зидди идома додани

сафар баромад. Ҳарчанд ин чизро аз рӯи инсоф ва рафоқат намедонист. Ҳар вақте, ки хилофи амали Ҷеймс рафтор мекард пеши назараш муносибати хайрхоҳона ва бародарони ӯ ҳини ба сараш омадани мушкилот дар аснои сафари Бухоро ҷилвагар мешуд ва таҳаммул карданро авло медонист. Намехост заҳмати кашидаи ӯро сарфи назар кунад ва боиси дилозории ӯ шавад. Аммо ин лаҳза натавонист таҳаммул кунад.

– Мо куҷо равонаем? – норозиёна рӯ овард ба Ҷеймс.

– Ба кадом мақсад аз хона баромадем?

– Мақсади мову шумо дар сад сол амалӣ намешавад, агар ҳамин хел рафтан гирем. Ман ду рӯз пас бармегардам гуфта будам. Рӯзи сеюм аст, ки деҳа ба деҳа мегардему муродамон ҳосил намешавад. Метарсам, дар кадом пуштаву кӯҳ ҳаром мурдааст, – гуфта оши худоиямро надиҳанд…

– «Сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр». Агар ба дилат зада бошад бармегардем, – гуфт Ҷеймс қадре хиҷолат кашида.

– Охир ба нияти сайру саёҳат наомада будем, ку?..

– Бале… – гуфт Ҷеймс ва хомӯшона сар ба зер афканд. Рафтем, – аз ҷой хест ва ба харҳои худ савор шуда ҷониби деҳа равон шуданд.

Усто Насиму Ҷеймс вақти намози пешин ба хона расиданд. Ин дам Мурод аз хоб хеста рӯи ҷогаҳ менишаст. Хоби бевақтӣ ин дам майнаашро гиҷу гаранг карда буд.

– Дар вақташ омадед, нон пухта қурутоб карданӣ будам, – гуфт модари Мурод ва ба шикорчиёни хаставу бебарор дар рӯи суфа ҷой тахт кард.

– Аспи кист?

– Муродҷон омадааст, аспи эшон аст.

– Чӣ?.. – ваҷоҳати Усто Насим тағйир ёфт, – Муродҷон? Кай омад?

– Саҳар вақти намоз…

– Аз омаданаш дарак доранд?

– Не…

– Ҳоло куҷост?

– Дар ҳуҷра хобидааст…

– Мон бихобад…

– Қурутов мехӯрад ҳамроҳатон.

– Дар хона мешинем.

– Дар суфа ҷой тайёр кардам.

– Берун гарм аст, – гуфт Усто Насим ва ба ҳуҷраи хоби Мурод даромад. Ба Ҷеймс низ ишора кард, ки аз паси ӯ биояд. Баъд аз салому алейк Мурод курпачаҳоро барои нишастан омода карду худ барои дасту рӯ шустан ҳавлӣ баромад.

– Эшон чӣ аҳвол дорад? – пас аз бозгашти Мурод пурсид Усто Насим.

– Аҳволаш хуб аст, салом фиристод.

– Ҳамон ҷо меистодӣ хуб набуд?

– Хуб буд истодан он ҷо, вале мушворӣ дар сӯрохиҳо паноҳ бурдан дар дилам зад. Чизе, ки дар пешонӣ навишта шуда бошад, ҳамонро мебинӣ.

– Айби худат… – гуфт Усто Насим. Ту бо киҳо ҳамроҳ шудӣ? Бо соф камхирадони бармаҳида ҳаммаслакӣ кардӣ. Оқибат сазо дидӣ.

– Онҳое, ки бо ман буданд одамони пешқадами ҷамъият ҳисоб мехӯранд. Афсӯс кӯҳнапарастон моро намефаҳманд…

– Ту муқобили кӣ баромадӣ? Муқобили подшоҳ, муқобили сояи Худо? Дониста бош, ҳаргиз обат ранг намегирад. Охир подшоҳамон Сайид Олимхон авлоди Сайиданд, ҳаркӣ бо ӯ сар ба сар шавад гарданаш мешиканад.

– Ҳоло ҳам худро авлоди сайид мегирад. Охир аҷдодони Амир аз қабилаи манғит аст ва ба авлоди расули Худо муносибате надорад.

– Бас, дигар суханони куфрро аз даҳонат набарор, осӣ мешавӣ. – гуфт Усто Насим ва берун баромада дастурхон бардошта омад. Ва бозгашта табақи чӯбинро, ки қурутоб дошт, даровард.

– Дастҳоро нашустаем, ку – гуфт Ҷеймс. Мурод аз ҷой хеста долон баромад ва таштаку офтобаи пуробро гирифта вориди хона шуд. Ӯро бори дигар суханони пираш эшони Сайид Аъзами Фирӯз ба ёд омад, ки дар мавриди дастшӯии

Ҷеймс гуфта буд. Аз ин рӯ сачоқро аз тор гирифта, сипас ба дастобгирӣ шурӯъ намуд. Ва ба ҳаракати Ҷеймс диққат дод. Ҷеймс чун одат баъд аз шустан дастонашро такид.

– Дастро баъд аз шустан, ки такидӣ макрӯҳ мешавад, – гуфт Мурод ба Ҷеймс рӯ оварда. Ин гуфтори густохонаи Мурод ба падараш хуш наомад, вале дасттакиданҳои Ҷеймс, ки бори аввал ба чашмаш афтод, тааҷҷубашро афзуд. Ва ба рӯи Мурод нигоҳи норозиёна афканд.

– Ҳамаро ту медонӣ, – гуфт бо киноя ва бо ин роҳ осори ранҷишро аз дили Ҷеймс, ки чун лаблабу сурх шуда буд, баровардан хост. Ҷеймс хомӯшона дастонашро бо сачоқ хушк карду зери чашм ба дастшӯии Усто Насим зеҳн монд. Бори аввал ҳис кард, ки на ҳама чизро аз урфу одат ва расму оини ин мардум омӯхтааст. Даст ба таом мебурду хиёлоташ банди андешаҳои мағшуш буд. Аз он хиҷил буд, ки бо ҷурми кӯчак тинати хеш барои ватандорон ошкор намуд. «Касе ин гуноҳро ба пешониам накашида буд то ин дам. Шояд бисёриҳо ин ҷузъиётро, ки ба назари ман аҳамият надорад, мушоҳида карда бошанд? Аҷаб не байни худҳошон дар ин бора гап бошад? Дар асл ин чиз кирои гап нест мо масеҳиён ба он диққат намедиҳем, вале мусулмонон ҳама ин ҷузъиётҳоро риоя мекунанд ва ба он аҳамият медиҳанд. Ҳатто қазои ҳоҷату тарзи нишастан барои онҳо қонунияти худро дорад…»

Ҷеймс дастонашро лесида сипас бо сачоқ пок кард.

– Бигиред, – таклиф намуд Усто Насим. Аммо Ҷеймс узр пеш оварда, нияти хестан кард. Усто Насим дарк намуд сабаби камхӯрокии Ҷеймс эроди бемавриди Мурод аст.

Ноилоҷ баъд аз фотиҳа аз паси меҳмон бархост. Дигар сухане наёфт, ки боиси дилгармии Ҷеймс шавад. Ва теғи забонро бо санги ғазаб, ки дар дилаш лаҳза ба лаҳза ҷамъ мешуд, тез кард. «Кори нохуб шуд». Ба худ мегуфту ба рӯи Мурод нигоҳ намекард. Ҳарчанд ташнаи дидораш буд, баъд аз он пазмониву саргардониҳо.

Меҳмонро гуселонида ба ҳавлӣ ворид шудан баробар ба Мурод часпид.

– Чӣ кор кардӣ? – шӯрид ба сари ӯ Усто Насим. «Олим шудан осону одам шудан мушкил», ту инро мефаҳмӣ?

– Хай-хай, мемонӣ бачам осуда нафас бикашад? Меҳмон аст-е…

– Бачаи ту ҳасту аз ман не-а… – ғурид Усто Насим. Худам ба ӯ гап доштам… Меҳмониашро рӯи хотир кардам. Вале нашуд… Агар пеши роҳи ин нухтаканро нагирем, пеши мардум шармандамон мекунад. Бе ин ҳам аз дасти ура сарма боло карда наметавонам.

– Чӣ кор кардааст? Ку гап зан!

– Э, ин бачаи ту, – даст афшонд.

– Чӣ кор кардааст?

– Гуфтем Бухоро рафта, хонда одами босавод мешавад, ақлаш ба сараш мезанад. Лекин «Хар рафт Маккаву Мадина, омад ҳамон хари порина».

– Ягон гапи нодуруст гуфтам? Ниҳоят забон баровард Мурод.

– Мардака ранҷондӣ, дилранҷонӣ гуноҳи сахттарин аст, ту хондаӣ бисёр чизҳоро медонӣ, мо як хоки замин, бесавод. Гап зан ҳамин корат дуруст буд?

– Не, дуруст набуд, вале ногуфта наметавонистам, охир рафтори нодуруст кард.

– Изои муъмин ҳаром.

– Агар бинӣ, ки нодон аст, чоҳ аст… Агар хомӯш биншинӣ гуноҳ аст.

– Ӯ нодон аст? Ту агар сад сол бихонӣ ба нохуни пои ӯ баробар намешавӣ…

– Дидам донишашро. Ёфтааст чор кӯҳистонии соддаро… Чӣ хел доно аст, ки дасти росташро аз чапаш фарқ карда наметавонад. Савод дорам гуфта рост… ме… бигарда, ҳамин мусулмонӣ аст?

– Нафаҳмида дасташро такид…

– Мусулмон ҳаргиз ин корро намекунад, эшони Сайид Аъзами Фирӯз бори аввал диданаш ин ҷурми ӯро мушоҳида карда, ба ман гуфта буд, ки ин мард мусулмон нест.

– Чӣ??? – чашмони Усто Насим саҳл монд ки аз сараш зада бароянд.

– Ҳайрон нашав, ин мард мусулмониро чун ниқоб пӯшидааст. Ба сарзамини мо бо дилу нияти нек наомадааст…

– Агар мусулмон набошад барои чӣ панҷ вақт намозашро тарк намекунад? Тӯҳмат накун, ба бандаи муъмину мусулмон… Агар номусулмон мебуд, ҳаргиз ба ин зудӣ ин қадар мурид пайдо намекард. Ба гапи ҳар кас рафта, ӯро ноҳақ ранҷондӣ.

– Пирмон дурӯғ мегӯяд?

– Дар азизгиҳош ҷонум пирмона, кам-кам ба шайх рашк дорад.

– Не, ман бовар надорам, пирмон ин хел одам нест. Ӯ одами босавода ҳурмат мекунад. Ӯ гапи дурӯғ намезанад. Рашк ҳам надорад.

– «Гадо душмани гадо…»Ӯ аз он ки шайх дар сину соли ҷавонӣ обрӯ пайдо кард, рашк мебарад. Як ман не, бисёриҳо ин гапро мезананд. Туро, ки гаправӣ дар хуну пӯстат шиштааст, бовар мекунӣ. Агар ботаҳаммулу бобардошт мебудӣ, ҳаргиз ба гапи чор ҷадиди худоношинос намерафтӣ…

– Агар дар давраи онҳо бишинед, дар фурти чой муридшон мешавед…

– Ма туворӣ беандеша нестам, неку бада фарқ карда метавонам. Ту ба гапи кӣ рафтӣ? Зидди кӣ баромадӣ?

– Айб аст-е, як кас аз кӯча гузарад чӣ мегӯяд? Намегӯяд, ки падару писар соз намегиран? Ба моҳияти баҳси падару писар сарфаҳм нарафт Шамсия.

– Э, ту занак бирав, кори худатро бикун. Ман ҳар чӣ мегӯям ба фоидаи ӯ мегӯм. Кадом падар мегӯяд, ки бачам аз ҷар бипар…

– Медонем, ки намегӯӣ, лекин тоқат бикун. Охир бачам меҳмон аст-е… Мон як-ду рӯз бигузара…

– Ҳазор, ки лайлайин бихонам барои ту аҳамият надоштааст…

– Намефаҳмам, ҷанҷолтон аз чӣ боис аст?

– Ҳамун намедонистагит хуб аст… – гуфт Усто Насим ба ҳамсараш. Ва ба Мурод дубора рӯ овард.

– Ту, бачам, гилемгушата аз об бикаш, ҳушта ба сар бигир. Ба гапи ҳар касу нокас гӯш накун… Як кас аз хубира мегӯяд, як кас аз бадӣ, ту ҳозир ҷавонӣ, ба асли гап сарфаҳм нарафта дар умрат ме…

Мурод дар ҷавоби гапи падар аввал чизе нагуфт. Лаб хоида сар ба зер афканд, гӯё бори андеша намегузошт сар боло кунад ба ин осонӣ. Ва оҳ кашиду сар боло кард.

– Ҳақ ё ноҳақ будани моро гузашти вақт муайян мекунад…

– Бале, ман мурдаву ту зинда он чӣ ман надидам, ту мебинӣ…

– Аммо дар мавриди ин фарангии мусулмонтарош ман хато накардаам.

– Чӣ?..

– Бале, падар, ӯ мусулмон нест. Агар бовар надоред, дурусттар мушоҳида кунед. Эшон ҳаргиз дурӯғ намегӯяд, – гуфт Мурод. Усто Насим ба банди фикр афтод.

– Ҳар касе, ки набошад кофар аст ё мусулмон, вақти мушкилӣ ӯ ба барам рост буд. Некиҳои ӯро фаромӯш кардӣ?

– Ӯ барои ҳокими сарзамини мо шудан омадааст.

– Ин сарзамини ману ту нест. Худованд онро барои ҳама инсоният офаридааст, ки дар рӯи он баробар зиндагӣ кунанд… Ҳеҷ кас ҳаққи даъво кардан надорад.

– Ин гапро мову шумо мегӯем. Магар ин чиз риоя мешавад? Кадом заминдор ин гапро мегӯяд?

– Чӣ бадӣ дорад турк ва ё ҳиндуе дар ин сарзамин зиндагӣ кунад? Агар ӯ инсон бошад?

– Бигзор зиндагӣ кардан бигирад, насибаи худро мехӯрад, нияти бад надошта бошанд, хуб, агар бо мақсади нек наомадаанд, ҳаргиз гузашт кардан мумкин нест.

– Шайхи Ҳақдод ҳамин гуна одам аст. Пай набурдед?

– Не… – гуфт Усто Насим ва хомӯш монд. Бовар надошт ба номусулмонии Ҳақдод, вале дастро баъди шустушӯй – такиданаш ба гуфтаи Мурод далели раднашавандае буд. Усто Насим ин рафтори шайхро тасодуфӣ

мепиндошт. Ва ҳама гуфтаҳои Муродро сафсатае беш намедонист. Вале ин «сафсата»ҳам бо вуҷуди нишонрас набуданаш таъсир дошт. Хотири ҷамъи як марди муътақидро тагурӯ мекард. Гирифтори ҳазору як андешаву пиндор месохт. Шишаи эътиқоди сангинро мешикаст. Акнун ҳар як ҳаракату рафтор, гуфтору нигоҳи ӯ ба назари Усто Насим шубҳанок менамуд. Ба хотир меоварду ташреҳ медод. Ба саволҳое, ки ҳини «шикор»дар сараш пайдо мешуд, акнун ҷавоб меёфт. «Ана, барои чӣ ба шикоргоҳ, ба макони сайд рафтан ба ӯ аҳамият надоштааст. Ана, барои чӣ дар хусуси деҳаҳо пурсон мешудааст…»Муродҷон ҳақ аст, вале гапаш намегузарад. Шайхи Ҳақдод зуд дар дили мардум роҳ ёфт, обрӯ пайдо кард. Акнун муридону ихлосмандонаш шабу рӯз дар таърифаш ҳастанд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад зидди ӯ ҳарфе занад, даҳони бадгӯйро читворӣ медаронанд. Ҳар ки қудрат дорад, қонун дар хизмати ӯст. Мурод чӣ дорад? Ҳатто дар деҳаи худ гашта наметавонад. Ради маърака шудааст…»

Усто Насим баъди ин андешаву фикрҳо ба рӯи Мурод, ки шоҳиди сукути андешапарвари ӯ буд, нигарист ва лаб ба гуфтор кушод.

– Бирав аз деҳа, инҷо ту наметавонӣ осуда зиндагӣ ба сар барӣ! – гуфту дар як дам вуҷудашро осори нохӯшӣ фаро гирифт, ӯ аз он хиҷил шуд, ки ба ҷои меҳмондорӣ ва рафъи азобу шиканҷаи фарзанд ӯро аз дар меронад. Оҳанги суханаш писандаш наомад ва зуд паи ислоҳи он кӯшид, – Хафа нашав, магар ман падар шуда, хоҳиш дорам, ки ҷигарбанди хеш аз дар биронам? Не, ҳарфи ман чунин маъно надорад, балки дар амон мондани саратро мехоҳам. Охир дар ин аёми гургу меш ишорае басанда аст, ки сарат барбод диҳӣ…

Мурод ҳанӯз хомӯш буд, дарди дили падарро медонист. Ва ҳарфи узрхоҳонаи ӯро эҳсос мекард.

– Вақте мушкилоти ба сарат омадаро шунидам, сад бор мурдаму зинда шудам. Дигар тоби азоби туро надорам. Дур бошу саломат бош!

– Магар дар ҳаққи ман носазо мегӯянд?

– Ба номат тамғаи ҷадидӣ задаанд…

– Кӣ исбот мекунад, ки ман ҷадид ҳастам?

– Ин ном исботро талаб намекунад. Ҳамин, ки ба гӯши мардум расид, тамом…

– Мон бигӯяд, рӯзе даҳонашон дард мекардагист. Даҳонашон, ки дард кард, хомӯш мешаванд.

– Онҳо ку хомӯш мешаванд, лекин метарсам худат кӯмак мерасонӣ, ки бигӯянд…

– Ман? – бо тааҷҷуб рӯ овард Мурод.

– Бале, ту… Искандари Зулкарнай чун инсон ба дунё омадааст, чун инсон шири модар хӯрда, инсонворӣ зиндагӣ кардааст. Вале бо мақсади қасосгирӣ ба мамлакати мо лашкар мекашад, баъд аз сӯхтори шаҳрҳову қатлу куштор ва шиканҷаи мардуми беозор Холиқи баҳру бар дар симои ӯ нишони ғайри инсониро муҷассам мекунад, ки аз ин нишони ғайриоддӣ ва нанговар муддом хиҷолат мекашад ва онро аз мардум ниҳон медорад. Аз ин рӯ ҳар сартароше, ки сари ӯро метарошид, аз дасти Искандар кушта мешуд. Ва ин сир ниҳон мемонд. Мардум бо мӯи сари дароз мегашт. Шабе Искандар хоб дид, ки ин амали ӯ маҳкум мешавад. Субҳ бархост ва қавл дод, ки дигар ин корро намекунад ва ҳар касе, ки сарашро тарошид ва сирри ӯро донист аз шаҳр бадарғааш мекунад ба ҷое, ки пою қадами одамизод набошад. Ва сирри ӯ ба даҳони мардум нарасад. Ӯ ин корро кард ва ба сартарош дастур дод, ки аз шаҳр баромада равад. Агар сирри ӯ ошкор шавад, дар он сурат ба марг маҳкум мегардад. Сартарош ҷуз итоат чораи дигар надошт.

Ӯ ба биёбоне рафт, ки онҷо ҷонзоте ба назар намерасид. Аммо сирри дилаш ӯро ором намегузошт. Аз рӯи хислати инсонӣ мебоист сирри онро ба касе мекушод ва осуда мегашт. Вале касе ба чашм намерасид. Аз ҷониби дигар таҳдиди шоҳи оламгир намегузошт ба касе забон кушояд. Рӯзҳо ҳафта, ҳафтаҳо моҳ ва моҳҳо ба дунболи сол мерафт, аммо сартарош одамгурезӣ мекард, сирри дилашро ниҳон медошт… Рӯзе расид ба соҳили рӯде, ки най руста буд, ба найистон даромад ва найеро қалам кар-

ду соз сохт, то бинавозаду буғзи дил барорад.

Азбаски моҳу солҳо ба касе сухан нагуфта буд, ин корро воситаи хуби ғамбарорӣ донист. Соз ба лаб ниҳоду навохт, вале аз сози ӯ ҷои оҳанг он ҳарфе баромад, ки аз гуфтанаш мурданивор меҳаросид. «Ис-кан-да-ри Зул-қар-най, Ис-кан-да-ри Зул-қар-най...»Ин оҳанг аввал ба гӯши чӯпонон мерасад, аз он пас ба гӯши мардуми деҳу шаҳрҳо ва ниҳоят сар то сари дунё паҳн мешавад. Искандар он сартарошро ҷуста сар мебурад, вале чораи забони мардумро буриданро намеёбад...

– Фаҳмидам, Мурод аз нақли ин ривояти куҳан дар чист? Вале овозаи сустбунёдии бинои аморати амирро карнайнавозони хосаи аморат ба гӯши оламиён шунавондаанд, ки гумоштагони давлатҳои русу инглис дар қаламрави он паи амалӣ намудани ниятҳои нопоки хешанд...

– Бас... Ин гапҳоро мон. Аз дигар шудани ҳокимону амалдорон ризқи мо каму зиёд намешавад. Мо ба дастони худ, бо заҳмати хеш меёбем нони худро. Бигзор ғами тахту тоҷро худи амиру мулозимонаш бихӯранд...

Гуфтугӯи онҳо то даромадани торикӣ идома ёфт, чун мурғи шаб ба самои деҳа бол заду сояи он рӯи деҳа афтод, бо маслиҳату дуои падару модар ба саманди мушкин нишаст Мурод ва ҷониби хонаи пираш эшони Сайид Аъзами Фирӯз ба самти деҳаи Хазлаат раҳсипор шуд.

Ҷеймс баъд аз он ки бо дили сиёҳ аз хонаи муридаш берун шуд, ба хонаи худ омад. Ва ба чиллахона даромада ба муридонаш фармуд касеро ба чиллахона наздик шудан намонанд. Ба банди фикр афтода буд. Муносибати Мурод ба куллӣ дар кору кирдори ӯ тағйирот ворид намуд. Акнун донист, ки ҳар кадоми ӯро мепоянд. Нақшаҳояшро тағйир дод. Акнун ҷои таъхир набуд. Мебоист барои эътимоду бовари мардумро нисбати хеш зиёд кардан ба авлодони бонуфузу соҳибобрӯ қаробат пайдо кунад. Дар ин кор маслиҳату нишондоди Герберт бори дигар ӯро ба сар омад. Ва ба ин чиз эътимод баст, ки ҳини дар кулбаи ӯ меҳмон шуданашон Герберт ба Усто Насим Ҷеймсро сайидзода

гуфта буд. Вале Мурод бо сухани талхи худ он боварие, ки нисбати ин хонадон Ҷеймс дар дил дошт, то андозае барбод дод. Раду бадалшавии афкори неку бад баъди ин воқеа дар вуҷуди Ҷеймс ғалаён дошт, пас аз нӯшидани як коса мусалласи худсохт, ки дар хумдони сафолин нигоҳ медошт, рафъ гардид. Ва афтод рӯи палос, чашмонаш баъди сайри серӯза, гуфтораи имрӯза ва шароби мардафкан беихтиёр пӯшида шуданд. Ҳазён мегуфт, аммо намедонист, ки бо забони модарияш мегӯяд. Ин гуфтора берун аз ихтиёр садо медод. Шогирдонаш Усмону Қодир об мекашиданд барои лой. Барои устодашон оғил месохтанд. Шогирдон аз сабақомӯзӣ дида ба кор бештар шуғл доштанд. Аз он рӯзе, ки бо ташвиқи Усто Насим барои сабақомӯзӣ бо лаъливу дастурхон ба назди Ҷеймс омаданд, корашон асосан лою андова шуд. Ва таҳти роҳбарии муриди вафодори Ҷеймс Усто Насим ба кори сохтмон пардохтанд. Аввал хонаи дуҳуҷрадори истиқоматиро бо долонаш бино карда, сипас ҳамом ва пас аз он чиллахонаи ӯро бунёд намуданд. Инак барои аспи ӯ оғил месохтанд. Онҳо ҳар як ихлосмандеро, ки барои ҳоҷате назди Ҷеймс меомад, хуш истиқбол мекарданду бо ҳамон лутфу эҳтиром чилланишин будани пирашонро гушрас намуда, бозпас бармегардонданд. Ҳар вақте, ки душворие пеш меомад ва ё хастагӣ ба дӯшаш бор меандохт ба «чиллахона»омада рӯзу ҳафтаҳо менӯшиду мехуспид, чун ба худ омад, бо рӯҳи болида, бо нерӯи тоза паи корҳои худ мерафт. Дар ин ҳангом касе ба чиллахона наздик намешуд. Усто Насим роҳ намедод, ки касе хотири пирашро парешон кунад. Аммо имрӯз бар хилофи одат рост ба чиллахона омад. Ҳарчанд Қодиру Усмон монеъ шуданд.

– Усто, чилланишинанд… – гуфт Қодир.

– Чӣ хел аз шикор омадан баробар чилланишин шуданд? Ҳаммом карданд?

– Не…

– Пас кори дигар доштагист?

– Чиллахона ҷои дигар кор нест, балки худи ҳазрат таъкид карданд, ки ба ибодаташ халал нарасонем, – гуфт Усмон.

Аммо Усто Насимро ин сухан низ сади роҳ нашуд. Ва сӯи чиллахона гом кашид.

– Ман ба ӯ кор дорам…

– Сабр кун…

– Вақт надорам…

Чун ба чиллахона наздик омад дар ҳадде, ки ду-се қадам ба даромадгоҳаш монда буд, суханони парешону номаҳфуми Ҷеймс ӯро карахт кард. Гӯё сеҳр дошт ин алфоз, ки саде шуд пеши роҳи Усто Насим ва пой аз рафтан боз дошт. Ҳазёну дам-дамаи Ҷеймс барояш ноошно буд. Бори авввал мешунид ин забонро. Ҳисси кунҷковияш боло гирифт ва як дам мутаввачеҳ шуд. Не, нашунида буд ин гуна суханрониро, барояш калимаҳои шинос пайдо накард, ҳарчанд ҳушу гӯш дод. Ва боз қадаме ба пеш ниҳод… Бӯи шароб ба димоғаш зад, ангури пӯсидаро ба хотираш овард. Пиндошт пираш мутолиа дорад, вале дамдамаву ҳамҳамааш дарак аз он медод, ки пираш гирифтори бемории ҷунун шуда. Ва қафо баргашт. Вале дар нимароҳ гуфтугӯи дирӯза, ки миёни ӯву писараш-Мурод, рӯй дод, ба хотираш зад ва боз истод, андешаи вазнину печидае дар майнааш падид омад. Ва дубора ҷониби чиллахона қадам ниҳод, чунон бошитоб ва аҷала мерафт, ки шарфаи пояш Ҷеймси мадҳушро ҳушёр кард. Ва сар бардошта даҳони хумро пӯшид ва дар сурати муроқаба қарор гирифт. Усто Насим аз дари чиллахона чашм ба хонаи тангу тори пираш, ки баҳри ибодат сохта буд назар афканд. Не, пираш дар ҳолати сукут рӯ ба қибла оварда, банди тоату ибодат буд. Аён буд ҳушу гӯши ӯ ба шарфаи по нигаронида шудааст. Ва чизеро интизор аст. Усто Насим дар дами дар рост истода дилёб намешуд, ки аз омаданаш дарак диҳад. Хиҷолат мекашид. Ночор ба қафо гашт. Вале он гуфтора, ки бо забони барояш номаҳфум садо медод, ӯро ором гузошта наметавонист.

«Бо кӣ гап мезад? Бо кадом забон? Англис буданаш яқин. Ман ба ин шубҳае надорам. Вале касе бовар намекунад. Барьакс, худамро гунаҳгор мекунанд. Бале, дар ин даврон касе нуфуз дорад, ӯ ҳақ аст. Ҳар ки танҳост, ӯ бо

пушту панох̣, бо вуҷуди росткирдорӣ ноҳақ.

Дар ин аём, ки зару сим ҳукмрон аст, касе ба касе шафқат надорад. Аз барои он яке дурӯғ мегӯяд, яке қатл мекунад, дигаре ғорат ва чаҳорумин истисмор менамояд. Чӣ илоҷ? Бе сармоя дар ягон давру замон обат ранг намегирад». Усто Насимро хиёлу андеша чунон ба гирдоби хеш кашида буд, ки аз пеши Қодиру Усмони саргарми кор бе хайру хуш гузашта рафтанашро тасаввур карда наметавонист.

Аз он рӯз баъд, дигар пурсу суроғи хонаи пираш накард. Ва дунболи кори хеш шуд. Бо вуҷуди костагии ихлос боре аз инглис будани ӯ ҳарф назад. Намехост мардум ин ҳақиқатро аз забони ӯ шунавад. Ҳарчанд бисёр мехост ин сир кушода гардад. Ва мардум аз шахсияти ин «пири тариқат»огоҳ шаванд. Ҷеймс низ гӯё роҳи хонаи муридашро фаромӯш карда бошад, намеомад ба сӯроғи ӯ.

Дар ин миён Усто Насим бо маслиҳати ҳамсараш ба хонаи пири азалияш эшони Сайид Аъзами Фирӯз раҳсипор шуд. То ки писараш Муродро хабар бигирад.

Эшон ӯро танҳо дида, баъд аз салому алейк пурсон шуд:

– Домулло Ҳақдод чӣ ҳол доранд?

– Як навъ гаштаанд, кайҳо боз надидамаш.

– Чаро наовардиш?

– Рости гап, дилам ғаш кард.

– Аз чӣ?

– Пас аз як рӯзи аз шикор омаданамон ба дидорбинияш рафтам. Чилланишин буд. Чун наздик рафтам ҳазён мегуфт, бо кадом як забони номаҳфум.

– Шояд бо забони арабӣ?

– Не, арабӣ набуд.

– Суфиён дар ҳолати иштиёқ ва ҷазаба аз худ бехуд мешаванд ва ҳар чӣ ба забон ояд мегӯянд, мегирянд…

– Не, ӯ намегирист, балки дар ҳолати муроқаба қарор дошт.

– Бо вуҷуди он ки худро зоҳиди покдоман метарошад, хислати ғайри мусулмонияш бештар ҳувайдост… Шояд

исломро қабул карда бошад?

– Шояд, вале ба назари ман ҳама рафтору кирдорҳояш зоҳирист.

– Акнун пай бурдед?

– Бале…

– Вақти шикор рафтанатон ба кадом намуди сайд таваҷҷӯҳ дошт?

– Ба ягонтоаш…

– Чӣ хел? Охир ба шикор рафта будем, – гуфтед-ку?

– Дуруст, рафта будем. Акнун фаҳмидам, ки шикор рафтанамон баҳонае беш набудааст. Охир ӯ тамоман ба шикор ҳавас надошт. Балки дар ин бора гап намезад. Ҳушу хиёлаш банди деҳаҳо буд. «Ин кадом деҳа аст? Ба тобеияти мири Балҷувон аст ва ё Дарвоз? Аҳолияш ба чӣ кор машғуланд?..»Ҳамин хел буд саволҳои ӯ. Боре напурсид, ки макони сайд куҷост?

– Боз чӣ мегуфт?

– Мегуфт, ки тоҷикон ниҳоят мардуми соддаанд. Аз хонаи худ як қадам дур намераванд. Ҳушу ёдашон банди ибодат аст. Дигар коре ҷуз ин надоранд. Агар ҳамин гуна даҳонвозияшон бошад, русҳо сарзаминашонро мусахар мекунанд…

– Шумо чӣ гуфтед? – суол кард эшон ва нигоҳашро ба донаҳои мусхафи ашки Марямаш дӯхта, сипас ба зери чашм ба рӯи Усто Насим зеҳн монд.

– Замин замини Худост, барои он дилсиёҳӣ кардан одамгарӣ нест…

– Дуруст гуфтед… Вале одамизод чашмгурусна аст. Аз хоки гӯр сер нашавад, аз хоки ин дунё сершавӣ надорад.

– Ман ҳам ба ӯ ҳамин гуна гапро гуфтам… Дар ин дунёи чоррӯза, ки барои имтиҳон зода шудааст, тинати ҳайвонӣ зоҳир мекунем. То ки дунёро байни худ тақсим кунем. Дунёро ҳам гирем фардо як порча замин насибамон мекунад ё не…

– Фарзандонашон хуб зиндагӣ мекунанд-ку? – гуфт ӯ…

Эшони Сайид Аъзами Фирӯз пас аз сукути начандон тӯлонӣ, ки баъд аз ин гуфтугӯ ҳосил шуд, оҳ кашид ва

маънидорона сар ҷунбонд.

– Бале, Насимҷон, ба ивази бадбахтии дигарон, ки бобоёни ҷоҳилашон ба сари махлуқони Худо таҳмил мекунанд.

Усто Насим дигар чизе нагуфт дар ин хусус. Гуфтори минбаъдаашон аз доираи ин мавзӯъ берун буд. Ин ҳолат то даме риоя шуд, ки Мурод аз дар даромад. Ӯ низ чун пираш баъд аз салому алейк аз Ҷеймс пурсон шуд.

– Куҷо шуд шайхи ришсурх?

– Биё як дам аз ғайбати ӯ дур бошем. Хокпаноҳа ҳай ғайбатша накардем, – гуфт Усто Насим.

– Дар бораи ӯ чӣ қадаре, ки гап занем, кам аст, – гуфт Мурод ва ба рӯи пираш зеҳн монд, ки ба тақвияти сухани ӯ чӣ илова мекунад. Аммо эшон хомӯш буд.

– Кӣ будани ӯро мову шумо хуб медонем, ҳамин кифоя аст, – гуфт Усто Насим.

– Дигарон чӣ? Мо бояд киву чӣ будани ин ҷосуси бадтинатро ба ҳама рӯирост бигӯем…

– Не, писарам, – бо нишони инкор сар ҷунбонд Усто Насим. Ин кори ману ту нест. Мардум бигзор худашон фаҳманд.

– То мефаҳманд, ки думи шутур ба замин мезанад…

– Бало ба пасаш, ту ғами худатро бихӯр. Ба мардум мегӯӣ, лекин вақте, ки нохӯшӣ сар зад ҳама гуноҳро ба сари ту мезананд. Дигарон дар канор тамошобин мешаванд, – гуфт Усто Насим.

Эшон ҳамоно хомӯш буд, чунин вонамуд месохт, ки парвои фалак надорад. Усто Насим бошад аз забони сурхи писараш ҳарос дошт. Ва ӯро ба қавли хеш ба доираи «одамӣ»даровардан мехост. Аммо Мурод якравӣ мекард, агарчи медонист суханони қиблагоҳаш аз дилсӯзист, вале забонашро мехоронд.

– Ҳой хавдан, ту ба падари худ баҳс мекунӣ? – ба хашм омад Усто Насим ва аз Мурод рӯ тофт.

– Вазнин шав, Усто! Мурод дуруст мегӯяд, вале ҷои гап нест. Одами гапфаҳму маънирас куҷост? – хашму ғазабро аз дили Усто баровардан хост эшон. Сухан пар-

рандаест сур ва дурпарвоз, аз лонааш, ки баромад дубора фикру хиёли бозгашт намекунад ва меравад гӯша ба гӯша. Ҳарки сухани аввалинро ба забон овард, масъулияту ҷавобгарияш ба гарданаш аст. Муҳаммадмуроди мо саргарми эҳсосот аст. Дар гармогармии ҷавонӣ иродаву таҳаммулро набояд аз даст диҳад, вагарна надониста мемонад, сухан ба кӣ мегӯяд.

– Моро гургон аз чаҳор ҷониб иҳота кардаанд, ҳақи ҳимояи худро дорем ё не? – гуфт Мурод ва аз ин ҳикмати аз «Чаҳоркитоб»иқтибос кардааш мамнун гашт ва ба рӯи эшон нигарист, ки чӣ мегӯяд.

– Дуруст, – сар ҷунбонд эшон ва чун одат ба замин назар дӯхт. – Дар ин замон рафтори мову шумо аз рӯи хирад нест.

– Чун мебинем чортараф сароб аст, маълум нест афкори солим кадом аст.

– Чӣ хел? – беихтиёр шӯрид Мурод, вале дар ниҳояти кор пушаймонӣ бар ӯ ғолиб омад, рӯяш алов гирифт ва сурх шуд.

– Бемағзият нишон додӣ… – рӯ турш кард Усто Насим.

– Ба мағзи ба мағз нестам, лекин дар баъзе масъалаҳо қозиву мулозимони миру ҳоким дастобгирам намешаванд, – гуфт Мурод. Ҳарчанд гуфторашро оҳанги ҳазл дод, вале онро Усто Насим ҷиддӣ пиндошт ва хашм гирифт.

– Агар даҳ соли дигар бихонӣ, ба ин ақлу фаросоте, ки ту дорӣ дар харбандӣ роҳат намедиҳанд…

– Муҳаммадмурод бачаи бофаҳм аст, ба ҳама чиз ақлаш мерасад, – гуфт эшон.

– Дар хоки пот ҷонум пирам, ма аз ин бача умеди калон доштам. Акнун маълум шуд, ки ҳама андешаҳои ман пуч будааст.

– Чӣ гап гузашт, аз ӯ ки ин қадар хашм гирифтед? Ягон гапи хато зад?

– Ман худ хоки заминам, ҳиҷ кас нестам, кирои гап задан ҳам надорам, лекин одаме, ки худашро таъриф кард, агар аз банди ҷигарам шуда бошад ҳам, эҳтиромаш наме-

кунам. Кадом одами ҳушёр худашро таъриф мекунад?

– Э Усто-усто, қаҳрат дар сари остин аст-да. Ман ягон хел худтаърифкуниро аз ҷониби Муҳаммадмурод надидам…

– Ҳозир нагуфт, ки қозиву мулозим дастовгираш намешавад?

– Не, оҳанги ҳазл дошт гуфтораш.

Усто Насим дигар бо эшон баҳс карданро лозим надид, зеро табиати ӯро медонист, ки ҳаргиз дилсиёҳии касеро аз касе восита намешавад. Балки аз он рӯзе, ки худро мешиносад эшонро чун як шахси беозору раҳмдил ва боандеша эҳтиром мекунад. Ва ҳаргиз надида буд, ки боиси ҷудоии касе шуда бошад.

Вале аз он рӯзе, ки Ҷеймсро дарёфт, ин хислати манфӣ дар ӯ ошкор шуд, ҳарчанд онро ниҳон медошт ва боэҳтиёт санҷидаву пухта сухан мегуфт. Акнун ба фаросоти баланду одамшиносии ӯ шак надошт. Сабаби он ҳама сардгуфториву тағйири авзоро, ки он шабу рӯз дар мавриди расидани қадами он марди бегона дар симои ӯ «таҷассум»ёфт, акнун дарк кард.

Баъд аз он гуфторе, ки бори аввал нисбати Ҷеймс миёни Сайид Аъзами Фирӯз ва Усто Насим доир гашт, дую дубора ба он масъала рӯ наоварданд, балки Усто аз вохӯрӣ бо пираш рӯ метофт бо иллати ранҷиш. Сайид Аъзами Фирӯз димоғсӯхтагии муридашро медонист, вале ошкор намекард. Ва узру маъзур ҳам намегуфт. Бо сабр умед мебаст, ки рӯзе ҳақ будани пиндораш ошкор мешавад. Ва муриди содиқаш дубора дари ӯро мекубад, тақсири кардааш бо беҷуръатӣ ба забон оварда омурзиш металбад.

Инак он рӯз фаро расида буд. Усто Насим бо эҳсос ҳарф меронд ва ҳар чӣ дида буд ба пираш мегуфт.

– Аз ӯ нагурез, ҳамнишин бош, ҳамон тавре, ки будӣ. Канорачӯиат ӯро ба худ меорад ва ҳушёриаш зиёда мекунад. Онгоҳ шахсияти ӯ бароят пӯшида мемонад, – гуфт Сайид Аъзами Фирӯз баъд аз хомӯшии тӯлонӣ, ки як лаҳза пеш дар қайди он буданд.

– Ҳамон вақт ҳаққи гапро гуфта будед, пирам, ӯ

аҷнабист, балки мусулмон нест...

– Он чизе, ки гуфтам ҳама аз эҳсосот буд. Насанҷида, балки ҳушдор додам, ки амиқ бисанҷед. Ҳоло он ҳама мушоҳидаҳоят сатҳиянд. Бо он иктифо кардан нашояд, – гуфт Сайид Аъзами Фирӯз.

– Мардуми мо аз хоби марголуд ҳамон вақт мехезад, ки завлонаи дасту пояшон монеъи амалӣ шудани нияташон мешавад, – ба гап ҳамроҳ шуд Мурод.

– Ҳама гап зад, ту лап бизан, – абрӯ чин кард Усто Насим, – ту бо ин рафторат кадом рӯз саратро мехӯрӣ.

– Агар ман кирои гап надошта бошум, дар сад сол дигар гап намезанам, – ранҷидахотирона гуфт Мурод.

– Ҳама қаҳру ғазабе, ки ба сари Муҳаммадмурод мерезӣ, аз дард аст, намехоҳӣ фарзандат ба гирдоби бало афтад, – Сайид Аъзами Фирӯз ба Усто рӯ овард, – беташвиш бош, ки он чизе, ки гуфтем аз ҳамин давра берун намебарояд. Муҳаммадмуродро ташвишҳои ба сараш омада пухта кардааст…

Усто Насим дигар чизе нагуфт, Мурод ҳам хомӯширо авло донист, аммо Сайид Аъзами Фирӯз чун одат даст ба мусҳаф буду зери чашм ба падару писари димоғсӯхта менигарист, ки рӯй аз ҳам тофта ба таи дил нисбати ҳамдигар кина метарошиданд.

Писари эшон-Сайидаҳтам, дар даст дастурхон даромад, падару писар бо нишони эҳтиром аз ҷой хестанд ва баъд аз салом ба ҷойҳои худ нишастанд. Сайидаҳтам дастурхонро пеши меҳмонон паҳн карда нон шикаст. Ва аз нав берун баромада дар даст табақи гуштбирён даромад. Истеъмоли таом дақиқае чанд бо хомӯшӣ гузашт. Ва риштаи гусастаи суханро Усто Насим ба ҳам пайваст. Ва бо абрӯи гирифта ба рӯи пираш нигарист. Аз бефаҳмиву беандешагии Мурод ҳарф зад, ки ба фарқи дӯсту душман намеравад ва ҳарчи ба забонаш, ки омад, мегӯяд. Андеша намекунад, ки суханаш рӯзе ба пас дарди сараш мешавад. Бе ин ҳам аз дасти беақлии ӯ шуда дар байни мардум зоғи ало шудаем.

– Ҳамааш аз насибу тақдир, Муҳаммадмурод ҳаргиз орзу надорад, ки мардум ӯро ба чашми кам бинанд. Падару модар ҳам ҳаргиз бадии фарзандро намехоҳад, –

гуфт Сайид Аъзами Фирӯз.

Ин лаҳза аз дар шогирди эшон ворид шуд, ки ӯро падараш ду моҳ пеш аз деҳаи Дектур оварда буд, то ки аз ин пири тариқат сабақ омӯзад. Эшон писарбачаро аввал ба назди писараш, Сайидаҳтам, ба шогирдӣ монд, то ки саводи ибтидоӣ барорад.

– Биё, дастҳоятро бишӯй… – рӯ овард ба ӯ эшон.

– Аз дараи Мирон меҳмон омадааст, бобои эшонро дидан мехоҳам мегӯяд, – гуфт писарак. Сайид Аъзами Фирӯз дастонашро бо дастпок тоза карда ба писараш мурочиат кард.

– Ку бин, кӣ омадааст?

– Чӣ бигӯям, – Сайидаҳтам аз ҷой хест ва дар дами дарвоза таваққуф намуд.

– Бигӯй дароядʼ…

Аз дар эшони Сулаймони Дараи Миронӣ ворид шуд, ҳама нишастагон аз ҷой хеста ба истиқболи меҳмон қадаме ба пеш ниҳоданд. Пас аз салому алейк меҳмони олиқадрро аз боло гузаронда шинонданд ва дастонашро об гирифта таом оварданд.

– Кадом шамоло паронд? – пурсид Сайид Аъзами Фирӯз.

– Кайҳо нияти дидани шуморо доштам, дастам намерасид. Инак коре сабаб шуду омадам, – гуфт эшони Сулаймон.

– Чӣ хуб-е… – хушҳолии хешро ниҳон дошта наметавонист эшони Сайид Аъзами Фирӯз. Фулониву фалониро дидӣ? Чӣ ҳол доранд? Фалониро хабар мегирӣ? – суол медод Сайид Аъзами Фирӯз. Эшони Сулаймон ҷавоб мегуфт. Ва дар навбати худ эшони Сулаймон низ аз ину он пурсон шуд. Ва мақсади омаданашро баён намуд, ки ба духтараш касе хостгор шудааст. Вале аслу насаби домодшаванда ӯро ба ташвиш овардааст.

– Сайидзодааст ва ё халқия? – суол кард Сайид Аъзами Фирӯз.

– Вакилон, сайидзодааст, – мегӯянд. Вале ҳиҷ кас надоштааст. Ба гуфти онҳо гӯё гузаштагонаш ҳаминҷойи

будаанду худаш дар Балх зоида шуда, ба ҷустуҷӯи ватани падараш омадааст.

– Боз ҳамин Ҳақдод набошад? – беихтиёр суол дод Мурод. Вале ба касе аҳамият надод.

– Ба чӣ хулоса омадед?

– Духтар, ки ба воя расид гашташ ба назари бародару додар гуноҳ аст… Ҳайронам, барои маслиҳат омадам. Талабгорон гуфтанд, ки ҷавон таълимдидааст…

– Аз бобоёнамон шунида будам, ки духтари сайидзодаро танҳо сайидзода ҳаққи гирифтан дорад, – гуфт Сайид Аъзами Фирӯз.

– Ман ҳам ба ҳамин хотир омадам, охир даъвои сайидзодагӣ дорад…

– Пурсиден аз кадом кундаанд?

– Пурсидам, сайидзодаи асил аст, – гуфтанд. Рӯзи ҷумъа боз меоянд. Омадам, ки шумо дар ин савдо иштирок кунед, – гуфт эшони Сулаймон.

– Худи ҳамон ҷавонро дидан даркор… Онгоҳ аз кадом кундаву реша буданаш осон мешуд.

Ҷеймс баъд аз «шикор»-и бебарор, «чилланишинӣ»-ву шабу рӯзҳои бисёр пас аз андешаву хаёлҳои тӯлонӣ, ниҳоят ба хулосае омад, ки аз баҳри ҳама кор баромада, чун бандаи муъмин муқими ин сарзамин шуда паи рӯзгузаронии хеш мешавад. Ӯро, ба хусус, суханронии пири ин мардум эшони Сайид Аъзами Фирӯз бештар таъсир бахшида, дар қайди худ нигоҳ медошт. «Худованд дунёро барои ҳама бандаҳояш баробар офаридааст. Нагуфтааст, ки аз якдигар дурӣ биҷӯед, якдигарро бикушед, истисмор кунед, сарҳад бисозед!.. Одамонро ба қавму миллатҳо ҷудо кунед. Худованд миллат не, инсон офаридааст». Ин суханон дар гӯшаш пайваста садо медод. Ва ӯро аз қайди он ҳама андешаву пиндоре, ки саркардагони қавмаш дар дили ӯ ҷой мекарданд, берун месохт. Афсурдаҳолӣ навмедаш мекард. Аз ҳама андешаҳои дунёхоҳӣ, ки тавассути орзуҳои беҳадду ҳудуд ба дунболаш гом мениҳод, даст кашида дар гӯшаи хилват узлатнишинӣ мекард. Акнун дунболи орзу, он гурги ваҳшӣ, он ҷонвари ноаён, вале тезгому сахтпанҷа намеда-

вид, ки намедавид. Балки нафрати хеш ба сари он нисор мекард.

«Не, дигар аз паси ту нахоҳам рафт. Эй гурги малъун, эй дарандаи шумнафас,эй кушандаи қудрату иродаи раҳмонӣ. Эй васвасаангези шайтанат, эй дарандаи бетараҳум!.. Ба худ мепечид, ба ҷисми хеш, ки он эҳсосотро дар таркиби он ниҳон медошт, нафрат мекард. Сараш чарх мезад, хунаш бо фишори баланд дар ҳаракат буд. Ғазабро дар вуҷудаш бедор месохт. Лаб мегазид ва худ намедонист ин эҳсосотро барои дигарон ошкор месозад. Ва шукрона мекард, ки дар ин ҳолат касе ӯро надид. Вале хиҷил буд, аз он хиҷил буд, ки бархе аз атрофиён шинохта буданд. Азм кард аз ин манзилу макон баромада биравад. Бо ин мақсад аз ҷой хест… Чанд қадам ба сӯи дар ниҳод, дар ниҳояти кор таҳаммул кард ва аз ин ният даст кашид. Ва оҳиста-оҳиста андешаи солим ба таркиби хунаш давид ва дар шарёнаш ҷараён гирифт. Ҳисси нафраташ ба он эҳсосот, ки дар кавири синааш чоргома медавид, фузун шуд.

Акнун паи харпанҷаҳои ин гурги тезгому тездандонро дар ҷисмаш эҳсос мекард.

«Бас, дигар тоқати диданат надорам, эй малъун. Эй ташнаи хун. Эй гурусначашм, эй ангезандаи ҳирс, орзуҳо, шумо чанд шакл доред? Бо чанд ранг ҷилва мекунед?».. Бале, ба он вобастааст, ки дар вуҷуди кӣ қарор доред? Рангу сурати шумо дар рагу шарёни ҳар шахс ба ҳар ранг ҷилва мекунад. Яке умед дорад инсонҳо ба ҳам пайванд бошанд. Ва барои манфиати андак ҳуқуқи дигареро поймол накунанд, дар ғаму шодии ҳам шарик шаванд. Вале дар вуҷуди ман дигар хел ҷилва доред. Ба сони ваҳшиёнед, ки мани дар ин ҷангалистони ваҳим раҳгумзадаро раҳнамоянд. Ба куҷо мебаредам? Чӣ пешомаде интизор аст маро? Не, аёнам нест, ки нест. Дар ин умри кӯтоҳи худ бисёр рӯзҳоро дидаам. Вале ту маро ба ин роҳ мебурдӣ. То ки ҳама мавҷудоте, ки берун аз иродаи ман ҳаст шуда баҳри расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ, ки дар вуҷуди ман тавассути ту тавлид меёфт, маҳв созам. Не, дигар дунболи ту намеравам. Маро дигар аз ин роҳ гардонда наметавонӣ…»

Ҷеймс ба худ мепечиду ҳазён мегуфт, маст набуд, ҳушёри ҳушёр буд. Инштиёқаш ба зиндагии озод, ба дунёи дур аз фисқу фасод, дур аз қатлу куштор ва инсонҳои шуурманду некурафтор лаҳза ба лаҳза зиёда мегашт. Ба он кирдоре, ки ҳамқавмонаш дар Ҳиндустону Афғонистон содир мекарданд, нафрат дошт. Намехост ҷиҳати овардани бадбахтӣ ба сари ин мардум восита шавад. Роҳҳои наздик шуданро бо эшони Сайид

Аъзами Фирӯз андеша мекард. Ниҳоят ба хулосае омад, ки барои хеш шудан ба ин авлоди бонуфуз, ки ҳама мансабдоронаш бо вуҷуди баландии макон балегӯяш буданд, восита ҷӯяд. Ва нияти кайҳо ба дил кашидаашро берун овард. Ва мӯйсафедони бо обрӯи деҳаи Аспирингонро, ки ба ӯ таваҷҷӯҳ доштанд ба наздаш хонда, маслиҳаташон дод. Ва мақсадаш кушоду равшан баён намуд.

– Эшони Сулаймони Дараи Миронӣ духтар дорад? – суол кард мӯйсафеди Хайриддин ба Абусаиди ҷувозкаш, ки овозаи сабук будани даму нафаси Ҷеймс – Ҳақдодро шунида се моҳ пеш яке олоти гурги модаро барои кушоиши кор пешаш овард, то ки ба он дуо хонда пастиву баландии рӯзгорро барояш ҳамвор созад. Хайриддин ба хотири зиёрати ин марди фарзона, ки овозаи донишу шӯҳраташ сар то сари водӣ ғул-ғула фиканда буд, омада буданд ва ин вохӯрӣ боиси шиносоии эшон гардид.

– Шояд дошта бошад, вале то он ҷое, ки медонам, сайидзодагон ба хотири эҳтироми гузаштагон ва тафохури авлодӣ духтарҳояшонро ба мардуми авом ба занӣ намедиҳанд, – гуфт Абусаиди ҷувозкаш.

– Намурдӣ муллои к… ношуста… Духтар устухони даҳани саг аст, ҳарҷо ки афтод он ҷо сагалғов аст. Саги зӯр соҳиби устухон мешавад.

– Сайидзодагонро устухонашон покиза аст. Ҳарҷо, ки рост омад намепартоянд… – ба ҳимояти суханаш гузашт Абусаид.

– Аз як шайхи зӯр шунидам, ки духтари сайидзодаро гирифтани оммӣ дуруст будааст, ба он шарт, ки агар би-

биро дашном надиҳад, наозорад.

– Дашном намедиҳад, намеозорад, вале коре, ки аз ҳама қабеҳ аст, мекунад ку…

– Ман аз куҷо медонам, он чӣ ки шунидам мегӯям. Ман ҳам мисли ту дасти ростамро аз чап базӯр фарқ мекунам.

– Кӣ будааст ҳамон шайхи ришрехта?

– Ришрехта нагӯ, ки бо даму нафасаш дарёро пас мегардонад…

– Ман ба ғайри сайидзодагон ба ягон шайху мулло бовар надорам, – гуфт Абусаид.

– Ба шайхи Ҳақдод ҳам?

– Гаҳвораи Ҳақдодат аз осмон наомадааст, ҳазор, ки ман-манӣ кунад, ба пуфаш лахча аланга намегирад. К… – и гург бурдам, ки куфу суф кунад. Беваи Рисолата гарм кунам гуфтам. Фоида накард, пештар то пеши Ҳақдод рафтан ниму нимкора ваъда дод, вале баъди ин амал қоқ, «не!,»-гуфт.

– Боз хунук накарда бошад?

– Намедонам, чӣ балое кард, ки аз ҳамааш мондам.

– Биё, – ку пеш дароем, шояд дилаш гарм шаваду мушкилоти туро ҳам осон кунад.

– Аз баҳри кумакаш гузаштам, агар тавонад мушкилоти худ сабук бикунад, намеравам, боз бобои эшон наранҷад…

– Ба фикрам Ҳақдод ҳам сайидзода аст, вагарна ба шохи баланд даст дароз намекард!?

– Ман ба онҳо кор намегирам, худашон медонанд. Кирои гап надорам. Наход ягон одами бо обрӯро наёфтааст, ки ба ин кор моро мефиристонад…

– Магар мо обрӯ надорем? – оташин шуд мӯйсафеди Хайриддин. Обрӯ доштам, ки омадаанд.

– Ман намеравам.

– Ихтиёр дорӣ, лекин ман меравам, таёқ гирифта пеш намекардагист.

Ҷеймс рӯзи дигар ду-се одами бо обрӯро ба деҳаи Мирон, ба манзили эшони Сулаймон фиристод. Аммо Абу-

саид нарафт, «ман ба ин дарача нарасидаам»гуфта баҳона кард. Ҷеймс аз ин рафтори ӯ сахт ранҷид. Вале сиву ду дандон сафед накард. Ба умед буд. Акнун орзу ба дигар шакл, ба дигар ранг дар вуҷуди ӯ медавид. Дигар сурату сирати гургона надошт он. Балки оҳубаррае буд навзод, ки чолокона медавид. Дар биёбони бегиёҳ медавид ба умеде, ки ба макони сабзу хурраме бирасад ва ба хӯроки тару тоза даҳан бизанад. Куштан, поймол намудан, ки ҳамаро хашми ваҳшӣ дар вуҷуди ҷонварони даранда бедор месохт, дар синаи ин чорпои беозор аз даври азал мурда буд. Ва хашму ғазабе, ки рақибони тундмизоҷаш дар вуҷуди ӯ бедор мекарданд, ба дарвозаи дил роҳ намедод, ба умеде, ки рақибон раҳму инсофро биомӯзанд.

Фиристодагонро эшони Сулаймони Дараи Миронӣ хуш қабул намуд. Вале дар баровардани қарор таъхир кард, балки ин савдоро мавқуф гузошт. То ки барои ҳалли ин масъала вақт ёфта ба як хулоса биояд. Ва барои маслиҳат ба назди эшони Сайид Аъзами Фирӯз омад.

Ҷеймс баъди ин бебарорӣ, пас аз канораҷӯиҳои начандон зиёд, ниҳоят ба манзили муридаш Усто Насим омад, ба умеде ки кори ӯро дар ин савдо осон созад. Ва бо ин роҳ нуфузи хеш миёни мардум зиёда кунад. Усто Насим пирашро ба оғӯш кашид, вале дар умқи дилаш осори садоқати қаблӣ қариб, ки вуҷуд надошт.

– Рости гап, ёдат кардам, хумори дидорат нагузошт таъхир кунам. Ҳама корро мавқуф гузошта омадам, – гуфт Ҷеймс.

– Худам ҳам як ҳафта боз нияти рафтан доштам. Вале коре мебаромаду рӯз бо ҳамин бегоҳ мешуд, – баҳона мекард Усто Насим.

– Девони Абдураҳими Кӯлобиро китобат доштам, ҳар лаҳза ки фориғ будам, пеши рӯ чеҳраи ту меомад. Арвоҳи бобоям ранҷад ҳам корро нима монда омадам, – гуфт Ҷеймс ва ба рӯи чинхӯрдаи ӯ зеҳн монд, ки ин лаҳза аз ҳайрат ба ин сурат афтода буд. Ва ҷиҳати рафъи шигифти ӯ суханаш идома дод: – Бобоям Абдураҳими кӯлобӣ дар ғазалҳояш, асосан, ба тасаввуф такя кардааст.

– Девони ӯро пайдо кардед?

– Бале, қиблагоҳ васият карда буданд, ки ба Кӯлоб ки рафтӣ, ҳатман, ҳамон девони бобоятро ҷустуҷӯ кун ва онро китобат намуда ба ҳаводоронаш бемузду маош тақдим бикун. То ки арвоҳи бобоят аз ту ризо бишавад». Инак он рӯз фаро расид. Ҳеҷ наметавонам лаҳзае сар аз кор бардорам. Бобокалони мо Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробӣ шоҳсутуни илму ирфон будаанд, дар ин хусус бобоямон Абдураҳими Кӯлобӣ фармудаанд:

*Ё ҷадди бузругвори ман, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ,*
*Эй қутби олимартабат, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ.*
*Шуд мулки Хатлон масканат,онҷо мунаввар марқадат,*
*Эй қутби олимартабат, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ.*
*Амр аз шаҳи аҳбоб шуд, номат шаҳи Зарроб шуд,*
*Ҷо Балҷувон, Кӯлоб шуд, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ.*
*Ё шоҳ Зарробӣ нигар, бар ин Раҳим авлоди худ,*
*Баргир дастам раҳнамо, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ.*

Аз ин ҳарфи бо эҳсоси баланд садо додаи Ҷеймс Усто Насим моту маҳбут монд, алахчааш шах шуд, дигар забонаш ба гап напечид. Рӯяш алов гирифт, ҳама он нишонаҳои сарддилӣ, ки чандин ҳафта инҷониб аз чеҳраи ӯ дур намешуд, ба якборагӣ сӯхт. Рӯи лолагунашро қатраҳои шабнамосо арақшор мекард. Ва ҳар он чи ки метавонист, мегуфт ва нархи хеш фузун мекард.

– Касоне пайдо шудааст, ки шахсияти маро надониста дар ҳаққам бадгӯӣ мекунанд. Худо худаш он бандаҳои шаккоку бадгуҳарро саришта месозад. Онҳо ба авлоди сайид бозӣ кардаанд.

Усто Насим дар тӯли шиносоияш бори аввал идаои ӯро дар ин боб мешунид. Ин лаҳза мутеъи табиати хеш шуда, ба гуфтори Ҷеймс гӯш фаро дода буд. Ӯ кафки даҳон паронда шохаи хешро ба шаҷараи Шоҳ Неъматулоҳи Валӣ, ин шахсияти бузург нисбат медод. Ва дар ин кор ба сарчашмаҳои таърихиву илмӣ, ки дастрасаш гашта буд такя мекард. Чунон бо далел гап мезад, ки

Усто Насими ноогоҳ дигар намедонист чӣ бигӯяд. Ва танҳо гӯш медод, ба ҳадде, ки хастагӣ фарояш гирифт.

– Шумо Сайидзодаед?

– Бале, – тасдиқ намуд Ҷеймс ва ба тақвияти суханаш сар ҷунбонд.

– Пас чаро дар ин хусус пеш чизе намегуфтед?

Ҷеймс аз ин суоли ғайричашмдошт, ки оҳангаш дағал буд, ҳайрон нашуд ва дарҳол ҷавоби муносиб дод:

– Гирди номи падар чӣ мегардӣ?

Падари хеш шав, агар мардӣ…

Ва оҳ кашида пас аз сукути кӯтоҳе илова намуд:

– Тафохур кардан ба ному мартабаи бобоён ҳаргиз писандам набуд. Ин чизро намепарастидам. Вале дидам, ки дар ин диёр ба дониш не, балки ба насаб баҳо медодаанд.

– Акнун касе бовaратон намекунад.

– Барои чӣ?

– Мебоист аз он рӯзе, ки ба ин сарзамин қадам ниҳодед, дар ин хусус гап мезадед. Наберагони ҳазрати Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробӣ дар ин сарзамин имрӯз ҳам ҳастанд. Онҳо ба ҳам чунон сахт пайвастаанд, ки ҳама аҳлу авлодашонро панҷ-панҷа ворӣ мешиносанд. Агар нӯги гапро кушоед, коратон осон мешавад. Ва ҳама шубҳаву шакро дар ин хусус барҳам мезанад. Онҳо шояд қиблагоҳатонро шиносанд…

– Қиблагоҳи маро? – бо тааҷҷуб пурсид Ҷеймс.

– Бале.

– Охир қиблагоҳи ман дар синни ҷавонӣ аз деҳа баромадааст. Ӯро ҳатто фаромӯш кардаанд.

– Ин авлод аз ҳама чиз бохабаранд. Агар донанд, ки падарат сайидзода буду аз ҳамин мавзеъ баромада рафтааст, пурсу сурoғ карда аниқ мекунанд. Ин коратон осон месозад ва ҳама шубҳаву гумонро дар бораи шумо рафъ мекунад.

Ҷеймс аз ин сухани Усто Насим якбора алас-палас шуда монд ва сар ба гиребони тафаккур кашид. Дарк кард, ки бо ин роҳ пеш рафтан саҳлу содда нест. Ва чораи дигар ҷуст, то касе дунболи ин гап наравад ва ботил будани ҳарфу ҳиҷояшро дар ин хусус эҳсос накунад.

– Рости гап Усто, дар ин бора гап мезанаму хуни ҷавониям ҷуш мезанад ва ҳама он афкори қаблие, ки доштам ба рағми иродаам боло меравад. Наметавонам, не чун дигарон аз пушти ин авлоди бузург буданамро воситаи фахру пешрафти кор карда наметавонам.

Дар гуфтори ӯ то андозае оҳанге эҳсос мешуд, ки худситоии ноҷоя сабабгораш шуда буд. Вале аз ҷониби дигар як чиз тасаллои дилаш мешуд, ки Усто Насим одати суханчиниву суханбарӣ надошт.

Ҷеймс бо ин роҳ мехост Усто Насимро бовар кунонад, ки сайидзодааст ва духтари эшони Сулаймони Дараи Мирониро хостгор шуданаш тасодуфӣ нест. Ҳамчунин ният дошт Усто Насимро ба ҳайати хостгорон ҳамроҳ кунад. Вале ин лаҳза, мутлақо, аз нияташ гашт. Аз он тарсид, ки мабодо дар сурати баҳс Усто Насим ба хотири дастгирии Ҷеймс ба воситаи Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробӣ ба авлоди Сайид мансуб будани шахсияти ӯро гушрас кунад. Дар он сурат кор чигил шуданаш аз имкон дур набуд. Зеро ин дафъа аз ҷониби духтардор ашхоси маъруф ширкат меварзиданд, ки ҳама решаҳои ин кундаро панҷ панҷа ворӣ медонистанд.

– Шунидам ба хонаи эшони Сулаймони Дараи Миронӣ хостгор фиристодед? – суол кард Усто Насим, ки суханаш оҳанги ранҷиш дошт.

– Кӣ гуфт? – табассуми узрхоҳона дар лабонаш гул кард.

– Шунидам…

Ҷеймс аввал хост мункир шавад, вале андешаи он чиз, ки гап кайҳо ба гӯши мардум расидааст, ҳарфи Усто Насимро тасдиқ намуд.

– Бале, хостгор фиристодам, вале соҳибони духтар рад карданд, – дар чеҳрааш осори ноумедӣ намоён шуд.

– Аз авлоди эшон буданатонро гуфтед?

– Гуфтанд, вале маслиҳат кунем гуфта, корро ба қафо партофтаанд.

– Бояд ба таври мушаххас саргузаштатонро ҳикоя кунед.

– Бо боли дигарон парвоз кардан мароми ман нест. Як бори дигар меравам, баҳона кардaнд, дигар суроғаш намегирам. Ба тухми духтар қаҳт наомадааст…

– Сухани эшони Сайид Аъзами Фирӯз барои сағиру кабири ин авлод қонун аст. Ба ӯ мерасонам, ки ин кори хайрро ҳарчи тезтар ба манфиати шумо ҳал кунанд.

– Не, лозим нест. Пеши ҳеҷ кас нарав. Дар ин мавзӯе, ки гап задем, пеши касе забон накушо, – гуфт Ҷеймс, дар пешонаи фарохаш чинҳои амиқ пайдо шуданд.

– Агар ман муаррифӣ накунам, касе шуморо намешиносад.

– Мон касе нашиносад, агар хоҳанд ман ана ҳамин хел одам, нахоҳанд ихтиёрашон. Зорӣ дорему зӯрӣ не…

– Агар донанд, ки сайидзодаед, розӣ мешаванд.

– Ин гапро борҳо гуфтем, агар бовар кунанд, ягон гап мешудагист…

– Ба гуфта гузаштан масъала ҳал намешавад. Шумо аз ҳамин кунда ҳам бошед, онҳоро хуб намедонед. Барои он ки ба эътимоди онҳо дароед, бояд бо далел исбот намоед.

– Барои як духтарак шуда худро хору зор кунем? Гуфтам ку хоҳанд ҳамин, нахоҳанд садқаи сарам…

– Ман намегӯям, ки зориву тавалло кунед. Гап дар сари он ки даъвогарони мартабаи сайидӣ чунон бисёр шудаанд, ки сарҳисобашон гум. Ҳар касе пулу мол дошт, барои худ насабномае сохт ва дар қозихона хату чак зада бо ифтихор худро сайидзода номид. Аз ин рӯ асилзодагон ба хотири фиреб нахӯрдан дар ин кор ҷиддӣ муносибат мекунанд. Шумо, ки сайидзодаи ҳақиқӣ ҳастед, аз ин ҷиҳат бепарво бошед.

– Ман сайидзодаи сохта нестам. Ҳарчи мегӯям, ҳақиқат аст. Насабнома ҳам доштам. Афсӯс, ки ҳини сафари Бухоро он ба дасти бодиянишинҳо афтод ва аз муқаддасоти аҷдодӣ ҷудо шудам. Агар ба дастам мебуд, касе имрӯз дар вартаам гап зада наметавонист, – гуфт Ҷеймс ва сар ба зер афканда ба андеша рафт.

– Насабномаҳои санадӣ боэътимод буда наметавонанд.

– Чаро?

– Чанд сол пеш як марди ришсурхи чашмкабуд дар ин бару гузар пайдо шуд. Аз тамоми гап огоҳӣ дошт. Ҳама олимони гирду атроф дар суҳбати ӯ ҷамъ меомаданд. Ҳатто эшони Сайид Аъзами Фирӯз ӯро шунида омад. Суҳбаташон тафсид, се шабу се рӯз дар ҳуҷраи Амиршоҳи мулконӣ бо ҳам суҳбат доштанд. Сомеъони зиёде меҳмони ин хонадон мешуданд. Ҳамагӣ ду-се соат менишастанду ба моҳияти сухани эшон сарфаҳм нарафта хобашон мебурд ё таҳоратшиканиро баҳона карда думро хода мекарданд. Дар фаровარди суҳбати ин ду тан марди фозил сухан аз шаҷараву насаб меравад. Меҳмони ришсурх насабномаеро аз ҷузъгир баровардa, даъво мекунад, ки ба авлоди сайид тааллуқ дорад. Аммо эшони Сайид Аъзами Фирӯз ин ҳарфи ӯро бо далелҳои боэътимод рад карда, насабномаи сохта будани онро исбот мекунад. Ба гуфти шоҳидон марди ришсурх бо вуҷуди доноӣ пеши эшони Сайид Аъзами Фирӯз лол монда ба ҳимояти худ ҳарфе илова карда наметавонад.

– Ҳоло куҷост он мард?

– Баъди ин беному нишон шуда рафт. Дигар касе ӯро во нахӯрдааст.

Ҷеймс дигар савол надод, хомӯширо авло донист. Дар кунҷи дилаш андуҳ падид омад ва он тадриҷан майли бузург шудан дошт. Ӯро тақдири он марди ришсурх парешон кард. Бе ному нишон шудани ӯ барояш асрорангез нанамуд, балки ба хулосае омад, ки ӯро қурбон кардаанд. Эътимоди ӯро дар ин бора воқеаҳои чанде пеш рӯй дода, ки мардуми зиёдеро ба коми марг кашид, тақвият медод. Ӯро хислати ин мардум, ки зуд ба хашм омада дар додани ҷазо заррае таъхир намекунанд, шинос буд. Пиндошт он ришсурхи тирабахтро бо гуноҳи ҷадидӣ ва ё аҷнабӣ буданаш ба чунин ҷазо гирифтор намудаанд.

Дар асл он мард яке аз шарқшиносони маъруфи рус будааст, ки баъди анҷоми муҳлати тадқиқоташ ба Ватанаш баргаштааст. Ҷеймсро ин ҳикоят ба ташвиш овард. «Акнун аз сояи худ метарсид». Зеро дар аёме, ки ҳар як нишонаи ғайриоддиро ба ҷадид будани шахс алоқаманд мекарданд, умр ба сар бурдан осон набуд. Аз кори карда-

аш пушаймон шуд. «Сарро ба сари аҷнабиёни муқимишуда, ки миёни мардум мақоми баланд доранд, мондан чӣ ҳоҷат буд? Акнун чӣ кор кунам? Ҷуз фирор чораи дигар нест»– андешид Ҷеймс, вале ниҳоят ба хулосае омад, ки иродаашро ба даст гирифта, роҳаш идома бидиҳад. Оҳ кашиду аз ҷой хест.

– Хайр, паноҳат ба Худо, ман рафтам, – ба Усто Насим рӯ овард, ки кулчаи равғанинро пора карда пеши меҳмон гузошт.

– Куҷо хестед?

– Наметавонам, руҳу арвоҳи гузаштагон аз ду бозуям гирифтаанд. Ҳарчанд дилам хумори суҳбат аст.

– Ошро дам партофтанд, як навола гиред…

– Мо нону намаки шуморо кам нахӯрдаем. Фурсат ёбам пагоҳ ва ё фардо боз меоям. Корро мавқуф гузоштан хостам, нашуд, – узр пеш овард Ҷеймс ва ба асп нишаст.

– Кори хуб нашуд, як даҳан оши маро нахӯрда меравед!..

– Насиб бошад мехӯрем, асло дар ин хусус андеша накун, – гуфт Ҷеймс ва аспро ба ҷониби дарё, ки дар паси теппаҳо бо ҷӯшу хурӯш равон буд, тозонд. Усто Насим то дер аз паси аспу савора, ки паси ёлаи пеш омада нопадид шуд, нигоҳ карда монд. Дигар аз гарду чанг, ки аз изи пои асп хеста ба самои мунир мепечид, нишоне намонда буд…

Ҷеймс дар арафаи хостгории дуюм серташвиш буд. Чораҷӯӣ мекард то кораш барор гирад. Вале танҳо буд. Бо касе маслиҳат кардан намехост. Аз Усто Насим, ягона шахсе, ки то ин дам ба ӯ эътимод дошт ва дар ҳама кор дастгираш буд, меҳаросид. Дар асл Усто Насим аз он хел одамоне набуд, ки дунболи гап гардад. Ҷеймс ин чизро хуб медонист. Балки табиати ӯро омӯхта буд. «Ӯро Мурод ва эшони Сайид Аъзами Фирӯз гап ёд медиҳанд», – гуфт Ҷеймс худ ба худ, вале бо овози баланд. Аз зиндагии бо тарсу ҳарос гузаронаш дилгир буд. Акнун мехост миёни ин мардум якумрӣ бимонад. Ва ҳама он нақшаву мароме, ки ба души ӯ бор карда буданд, фаромӯш кунад. Вале табиати ноустувори ин мардум, ки ҳар дам метавонист тағйир ёбад, ӯро хиҷил мекард. Ҳисси ноумедиро ба рағми нақшаву нияте, ки пеши

хеш мегузошт, фузун месохт. Вале чӣ чиз аз рафтору кирдори мардуми ин марзу бум ба ӯ писанд афтода бошад, худ намедонист. Ин чизро ба табиати мардуми инглис, ки дар бачагияш дар хоки Ҳиндустон мушоҳида карда буд, муқоиса намуд. Байни ин ду мардум фарқ аз замин то осмон буд. Инглистон ва мардуми он аз доираи марзу буми кишвари хеш баромада дар фикри васеъ намудани замин буданд. Шарқиён бошанд ин андешаро барвақт аз сар дур намуда, мисли Чингизхону амир Темур касе бо ин хулқу хӯй ба дунё наомада буд. Ҷеймсро нармдилӣ, инсондӯстӣ ва мададгори ҳамдигар будани ин мардум ба тааҷҷуб меовард, он гуфторе, ки дар ҳаққи эшон аз ҳаммиллатонаш шунида буд, ба назараш муболиғае беш набуд. Аммо зодагони ин сарзамин Чингизхону амир Темурро ба некӣ ном намебурданд. Ин боиси фузунии тааҷҷубаш мешуд. Вале суол намекард, ба он умед мебаст, ки дар рафти ҳаёт сирри ин муаммо худ ба худ кушода мешавад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Боре дар як маҳфил сухан аз ваҳшигариҳои амир Темуру сипоҳиёнаш рафт. Муллое ба ноқили ин қисса суол кард, ки магар тоҷикон наберагони ин сипоҳсолори дунёгиру ҷаррор нестанд? Қиссакунанда бо далелу бурҳон исбот намуд, ки хунрезӣ хоси табиати тоҷик нест. Ва ҳатто худи амир Темур гуфтааст: «Мағзи сари тоҷик танҳо барои равған намудани шамшер зарур аст, то ки он занг назанад. «Ин сухан боиси боз ҳам афзудани муҳаббаташ ба ин мардум гардид. Ва ба худ қавл дод, ки минбаъд заррае бар зарари ин миллати беозор кӯшиш ба харҷ намедиҳад. Акнун аз гузаштаи сиёҳаш хиҷил буд, ғам мехӯрд ва аз Яздони пок омурзиш мехост. Ҳама кирдори ваҳшиёнае, ки бо ҳидояти он гурги тундху содир мекард аз пеши назараш мегузашт. Пушаймонӣ ба ӯ чира шуда, ғаму андӯҳ дар сандуқи дилаш ғадуд мегашт. Оҳ кашида дуд аз ҷигар мебаровард… Аммо мардум ӯро қабул намекарданд. Аз ин чиз тарс дошт ва роҳи наҷотро меҷуст. «Агар бахт ба рӯям бихандаду домоди эшони Сулаймони Дараи Миронӣ шавам, дигар касе дар вартаам гап намеёбад. Ҳама шаку шубҳа аз дили мардум зудуда мешавад»– мегуфт Ҷеймс дар дил.

Усто Насим, ки яке аз ихлосмандони Ҷеймс дар ин марзу бум ҳисоб меёфт, имрӯз аз аввалин ашхосе буд, ки ба Ҷеймс бо назари шубҳа менигарист ва аз ӯ канорачӯӣ мекард. Ҳарчанд ба ӯ назари нек дошт ва дар ҳама вазъият дастгираш буд ва аз ӯ низ дастгирӣ меёфт. Тухми нафрат ва бегонагиро дар дили ӯ писараш Мурод мекошт. Дар дили Мурод бошад он тавассути эшони Сайид Аъзами Фирӯз роҳ ёфта буд. Усто Насим дигар ба ӯ бовар надошт. Бо вуҷуди он ки лофи Сайидзодагӣ заду худро ба насаби Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ мансуб донист. Аммо аз Ҷеймс низ сари тарс дошт. Тарс дошт, ки рӯзе ба пас ҷадид будани Муродро назди ҳокимони замон овоза мекунад. Ягона роҳи наҷотро дар созишкорӣ медид.

Аммо дилаш аз Мурод пур набуд: «Ӯ метавонад бо он хислате, ки хоси ӯст мусичаро ба худ душман кунад. Аз забонаш заҳр мерезад. Ҳазор лай-лайин бихонӣ, ки кори худро мекардааст. Агар ҳазрат, эшони Сайид Аъзами Фирӯз ӯро ба роҳи дуруст надарорад аз дасти мо ин кор наомад. Ё ақлаш намерасад ва ё хондани аз ҳад зиёд ба асабҳояш фишор овардааст. Зарби ҳафтоду панҷ чӯб таъсираш карда бошад ҳам аҷаб не…»

Аммо Ҷеймс ҳаргиз дар ин бора фикр намекард, балки баъд аз зан гирифта хонадор шудан аз кору кирдоре, ки ҳамшаҳриёнаш талқин мекарданд, даст кашидан мехост. Зиндагии бе карру фар, ки тавассути ин туда мардуми бахтбаргашта ба вуҷуд меомад ба назараш қабеҳ намуд, чун хислати ғайриинсонӣ. Аммо қавму миллати ӯ ин шабу рӯз баҳри амалӣ намудани нақшаву нияти хеш саъй доштанд. Ҷеймс, ки аввал бо ин орзу ху дошт ва ҳама муқаддасотро баҳри расидан ба он пушти по мезад, имрӯз тамоман дигар шуда буд. Акнун дунболи он гурги шумнафас – орзуи вақт намегашт ва баҳри парваришаш дар дили хеш кӯшише намекард.

Вале муттакое надошт дар ҷомеа, худро танҳову афтода эҳсос менамуд. Дар чанд моҳи охир ҳама эътимоде, ки ба чанд тан аз мардони бо обрӯи ин қаламрав дошт, аз даст дод. Акнун на танҳо аз Муроду Усто Насим, балки

аз тарзи нигоҳи ҳар як роҳгузар, ки ӯро мадди назар қарор медоданд, шубҳа мекард ва аз нигоҳи эшон маъние мебардошт, мағшуш. Одамон ба назараш дигаргун шуда буданд. Дунё ба ҳама бузургӣ, ки ними онро тай зада буд ба назараш кӯчак метобид, бо вуҷуди он ҳама душвориҳое, ки бо заҳмат паси сар карда буд.. Аммо дар гӯшаи дили тораш ягон-ягон умеди ягон беҳ нур мезад…

Меандешид, андеша ӯро гоҳ хиҷил мекарду гоҳ шод, аз он малул буд, ки кунун замони чашидани подоши бади хеш расидааст, ки замоне ба сари ин мардум овардани бадбахтиеро таманно дошт ва ба ин ҷиҳат кӯшиш ба харҷ медод. Бад ин хотир исломро чун ниқоб ба рӯ кашида буд. Имрӯз дер ҳам бошад фаҳмид, ки мақсаду мароми хоҷагонаш чист? Акнун худро як одами ҳушманд тасаввур мекард. Ва бори нахуст бо чашмони хеш маргро дид, дар гиребонаш овезон. «Чӣ гуна аз чанги он метавон раҳид? Бо кадом роҳ ба доираи одамон метавон ворид шуд?»– савол медод ба худ. Аз як чиз шод буд, ки дер ҳам бошад дарк кард маънии зиндагиро, акнун ба доди сӣ расида буд. Сӣ сол, ними умри инсон. Хубӣ рафту гандагиш монд. Вале ба ин ҳам шукр мекард, ки хеле ҷавон ба ислом гаравида буд. Вале самимият надошт мусулмонияш. Сохтакорӣ мекард, намоишкорие беш набуд ҳама амалу пешааш.

*«Дар ҷавонӣ тавба кардӣ, нашъаи пайғамбарӣ,*
*Вақти пирӣ тавба кардӣ, имон барӣ ё набарӣ».*

Аз дилаш гузашт даст ба чоки гиребон бурду онро ба ҳам пайваст ва дар забонаш тавба рӯид.

Воқеаҳое, ки дар ҷомеа рӯй медоданд афсурдаруҳӣ ва асабониятро дар ӯ бедор месохт ва он чизе, ки то ин замон мояи ифтихораш буду ба он эътимод дошт, боиси нафраташ гардид.

Акнун дунёи руҳонӣ, ки тавассути воқеаҳои беруна дар ӯ таваллуди дигар меёфтанд, ба шакли нав дар рӯзгори эшон таҷассум мегашт…

Ҳарчанд дар хусуси ин воқеаҳо андеша кардан наме-

хост, лек наметавонист, ки наметавонист.

Замона нотинҷ буд, шаҳодати андаке, хоҳ он дурӯғ аст ва ё рост, боиси қатли ҷавонмарде шуда метавонист. Аммо Ҷеймс зидди чунин тарзи ҷазодиҳӣ буд. Балки инсофро мояи ягонаиислоҳи шахсият медонист. «Ҳазор гуноҳ кунад, ба ӯ ҷазое сазовор мабин, балки нодурустии кирдорашро баён созед, кифоя аст. Ҳамин бас аст, гунаҳгорро. Ин тарзи муносибат ӯро ба андеша мекашад. Минбаъд аз иҷрои ҳар амали зишт худдорӣ мекунад. Вагарна ҷазои сахт оташи нафратро дар дили он мард бедор месозаду боиси вазнинии рӯзгораш мегардад».

Ҳис мекард на ҳар мулло дар назди ӯ ҷуръати сухангӯӣ дорад, вале аз он чиз ҳарос дошт, ки ӯро аҷнабӣ ном набаранд. Ба ин хотир шабу рӯз дар андеша буд, то ки ба боварии мардум сазовор бошад, балки чун фарзанди ҳамин хоку замин пазируфта шавад. Ӯ дар ҳама ҷаҳду талошҳое, ки баҳри амалӣ шудани мақсадҳои дар наздаш гузоштаи хоҷагон мекард, манфиатеро медид, ки тавассути қурбониву маҳрумиятҳои зиёд ба амал меомад. Манфиати касе бар ивази талафоти шахсе, аммо чунин вазъият имрӯз бар шахсияти ӯ фароҳам омада буд. Барои ба мақсад расидан андак кӯшише зарурат дошту бас.

Агар домоди сайидон бишавад, он гоҳ барои амалӣ шудани мақсади дигарон зарурат намемонад. Балки дар ин ҳол мақсади инфродии ӯ ҷомаи амал мепӯшад.

Ҷеймс ин муваффақиятҳоро дар он сурат амалӣ карда метавонист, ки агар дили Муродро биёбад ва ба боварии ӯ бидарояд. Аз ин рӯ нақша мекашиду андеша меронд. Агар хостгорияш бенатиҷа бианҷомад, дигар илоҷ ба ҷуз ба даст овардани дили Мурод надошт, ки надошт.

Аввал хост биравад ба назди Мурод ва худро ҳамон тарзе, ки ба Усто Насим шиносонда буд, муаррифӣ кунад. Ин дафъа ба ҳадаф расидани тираш ба гумон буд, зеро Мурод бо вуҷуди ҷавонӣ чун падараш зудбовар набуд, балки ин идаои Ҷеймс боиси печидагии кор шуда, вазъиятро метавонист душвор гардонад, вале ин чизро Ҷеймс чун як раҳи ҳалли масъала аз мадди назар дур намекард. Ҳангоми

баррасӣ роҳҳои дигари халосӣ аз вазъиятро ҷустуҷӯ мекард, ҷадид будани Мурод низ дар вақти зарурӣ воситаи хуби баромадан аз ин гирдоб буд, ки Ҷеймсро руҳбаланд менамуд, вале қабули ислом ва даст кашидан аз кирдори зишту қабеҳ, ки яке аз рукнҳои асосии муслимин ба ҳисоб мерафт, дар ин ҳолатҳо ба гӯшаи хотираш омада ҳисси шафқатро дар ботини ӯ бедор месохт.

Ниҳоят ба хулосае омад, ки ин мавзеъро тарк гуфта, барои зист мензилу макони нав ҷӯяд. Ӯро Саъдӣ дар ин роҳ ҳидоятгар шуд. Ҳини фароғат китоб ба даст гирифту бемуродона онро кушод. Ва ба сафҳаи он чашм давонд:

*Ба ҳар диёр, ки бар чашми халқ хор шудӣ,*
*Сабук сафар кун аз он ҷо, бирав ба ҷои дигар.*
*Дарахт агар мутаҳаррик будӣ зи ҷой ба ҷой,*
*На ҷаври арра кашидиву на ҷафои табар».*

Ин тасодуф буд, ки ҷои ҳама фикру андешаҳои қаблияшро танг кард ва қувваи фавқуллодаеро дар рагу пояш таҳрик дод: «Худро чун аспи дар кишан маҳрум аз ҳама имконияту муваффақиятҳо кардаам. Магар дунё аз ҳамин мавзеъ иборат аст? Не, бас-бас, агар кор барор нагирад, меравам… Дунё кушод…»– аз дил гузаронд Ҷеймс.

То дер дар қайди андешаҳои хуш хобаш набурд, китобро пӯшида ду чашми сар ба ахтарони бешумори само дӯхт. Вале муфт, бесабаб, ин манзилу маконро тарк кардан ба гуфтан осон буд. Барои ба даст овардани таҳҷои хона чӣ қадар талошҳо наварзид… Ба мардум унс гирифт. Тавассути онҳо ба ислом гаравид.

Акнун ба осонӣ тарки ин манзилу макон кардан барояш гарон меафтод. Ва худро тасалло медод. «Ватан ҷое нест, ки хуни нофат чакида бошад, балки Ватан маконест, ки зиндагият хуш гузарад», – аз дилаш гузашт. Ин мавзеъ бо одамони соддадилу зудбовараш писандаш афтода буд, вале хислату рафтори мардум бо вуҷуди хубӣ ҷиҳати нохуб ҳам дошт. Тарсу ҳароси Ҷеймс аз ин чиз бештар ҳувайдо мегашт. Хурдтарин воқеа дар байни мардум чу-

нон бо обу рангу воҳима ташреҳ меёфт, ки ҳуши шунаванда меканад. Ҳар як ҳикоят таъсире дошт дар дили сомеъ, якеро ба ваҷд меовард, дигареро ба хашм, сеюмиро шод мекард ва бархе ба ҳама ин рӯйдодҳо бефарқ менигарист.

Ҷеймсро мардуме писандида буд, ки ба рӯйдодҳои ҷомеа бефарқ менигарист. Ин ашхос на ба бад кор доштанду на ба нек. Дар миёни онҳо беташвиш зистан имкон дошт, вале хислати аксари мардум писанди Ҷеймс набуд. Бахусус, чун хас дар гирифтанашон аз андак хабари иғвогарона.

Ин одамон дар сари хашм ба ҳар кор қодир буданд. Ва аз ягон чиз рӯ намегардонданд. Чӣ онҳоро ба ин ҳидоят мекард? Ба хотири чӣ мудҳиштарин ҷиноят аз ҷониби эшон содир мешуд? Барои Ҷеймс ин саволҳо муаммои сарбаста буд. Онҳоро манфиати бузург ба ин роҳ намебурд. Аз паси кӯчактарин манфиати инфиродӣ низ намерафтанд. Вале тиннати онҳоро чунин сиришта буданд, ки дарки дунёи ботинии эшон барои мардумони бомағз дастнорас метофт.

Ҷеймс дар ин шаби қиргун рӯи ҳавлияш мегашт. Хоб ба чашмаш намеомад. Ба танаи чӯбҳои сафедкардашудаи дарахти арча, ки барои паридани намаш ва рост шудани каҷияш ба девори оғил рост гузошта буданд, такя намуд ва бо чашмони пурҳасрат ба замин нигарист, фикру хаёлашро ба як ҷо ҷамъ кардан хост. Вале суханони Усто Насим дар мавриди идаои сайидзодагӣ кардани ӯ ба хотираш омад. Бо вуҷуди он ки

аз ҷониби эшон ягон ҳарфи дуруште нашунид, дар таҳти суханони ӯ чизе барояш норӯшан, вале ғашовар эҳсос мекард.

Дилаш аз тавлиди эҳсоси ногувор сиёҳ мешуд. Ба худ мепечид, то ҷилави андешаҳои бесару нугашро ба даст оварад. Дар ин вазъ тез-тез уф мегуфт, оҳ мекашид ва ҳар боре, ки ин амал аз ҷониби ӯ содир мегардид, ҷисмаш сусту фулуст шуда, ба танаи чӯбҳои рӯи ҳам ба такяи девор рост монда, мелағжид. Мадори пойҳояш кам мешуд.

Дар ин ҳол андешаи солиму рӯҳбаландкунандае ба гӯшаи хотираш намеомад. Гӯё саропо аз ғаму дард иборат бошад, ки ба худ мепечиду дар мегирифт.

Пушт ба чӯби кундабури арча дода, дар замин нишаст ва дар бораи ҳама он ашхосе, ки тӯли умраш дида буду мешинохт, фикр кард. Бархе аз пеши чашмаш сар аз тан ҷудо шуд. Қисме дар кундаву зиндон афтод. Ба ҳалокати баъзеашон худ иштирок дошт. Чеҳраи онҳо бо оҳистагӣ аз пеши назараш мегузашт, ки тӯли он ба идомаи андешааш вобастагӣ дошт. Ҳар як чеҳра, ҳар як нигоҳ, дар лаҳзаҳои ҳасос, ки таҳлукаи марг гиребонгирашон буд, ба хотираш меомад. Чашмонашро пӯшида, даст болои зонувон рӯи ҳам гузошту сар ба болои дастон.

Субҳидам аз таъсири насими серун чашм аз хоб кушод ва ба атрофу акноф нигариста ба ҳайрат афтод. Ва ҳолати рӯҳие, ки як шаби дароз дар банди он буд, ба хотираш омад. «Барои чӣ ин балоро ба сари худ гирифтам? Ба хотири чӣ худро ба гирдоби бало партофтаам?»– ба худ суол медод Ҷеймс, ки ин дам афсурдарӯҳияш то андозае бартараф шуда буд. «Барои чӣ ғам мехӯрам? Аз чӣ метарсам? – оҳ кашид ва аз ҷой хеста гарду чангро аз танаш такид. Сипас аз кӯза об гирифта ба офтоба рехт ва сӯи таҳоратхона гом кашид. Пеш дар ин бора қариб, ки фикр намекард. Намозро вақте мехонд, ки агар дар пешаш касе бошад. Дар дигар ҳолат бепарво мегашт. Имрӯз аз самими дил даст ба ин кор зад. Касе ҳузур надошт, ки ба ин хотир мусулмонияш нишон диҳад. Балки бо тақозои виҷдон, ҳамчун мусулмони асил ин амалро ба ҷо меовард…

Баъд аз чанде шеди оламтоб аз фарқи қуллаҳои кабудфоми Машриқ сар боло кашид. Дар ҳавлияш касе набуд, балки дар ин мавзеъ, ки боғи хурраме табъи дилаш дода буд, ҷуз ӯ касе намезист. Ин маконро ба сарзамини Англия шабоҳат мекард. Аз он ҷиҳат, ки миёни рӯди Сурхоб қарор дошт. Ҷараёни об дар ин замин ба ду шоха ҷудо шуда, пас аз чанде боз бо ҳам мепайваст. Шохаи чапи дарё камоб буд ва сатҳи он то буҷулаки по мерасид ва дар аёми тирамоҳ то сари баҳор қариб, ки хушк мешуд.

Роҳи ягона ба ҷазираи «Англия», ки бо меҳр ин калимаро ба забон меовард, аз сатҳи чапи дарё оғоз меёфт ва ба баландӣ муқобили ҷараёни об тӯл мекашид. Ёла аз ҳамвории васеъ иборат буд ва ҳарҷо-ҳарҷо ниҳолҳои настарану челон ва дулона мерустанд.

Ҷеймс аз он рӯзе, ки ёлаи сарсабзро дид, ба он дил баст ва нияти ба даст оварданашро кард. Чун орзуяш амалӣ шуд, тарҳи сохтмони манзилро кашид, бо ёрии Усто Насим, ки аз рӯзи аввали шиносоӣ яке аз шахсони наздикаш шуда буд, аз соҳили дарё санг чинда, ба хар бор карда

ов617 оварданд. Аз сангу гилу чӯб бино карданд хонаро иборат аз се ҳуҷра, анҷомхона, ташноби бухорияш аз санги сурх, ошхонаву оғил барои чорво ва боғе сарсабз иборат аз ниҳолҳои себу ношпотиву санҷид ва ангур. Овозаи ҳамоми бухорияш аз санги сурх сохташуда, ки онро дар Самарқанд дида, нияти сохтани чунин ҳамомро дар дил кашида буд, ба гӯши аҳолии маҳаллаҳои атроф расид. Ҳар касе, ки ба ҳавлии ӯ меомад, ҳамомро надида намерафт. Бархе дар ҳамом оббозӣ карда сару тан мешуст ва овозаи онро ба ҳар куҷое, ки қадамаш расад, мебурд. Қисми дигар ба хотири дидани ҳамом, вале бо баҳонаи зиёрати шайх ба ҳавлии ӯ меомад. Ҳавлии Ҷеймс бо боғи дилкушову сарсабзаш диққати ҳар бинандаро ба худ мекашид. Ва дар дили эшон орзуи доштани чунин манзилу маконро мепарварид. Ба ҳавлии ӯ харидор ҳам пайдо шуд, аммо Ҷеймс рад кард: «Ман «Англия»– ро ба ганҷи дунё намефурӯшам...»– таги дил гуфт. Ва бо табассуми латиф харидоронро гусел мекард.

«Бале, «Англия»– аст ин сарзамин! «Англия»– и кӯчак... Ман онро бе зару сим, бе заҳмат ба даст овардаам. Худашон, ватандорон, бо ду дасти адаб пешкаш карданд. Онҳо ин маконро обод карданд, то ман – аҷнабии суханбоз, худро озод соҳиби мулк эҳсос кунам ва осуда бизиям. Ана, ҳамин хел хайрхоҳанд ин мардум, – писханд зад Ҷеймс. Ин лаҳза ба ҳоли ин мардум механдид, ки дӯстро аз душман фарқ намекунанд. Барои ба бовариву эътимодашон даромадан шарт нест ҷон нисор кунӣ, қавл

диҳӣ бас. Агар касеро бо душманӣ шиносанд, бадии ӯро бо ду чашми сар дидан шарт нест Ҳамин бас аст, ки гӯянд: «Фалонӣ душмани туст». Ин ҷо калом нуфуз дорад, хоҳ он ҳақ асту хоҳ дурӯғ…

Аммо воқеаҳои чанд соли охир, ки дар ин қаламрав рӯй медоданд, фикру андешаҳои Ҷеймсро як лаҳза дигар карданд. Мардум аз хоби марголудона кайҳо бедор шудаанд, вале ҳокимони замон бо калтаки гарон он равшанфикронро, ки нияти бедоркунии халқро мекарданд, саркуб намуда, дар ҳолати беҳушиву афтодарӯҳӣ нигоҳ медоштанд. Ҷеймс ҳамаи ин воқеаҳоро шоҳид буд ва оқибати онро тасаввур мекард. Ӯ ҳама ин нобарориву номуташакилии ҷавонбухориёнро, ки дар байни омма ҷадид ном доштанд, дида ба он чиз эътимод мебаст, ки ҳамаи ин дарси ибраташон мешавад. Ва рӯзе ба пирӯзии эшон ба анҷом мерасад. Аммо пирӯзӣ ба назар чун уфуқ наздик метофт, вале барои ба он расидан қудрату тавоноиро тақозо мекард, ки онро дар тинати ин миллати пир намедид, балки он дар кадом як гӯшаи торики дили чаҳорхонаашон ба хоби гарон рафта буд.

Ҷеймс алъон аз замона шикоят надошт. Замона бо ӯ месохту ӯ бо замона. Аммо гоҳо ба сони гармсели дамгиру хазоновар дар рӯҳу равони ӯ андешаҳои мағжуш аз рӯзгори ин мардум падид меомад ва зуд бартараф мешуд. Ин андешаҳо то ба хуну пӯсташ даромадани ислом идома ёфт ва якбора боиси нафраташ қарор гирифт.

Аз сиёсат дурӣ ҷуст, гӯшанишиниро ихтиёр кард. Ва шабу рӯз ба тоату ибодат шуғл варзид. Аз зиндагии пурмоҷаро роҳи гурез гирифт. Ва дар чиллахонаи тангу тораш менишаст. Акнун парво надошт, ки шаб аст ва ё рӯз. Рангу бори табиат ба назараш наметофт ва чизе ба ҷуз зикри ваҳӣ ба хотираш намеомад.

Як шаби қиргун дилаш аз ин ҳам монд. Шамъи рӯшани илоҳӣ, ки дар қафаси синааш месӯхт ва фаҳму идроки ӯро мунаввар мекард, дар як шоми тира хомӯш гашт ва ӯро абадан дар коми торикӣ гузошт.

Он шом аз паридани шафақ чанд тан аз мардони сухан-

рас ба Дараи Мирон ба хонаи эшони Сулаймон омаданд. Эшон бо чанд тан аз муридонаш меҳмононро пешвоз гирифта, аспҳояшонро ба оғил бастанд. Ва онҳоро ба ҳуҷрае, ки тирезааш кушодагӣ буд, даровარданд. Дар хона се нафари дигар менишаст, ки чеҳраи онҳоро дидан баробар Ҷеймс дасту по хӯрда шуд, вале худро ба даст гирифт. Ва нафаси амиқ кашида аз паси шариконаш вориди ҳуҷра шуда, бо ҳозирон вохӯрӣ карда дар гӯшае нишаст. Баъд аз аҳволпурсӣ Мурод ба эшони Сайид Аъзами Фирӯз рӯ овард:

– Пирам, як дуо мекардед!..

Эшон дар ҳаққи соҳибони макон ва гузаштагони он, ва қадами мубораки меҳмонон дуои хайр карда, ҳама даст ба рӯ кашида омин карданд. Сипас, эшони Сайид Аъзами Фирӯз ба рӯи мӯйсафеди Хайриддин зеҳн монда аз ҳолу аҳволи чанд тан муридони содиқи аспирингонияш пурсон шуд. Мӯйсафеди Хайриддин кайфияти аҳволи ҳамдеҳагонашро шарҳ дод ва дар хусуси душвории зиндагӣ низ чанд ҳарф зад.

– То шикоят кардан, хуб нест ки заминеро обод кунанду дар он зироате кишт намоянд, то зиндагияшон хуш гузарад, – гуфт эшони Сайид Аъзами Фирӯз.

– Гапи шумо, ҳазратам, рост, вале ҷадидони пургуноҳ ба сояи Худо – подшоҳи ислом Сайид Амир Олимхон сар ба сар шуда, намегузоранд дар ин хусус андеша кунанд. Агар ба ӯ халал намерасонданд, шояд заминҳои зиёдеро, ки алъон бекоранд, барои кишту кор иҷозат медод, – гуфт мӯйсафеди Хайриддин.

– Пештар барои чӣ фикр накарданд? Имрӯз ҳама гуноҳро ба гардани ҷадидони бечора мезананд, – гуфт Мурод, ки дар паҳлӯи эшони Сайид Аъзами Фирӯз менишаст ва ба ҳозирон чой мекашид.

– Ёфтӣ бечората, охир ин арвоҳзадаҳо даъвои тахту тоҷ кардаанд, ба гап даромад мӯйсафеди Хайриддин, Барои он ки мақсадашон амалӣ шавад аз аскарони аз таги дор гурехтаи рус ёрӣ талаб кардаанд. Худо онҳоро мезанад, мебинӣ…

Мурод хост ба мӯйсафеди Хайриддин ҷавобҳои

қоғазпеч гуфта дил холӣ кунад, вале эшон, ки хислати ӯро хуб медонист, лаҷомашро кашид.

– Ба фикрам мо барои муҳокимаи ин масъала наомадаем, – ба ҳозирон рӯ овард эшон. – Ҳамин хел не?..

– Рост, мақсади мо тамоман дигар аст, – гуфт мӯйсафеди Хайриддин.

– Модоме, ки ҷадидонро наҳ задед, то охир гӯш кунед, – паст наомад Мурод.

– Ҳозир ба сари мақсади асосӣ биоем, агар фурсат шавад, баъдан ба ин масъала боз бармегардем, – гуфт эшон. Ва ба рӯи ҳозирон бори дигар зеҳн монд. Ҷеймс аз шарм сар ба васати гиребон кашида ба замин дида духт. Дар ин ҳолат дилаш аз изтиробу ҳаяҷон меларзид, аз кардааш пушаймон буд. Ҳаргиз расм набуд, ки домодшаванда худ ҳамроҳи хостгорон биояд. Аммо ӯ омад. Талаби духтардор ҳамин буд. Аввал хост бори дигар ба остонаи дари эшони Сулаймон по намонад, вале андешид, бахташро ин дафъа низ санҷида, сипас ба хотири ҷамъ пас меравад. Шояд бахт ба рӯяш бихандад.

– Мо аз ин пештар ҳам ба ин хонадон омада будем. Сари ин масъалае, ки ҳозир мегузарем, суҳбат ҳам доштем. Вале ин вақт бобои эшон гуфтанд, ки як муддат ба ӯ муҳлат диҳем то ки андеша кунанд, – гуфт мӯйсафеди Хайриддин.

Як лаҳза хомӯшӣ ба амал омад, эшон чун одат донаҳои мусхафашро шумурда, зери чашм ба ҳозирон менигарист, ҳама ба даҳон об гирифта буданд.

– Хостгорон чӣ касеанд?.. – гӯё аз чизе хабар надошта бошад, суол дод эшон.

– Ҷавони бофазлу донишест, ки ном ба баҳру бар ниҳодааст. Ӯвори ҷавонмард дар ин қаламрав кам андар кам аст…

– Аҳлу авлоди эшон кист?

– Гузаштагонаш аз ҳамин сарзамин будааст. Аз авлоди сайид… Замоне падараш ба Бухоро меравад барои таҳсили илм ва аз он ҷо ба Балх рафта то охири умр он ҷо мезияд. Ӯ бо васияти падар ба диёри бобогӣ омадааст, то ки бо

решаҳои худ бипайвандад, – гуфт мӯйсафеди Хайриддин.

– Бобоҳоят сайидзода буданд? – ба Ҷеймс нигариста гуфт эшон.

– Бале, – кӯтоҳ, вале беҷуръатона ҷавоб дод Ҷеймс.

– Аз кадом авлод?

– Авлоди пайғамбар…

– Дуруст, сайидҳо аз авлоди пайғамбаранд, ба воситаи кӣ шаҷараи шумо бо он ҳазрат мерасад?

– Ба воситаи падару бобоҳоям.

– Бобоҳоятон аз ҳамин сарзамин буданд?

– Бале…

– Аз дудмони Амир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Амир Сайидтуроби Нахшабӣ ва ё шоҳ Неъматулло?..

Ҷеймс ин лаҳза худро гум кард. Дарк намуд ба дом афтодааст ва роҳи халосиро дар он дид, ки ин савдоро аз сар дур кунад…

– Қиблагоҳ гуфта буданд, вале фаромӯш кардаам…

– Бобоҳоят чӣ каромате нишон додаанд?

– Падарам медонист…

– Ҳикоят накард?

– Нақл карда буд, фаромӯш кардам…

– Шаҷара доред?

– Шаҷара?..

– Бале, насабнома?

– Доштам, вале дар роҳ ба дасти бодиянишинҳо афтодам дар он гиру дор ҳамаро гум кардам, – гуфт Ҷеймс, ки аз чунин баҳонаи олиҷаноб ёфтанаш дар дил шод шуд.

– Шаҷара, ки дошта бошӣ онро мутолиа кардаӣ… Чашми хат дорӣ-ку?

– Бале, ба он чашм давонда будам, ҳоло ҳамааш фаромӯш шудааст… Баъдтар ба таъсири сухандонон гирифтор шуда, насабномаро чизи нолозим донистам ва ифтихор карданро боиси шарм…

– Барои чӣ?

– Рубоии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба чашмам афтоду чунин ҳукм баровардам:

*Онро, ки бувад нури набӣ дар башара,*
*Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара.*
*Онро, ки зи рух натобад ин нури сара,*
*Надҳад шаҷара ба ғайри лаънат самара.*

– Мебинам маънирасу бофаҳмед, вале ин асос шуда наметавонад, – гуфт эшон ва ба рӯи ҳозирон нигоҳи сарсарӣ андохт. Ҷомӣ чунин фикр ронд гуфта, аз бобу ҷадди худ рӯ гардонем? Не, мулло Ҳақдод, «Олимон аз паи нуқта намераванд».

Боз хомӯшӣ ҳукмрон гардид, эшони Сайид Аъзами Фирӯз оҳ кашида, тез-тез донаҳои ашки Марямро гардондан гирифт. Пешонааш арақ кард. Лабони ғафсашро ба ҳам фишурда, ҳарфи дилашро дар ниҳодаш ҳабс кард. Касе ёрои гап задан надошт. Ҳама ба даҳони эшон менигаристанд.

– Хуш, ку гап зан… – ба мӯйсафеди Хайриддин рӯ овард эшон, ки чеҳраи сурхинааш пуркида дар партави чароғ дока вори сафед метофт.

– Чӣ гӯям?

– Ягон чиз бигӯй…

Боз хомӯшӣ ба амал омад. Мурод пиёлаи чойро ҳурт кашида, ба худ мепечид, чунин як маъракаи дилгиру бебаҳс писандида набуд. Эшон боз ҷилави суханро ба даст гирифт.

– Дар сарзамини мо даъвогарон хеле ва хеле зиёданд, вале на ҳамаи онҳо сайидзодаанд. Сайидзодагон набояд гузаштаи худро фаромӯш кунанд. Дониш дорӣ ва ё надорӣ фарқ нест, бояд ту бобу ҷадди хешро панҷ-панҷа вори бидонӣ, агар ту сайидзодаӣ… Хафа нашав, гузаштаи ту рушан нест… Мо ба хотири донише, ки дорӣ ба зоти худ хиёнат намекунем…

Сари Ҷеймс ба замин зад, дигар чизе нагуфт, дилаш якбора сиёҳ шуд. Хост якбора дасти дуо бардошта омин гӯяд ва маҳтали шариконаш нашавад, вале дар ниҳояти кор таҳаммул кард. Нахост ба ин рафтораш бодакии худро нишон диҳад, вале ғурураш дар вуҷудаш туғён мекард ва дарунашро мехӯрд. Суҳбати ҳозирон ба гӯшаш наме-

даромад. Ҳатто доду шавқуни Мурод, ки сари эҳсосот ҷадидонро тавсиф мекарду ба полизи амиру ҳокимони замон сангча мепартофт.

– Додар, мо ин сара дар осиёби бобот сафед накардаем, – шӯрид мӯйсафеди Хайриддин, – неку бада хуб мефаҳмем. Ҷадидҳо, ки омаданд мо ҳама ғуломи кофирон мешавем.

– Ҷадидҳо одамхӯр нестанд, онҳоро беадолатӣ маҷбур кардааст, ки ба ин роҳ раванд… – қадре мулоим шуд Мурод.

– Ку гап зан, кадом беадолатӣ? Чаро бар зидди подшоҳи ислом гап мезанед? Ҷадидони бехудоро ҷонибдорӣ мекунед? – ба як дам дод мезад мӯйсафеди Хайриддин, кафки даҳон паронда аз ғазаб вуҷудаш меларзид.

Ҷеймс, ки ин лаҳза бо димоғи сӯхта дар ҷойи худ нишаста сархам меистод, бетоқат шуд. Ва ба мӯйсафеди Хайриддин рӯ оварда ишораи хестан кард.

– Камтари дигар сабр кун, хезем ин хурусчӯҷаи маст гумон мекунад, ки тоби суханаш накардем, – бо овози баланд гуфт мӯйсафеди Хайриддин.

– Ту ҳақро аз ноҳақ фарқ карда наметавонӣ, – паст наомад Мурод.

– Падари ту дар пеши ман дуруст шишта наметавонад, аз ӯ баромадагӣ на ақл дораду на фаросат. Дар Бухоро хондем, гуфта пота ба баландӣ намон, – ба насиҳат гузашт мӯйсафеди Хайриддин.

– Ман ҳич вақт даъво накардаам, ки дар Бухоро хондаам…

– Даъво накардаӣ, лекин ман-маниат худ далели он аст, ки фахр аз донишат дорӣ…

– Уф, – оташин шуд Мурод. – Ман дигар ба ту гап надорам…

– Ту бояд аввал андеша кунӣ, ки киро тарафгирӣ дорӣ…

– Киро тарафгирӣ кардам?

– Гӯё намедониста бошӣ…

– Ман нагуфтаам, ки ҷадидон моҳ вори беайбанд…

– Гуфтӣ-гуфтӣ…

– Дар сураи оли «Умрон»– и Қуръони шариф омадааст:

«Агар шумо собир ва худотарс бошед, агар ба шумо кофирон ҳуҷум кунанд, ба ҷонибдории шумо Худованд панҷ ҳазор малоика мефиристад, ки онҳо нишонаҳои махсус доранд», – гуфт Ҷеймс ки то ин дам хомӯш менишаст, – Аз ин рӯ беҳуда баҳс накунед! Подшоҳи ислом амир Сайид Олимхонро касе аз ҷояш ҷунбонда наметавонад. Зеро эшон ба ҳама пешхезиву ғавғои магасвори ҷадидони уруспараст бо сабру таҳаммул менигарад.

– Шумо хато мекунед, домулло Ҳақдод, ҷадидон чуноне, ки мегӯянд кофир нестанд, балки онҳо ҳам мисли мову шумо калимаи шаҳодат бар забон меоранд, – бо нармӣ гуфт Мурод.

– Шумо маро нодуруст фаҳмидед, ман ҳаргиз ҷадидонро кофир нагуфтаам, балки ҳангоми дар Бухоро иқомат доштанам медидам, ки онҳо мункири ислом нестанд, вале бо урусҳои кофир, ки дар Фитирбург подшоҳи худро сарнагун намудаанд, пайравӣ мекунанд. Ва бо ёрии онҳо нияти сарнагун намудани аморати Бухороро доранд. Магар пайрави кофирон будан хуб аст?

– Дар шариат гуфта нашудааст, ки насрониён кофиранд, охир онҳо ҳам худопарастанд…

– Мефаҳмам, вале гап дар сари он аст, ки бо омадани ҷадидон ба сари тахт пояи ислом суст мешавад. Дар «Қуръони шариф»омадааст: «Кофирон мехоҳанд, шумо мисли онҳо беимон бошед…»

– Бале, ин иқтибоси шумо аз сураи «Ниссо»аст, ки фарҷоми он чунин аст: «Мо ба шумо аз болои онҳо ҳукмронии том медиҳем». Ин сура замоне нозил шудааст, ки дар рӯи замин кофирон мезистанд. Онҳо ба чизе эътиқод надоштанд, хурданшона медонистанду р… Мову шумо сари масъалае баҳс дорем, ки дар мамлакати ислом рӯй медиҳад, онҷо кофирон нестанд. Ҳамин тавр не?

– Бале…

– Агар чунин намебуд, ҳаргиз Амир мағлуб намешуд ва подшоҳи рус бар сари ӯ ҳукм намеронд. Ҳол он ки дар сураи «Инъом»гуфта шудааст: «Мӯъминонро ба ҷанг тасхир кун, агар дар байни шумо бист нафар босубот бошанд онҳо бар ҳазор нафар кофир ғалаба мекунанд, зеро онҳо ҷоҳиланд».

– Бале…

– Магар русҳо ҷоҳиланд? Агар ҷоҳил мебуданд, ҳаргиз ба муқобили лашкари ислом мубориза бурда наметавонистанд, ҳаргиз ғолиб ҳам намеомаданд, зеро дар сураи «Моида»омадааст:

«Ҳар гоҳе, ки кофирон оташи ҷангро ба муқобили шумо афрӯзанд, Худованд онро хомӯш мекунад». Чуноне, ки дидед, чунин нашуд, зеро русҳо кофир нестанд, балки мисли мову шумо бандаи Худоанд. Худи Амир, ки ҷонибдораш ҳастӣ, ҳуҷҷати подшоҳии аморати Бухороро аз дасти подшоҳи рус-Николаи дуюм, гирифтааст.

– Наход? – даст ба гиребон бурд мӯйсафеди Хайриддин.

– Бале, ҳамин тавр аст, – Муродро тасдиқ кард Ҷеймс.

– Ана ҳамин хел, бобои Хайриддин, ту сара сафед ҳам карда бошӣ, ҳоло аз куҷо баромадани боди шиками харро намедонӣ, – бо ҳазл гуфт Мурод.

– Бешӯхӣ намедонам… – суст шуд мӯйсафеди Хайриддин.

– Он чизе, ки ман ба чашм дидаам шумо ба гӯш шунидаед, самои аморатро абрҳои сиёҳу сафед пӯшидааст, имрӯз ё фардо гулдуроси раъд гӯши фалакро кар мекунад, – гуфт Мурод.

– Ҳамчунон бо боварӣ гап мезанӣ, ки гӯё аз пеши Худо омада бошӣ, – луқма партофт мӯйсафеди Хайриддин.

– Ман он чизеро дидаам, ҳамонро мегӯям. Дуруғгӯӣ дар хуну пусти ман нест, агар дурӯғ бигуям Худо дар ду дунё бандаам нагирад…

– Қасам нахӯр, фардо дар дунё чӣ гапу хабар мешавад Худо худаш медонад, – гуфт Ҷеймс ба тарафдории мӯйсафеди Хайриддин гузашт.

– Рӯтона Худо бинад, – бо табассуми сохта ба мусоҳибон рӯ овард эшони Сайид Аъзами Фирӯз, – мову шуморо ба Амиру ҷадидон чӣ кор аст? Биёед Худои худамона бигӯем. Аз он чиз, ки ҷадидон ноҳаканд ва ё ҳақ, ба мо мафиате нест, ягон чиз бурд намекунем. Ҳама кор пушаймонӣ дорад, ба ғайри рӯзаву намоз. Биёед вақти худро барои дупула гап барҳадар надиҳем, то ки фардо пушаймон нашавем. Гуҳари шайтониву лоҳутиро аз қалби худ дур кунем…

Ҷеймс, ки дар дил хафа шуда буд, ин дам дар симои ин авлоди бонуфуз душманони ашадии худро медид. Аввал хост ба ӯ ҷавобҳои боэътимод дода ӯро шармсор гардонад, вале дарк кард ҳарифонаш сусту фулуст нестанд, чунон ки ӯ мепиндорад. Балки дар сурати бо онҳо сар ба сар шудан бо андак кундӣ худро назди ҳозирон шарманда месозад. Аз ин рӯ лаб фурӯ баст, аммо дар ниҳодаш ҳисси адоват ва ниқоргирӣ фузун мегардид. «Рӯзаш меояд, ки заҳри худро мечаконам, ҳоло фахр кардан гиред, ки аз авлоди сайидед», – дар дил мегуфт Ҷеймс.

Табақи ош ва гӯшти бирён ҳам холӣ шуд, меҳмонон таҳорат карда намози хуфтанро якҷоя хонданд.

Ҷеймс ба гӯши Хайриддин пичирос зад, ки бармехезанд. Мӯйсафеди Хайриддин ҳам гӯё маҳтали ишорат бошад, узру баҳона пеш оварда, нияти рафтан доштанашонро ба эшон арз намуд. Эшон даст ба дуо бардошт ва ба онҳо дуои хайр дод.

Тамоми шаб савора роҳ тай намуданд, вале суханронияшон берун аз интихоби роҳ доир нагашт.

Ҷеймс он шаб қариби субҳ хуспид. Ва гашти рӯз чашм аз хоб кушод, дилаш хиҷил буд. Сараш дард мекард. Бебарорӣ дар роҳи мақсуд миёнаш гӯё шикаста буд, дастонаш ба коре пеш намерафт. Ягон наздике надошт, ки дарди дил баён карда ғамаш дур созад. Аз Усто Насим, ягона шахси наздикаш дар ин қаламрав, меҳаросид. Дар ҳамон даврае, ки дар паҳлӯяш қарор дошт, дарди дилашро ба ӯ ошкор намекард, бо эҳтиёт гап мезад. Акнун ҷуз сояаш касе надорад. Он ҷазбмандие, ки нисбати ислом дар дилаш падид омада буд,

якбора сард гашт. Акнун он ҳама зебогиҳои табиати ин диёр, ки боиси дилбастагияш шуда буд ба назараш ягон зебу фар надошт. Рӯзи рушан пеши рӯяш тира метофт. «Оворагӣ бас, меравам ба Англия, дигар пурсу суроғи ин марзу бумро намегирам, ба касе даркор бошад, бигирад», – бо димоғи сӯхта ғур-ғур кард худ ба худ Ҷеймс.

Ин лаҳза ба сари борае, ки рӯ ба ҷараёни оби рӯд воқеъ афтода буд, нишаста, ба равиши кабудфоми об менигарист. Касе ба назар наметофт. Ҳатто онҳое, ки дар ин ду-се рӯзи охир қадамашон аз хонаи ӯ канда набуд. Бори аввал худро танҳову афсурда дарёфт. Байти Бедил беихтиёр нуги забонаш омаду аламаш тоза шуд:

*«Пур бекасам имрӯз, касеро хабарам нест,*
*Оташ ба сари хок, ки он ҳам ба сарам нест».*

Насими ҳаловатбахш сару рӯяшро навозиш мекард. Фикру андешаҳояш низ парешон буд. Гӯё бод онро аз ӯ мерабуд.

Ҳарчанд мекушид наметавонист онро сарҷамъ биорад. Пиндошт аз барои ба даст овардани риштаи андеша чиллахонааш мусоид аст, аз он дунёи фароху беҳудуд. Ва бо азм бархост. Нигоҳашро ба атрофу акноф афканд. Ин лаҳза назараш ба хати сафедранги хок, ки ба осмони кабуд бархоста махлут мегашт, гиреҳ хӯрд. Хати сафеди чанг аз суми асп мехест, ки пайраҳаи борику бесамари офтобсӯхтаро тай мезад. Савора тозиёна мезаду аспро тозиш медод.

Ҷеймсро ин манзара як лаҳза ба ҳайрат гузошт, аз дилаш ҳазору як гумон мегузашт. «Кӣ бошад? Барои чӣ ба ин самт меояд? Ягон хабари хуш меорад? Шояд эшон аз карда пушаймон шуда бошад?..»– аз дилаш мегузашт.

Савора санговро гузашта, рӯболо, ба ҳавлии Ҷеймс, раҳсипор шуд. Ҷеймс ба истиқболаш баромад. Савораро зуд шинохт. Ӯ Усто Насим буд, ки аспи ба обу арақ таршударо, ки аз даҳонаш хаф мерехт, дар рӯ ба рӯи Ҷеймс қарор дод. Ҳис кард, Ҷеймс бо аҷала омадани ӯро дида

хавотир шудааст. Аз ин рӯ аз асп фаромад, то ки эҳсосоти ногувори ӯро бартараф созад.

– Хушхабар овардам… – бо хушҳолӣ гуфт Усто Насим ва занҷири аспро ба сафедор баст. Аз Бухоро меҳмон омадааст.

– Аз Бухоро? Ӯ кӣ бошад? – ба тааҷҷуб афтод.

– Фикр бикун!.. – бо табассум ба рӯи Ҷеймс нигарист.

– Намедонам… Чӣ гуна одам аст?

– Мисли мову шумо ду пову ду даст, ду чашму ду гӯш дорад.

– Бе ҳазл мегӯям ӯ кист? Чаро инҷо наомад?

– Фарқи хонаи мову шумо чӣ? Имрӯз меҳмони мост, пагоҳ аз шумост…

– Ҳеҷ тасаввур карда наметавонам. Ӯ кӣ бошад? – ҳанӯз ҳайрон буд Ҷеймс. Сар ба гиребони тафаккур ниҳода, даст ба пешонӣ, бо чини абру дар як ҷо гирд мегашт.

– Шайхро фаромӯш кардед?

– Чӣ?.. – ҳайраташ дучанд афзуд.

– Шайх бо ҳамон сари сафедаш ба дидорбинии шумо омадааст…

– Наход?

– Зуд бошед, рафтем…

– Як дам сабр бикун… – ба ҳуҷра даромада ҷелаки тику дастори суфашро ба бар кард Ҷеймс.

Усто Насим ғанани Ҷеймсро аз оғил баровард. Ва зину афзолашро дуруст кард.

– Марҳамат савор шавед!..

– Ташаккур, – Ҷеймс тозиёнаро аз мехи дар девор овезон буда гирифту ҷониби асп гом кашид.

– Шайх кай омад?

– Ҳамин пагоҳӣ, суроғ карда омадааст…

Ҷеймс дарҳол пай бурд, ки меҳмони бухороӣ, ки ба суроғаш омадааст, Герберт аст. Ба кадом мақсад омада бошад? Шояд дар он ҷо аз сирру савдояш огоҳ шудаанд?.. Ба ин андеша ҷониби манзили Усто Насим асп давонд.

Дар ҳавлии Усто Насим ба шарафи меҳмон гӯсфандеро кушта буданд. Баробари ба ҳавлӣ ворид шудан бӯи

иштиҳоовари гӯштбирён ба димоғ мезад. Герберт рӯи суфаи ҳавлӣ дар сояи тут нишаста интизори омадани Ҷеймс буд. Ин лаҳза, ки онҳо савора вориди ҳавлӣ шуданд, Герберт баробари дидани Ҷеймс аз ҷой хест. Ҷеймс низ аз асп пиёда шуд ва ҷониби ҳамдиёри муштоқи дидораш гом ниҳод. Онҳо бо ҳам оғӯш ба оғӯш шуданд. Усто Насим аспҳоро кишан зада ба сабзазори миёни дара, ки дуртар аз манзили ӯ воқеъ афтода буд, сар дод. Ҷеймс аз шунидани забони модарияш, ки Герберт ҳини оғӯшкушоӣ ба гӯшаш бо овози паст мегуфт, ҳуш аз сараш парид, мадори пойҳояш суст шуд ва дар ҷояш нишаст. Аз дидагонаш ашки ҳасрат ҷорӣ шуд.

– Худро ба даст бигир, Ҳақдод, – ба чор сӯи ҳавлӣ зери чашм зеҳн монд Герберт.

– Кадом шамоло паронд?..

– Дар ин бора баъд гап мезанем, ҳоло ҷои гап нест… – гуфт Герберт ва баробари омадани Усто Насим мавзӯи гапро дигар намуд.

– Хуш омадед… – бо табассум ва хушҳолӣ дар гӯшае нишаст Усто Насим.

– Маро хурсанд кардед Насимҷон, додари маро, ки овардед сарам ба осмон расид, – лутф кард Герберт.

– Ҳазрати шайх, хизмати шумо дар он шабу рӯзе, ки мушкилӣ ба сарам омада буд, аз хотирам нарафтааст. Агар шумо намебудед дар он шаҳри калон сару калобаамро гум мекардам.

– Чӣ хизмат буд? Кирои гап намекунад. – зоҳиран худро хиҷолатманд нишон дод Герберт, вале дар дил аз чунин қадршиносиҳои Усто Насим шод шуд.

– Хизмати бузург кардед, дар ду дунё аз ёдам намеравад, – гуфт Усто Насим ва ба меҳмонон чой рехта дод. Ин бача пур ғамам дод. Гумон доштам дар Бухоро хонда аз яку ду боло мешавад. Лекин бо ҷадидони худоношинос ҳамроҳ шуда обу рӯша ду пул кард. Ман ҳам аз дасти ура пеши мардум сар боло карда наметавонам…

– Ҳеҷ гап не, ғам нахӯред, – ӯро дилбардорӣ намуд Герберт.

– Ғам нахӯрда мешавад? Гапи мардум тирвори шикоф

мекунад…

– Гапи мардума, ки фикр кунем, магарам дар рӯшании дунё зиндагӣ ба сар набарем, – гуфт Ҷеймс.

– Ҳеҷ кас бе айб нест, ҳама хурду бузург гуноҳе содир кардааст, вале мо ба гунаҳгор бо нафрат нигоҳ намекунем, ҳарчанд ислоҳ шуда бошад ҳам, – гуфт Герберт. Дар ҳақиқат ҷадидон ба халқ хиёнат карданд, гуноҳи онҳо нобахшиданист. То он ҷое, ки медонам Муродҷон ба онҳо гаравида буд. Худо раҳм хӯрд, набошад…

– Ангуштони панҷа як аст? – ангуштонашро ба Ҷеймсу Герберт нишон дод Усто Насим. Магар онро бурида баробар карда мешавад? Гуноҳ кард, ҷазо дид, ба одами боақл ҳамин бас аст. Дигар бор қадамашро дониста мемонад.

– Ақлаш даромадагист? – пурсид Герберт.

– Аз куҷо? Хислате, ки ба хун даромад ба ҷон мебарояд, – гуфт Ҷеймс. Ҳазор лайлаин бихонем, ки кори худро мекунад. Насиҳат кардем, ба гап надаромад.

Усто Насим оҳ кашиду сар ба зер афканд. Ва бо ғазаб сар ҷунбонду пиёлаи холишудаи чойро фишор дод.

– Чӣ кор кунам ӯро?!.

– Оташин нашав, усто, рӯзе меояд, ки гуноҳашро дарк мекунад.

– Кай? Кадом вақт?..

– Сабр бикун, Худо дар дилаш меандохтагист, – ӯро ором кард Герберт.

– Кадом рӯз мемирему лекин роҳ ёфтани инсофро дар дили ӯ надидам…

– Шукрона бикун, ки Худо аз ин бадашро нишон надиҳад, – гуфт Герберт. Ҳоло куҷост, ки наменамояд?

– Дар деҳаи Хазлаат, дар манзили эшони Сайид Аъзами Фирӯз мезияд, дар ин ҷо ба хунаш ташнаанд, – гуфт Усто Насим.

– Дар ин деҳа увори ҷавони бохирад нест. Вале мардум чашми диданаш надоранд, – гуфт Ҷеймс. Дар он ҷо буданаш хуб аст, аз он ки дар ин ҷо хораш медоранд.

– Зодгоҳ барои ҳар як инсон азиз аст, – гуфт Усто Насим

ва бо анҷуҳи рӯй ба нуқтае нигоҳи беҳадафе афканд.

– Замини Худоро ба неку бад ҷудо кардан хуб нест. Ватан ҳамон ҷоест, ки рӯзат хуб гузарад, – гуфт Ҷеймс.

– Ватан онҷоест, ки хуни нофат чакидааст, – гуфт Усто Насим. Хок ғарибро дар гӯр фишор медиҳад, ватандорро не…

*Саъдиё ҳуби Ватан гарчи ҳадисест саҳеҳ,*
*Натавон мурд ба сахтӣ, ки ман он ҷо зодам. –*

ба тақвияти суханонаш ин байтро ба забон овард Ҷеймс.

– Дуруст, дидаву дониста ба дунболи марг рафтан гуноҳи сахтест.

– Агар ман бидонам, ки рӯзе ба пас бадбахтиеро ин мардум ба сарам меоранд, меравам ба макони орому бехавф, – гуфт Ҷеймс. Ин ҷо будани Мурод алъон хавфнок аст. Хурду калони ин қаламрав ба ҷадидон дандон тез мекунанд.

– Бухоро ба дасти ҷадидон гузашт, – гуфт Герберт.

– Чӣ? – аз ҳайрат нимхез шуд Ҷеймс.

– Онҳо ба русҳои исёнгар забон як карда, шоҳ Амир Олимхонро аз Бухоро ронданд.

– Шоҳи беҳимоя монда, ягона илоҷи раҳоиро аз хавфу хатар дар он мебинад, ки давлати Англия ба онҳо кумак расонад.

– Ҳукуматдорони Англия ба чӣ хулоса омадаанд? – пурсид Ҷеймс.

– Ба чӣ хулоса меомаданд? Бояд Амир барвақттар дар ин бора фикр мекард. Ба бӯйи русҳо намешуд.

– Аз ду сар мардум ба ҳимояи шоҳи худ мехезанд. Намегузоранд, ки русҳо ба сари онҳо ҳукмрон бошанд, – гуфт Ҷеймс.

– Бармехезанд, вале зӯрашон намерасад.

– Барои чӣ? – бо тааҷҷуб пурсид Усто Насим.

– Барои он ки ҷадидонро сурхҳо пуштибон шудаанд, – гуфт Герберт.

– Акнун Амир Олимхон дар куҷост?

– Ба ин тараф, ба Бухорои шарқӣ қафонишинӣ кард, то қувваи дар ихтиёраш бударо талаф надиҳад.

– Бухорои Шариф дар дасти кофирон афтод? – суол кард Усто Насим.

– Бале, як рӯзи маҳшар шуд, аскарони инқилоби рус бо ҳамроҳии ҷадидони ватанфурӯш чор рӯзи тамом ба сипоҳи Амир набард карданд. Дар ин чор рӯз бо тупу аэроплон ба қалъа ҳуҷум мекарданду ҳуҷум мекарданд… Амир Олимхон чун дид, ки бо сарбозони инқилобӣ сар ба сар шуда бо талафоти гарон дучор мешаванд, ночор, қафо нишаст.

– Шумо ҳам ҳамроҳи ӯ омадед? – пурсид Ҷеймс.

– Бале, Амир дар Ҳисори Шодмон камин гирифт…

Усто Насим аз ҷой хеста ба ошхона даромад ва табақи гӯштбирёнро бардошта пеши меҳмонҳо омад. Баъд аз хӯрдани гӯштбирён ва чойнӯшӣ, ки хомӯшии асрорангез гузашт, Усто Насим меҳмононро ба ҳуҷраи хоб даровард, ки дам гирифта хастагиашон рафъ кунанд.

– Шаб ба манзили ман меравем, гуфт Ҷеймс ба Герберт рӯ оварда.

– Бегоҳ ҳаққу ҳамсояҳоро даъват кардаам… Шабро инҷо рӯз карда субҳ меравед, – гуфт Усто Насим. Аз файзи донишу фазилати шумо баҳра бардоранд хуб нест?

– Чӣ дониш дорем? Хоки заминем, – хоксории хеш нишон дод Герберт.

– Агар дониш намедоштед, ҳаргиз шуморо шайх наменомиданд, дар Бухоровори шаҳри илмпарвар, – гуфт Усто Насим.

– Камтарин муҳасили Бухоро аз олимони номдори ин қаламрав як сари гардан болост, – илова кард ба тақвияти сухани Усто Насим Ҷеймс. Вале ин баҳои якҷонибаи ӯ ба Усто Насим хуш наомад. Вале дар ин сухан то як андоза ба назари кам нигаристани олимони ин сарзаминро дид.

– Магар эшони Сайид Аъзами Фирӯз дарёст, дарёи бузург, на шур дораду на туғён, ҳама бузургиву шаҳомати хеш ниҳон медорад.

– Чӣ гуна шахсият аст он кас? – суол кард Герберт.
– Эшон аз авлоди сайиданд.
– Сайидзодаҳо ба илм машғуланд. Обрӯву мартабаашон ҳама аз пушти бобу ҷадди бузургашон асту халос. Эшон саргарми ифтихороти авлодӣ шуда аз дониш кам баҳра мебардоранд. Ман бо сайидзодаҳои зиёде, ки номи калон доранд вохӯрда, аз муҳити зисту ахлоқашон огоҳӣ пайдо кардаам. – гуфт Герберт.
– Эшони Сайид Аъзами Фирӯз аз он шахсони мегуфтагии шумо нест. Ҳаргиз нашунидаам, ки ба гузаштагони худ фахр карда бошад, – гуфт Усто Насим.
– Ман дидаам, – гуфт Ҷеймс савдои шабонаро, ки дар Дараи Мирон ба вуқӯъ омада буд.
– Кай?
– Дишаб…
– Дар куҷо?
– Дар деҳаи Дараи Мирон, Мурод шоҳид буд, аз ӯ пурсед.
– Дар дараи Мирон?
– Бале, хостгорӣ рафта будем, – гуфт Ҷеймс.
– Барои кӣ?
– Барои худам… Духтари эшони Сулаймони Дараи Мирониро хостгор шудам. Эшони калон он ҷо буд. Ҳамон ҷо даъво кард, ки аз авлоди сайид аст. Ва маро ба хотири он ки аз ин авлод набудаам, рад кард.
– Наход? Мебахшеду айби худатон шуд. Кадом зангир худаш хостгорӣ рафтааст? – ранҷидахотир гуфт Усто Насим.
– Ман…
– Бояд ин корро намекардед. Агар ман мебудам, розӣ мешуд. Нагуфтед, ки шумо ҳам сайидзодаед?
– Гуфтам, лекин бовар накарданд…
– Дуруст, кори хом кардед, дар ин масъала аз яку ду бояд маслиҳат мепурсидед, – гуфт Герберт. Дар ин қаламрав касе намедонад сайидзодаӣ?
– Шумо медонед-ку?
– Бале, ман медонам, дигарон чӣ? Бояд Мурод ва ё Ус-

торо хостгор мефиристодед…

– Кори шудагӣ шуд, мондагӣ монд, – даст афшонд бо димоғи сӯхта Ҷеймс.

– Хафа нашав, ҳама кор хуб мешавад. Ҳоло дер нашудааст, – дилбардориш кард Герберт.

– Агар гаҳворааш аз осмон омада бошад, ки дуву дубора помямро ба дари хонаашон намемонам, – гуфт Ҷеймс.

– Шакокӣ накун, Ҷеймс, – норозиёна сар ҷунбонд Герберт.

– Магар ман авлоди сайид нестам?

– Аз авлоди сайидед…

– Маро таҳқир карданд, ки ба ин авлод тааллуқ надорам.

– Намедонистанд, агар медонистанд ҳаргиз ин корро намекарданд.

– Дилам монд…

– Бобокалони эшони Сайид Аъзами Фирӯз ҳазрати Шоҳ Низомро барои он баландпарвоз номиданд, ки тобуташ сари китфи муридонаш ба андозаи пари коҳ вазн надошт.

– Чӣ? – ба ҳайрат афтод Герберт.

– Аз калонсолон шунида будам, ки бобояшон дар дами сакарот ба наздиконаш васият мекунад… «Вақте, ки рӯҳ колбадамро тарк кард, ҷасадамро ба ватанам баред». Вале ба ҳарфи эшон бошандагони ин сарзамин гӯш намедиҳанд. Ду поро ба як мӯза андохта, бо якравӣ мегӯянд, ки ҷасади эшонро дар ин ҷо ба хок месупуранд, то ки мазораш зиёратгоҳи мардум бошад. Тобутро дар майдон гузошта, саф мекашанд. Ин лаҳза аз сари кӯҳи Хуҷаи Нур ду оҳӯи сафед пайдо шуд, ки касе дар умри сараш надида буд. Ҷанозаро хонда нияти тобутбардорӣ доштанд, чашми нафаре ба оҳувон бархӯрду нидо дар дод: «Оҳуи сафед!». Ҳама ба самти ишораи он мард нигаристанд. Оҳувон аз сари шах ба одамон муддате дида дӯхтанду одамон ба оҳувон. Гӯё ҳама об ба даҳон гирифта бошанд, лом намегуфтанд. Чашм аз оҳувони сафед, ки

ба он зебогӣ сари шах қарор доштанд, намеканданд.

Оҳувон ба одамон менигаристанду одамон ба оҳувон… Як дам ҳуши мардум канда шуд. Фаромӯш карданд тобутро. Оҳувони сафед ба чӣ хотир омада бошанд? Чӣ хосият дошта бошад омадани онҳо? Ба гуфти

мӯйсафедони барҷомонда, оҳувони сафед дар як ё ду аср як бор пайдо мешавандy бо ҳамин касе башараи онҳоро намебинанд. Кайҳо дар ин бора ҳарфе намегуфтанд. Балки мавҷудияти оҳувони сафедро касе бовар намекарду ба афсона нисбат медоданд онро. Инак ботил будани ин афкорро ба чашми худ медиданд. Оҳувони сафед бо ҳамон дилрабоии мафтункунанда сари шахи ин кӯҳи машҳури Хуҷаи Нур бар сони Офтоби оламтоб ҷилва мекарданд. «… Оъ…»Ин ҳарф ба сони обе, ки дар гулӯ мепечид як дам дами ҳамаро дарун занонд. Моту маҳбут, нигарон монданд. Касе маҷоли ҷунбидан надошт. Гӯё сафи ҷанозахонон санг шуда бошад, ки ҳаракате аз ҷониби эшон зоҳир намегашт. Чун Офтоб ба фарқи кӯҳ расид, оҳувон ҳам рӯ ба офтобнишин оварданду ғайб заданд… Баъди ин касе омадани оҳувони сафедро ёд надорад, – гуфт Усто Насим.

– Омадани оҳувони сафед чӣ хосият доштааст? – балғами гулӯяшро ислоҳ карда пурсид Ҷеймс.

– Оҳувон омадаанд, то ки тобути ҳазрати Шоҳ Низомро роҳбаландӣ кунанд. Тобути ҳазратро даҳ муриди бовафо сари китф аз паи ин ҷонварон то ба Ватани ӯ бурданд, ки ба сони барги хас сабук будааст…

– Бобу ҷадди эшони Сайид Аъзами Фирӯз Шоҳ Неъматулоҳи Валӣ набуд? – бо шубҳа пурсид Ҷеймс.

– Бале, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва Шоҳ Низом аз як кундаанд…

Ҷеймс дигар савол надод, сукут карду худро ба хоб зад. Вале хобаш кайҳо парида буд. Ин ҳикоят моту маҳбуташ гардонд. Оҳувони мӯъҷизавии сафед пеши назараш пайдо шуда, фикру андешаашро фузун мекард… Герберт низ хомӯш буд. Усто Насим ба рӯи меҳмонони фазилатманд, ки аз қайди ҳикояти ӯ набаромада буданд, нигоҳи ғолибона

афканд.

– Муаззини масҷиди деҳа азони намози шомро хонд, ҳозирон саросема шуданд. Усто Насим филфавр берун баромад, дар дами дарвоза се офтобаи сафолини пур аз оби гарм тайёр буд…

Рӯз ба поён мерасид, шафақ ба сони қоғази нимсӯхта ҳанӯз ҷилвагар буд. Ситораҳо аз қаъри осмон рӯ заданд. Дар рӯи суфаи ҳавлӣ чароғҳои равғанин месӯхтанд. Герберт пиёлаи чойро ҳурт кашида интизори он буд, ки кай ҳаққу ҳамсояҳо вориди ҳавлии Усто Насим мешаванд. Ӯ аз ин имконият ба манфиати худ истифода бурдан мехост.

Интизорӣ дер накашид. Як дам пас ҳаққу ҳамсояҳои Усто Насим яке дар даст нон, дигаре табақи ош, сеюмӣ маска ва дигар анвои хӯрданӣ вориди ҳавлӣ шуданд. Суҳбат тафсид. Герберт баъд аз шунидани сухани ҳозирон дарк кард онҳо ба ҷуз хондани намоз аз фаҳми дигар паҳлӯҳои аҳкоми шариат дуранд ва доираи назарашон ба фаҳми сиёсати дунё танг аст.

– Дар Бухоро ҷадидон ҳокимияти Амирро ба русҳо таслим карданд, – гуфт Герберт дар омади гап ва ба рӯи ҳозирон зеҳн монд, то бифаҳмад ин хабар ба эшон чӣ таъсире расонд.

– Русҳо? Онҳо чӣ гуна махлуқанд? – бо таҳайур суол кард марди чорпаҳлӯ, ҷувозкаши деҳа Маҳмуд.

– Русҳо мардумеанд дур аз ислом, онҳо дар ватани худ подшоҳашонро сарнагун намуданд ва ҷомеаро бо номи балшувик ташкил дод, ҷадидонро ба воситаи тарғибу ташвиқ ба худ моил кунонданд. Акнун мардуми моро аз дину оини бобогӣ дур месозанд.

– Кӣ ба онҳо чунин ҳуқуқ медодааст? – барошуфт Маҳмуд.

– Э додар, вақте, ки ҳокимиятро ба даст гирифт, ҳар чӣ ки хоҳад мекунад. Аз дасти мову шумо ҳеҷ кор намеояд. «Амирро аз тахт рондани чор ҷадиди худобехабар дар чорчӯбаи кадом қонун меғунҷад?

– Амири Афғонистон Ҳабибуллохон ҳаргиз бародарони мусалмонашро танҳо намегузорад, – ба гап ҳамроҳ

шуд Ҷеймс.

– Бале, Ҳабибуллохон кӯмак мекард, агар зинда мемонд…

– Ҳабибуллохонро куштанд?

– Амонулохон писари амири мақтул ба тахт нишаст. Ӯ ваъдаи падарашро, ки мебоист илова ба шаш фили маҳмудӣ ва дусад аскари мусаллаҳ тиру туфанг ёрдам доданӣ буд, ба пашизе арзиш надод ва раво надид. Баръакс, саргарми лутфу меҳрубониҳои саризабонии болшувикони рус шуд, ки давлати онҳоро ба расмият шинохт.

– Наход? – ба тааҷҷуб афтод Ҷеймс.

– Амонуллохони курнамак фаромӯш кард, ки инглисон ҳокимияти ӯро барқарор карданд, яроқу аслиҳа доданд, то ки русҳо ба хоки ин таҷовуз накунанд. Вале ин хирси хоболуд ҳоло аз сиёсати русҳо бехабар аст.

– Инглисҳо ба ҳар ҳол аз русҳо хубтаранд, онҳо ба диёнати мардум кор надоранд, – гуфт Ҷеймс.

– Кӣ гуфт? – ба гап ҳамроҳ шуд Сафари оҳангар, ки то ин дам бештар ба онҳо гӯш медод.

– Шумо инглисҳоро хуб намедонистаед, онҳо ба Амири мо хайрхоҳанд. Агар инглисҳо набошанд, мову шумо таи пои кофир мемондем. Ман худам шоҳидам, ки панҷоҳ нафар аз сипоҳиёни Амир, Ишқобод ба назди инглисҳо фиристода шуданд, то ки эшонро бо силоҳи ҷадид мусаллаҳ намоянд. Инглисон ба онҳо «пулимёт»ва милтиқҳои инглисӣ доданд… – гуфт Герберт.

– Ба андешаи шумо инглисон ин корро ба хотири ёрӣ анҷом доданд? – суол кард Сафар.

– Ба фикри ман ҳамин хел аст…

– Не, ёрии онҳо беғаразона нест. Амири Афғонистон Амонуллохон бо дастури инглисҳо амал карда қонунҳои аблаҳона қабул кардааст. Ин рафтори ӯ оқибат сарашро мехӯрад…

– Чӣ хел қонун? – худро ба нодонӣ зад Герберт.

– Мувофиқи дастури Амонуллохон даст ба даст салом додан манъ карда шуд, ба ҷои саломи мусулмонон чун аврупоиён кулоҳро бояд аз сар гирӣ, ҳамчунин

фаранҷипӯшии занон низ манъ карда шудааст…

– Инглисон ҳаргиз чунин дастур намедиҳанд, – норозиёна сар ҷунбонд Герберт.

– Аз куҷо медонед, ки инглисон чунин маслиҳат намедиҳанд?

– Шумо аз куҷо донистед, ки ин рафтори Амонуллохон ба дастури инглисон шудааст? – паст наомад Герберт.

– Хиёлатон гапи мо афсона аст?

– Нагуфтем, ки афсона аст, балки аз он ҳайрон шудам, ки чӣ гуна ин гапу хабар ба миёни ин кӯҳҳои дастнорас мерасад, – қадре мулоим шуд Герберт.

– Писари амакам аз Панҷшер омада буд. Ӯ дар ин хусус гап зад.

– Аз Панҷшер? – бо тааҷҷуб суол кард Ҷеймс.

– Бале, ду рӯз пеш рафт, як моҳ ҳамин ҷо буд. Амонуллохон барои чодирпӯшии занон ҷарима муқаррар кардааст.

– Наход? – гиребон гирифт Маҳмуд.

– Ҳатто ба мардҳо саллабандиро манъ карда, ба мисли аврупоиён кулоҳ монданро талқин кардааст.

– Ин корро шояд дар Афғонистон ба он хотир карда бошанд, ки ҳанӯз қудрат дар дасти инглисҳост. Онҳо аз он ки давлати шуравӣ Афғонистонро ба расмият шинохт, дар ғазабанд.

– Бале, ғазаби онҳо то ҷое асос дорад, охир Бухоро дар таги бинии давлати болшевикӣ истодаасту Афғонистонро ҳанӯз ҷангҳои дохилӣ барои ба даст овардани тахту тоҷ хомӯш нагаштааст, чун давлат эътироф намуданд, – гуфт Герберт.

– Инглисҳо ҳам моҳи беайб нестанд, – ба хотири он ки суханрониашон ба назари ҳозирон яктарафа нанамояд, гуфт Ҷеймс.

– Ман чӣ гуфтам? Албатта инглисҳо ҳам чун русҳо аз як хоканд, вале сиёсати русҳо тамоман дигар аст. Инглисҳо ҳаргиз ба хотири соҳиби тахту тоҷ шудан мубориза намебаранд, – ба худсафедкунӣ даромад Герберт.

– Аз инглису урус ба мо чи суд, амир дар куҷост? –

пурсид Маҳмуд.

– Амир мувақатан дар Ҳисор маскан гузидааст, аз гирду атроф лашкар ҷамъ меоваранд. Инглисҳо сипоҳиёнро бо аслиҳаи ҷангӣ таъмин мекунанд. Ҳамин, ки фурсати мувофиқ фароҳам омад, ба Бухоро лашкар мекашад, – гуфт Герберт.

– Амонуллохон чаро ёрӣ намерасонда бошад? – бардурӯғ савол кард Ҷеймс, то ки сабабҳои аз ёрӣ даст кашидани Амонуллохонро гушрас кунанд.

– Ҳаминро ҳам намедонед?

– Аз куҷо донем? Охир ин ҷо Бухоро нест, ки дар қаъри замин мор ҷунбад бидонӣ, – бо табассуми маснуъ ба Герберт рӯ овард Ҷеймс, – дар кӯҳистони мо байни деҳаҳои наздиктарин ҳам ба ҳафтаву моҳҳо алоқае нест… Ҳол он ки шумо аз Россияву Англия мепурсед.

– Амонуллохон ба давлати шуравӣ шартномаи дӯстӣ бастааст. Аз ин рӯ намехоҳад «аз рӯ шонаву аз таг фона»– заданашро бифаҳманд. Дар акси ҳол давлати Афғон дар ҳоли ногувор меафтод, – ба ҳозирон назар афканд Герберт.

– Шояд барои ҳамин рафтораш Амонуллохонро мардуми ин кишвар кофир эълон карданд, – гуфт Сафар.

– Бале, ҳамин тавр ҳам ҳаст, вале, асосан, ӯро барои ҷорӣ намудани расму русуми аврупоӣ маҳкум намуданд. Амири мо-Сайид Олимхон, дар Питербург хонда бошад ҳам, ҳаргиз дар сиёсати худ расму оини русиро ҷорӣ накард. Балки бо ислоҳотчиёни ҷадид, ки хостори чунин расму русум буданд, муборизаи беамон мебурд…

– Амонулохон бо ин роҳ ба роҳбарони давлати шуравӣ нишон додан мехоҳад, ки ӯ ҳам ҷадид аст, – ба тақвияти мақсадашон ҳарф зад Ҷеймс.

– Бале, лекин Амонулохон бехабар аст, ки ба решаи худ теша мезанад…

– Ин хел гапҳоро шунида хобам мебарад, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд Ҳомид, мӯйсафеди харобаки бинихамида. Агар ҳар рӯз як Амир ва ё шоҳ иваз шавад ҳам рӯзи мо беҳ намешавад. Бало ба паси ҳамааш… Ғами онҳоро

нахӯрда Худои худамона бигӯем…

– Рост, – ӯро дастгирӣ кард Маҳмуд. Олимхон барои аҳли авлоди худ азиз аст, барои ман чӣ? Амакам набошад? Тағоям набошад… Чаро ғамашро мехӯрдаам?

– Подшоҳамон аст, – ба Ҷеймс нафорид суханони Маҳмуд, – ҳар ки ба подшоҳ санг андозад, монанди он аст, ки ба Худо санг андохта бошад, охир подшоҳ сояи Худост дар рӯи замин.

– Сояи Худо, ки бошад, Худо худаш ӯро аз ҷанги кофарон ҳифз мекунад, – гуфт Маҳмуд, суханаш оҳанги тамасхур дошт.

– Шакокӣ накун ҷура, мову шумо кистем? Ӯ подшоҳи ислом аст. Ӯ ҳомии мову шумовори бандаҳои оҷизу нотавон аст, вагарна русҳо мемонанд ин тавр озод нафас бикашем?

– Рост, – ба тақвияти суханони Герберт забон кушод Усто Насим, – мову шумо чиро дидаем? Ин кас дар Бухоро, дар маркази илму ирфон таълим дида, ба мартабаи шайхӣ расидаанд. Ба ҳазрати Олӣ, шариатпаноҳ Амир Сайид Олимхон ҳамнишин буданд.

Баъди муаррифӣ ҳозирон лаб фурӯ бастанд. Герберт, ки дергоҳ интизори чунин тавсиф буд, мамнунона сар ба зер афканда аз суханони гӯшнавози Усто Насим лаззат мебурд. Ва дар фароварди сухани ӯ ҳарфаке ба хотири нишон додани хоксорӣ ба Усто Насим баён кард:

– Ман хоки заминаме, таърифи беҷо кардед…

– Мардуми мо ба қадри донишмандону шахсони фазилатманд мерасанд…

– Агар ҳамин тавр намебуд, ҳаргиз бузургон орзуи дар ин сарзамин хок шуданро намекарданд, – гуфт Ҷеймс.

– Ҳазрати Шоҳнизомро чӣ боис шуда бошад, ки дами вопасин нияти ба ватан бурдани колбадашро кардааст? – ба ҳозирон рӯ овард Герберт. Як дам хомӯшӣ ҳукмрон гардид. Усто Насим гулӯ афшонда ба гап даромад: – Ҳазратам дар зиндагӣ бисёр шахси хоксор буданд. Ва тамоми рӯзашонро машғули ибодат мегузаронданд. Аз касе чизе тамаъ надошт. Ва бо заҳмати хеш нон мехӯрд. Чунин шахсон бо

вуҷуди бузургӣ миёни мардум шуҳрати калон надоштанд. Ва нотавонбинон ба хотири нигоҳ доштани обрӯву эътибори хеш ӯро паст мезадаанд. Ҳазрат бо хоксорӣ ва таҳаммуле, ки хоси ӯ буд, ҳама ин таъназаниҳои рақибони нотавонбинашро паси сар мекард. Вале заррае аз он нерӯмандие, ки Худованд ба ӯ ато карда буд намоиш намедод. Фақат дар дами сакарот ба наздиконаш чунин хоҳиш мекунад, ки ӯро ба ватанаш баранд… Чуноне, ки медонед бузургии ӯро баъди фавташ амиқтар донистанд.

– Рақибонаш хоки замин шудагистанд? – гулпурсӣ кард Герберт.

– Аз куҷо? Душман баҳона наёфт мегӯяд: «думи сагат каҷ». Онҳо ҳам ин каромоти ҳазратро ба чашми кам дидаанд, вале гардани ҳамааш каҷ шудааст…

– Дар ҳақиқат ин сарзамин бузургпарвар аст, Бухоро маркази фарҳанг аст, вале ба он андозае, ки фозилон инҷо қадр доранд, онҷо надоранд. Ҳама бузургонаш ба хорӣ мурдаанд, – гуфт Герберт, – ба ҳамин хотир ҷои дигар нарафтем. Ҷаноби Олӣ Амир Олимхон ба мардуми ин сарзамин умед бастааст, ки бо ёрии эшон балшувиконро аз Бухоро меронанд…

– Амирро бояд ба Бухоро баргардонем, вагарна таги пои ҷадидони худобехабар мемонем, – гуфт Ҷеймс.

Дигарон хомӯш буданд, касе ёрои ҳарф задан надошт, ҳама ба даҳони меҳмонони олиқадр нигариста, шунидани каломи эшонро ғанимат медонистанд.

Суҳбат то як поси шаб тӯл кашид, сипас ҳамсояҳо ба хонаи худ рафтанду меҳмонон монданд.

Герберт аз ин суҳбат қаноатманд буд. Аз хомӯшиву бо эҳсосоти баланд гӯш доданҳояшон аён буд, ки ин суҳбат ба эшон низ таъсири амиқ гузоштааст. Ҷеймс то ба ин андозае шавқовару табиӣ баромадани суҳбатро тасаввур намекард. Ва тӯли зиндагонияш миёни сокинони ин марзу бум чунин суҳбати самимиву бомавридро ёд надошт. Дар суҳбатҳое, ки ба мақсади амалӣ намудани мақсад шоҳидаш буд, аксар вақт суханонаш духураву бемаврид мебаромад, ки аз он рӯзу ҳафтаҳо дар банди андешаҳои

ғашовар мемонд ва хиҷолат мекашид. Ин дафъа чунин эҳсосот ӯро ба сар намеомад. Балки ҳама он кӯтоҳие, ки аз ӯ сар зада буд, дар танҳоии худ медид. Акнун дар бари худ дидани Гербертвори як шахсияти варзидаву пурра боиси боқувватии миёнаш шуда буд.

Субҳ Ҷеймс Гербертро ба ҳавлияш овард. Боғи дилкушо ва манзили хуштарҳу дар мавзеи дилрабо бино ёфтаро тамошо дод. Дар ҳамоми овозадор сару тан шуст. Сипас дар сурфаи зери чинорҳои ҷавони серсоя, ки рӯ ба ҷараёни дарё воқеъ афтода буд, нишаста зонувонашро оғӯш карда ба оби сабзранги Сурхоб дида дӯхт.

– Аҷаб манзараи дилкашеро интихоб кардӣ? Агар мақсадҳоямон иҷро шавад, ҳатман дар ин ҷо қасри мӯҳташаме бино мекунем, – гуфт Герберт аз дидани манзараҳои дилрабо мафтун.

– Бале, агар иҷро шаванд, – тақвият дод сухани Гербертро Ҷеймс, вале суханаш оҳанги дигар дошт, аз он бӯи писханд меомад, олудаи ноумедӣ.

– Бовар надорӣ?

– Ба чӣ бовар кунам? Охир ҷадидҳо ба тарафи балшувикон гузаштанд. Гуфта будам-ку мо дер кардем. Акнун вақти он нест, ки барои ба худ тобеъ намудани Аморати Бухоро кӯшиш ба харҷ диҳем. Балки ба он бикӯшем, дастовардҳоямонро аз даст надиҳем. Ҳокимияти Шуравӣ Афғонистонро ба расмият шинохт ва шартномаи дӯстӣ бастанд. Акнун роҳи мо ба ин ҷониб баста шуд…

– Мо ҳаргиз ба ин тараф лашкар кашидан намехостем, балки мақсади мо бастани роҳи русҳо буд. Вале онҳо баъд аз он ки мо Афғонистонро тобеъи худ намудем, ба Осиёи Миёна лашкар кашиданд ва Аморати Бухороро шикаст дода, онро тобеъи худ карданд. Имрӯз ният доранд сараввал Афғонистон, сипас Ҳиндустонро ба худ тобеъ кунонанд ва ба укёнуси Ҳинд роҳ ёбанд.

– Онҳо муваффақ мешаванд…

– Не, ҳаргиз ин нақшаи эшон амалӣ намешавад.

– Онҳоро аҳолии маҳалӣ дастгирӣ мекунанд, моро чӣ?

– Афғонҳо моро ҷонибдорӣ мекунанд ба хотири неру-

манд шудани сипоҳашон аз ҷониби давлати мо борҳо ёрӣ расонида шуд. Чӣ, гумон мекунӣ яроқу аслиҳаро барои он додем, ки муқобили мо тир кушоянд?

– Охир ҳамин тавр ҳам шуд.

– Аз ин чиз душманони мо истифода бурданд. Ва мардуми ин сарзаминро ба муқобили мо шӯрониданд. Русҳо барои муваффақият ба даст овардан аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд, аммо мо инглисон дар ин роҳ чандон фаъолият нишон намедиҳем. Имрӯз сипоҳи шикастахӯрдаи Амири Бухоро бо мост, фурсати пеш омадаро набояд пеши по занем ва тамоми мардумро дар ин роҳ бояд, ки ба по хезонем, – бо боvариву эҳсосоти баланд гап мезад Герберт.

– Бояд аз аввал бо ҷадидҳо ҳамкорӣ мекардем…

– Барои чӣ бо ҷадидҳо?

– Онҳо қувваи ҳаракатдиҳандаи ҷамъият ҳисоб меёфтанд. Амир бошад муқобили ислоҳотхоҳии ҷадидон буд, вале қудраташ барои мубориза бо ҷадидон намерасид. Мо бояд аз ин чиз истифода мебурдем. Зеро ҷадидон кайҳо боз интизори қувваи таҳрикдиҳандаи беруна буданд, барои онҳо фарқ надошт ин нерӯ ба русҳо тааллуқ дорад ва ё инглисҳо.

– Русҳо пешдастӣ карданд…

– Яъне, мо бояд аз миёни мардуми таҳҷоӣ нерӯеро соҳибқудрат мегардондем?

– Бале, дар ин сурат русҳо не, балки мо дар ин сарзамин ҳокимият меронем, – гуфт Ҷеймс ва аз муҳокимарониҳои амиқаш, ки дар омади гап мегуфт, қаноатманд буд.

– Афғонистон барои мо сабақи сангинест, дуву дубора набояд ба ин гуна иштибоҳ роҳ бидиҳем.

– Чӣ гуна иштибоҳ?

– Таърихи ба Афғонистон ворид шудани қушунҳои инглисро дар хотир надорӣ?

– Шунидаам…

– Мо ба қувваҳое кумаки низомӣ медодем, ки аз сари қудрат дур шуда буданд. Баъди дубора ба тахт нишондани

эшон ба умеди он мешудем, ки бо нишондоду дастури мо ҳокимият меронанд, вале баъди аз лой гузаштани харашон, пӯсти худро дигар карда ба мубориза и ошкоро алайҳи нерӯҳои мо мебаромаданд. Ҷадидҳои Бухоро аз паи балшувикон намераванд. Барои ҷадидон қувваи онҳо зарур буд, ки ба ин восита амирро сарнагун кунанд, зинда бошем мебинем, ки чӣ гуна балшувиконро истифода мебаранд. Сипас, сиёсати худро ҷорӣ намуда, мавқеи онҳоро танг мекунанд. Ин чиз ба мо имкон медиҳад ба амири беҳимоя пушту паноҳ шавем. Балки ӯро дубора соҳибтоҷ гардонем.

– Магар Амир вафо мекунад?

– Дар асл Амир на моро чашми дидан дораду на русҳоро… Дар сурати ба тахт дубора соҳиб шуданаш, албатта ба мо умед мебандад. Зеро такягоҳи асосиаш-Россияи подшоҳӣ мавҷудияти худро аз даст додааст… Вале аз ноилоҷӣ маҷбур аст ба ҷонибе ба хотири нигоҳ доштани қудрат майл намояд. Алъон умеди ягонааш ба мост, чандин маротиба дар либоси машкобӣ дар ҳузури Амир будам, барои сипоҳашро бо силоҳи замонавӣ таъмин намудан миёнрав шудам. Дар ҳақиқат дар ин маврид мо дер кардем. Албатта, ин бесабаб набуд. Қувваи асосии мо дар Афғонистон талаф ёфт.

– Мо дар ин ҷо талаф ёфтем…

– Дар ин бора ҳарф задан барвақт аст. Имрӯз вақти он расидааст, ки ошкоро амал кунем. Қуввае, ки бо номи ӯ минбаъд бояд ҳукм биронем, мавҷуд аст.

Ҷеймс сар ба гиребони тафаккур кашида, нуқтаеро ҳадафи назар қарор дод. Герберт дар ҷавоби суханаш дигар чизе аз забони Ҷеймс нашунид. Хомӯшии ӯ тазъиқаш дод, ки нарм-нарм ба китфи Ҷеймс каф зада суханашро идома бахшид.

– Чӣ хомӯш мондӣ?

– Ҳамааш ба дилам зад, ба хотири муҳаё намудани айш халқеро бадбахт кардан намехоҳам…

Аз ин ҳарфи Ҷеймс ранг дар рӯи Герберт намонд, ҳанг-мангаш канд, алахчааш шах шуд. Ба рӯи Ҷемс, ки бо абрувони гирифта ҳанӯз банди андешаҳои хеш буд, нига-

рист.

– Ба ту чӣ шудааст, Ҷеймс?

Ҷеймс гӯё ҳарфи ӯро нашунида бошад, ҳаракате аз худ зоҳир намекард. Ӯро ин лаҳза ҳамон эҳсосоти ошно, ки гоҳу ногоҳ ботинашро тагурӯ мекард ба вуҷуд омад. Нафраташ меомад ва ба кирдоре, ки баҳри амалӣ шуданаш ҷон мекоҳонд. «Не, дигар он гурги малъунро, ки дар қабристони нафратам мадфун аст ҳаёт набахш, ки ҳанӯз захми нохунҳои панҷааш дар кавири синаам шифо наёфтааст…»Ин суханон дар дилаш бе садо ҷӯш мезаданду сипас дар забонаш падид омаданд. Аз ин суханон

Герберт ба даҳшат омад, пиндошт Ҷеймсро ҷунун ба сар афтодааст, ки иродаашро ба даст оварда наметавонад.

– Чиҳо мегӯӣ?.. Ӯро тилтонд Герберт, аммо Ҷеймс ба ӯ аҳамият надод. Мешунавӣ, ман ба ту мегӯям? Гап зан! Беморӣ?

– На бемораму на девона, – бо ҳамон тамкину бепарвоии зотияш ба Герберт рӯ овард Ҷеймс ва аз нав ба ҳамон нӯктаи андешааш, ки ин дам аз он риштаи нигоҳаш канда буд, дида дӯхт.

– Девонагӣ накун Ҷеймс, магар мақсаду мароми худ фаромӯш кардаӣ? – ба рӯяш зеҳн монд Герберт.

– Маро ба ин кор ҳамроҳ накунед! Ними умрам гузашт, кай одамвори зиндагӣ ба сар мебарам? Сагворӣ ба бӯи устухони лоша кӯҳ ба кӯҳу дашт ба дашт гаштан ба ҷонам зад…

– Ту аз ақл бегона шудаӣ Ҷеймс, рафторат одамворӣ нест. Мефаҳмам туро чӣ бероҳа кардааст… Ба умеди китобҳо нашав, китобҳо дасту поятро бе банду таноб мебанданд. Сабаби хуфтагии ин мардум низ китобҳояшон аст, ки эшонро аз мубориза бурдан барои ҷаҳонгирӣ боз медорад. Фақат панд медиҳанду панд медиҳанд. Ба бӯи панду насиҳат аз ҳама нушу неъмати дунё маҳрум мондаанд. Ҳатто нони даҳони худро фурӯ бурда наметавонанд.

– Қурбони ин мардум шавам, ки чашми сер доранду ба сари халқе теғ накашидаанд, то ки соҳиби замин шаванду

мардумашонро ғулом созанд, – гуфт Ҷеймс, дар чеҳраи ӯ нишони нафрату адоват ба он пешае, ки касб кардааст баръало намоён буд.

– Нагуфтам, – сар афшонд бо афсӯсу надомат Герберт, – туро китобҳо аз роҳ баровардааст. Ҳама рафтору кирдорат як қадам дур аз китоб нест. Пойбандӣ, пойбанди қонун, пойбанди насиҳатҳои дигарон, ки аз китобҳояшон хондаӣ…

– Магар зиндагии мардумаш, ки дирӯз шоҳид будед, кирои нафрат буда метавонад? Онҳо чӣ гуноҳ доранд, ки ба сарашон ҷабран ҳукм меронем?

– Ҷеймс агар медонистам, ки дилат дили занҳовори нозук аст, ҳаргиз ин қадар заҳмат кашида ба дидорбиниат намеомадам, – оҳ кашид Герберт, осори ноумедӣ дар чеҳрааш тарҳ кашид.

– Таъна назанед шайх, – пичингомез луқма партофт Ҷеймс, – ду рӯз миёни ин мардум бошед, чизе дар дил дорад аз баҳраш мегузаред.

– Не, ман аз он одамони ту мегуфтагӣ нестам. Ман шири модари инглисро хӯрдам, то ҷон дар рамақ дорам баҳри хушбахтии ин мардум ва наслҳои ояндааш хизмат мекунам. Бигзор ҳукмрони ҷаҳон бошанд…

– Фардо аз барои бобоёни чашмгуруснаамон шуда набераҳоямон калтак намехӯранд?

– Мо ҷон ба каф гирифта, дунёро ба ихтиёрашон медиҳем, то ки абадан ҳокими он бошанд. Агар сустиродагӣ карда дастовардҳоро аз даст диҳанд, сазои сарашон.

– Ман бар зидди ин мардум, ки нону намакашонро хӯрдаам ҳаргиз даст боло намекунам…

– Ту инглис нестӣ, ту тоҷик шудаӣ. Инглисе, ки ғами халқу миллаташро намехӯрад, ҳақ надорад ба номи он ифтихор кунад…

– Ман инглисам, русам ва ё араб бандаи Худоям, ки ҳастам карда, дигар даъвое надорам, дигар аз баҳри ҳамааш гузаштам…

– Туро ба умед сабақ доданд, ки ба ғалабаи халқи инглис

саҳм мегузорӣ, афсӯс, заҳматҳои эшон барҳадаф рафтааст. Бехабар аз он ки аз насли хеш душман месозанд.

– Замоне чунин эҳсосро дар ман парварида буданд, кунун ба он нафрат дорам ва аз карда пушаймонам. Ба он шукр мегузорам, ки ниҳоят ҷурми хеш дарк кардам, – гуфт Ҷеймс ва як қабза алафи сабзро надонист чӣ гуна аз замин канда гирифт, аз ҷой бархосту қабзаи алафро бо ғазаб ба самти ҷараён ҳаво дод. Герберт аз ин рафтори берун аз фаҳму идроки Ҷеймс, ки нафрату ҷунун зояндаи он буд моту маҳбут монд, вале худро ба даст гирифт ва хандаи заҳролуде зад. Ва сар ҷунбонду аз ҷой хест.

– Кадом хонасӯхта туро аз роҳ баровард?..

– Худо инсоф дар дилам андохт, – гуфт Ҷеймс бо мамнуният ва ба рӯи мусоҳибаш нигоҳи нарме дӯхт.

– Ту иродаатро аз даст додаӣ, вагарна фирефтаи сухани хушку холӣ шуда дар нимароҳ аз ризқи хеш дасту дил намешустӣ.

– Худоё, ҳар гуноҳе аз мани бандаи осиву гунаҳгор сар зада бошад бубахшо, – гиребон гирифту рӯ ба қибла овард, гӯё ҳама ин корро махсус барои кофтани дили Герберт мекарда бошад.

Вале ҳама рафтораш дур аз сохтакорӣ буд. Герберт бо нафрат ба Ҷеймс рӯ оварда шӯрид:

– Ҳама умедамро барбод додӣ, гумон доштам супоришҳое, ки ба заҳмат гузошта буданд иҷро кардаӣ, – пешу пас қадам зада, даст ба пешонӣ монд Герберт ва оҳ кашид. – Агар медонистам ҳаргиз ба назди ту намеомадам. Вақтро беҳуда сарф кардам…

– Ҳар касеро, ки дидед бигӯед, ки Ҷеймс аз нияташ гузаштааст…

– «Ҳар касе»гуфта киро дар назар дорӣ?

– Инглисоне, ки барои қонеъ намудани нафс ба ин сӯ омадаанд.

– Ту-Ҷеймс, вайрон шудаӣ. Ақлат намегирад, ки агар мо ин корро накунем, дигарон мекунанд, – бо оҳу афсӯс сар ҷунбонд Герберт.

– Ба дигарон кори мо чӣ? Бигзор онҳоро низ

виҷдонашон азоб диҳад. Андеша кунанд, ки истисмори мардуми камнуфузу парешон гуноҳ аст…

– Бало ба паси ту, ман рафтам, – гуфт Герберт ва пайроҳаи морпечро, ки ба самти тунукоб тӯл кашида ба роҳи калон мепайваст, сарнишеб шуд.

– Куҷо меравед, шайх? – аз паси Герберт қаҳролуд тозид Ҷеймс.

– Қабри кандагӣ…

– Чаро ранҷидед? Ман чӣ гуфтам?

– Ҳеҷ чиз нагуфтӣ, ту мусичаи бегуноҳ ба касе кору бор надорӣ, – бо киноя гуфт Герберт.

– Баргардед шайх, охир ман ҳаргиз ба он хотир нагуфтам, ки шумо аз ман дасту дил бишӯед.

– Гаранг накун, вақти беҳуда лақидан надорам, – як дам таваққуф намуда ба Ҷеймс, ки бо шитоб аз пасаш ҳашшаскунон медавид, рӯ овард Герберт.

– Сабр кунед, гап дорам…

– Гапатро ба балшувикҳо бигӯй, ки Амирро ронданду имрӯз ё пагоҳ қадамашон ба ин ҷойҳо ҳам мерасад, ман кистам як чашмгуруснаи инглис…

– Бигӯед, ҳар чӣ мехоҳед, вале илтимос дорам, ақалан як шаб меҳмон шавед.

– Наметавонам, вақт надорам. Наомадаам, ки насиҳат шунавам, ҳар як дақиқа вақт аз зар қиммат аст, – боэҳтиёт қадам монда ба самти тунукоб фаромад Герберт.

– Гӯш кунед, шайх, – даст ба китфи Герберт гузошт Ҷеймс.

– Хуш хизмат, – ҳамоно оташи ғазаби Герберт паст нашуда буд, аз ин рӯ саволи кинояомез дод.

– Шумо Англияро дӯст медоред? – нигоҳи нарму асрорангез духт ба рӯи Герберт. Аз ин саволи сабук, вале таҳдори Ҷеймс Герберт то як андоза ҳайрон шуд, вале сир бой надод ва ҳамоно бо ситеза ба савол ҷавоб гардонд:

– Боз чӣ мехоҳӣ? – кафшҳояшро аз по бароварда почаҳои эзорашро бар зад ва нияти аз об гузаштан кард.

– Гӯш кунед шайх…

Герберт ба рӯи Ҷеймс песонд. Ҷеймс боз саволашро такрор кард.

– Ба ин саволат чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Шумо ҷавоб диҳед, ман давоми гапамро гӯям…

– Дӯст медорам ва ё не, ин кори шахсии ман аст…

– Бале, ин кори шумост, вале ин лаҳза барои ман донистани ин чиз зарур аст, – ҳамоно бо хушҳолӣ гуфт Ҷеймс.

– Кадом инсон Ватанашро дӯст намедорад? – оҳ кашид Герберт, – бисту панҷ сол аст, ки дур аз хоки диёрам. Гоҳо дар хобам мебинам, кӯчаҳои Лондон, биноҳои хуштарҳи зебо, одамони хушбахташро…

– Бовар намекунам, ки Англияро дӯст доред? – бо ҳазл гуфт Ҷеймс.

– Ту ба чизе ва касе бовар надорӣ. Қиблаи худро фаромӯш карда, саҷда ба қиблаи бегонагон дорӣ… – Герберт оҳанги шӯхии Ҷеймсро дарк накарда якбора барошуфт.

– Чӣ гуна бовар кунам, ки ба хоки он қадам ниҳодиву як рӯз наистода таркаш мекунӣ?..

– Ту чиҳо мегӯӣ? – ҳайрон шуд Герберт.

– Ҳайрон нашав ҷаноби шайх. Ман ҷиддӣ мегӯям, – бо табассум ба мусоҳибаш нигарист Ҷеймс. Англия–Ватани мову шумо дар кадом мавқеи ҷуғрофӣ ҷой гирифтааст?

Аз ин савол Герберт якбора гаранг шуд, лаб бурма карда, пиндошт сабаби додани саволҳои подарҳавояш таъсири ҷунун аст, ки дар устухонаш шиштааст. «Пеш ин хел набуд. Саволҳояш чун гуфтораш бамавриду бамавқеъ буданд. Маълум мешавад дигар шудани хулқу хуяшро низ ҳамин чиз таъсир кардааст. Вагарна тамоман дигар буд. Корҳои зиёде дар ин бахш анҷом дод», – аз дилаш гузашт.

– Мавқеи ҷуғрофии Англия инҷо чӣ дахл дорад?

– Баъд мефаҳмед!

– Чиро мефаҳмам?

– Асли гапро…

– Намефаҳмам, барои чӣ мавқеи ҷуғрофии Англияро пурсидӣ?

– Эй шайх, шайх, – Гербертро ба оғӯш гирифт Ҷеймс, – шумо одами ботаҷрибаед, вале сабр, ки яке аз ҷиҳатҳои кори мову шумост, ҳайронам, ки имрӯз на дар ман асту на дар шумо.

– Чӣ гуна исбот мекунӣ?

– Ба як даҳан гап каҳворӣ дар гирифтанатон исбот нест?

– Ту пеш аз он ки гап мезанӣ андеша мекунӣ ё не?

– Агар табиатан беандеша ҳам бошам, лекин пешае, ки касб кардаам тақозо мекунад, ки қадамеро бе андеша нагузорам.

– Пас чаро гоҳ аз арш гап мезаниву гоҳ аз фарш? Ин ҳам тақозои вазифа аст?

– Агар зарурат пайдо шавад, албатта.

Герберт рӯи санги сафеде, ки нима дар об буду нима дар берун, нишаста ва рӯ ба Ҷеймс овард.

– Мавқеи ҷуғрофии Англияро пурсидӣ, барои чӣ?

– Барои он ки сари мақсад оем, – хандида гуфт Ҷеймс, – Англия ҷазираи бузург аст. Онро аз чор тараф об иҳота кардааст.

– Бале, об иҳота кардааст…

– Ман ин заминро ба он хотир гирифтам, ба Англия шабоҳат дорад. Бубин, аз чор тарафи он об мегузарад… Барои ҳамин ҷаноби шайх, шабе дар ин ҷо наистодан барои шумовори Ватандӯст гуноҳ аст.

Герберт дар фарҷоми сухани Ҷеймс хандаи маснуъ заду даст афшонд.

– Ту Ҷеймс, ҳаргиз Англияро ба ин замини кучак баробар накун. Англия бузург аст. Замини Англия мардумони боиродаву шуҷоъро дар канор парваридааст. Ин ҷо чӣ? Ҳамон як инглиси бо дилу гурдаро беиродаву Худотарс кард.

– Бале, ҳамин тавр ҳам шуд, – бо истеҳзо ӯро тасдиқ кард Ҷеймс.

– Дидӣ, оқибат иқрор шудӣ.

– Не, ҷаноби шайх, ба ин хоку оби ин диёр гуноҳ надорад. Замини Худо ба неку бад тақсим намешавад.

– Кӣ гуфт? – бо тамасхур рӯ овард Герберт.

– Эшони Сайид Аъзами Фирӯз боре дар як баҳс забони чанд муллоро баст. Мурдаеро соҳибони майит хостанд ба қабристони авлодиаш баранд. Вале то ба он ҷо бурдан ду-се қабристонро гузаштан лозим меомад. Муллоҳо мурдаро тасдиқ намуданд, ки хок ғарибро мефишорад, вале ба ватандор шафқат мекунад. Эшон барошуфт ва ҳамин чизро гӯшрас кард. Ҳамчунин ба даъвогарон расонд, ки ҳаргиз ба хотири дар қабристони авлодӣ гӯронидани майит гуноҳаш кам намешавад. Аз назди

ин қабристон гузашта ба қабристони дигар бурда гӯронидани майит ҳеҷ маъние надорад…

– Ин суханонро аз эшон шунидӣ?

– Бале…

– Напурсидӣ, ки барои чӣ тобути бобоятон ба осмон парвоз кард? Барои дар ватанаш хок шудан набуд магар? – тамасхуролуд хандид Горберт.

– Ҷаноби шайх, ҳазрати Шоҳ Низомро тобуташ парвоз накардааст, балки сари китфи муридон сабук нагво кардааст. Инро онҳо гуфтаанд, балки тасавур намудаанд.

– Ту, Ҷеймс, дар таъсири бузургтарошони мусулмон мондаӣ, гуноҳи мо низ дар ин маврид кам нест, ки туро аз мадди назар дур кардем.

– Биё, рафтем, – ба Герберт рӯ овард Ҷеймс пайроҳаи морпечеро, ки ба манзилаш мебурд, нишон дод. Гербертро таклифи Ҷеймс дудила кард. «Биравам ё наравам?»– аз дилаш гузашт ин савол. Оташи қаҳру ғазабаш то андозае паст шуда буд. «Меравам», – қавл дод ба худ. Вале дар ин маврид бо таклифи раҳ ба рост рафтанро нишони сабукандешӣ донист ва дубора ба ҷояш нишаст. Ҷеймс низ дарк кард тағйири авзои Гербертро.

– Шумо, ҷаноби шайх, нисбати банда фикри носеҳеҳ доштаед.

– Чӣ хел? – барошуфт Герберт.

– Мусулмонии маро ба он чиз нисбат додед, ки гӯё харобии Англияро мехоста бошам…

– Дар асл ҳамин тавр аст. Мусулмон, ки шуда бошӣ,

дигар тамом, умедам аз ту канд.

– Ҷаноби шайх, шумо аз таги гап хабар надоред. Биё рафтем, он ҷо дар қаср сӯҳбатро идома медиҳем.

– Ҳоҷат ба рафтан нест. Ҳамааш оинавори рушан шуд. Ту дигар шудаӣ. Аз рӯдаи говворӣ дароз кардани сухан чизе ҳосил намешавад…

– Бархезед…

– Не, намеравам, тоби насиҳат гуфтану насиҳат шунидан надорам. Вақтам намерасад.

– Саросема нашав шайх, мусулмонӣ оҳиста-оҳиста мешавад.

– Кадом мусулмонӣ, ту чиҳо мегӯӣ? – барошуфт Герберт.

– Мусулмоние, ки мову шумо мехостем.

– Ту маро азоб надеҳ, мон биравам дунболи бечорагии худ…

– Ҷаноби шайх, магар шумо ҷонибдори балшувиконед?

– Гӯё намедониста бошӣ-а? – бо таассуф сар ҷунбонду аз ҷой хест. Биё, ҷура, забони маро нахорон!

– Ҷаноби шайх, шумо ҷонибдори он ҳастед, ки амир дубора ба тахт нишинад, ҳамин хел нест?

– Бале…

– Модоме ҳамин тавр аст, пас мо ҷонибдори ислом нестем?

– Не, ҳаргиз чунин хоҳиш надорем. Мо ҷонибдори он касем, ки бо нағмаи мо рақс кунад…

– Асабӣ нашавед, ҷаноби шайх! Биё, рафтем, давоми сӯҳбатро дар қаср идома медиҳем, – аз дасти Герберт гирифт.

– Не, намеравам, вақтам танг аст.

– Рӯз аз нисф гузашт. Куҷо меравед?

– Дунё кушод, сад дари пӯшидаву як дари кушода.

– Мо шуморо ҳоло пеш накардаем. Бархезед, ҷаноби шайх.

– Ваъда бидеҳ, ки роҳи қаблан пешгирифтаро идома медиҳӣ?

– Дар ин бора дар он ҷо, дар қаср маслиҳат мекунем, –

гуфт Ҷеймс. Ва бо пайроҳаи боло қадам ниҳод. Герберт низ кафшҳояшро ба по пӯшида аз паси Ҷеймс равон шуд. Ҳарчанд бо амри дил мерафт, вале вонамуд месохт, ки пояш намекашад ва ин корро ба хотири он мекунад, ки Ҷеймсро дубора ба роҳ дарорад.

Омаданд ва дар сояи токи ангур нишастанд. Гербертро дидани меваи пухта, обгирифтаи ангур хуш омад, ки ба он зеҳн монд ва бадоҳатан хонд:

*Боғбон гар самари ток бидонад ҳама умр,*
*Боғро ҳеҷ ниҳоле нанишонад ҷуз ток.*

Ва дар фарҷоми сухан табассум намуду илова кард:
– Дилам шароб мехоҳад.

*Боғро нест тароват, ки нарӯёнад ток,*
*Токро нест шарофат, ки назояд маи пок.*

– Маълум мешавад Хайёмро нахондаӣ, – рӯ ҷониби ӯ гардонд Герберт. Ман аввал тарҷумаи Хайёмро хонда, сипас дар забони асл мутолиа намудам. Хондани асар дар забони асл дигар будааст.

– Бале, ҳама чиз дар забони асл хуб садо медиҳад. Мо ба маънии зоҳирии шеъри форсиён диққат медиҳем, вале ба умқи он фурӯ намеравем.

– Боз забон ба насиҳат кушодӣ? Ба фикри ту мо дар оғилхона таълим гирифтем, ки чени ту намедонем?

– Ҷаноби шайх, мо шуморо бо чашми кам надидаем. Ва лофи донишмандӣ ҳам назадаам, – барошуфт Ҷеймс.

– Каҳвори дар нагир, шӯхӣ кардам, – сулҳхоҳона табассум кард Герберт.

– Ман аз ҳамааш дасту дил шустаам, на ба шаробаш кор дораму на ба кабобаш.

– Ту неъмати зиндагиро пушти по задан мехоҳӣ?

– Не, ҷаноби шайх, ман як чизро фаҳмидам, ҳама айшу ишрат ва кару фари мо–инглисон, ки имрӯз ба ивази заҳмати дигарон ба даст меояд, муваққатист. Рӯзе мерасад, ки аз карда пушаймон мешавем. Ин замин, ки бо во-

ситаи дигарон ба хотири қонеъ намудани нафс ба даст овардаам, рӯзе аз сарам мемонад:

*«Он қаср, ки Баҳром дар ӯ ҷом гирифт,*
*Оҳу бача карду гург ором гирифт.*
*Баҳром, ки гӯр мегирифти ҳама умр,*
*Дидӣ, ки чигуна гӯр Баҳром гирифт…»*

– Ҳар ки ба дунё омад, оқибат мемирад. Мемирем, гуфта аз ҷой наҷунбем?

*Сабр кун Ҳофиз ба сахтӣ рӯзу шаб,*
*Оқибат рӯзе биёбӣ комро…*

– Барои чӣ сабр кунем? Барои он ки мардумони ҳушманду тезгом ба сарамон бало биоранд? Дунёро ҳамин тавр сохтаанд, агар назанӣ, туро мезананд.

– Муъмин ба бандаи Худо чун кӯҳ устувор аст, на ҳавои доройӣ ӯро маст мекунаду ғурурманд ва на нокомиву мусибат ноумеду шиквагар. Дар ҳама ҳолат ба нафси саркаш, ки дарунро чун пиёз мехӯрад, ҷиҳод бояд кунем ва ҳайвони ваҳширо, ки дар биёбони қалбамон тозиш дорад ба нестӣ расонем. Дар ин сурат ғалаба таъмин мешавад, вагарна ягон ҷангу ҷидолро ба хотири қонеъ сохтани нафс намепазирам…

– Боз сар кардӣ? – норозиёна каф ба каф зад Герберт. Туро хислати тоҷикона дар хуну пустат нишастааст. Онҳо дар сухан устухон надоранд. Ба дарки маънии шеъри онҳо на ҳар кас сарфаҳм меравад. Дар офариниши сухан оламгиранд, вале сустии эшон дар он аст, асло андешаи васеъ намудани заминҳояшонро надоранд. Ту ин хислатҳоро парто. Инглиси асил шав. Гузаштаатро ба хотир биёр ва андешаи ояндаатро бикун! Агар ҳамин тавр фикрҳои худкушонаатро баён кунӣ, меравам, – шарт гузошт ба Ҷеймс.

– Барои чӣ ҷаноби шайх? Охир ман ҳақиқатро мегӯям. Ҳақиқате, ки дар «Каломи Шариф»зикр ёфтааст…

– Ин гапҳоро мон, одамизод набояд зиндагияшро аз рӯи китоб сомон диҳад. Чуноне, ки қавми раҳгумзада ба ин чиз эътимод доранд. Ва ҳаракате баҳри саодати хеш зоҳир намекунанд. Ҳама рафторашон китобист. Кор то ба ҷое расидааст, ки фикри солимро дар гирду гӯшаи доираи афкорашон роҳ намедиҳанд…

Ҷеймс сухани ӯро дар ин маврид тасдиқ кард. Ва воқеъаеро ба Герберт ҳикоя намуд:

– Боре дар манзили эшони Сайид Аъзами Фирӯз олимони варзида ҳузур доштанд, баҳси илмӣ мерафт. Ин дам аз дар писарбачае даромад, ки тахмин ҳафтсола буд ва дар даст китоб дошт. Ҳама аз ҷой хестанд. Пиндоштам ба хотири эҳтироми он хестанд, ки писарак ба авлоди сайид таалуқ дорад. Вале баъдтар аёнам шуд, ки ин амалро ба эҳтироми «Қуръон»карда будаанд, ки писарак ба хона даровард.

– Дидӣ? – бо табассуме, ки аз тасдиқ ёфтани фикраш аз ҷониби Ҷеймсвори як шахсияти аз нияташ баргашта ба вуҷуд омада буд, рӯ овард Герберт, – ба ту ҳамин чиз маъқул аст?

– Албатта, – ғайри чашмдошти Герберт гуфт Ҷеймс.

– Чизаш ба ту писанд омадааст?

– Магар рафтори мо ба он шабоҳат надорад, ки пеши ду барзагов турбаи коҳ рехта бошанд, барзаговҳо сари бузурги худро ба муқобили ҳам рост карда якдигарро фишор медиҳанд, то ки бештар коҳ хӯрда нафси саркашро қонеъ созанд?

– Ба ин чӣ гуфтан мехоҳӣ? Яъне аз раҳи худ пас гардем ва дунёро ба ихтиёри русҳо гузорем, ки ҳарчи раво бинанд, содир кунанд?

– Ман ҷонибдори онам, ки гурги ваҳширо аз қалби худ биронем, балки онро маҳв бисозем ва инсонвори ба фикри тақвияти нерӯи рӯҳонӣ ва ҷанбаи малакутӣ бошем.

Оҳанги гуфтори Ҷеймс ҳарчанд таъсирбахшу самимӣ буд ба Герберти якрав хуш наомад. Ва даст афшонду рӯ ҷониби дигар кард. Ҷеймс донист, ки ҳарфаш ба мусоҳибаш хуш наомад, вале аз идомаи сухан даст нака-

шид:

– Бузургтарин ғалаба, комёбиҳои беҳтарини инсоният ҷиҳод ба нафс аст, ҷиҳод бо нерӯи ҳайвонӣ…

– Фалсафафурӯшӣ бас, Ҷеймс! Ман қаблан туро огоҳ карда будам, дар ин бора дигар гап назан. Ин гуна алфозро чунон бисёр шунидаам, ки дигар сабру қарори шунидан надорам…

– Мефаҳмам, ҷаноби шайх, – узр пеш овард Ҷеймс, – ман ба ҳамин роҳ рафтаам хоҳ он бад бошад ва ё нек. Дигар роҳ нест. Ман исломро пазируфтам.

Герберт сукут кард, гардани дарозаш ба васати гиребонаш фурӯ рафт. Китфонашро бори андӯҳ хам занонд. Лаб бурма карду абрӯ чин кард. Ҷеймсро ҳолати рӯҳонии мубоҳисаш ба ташвиш наовард, балки эҳсос намуд тираш ба ҳадаф мерасад. Бисёр вақт медид, ки шаккоктарин шахсиятҳоро ширкат дар чунин ҷаласа мисли мум мулоим мекард. Ширкат дар чунин ҷаласаҳо ба ӯ низ таъсир кард ва ниҳоят ба ин роҳ даромад, ки ҳаргиз ин чизро чашмдор набуд. Ҳамин сабаб шуд, ки ҷиддӣ ба мутолиа машғул шавад. Дигар суханони амакаш, ки ҳар дам насиҳаташ мехонд, ки ба ислом на аз барои эътиқод ҷиддӣ машғул шавад, ба хотир намеомад. Ҳамаро ба қаъри фаромушӣ дода буд, ки онро тумани сиёҳи нафрат ниҳон медошт. Эҳсосоти кучаке, ки гоҳу ногоҳ ба рағми нерӯи шар дар вуҷудаш туғён мекард, аз ин ҳисоб фузун мегардид. Ва он гурги ваҳширо нафрин мекарду дунболаш саманди ақлониро тозиш медод, то ба ҷанг биорадаш ва дар зиндони инсоф бандаш кунад.

«Агар касе дар ҷанги ботин пирӯз шавад, Худованд ба сураи «Алфарҷ»мефармояд: «Биё-биё, на ба биҳишти оддӣ ва маъмут ба олами малакут, биё-биё ба сӯи ман…»– ин маънӣ сараввал дар замираш мавқеъу нумӯъ кард, сипас ба забонаш зоҳир шуд. Аз ин сухан Герберт як қад парид ва норозиёна ба Ҷеймс нигарист.

– Ба ёд биёр Ҷеймс, ту чӣ гуна босубот кор мекардӣ? Харитаи ин мавзеъро сохтӣ? Акнун ту он Ҷеймси пешина нестӣ, ба куллӣ дигар шудаӣ. Мушти худ ба сӯи қавми

хеш гиреҳ кардаӣ…

– Он вақт дур аз Ҳақ будам. Гумроҳ будам. Дунболи нафс мерафтам, ки ҳидоятгараш тӯдаи иблисон буданд. Онҳо дар вуҷуди ман гурги ваҳшиеро парвариш медоданд. Ба умеде, ки маро аз дарун бихӯрад. Кунун онро ром кардам…

– Баръакс, ту аз Ҳақ дур шудӣ, ту манфиати қавми худро ба хотири манфиати шахсӣ пушти по задӣ!

– Не, ҷаноби шайх!

– Лоф назан, Ҷеймс, ту ҳоло аз он ҳақиқате, ки худро домони он афкандӣ, дурӣ. Ҳар касе асрори Ҳақ омӯхтааст, хомӯш аст…

Ҷеймс дигар чизе нагуфт, як дам хомушӣ ҳукмрон гашт. Ҳарду сар ба гиребони тафаккур ниҳода, риштаи саргуми андешаашонро ба даст гирифтан мехостанд.

Офтоби тирамоҳ дар гӯшаи осмон чун тангаи сурхи аз зарри кони Шуғнов сохта шуда ҳарорати вуҷудашро нисори баҳру бар мекард. Мубоҳисон чунон саргарми кори худ шуда буданд, ки фикри шикам ба гӯшаи хотири эшон намерасид. Гербертро дидани хушаи ангур ин савдоро ба сар овард ва табассуме кард зери лаб.

– Ҷеймс, росташро бигӯй, шароб дорӣ ё не?

– Шароб? Дорам? Дорам, порсол пухта будам.

– Намеорӣ? Ё фаромӯш кардӣ, ки меҳмонем? – нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт Герберт.

– Ҳуши зорим дар гӯр, саргарми гап шуда меҳмон аз хотирам баромадааст… – аз ҷой хест Ҷеймс ва ба сӯи пайроҳаи морпеч нигарист, касе ба чашм наметофт. Ҳатто аз муридоне, ки шабу рӯз дар хонаи ӯ буданд, ду рӯз боз ба назар намерасиданд. Ҷеймс аз ин чиз фоли бад бардошт. Табъаш хира шуд. «Вақте даркор набошанд, пашавори ғинг-ғингкунон ба ҷон мерасанд.

Чун лозим шаванд, чунон беному нишон мешаванд, ки дигар аз ҳафт табақи замину осмон осорашонро намеёбӣ», – қафо гашт, вале намедонист чӣ кор кунад. Оҳ кашид, – «Замин кашида бошад онҳоро. Мешуданд ягон гӯсфандеро сар мезаданду хурок мепухтанд. Акнун чӣ кор кунам», – дар ҷояш истод. Ба банди фикр афтод.

– Ҳой Ҷеймс, куҷо шудӣ? – ба сӯи ӯ омад Герберт, – ёд дорӣ вақти Бухоро омаданат ба ман гӯшти хуг оварда будӣ?

Ҷеймс бо ҳарос ба чор тараф дида дӯхту рӯ ба Герберт овард. Ва ангушти шаҳодат ба рӯи лаб ниҳод ба нишони хомӯш шудан. Герберт аз ин рафтори Ҷеймс ба ҳарос афтод ва як дам дар ҷояш ҳайкал шуд. Ва ба Ҷеймс бо имои чашму абрӯву лаб аз чигунагии ҳодиса пурсон шуд. Ва ба ин ҳам қаноат накарда, баъди ба чор тараф дида дӯхтан ба гап даромад:

– Кист? Ягон кас ҳаст? – бо забони тоҷикӣ суол дод.

– Гуфта намешавад, девор муш дорад…

– Аз сояи худ метарсӣ… Ман дар Бухоро, ки мардумонаш дунёдидаву кунҷкованд, ба ин андоза ташвиш надоштам.

– Дар Бухоро русу инглис бе тарсу ҳарос мегардад, касе ба онҳо кор надорад. Вале дар ин ҷо ба он сару либосе, ки дар Бухоро аврупоён мепушанд, гаштан осон нест. Ҳама ба сар то поят ба ҳайрат менигаранд… Гӯё аз осмон афтода бошӣ…

– Намехӯрдагистанд, диданд дидан гиранд.

– Баъде, ки диданд магарам дар рушани дунё нагардӣ…

– Барои чӣ?

– Дар Бухоро ба аврупоиён одат кардаанд, ин ҷо вазъият тамоман дигар аст…

– Ту чаро метарсӣ, ки мусулмон шудаӣ.

– Инҷо ҳама мусулмонанд, вале ба номат, ки гандагӣ афтод, дигар касе ҳимоят карда наметавонад.

– Ҳамин чизро дида мусулмон шудӣ ва дил ба ин сарзамин бастӣ?..

– Бо вуҷуди ҳамаи ин хислатҳояшон ба ин мардум ва ба ин мардуми чашмсеру ҷасур ва инсондӯст дил бастаам…

– Ту агар мусулмон набошӣ, ҳаргиз ба қатори инсоният намедароӣ ва ин мардум ҳеҷ гоҳ эҳтиромат намекунанд.

Обрӯи ту аз рӯи мақомест, ки ба ту тавассути донишат

мардум додааст. Ҳамин тавр нест?

– Бале...

– Пас онҳо чӣ гуна инсондӯстанд?

– Ҷаноби шайх, магар онҳое, ки ба хотири зару сим ва ҳукм рондан ба мардуми ин сарзамин омадаанд, инсонанд? Барои ҳамин корашон бояд онҳоро дӯст доранд?

– Пас чаро ту метарсӣ ва намегӯӣ, ки инглис ҳастӣ ва исломро қабул намудӣ?

– Бовар намекунанд, зеро бегонагон аз омад шуди дунё ба ин мардум зулм дидаанду бадбахтӣ овардаанд. Агар ҳақиқатро бигӯям, онгоҳ шубҳаи эшон зиёд мешавад. Охир волидони худро аз ин сарзамин гуфта худро аз авлоди сайид хондам ва ба духтари сайидзода хостгор шудам.

– Чаро худро сайидзода номидӣ, намешуд миёни мардуми оддӣ бошӣ?

– Обрӯву эҳтиромашонро дида, пиндоштам дар пӯсти онҳо даромада ба зудӣ обрӯ мегирам. Дар ин маврид шумо ҳам маслиҳат дода буде…

– Бале…

– Хато кардам…

– Аз гап дур рафтем.

– Гап дар сари чӣ буд? А… дар сари одамгарӣ…

– Мон ин гапҳота… Аз даҳонат бӯи шир меояд, вале мӯйсафедони барҷомондавори гап мезанӣ…

– Набошад гап дар сари чӣ буд?

– Дарав фаромӯш кардӣ?..

– Дар хусуси пинҳон доштани аслу насабам…

– Маро ба гап сер кардании чӣ?

– Хок дар сари ҳушу хаёлам, – узр пеш овард Ҷеймс, – касе аз муридонам ба чашм наметобад. Чӣ бало зада бошадшон? Аз рама гӯсфандеро меовард.

– Ба ман гӯсфанди ту лозим нест. Гӯсфандро ба эшонҳо бикуш, ки иззатталабанд. Ба ман як пиёла аз оби ангур диҳӣ, аз замин то осмон аз ту ризо будам.

– Оби ангур? – даст ба пешонӣ монду маншаи ханда кард Ҷеймс.

– Бале, – ду-се солааш бошад боз хубтар…

– Гуноҳ нест шаробнӯшӣ?

– Барои ту, ки мусулмон шудаӣ, гуноҳ аст. Барои ман не…

*Кӯҳна ҳарчанд шавад, бештараш мехоҳанд,*
*Духтари ток аҷаб бахти ҷавоне дорад.*

– Барои ҳама гуноҳ аст…

– Биё, сахтмон нагир Ҷеймс, шароба биёр. Гӯшти хуг дорӣ?

– Не…

– Ё дар ин тарафҳо хуг нест?

– Агар намешуд ба шумо аз куҷо мебурдам?

– Ҳаст?..

– Бале, дар ҷангал гурозон хеле зиёданд, пештар шикор мерафтам. Аз бозе, ки ба ислом гаравидам, табъам намекашад. Як куза аз руғанаш доштам, партофтамаш.

– Соддаӣ –да? – бо таассуф сар ҷунбонд Герберт. Зинда бошем ягон рӯз шикор меравем…

– Боре қариб буд ба даст афтам, он рӯз галаи гурозонро дида ҳавасам омад. Вале аз шарикам Усто Насим андешидам. Барои он ки аз мақсадам огоҳ нашавад, ӯро ба дигар тараф равон кардам. Ба гурозон наздик омадам, фарбеҳи бузургҷуссаашро ҳадафи тир қарор додам. Гурозони дигар гурехтанд. То омадани Усто Насим хукро сӯхта гӯшташро дар халта гирифтанӣ шудам. Бо ин ният машғули кор будам, ки садои шиноси ҳамдеҳаи Усто Насим, Қурбонро аз наздик шунидам, ҳангу мангам канд. Дар ҷоям шах шудам.

– Чаро хукро месӯзед? – бо тааҷҷуб пурсид Қурбон.

– Боз чӣ кор мекардам? – ҷавобаш додам. Охир хукро намехӯранд, ку?

– Не, мо мехӯрем, бо киноя гуфтам ва дурӯғи худро шарҳ додам. Барои он месӯзам, ки тухми ин ҳаром аз рӯи замин канда шавад.

– Ман як галаашро дидам, кор нагирифтам. Тирро ҳайф накардам.

– Дар шариат гуфта шудааст, бо хук, ки рӯ ба рӯ омадӣ, ҳатман онро бикуш, сипас бисӯз ва шустушӯй кун…

– Дар кадом шариат? – бо ҳайрат пурсид Герберт.

– Бофтам, бовар кард.

– Ту Ҷеймс мусулмониро қабул карда бошӣ, дониста бош дар Қуръони шариф омадааст: Ҳарки Қуръонро ба таври худ шарҳ медиҳад, дар дӯзах барои худ ҷой тайёр мекунад.

– Ин кор то давраи мусулмониам рӯй дода буд.

– Хукро чӣ кор кардӣ?

– Сӯхтаму зери буттаҳо пинҳон кардам. Рӯзи дигар баъд аз шикор танҳо омада сайдро пора карда, хона овардам.

– Танҳо хӯрдӣ?

– Бо муридонам…

– Нафаҳмиданд?

– Аз куҷо мефаҳманд?

– Ба эшон надодӣ?

– Як дил кардам, ки барои фаҳмидани эҳсосоташ ин корро бикунам, вале аз ниятам гаштам, тарсидам.

– Барои чӣ?

– Он қадаре, ки қобилияти авлиёгии ӯро шунидаам, агар шумо шунавед дар сад сол ин корро намекунед.

– Дурӯғ, мардуми тоҷик воҳимачиянд.

– Аз рӯи мушоҳидаҳоям мегӯям.

– Ман низ аввалҳо шак меовардам, ба қобилияти рӯҳонии инсон. Вале он чизе, ки дар Ҳиндустон дидам, фикри маро дигар кард.

– Чӣ туро мафтун кард дар Ҳиндустон?

– Йогҳоро надида будед?

– Дида будам…

– Вақти мурокаба ҷисмашон аз замин мехезад. Ин чизро чӣ?

– Бале, ҳамаашро дида будам, вале ту медонӣ, ки йога ислом нест?

– Медонам, мақсади йогҳо ба Худои яккаву ягона пайвастан асту аз ислом ҳам…

– Не, Ҷеймс ҳаргиз ин ду чизро ба ҳам шабеҳ накун!

– Мақсади муътакидони ҳамаи динҳо як аст. Аз ин рӯ исломро пазируфтанам ба инглис буданам халал намерасонад.

– Чӣ гуна халал намерасонад, ки тамоман дигар шудаӣ?

Ислом туро аз мубориза барканор намуд. Ояндаатро сӯхтӣ…

–Ояндаи ман рушан аст, дар он суратояндаамро месӯхтам, ки агар бо роҳи шумо мерафтам, мусулмононро қурбон мекардам, аз ризқу рӯзияшон маҳрум месохтам.

– Эҳ Ҷеймс-Ҷеймс, ту вайрон шудаӣ? Ту ба рӯи ҷадду боби худ туф кардаӣ…

– Бас, бас, дигар тоби шунидани панду насиҳат надорам, динеро қабул кардам, ки саропо қонун асту одоб.

– Боз аз гап дур рафтам.

– Гап дар сари чӣ буд?

– Шикори хук.

– Агар бинанд кори хуб намешавад… Дар ислом хук ҳаром аст.

– Дар дини насронӣ ҳама чорвои ҷуфтсум ҳалол асту тоқсум ҳаром. Ту мусулмонӣ ман насронӣ, шикор, ки рафтем, ман хук сайд мекунаму ту буз… Алъон чӣ хурданӣ дорӣ?

– Ҳарчи тару қоқ бошад, бо ҳам мебинем.

– Коқашро ту бихӯр, ба ман ҳамон тараш бошад, кифоя.

Ҷеймс сар ҷунбонду табассум кард.

– Чӣ илоҷ, амри меҳмон воҷиб аст…

– Агар мусулмон бошад.

Ҷеймс ба сӯи саисхона гом кашид, дар шафати девор ғарами порӯи асп мехобид. Ҷеймс шохиро ба даст оварда поруро канда ба як тараф партофтан гирифт.

– Бо порӯи асп зиёфат доданӣ ҳастӣ чӣ? – шӯхӣ кард

Герберт.

– Меҳмон камтар ботаҳаммул мешавад, – бо шӯхӣ ҷавоб гардонд Ҷеймс.

– Сабру тоқатам намонд, ба дод овардӣ ту маро…

– Камтари дигар сабр бикун, чизи дилхоҳатро мебинӣ. – Ин лаҳза садои ба чизе сахт бархӯрдани нӯги шохӣ ба гӯш расид. Ана баромад!.. – Ана баромад!.. – нидо дардод Ҷеймс ва боэҳтиёт порӯи гирди зарфро як тараф карда кӯзаро берун гирифт.

– Дар ин сарзамин шаробро хело кам истеъмол менамоянд. Чизи маъмулӣ ва дӯстдоштаи ҷавонон банг аст… – гуфт Герберт.

– На танҳо ҷавонон, балки аъёну ашроф низ бангро чун воситаи дилхӯшӣ истифода мебаранд. Ин шароби порсола аст, – кӯзаро бардошта ба лаби чашма овард ва шустушӯй кард, сипас гили даҳони онро сӯрох намуду дар оби сард гузошт. Герберт, ки кайҳо интизори ин лаҳза буд, бетоқат шуд.

Ҷеймс кӯзаро монду ба ҳуҷра даромад, як дам пас дар даст дастархон баргашт. Ин дам Герберт сабру тоқат аз даст дода, бо лаби кӯза басе май нӯш карда буд.

– Маъзарат мехоҳам Ҷеймс, иродаамро ба даст гирифта натавонистам, – узр пеш овард Герберт ва лабони шаролудаашро кафмол карда қатраҳои ба он чакидаро дур кард.

– Ҳеҷ гап не, айби ман ҳаст, ки шуморо бо гап сер кардам.

Герберт дастархонро кушода, порае аз нон шикаста ба даҳон партофт. Ҷеймс бошад аз кӯзаи дигар, ки ҳамроҳ оварда буд, ба табақ гӯшти яхнӣ бардошт.

– Гӯшти хуг аст?

– Аз асп… Асп тоқсум аст, дар дини насронӣ хӯрдани чорвои тоқсум ҳаром дониста мешавад.

– Он чизе, дар динҳо зикр ёфтаанд, иҷро кунӣ, маҷбурӣ, ки чизе нахӯрӣ…

– Хайрият, ҳарома аз ҳалол ҷудо кардаанд, вагарна инсони бадгуҳар ҳама чизро мехӯрад.

– Чӣ фарқ доштааст, ки аспро мехӯранду харро не…

– Хар ҳам замоне ҳалол будааст, вале ҳини аз рӯд гузаштан ин дарозгӯши бетамиз дар об шошидааст. Ин рафтори ношоистаи харро дида пайғамбарамон ҳаромаш ҳукм баровардаанд…

– Хар ку ақл надорад, дар об шошидани одамро дидаам…

– Одамро рӯҳаш ҳалол аст, ҷисмаш аз гӯшти хар дида ҳаромтар аст…

– Мусулмон ҳам шуда бошӣ, ҳоло ба тоби гап нарафтаӣ.

– Чӣ гуна гап?

– Мусулмон ҳини ҳаромро аз ҳалол ҷудо кардан ҳадди охирро дар нисбати ҳалол ба хук баробар мекунанд. Фалон чиз аз гӯшти хук-да ҳаром аст, мегӯянд. Ту бошӣ гӯшти харро мисол овардӣ…

– Ин чизро ба он хотир гуфтам, ки гап дар сари хар буд.

– Не, аввал гап аз хук сар шуд.

– Бале, то дирӯз гӯшти хук мехӯрдам.

– Ман охирин бор ҳамон савғои туро хӯрда будам…

– То ҷиддан ба ислом гаравиданам ҳар вақт мехӯрдам. Ба муридонам ҳам медодам. Ҳатто ба онҳо шароб менӯшондам. Аммо намегуфтам, ки шароб аст. Боре Қодир ном муридамро ду коса шароб додам. Бачаҳалок қади як барзагови маст баъос кард. Хостам садди роҳаш шавам, гардан нафаровард. Куртаву эзорашро бадар карда, лучи модарзод шуда пиру барноро ҳақоратборон мекунад. Чанд ҷавони ҳузарбро, ки нияти доштанаш мекунанд, зада аз по меафтонад. Сағиру кабир болои бомҳо баромада ин ҳодисаи булаҷабро тамошо мекунанд. Қодир бошад харвори наъра мезанад. «Амир Олимхонаша фалон кардаму зани ҳокимаша фалон…». Аҳлу авлодаш талхакаф мешаванд аз ин гап. Агар гап ба гӯши амиру ҳоким бирасад аз пири садсола то кӯдаки гаҳвораи ин авлод беҷазо намемонад. Ниҳоят калонҳои деҳа маслиҳат мекунанд, ки якбора ба сари ӯ ҳуҷум карда дасту пояшро

мебанданд.

Қодирро дасту по баста ба назди ман оварданд, ки дуо бихонам, ба пиндори онҳо ба ӯ ҷин асар кардааст. Ханда-ам омад, базӯр худро нигоҳ дошта, ҳамаро ҷавоб додам. «Пагоҳ субҳидам биёед, бемор шифо меёбад», – гуфтам. Онҳо ба рӯям нобоварона зеҳн монданду чизе нагуфта хеста рафтанд.

Субҳидам вақти таъиншуда омаданду ҳуш аз сарашон парид. Падари мӯйсафедаш худро пеши поям андохт ва хоки поямро тавоф кард:

«Писари маро аз ин дарди бад раҳо кардед, аз ҳамин рӯз ӯро ба ҷуригӣ ба шумо супурдам…»

«Писари шуморо Худо шифо бахшид», – хоксории худ намоиш додам. Ин мардумро шумо аз ман хубтар медонед. Чунон воҳима карданд, ки худам ба бузургии худам боварӣ ҳосил намудам.

– Аз ту ҳам авлиё тарошиданд? – қаҳ-қаҳа зада хандид Герберт ва бо навозиш ба китфи Ҷеймс даст зад, – Ана, барои чӣ ту аз мубориза даст кашида будаӣ. Дар муборизаи фардӣ ғолиб омада, бе ягон ҷангу ҷидол соҳиби обрӯ, ки шудӣ ғами дигаронро аз сар дур кардӣ-а? Ин корат нағз не ҷура. То охир бояд мубориза бурд. Ту бо ин фирефта нашав.

Сарвазиру шоҳи Англияро чӣ зарурат афтодааст, ки баҳри ҳукмрони ҷаҳон шудан ин қадар ҷон мекоҳанд? Ҳамаи ин барои он аст, ки халқ хурраму шод зиндагӣ кунанд. Аз файзи ғалаба бархӯрдор бошанд. Ба сари халқҳои заифу суст, ки иродаву қобилияти ҳукмронӣ надоранд, сарварӣ кунанд. Ту чӣ? Бо андак обрӯи тасодуфӣ, ки миёни ин қавм пайдо кардӣ, мағруру мастӣ…

– Ҷаноби шайх, сабаби исломро пазируфтанам ин чиз нест. Маро чизи дигар ба ин роҳ бурдааст, ки аз он тафохур дорам, ки дар ҷисми касифу заифам нумӯъ кард…

– Бе парда гап зан Ҷеймс, мо дар маҷлиси илм қарор надорем.

– Ба чашм… Гап дар сари он аст, ки банда исломро барои қавӣ ва саҳеҳ будани аҳкому қавонунаш маъқул

донистам. Аз он тафохур дорам, ки ниҳоят муяссарам шуд саманди иродаамро ба даст гирам ва онро ба майдони мурод биронам.

– Чунон гап мезанӣ, ки гӯё дар маҷлиси ашрофон қарор дошта бошем. Агар ман ба ҷои ту мебудам, мегуфтам, ки маро забони ширини ин мардум писанд афтод.

– На танҳо забонашон.

– Боз аз гап дур рафтем… Бирез, ки кайф парид!

– Агарчи меҳмонед, вале соқигиро ба худ эб намебинам.

– Барои чӣ?

– Гуноҳ аст…

– Гуноҳа, ки медонистӣ шароба намеовардӣ, – бо тамасхур нигарист Герберт ба мусоҳибаш ва гапро ба ҷиддият бадал кард, – Говро, ки куштӣ, то думаш пуст кун!

– Илтимос, ҷаноби шайх, маро аз ин заҳмат раҳо бикун!

– Агар амри ман воҷиб бошад, на танҳо соқигӣ, балки нӯшиданро ба ту иҷозат медиҳам, – гуфт нимҳазлу нимҷиддӣ Герберт ва кӯзаро пеш кашида ба косаи чинӣ шароб рехт.

– Ош шавад, фақат аз ман хоҳиш накунед.

– Ҳофиз манаму бародарам мехонад. Мақоми шайхиро ман дораму ту қонун ба ҷо меорӣ?

– Маро ҳам дар ин бару гузар шайх меноманд…

– Аз кай?

– Аз рӯзи аввал…

– Офаринату лекин кор ҳама чапа шуд. Бояд ту онҳоро ба дини худ ташвиқ мекардӣ, на ба дини онҳо медаромадӣ.

– Аз дасти як нафар чӣ меояд?

– Бисёр чӣ… Мусову Исову Муҳаммад танҳо набуданд?

– Не…

– Чӣ хел не?

– Онҳо бо Худо буданд ва Худованд барои нишон додани пайғамбарии эшон дар кирдори онҳо мӯъҷиза ато

мекард, то ки мардум пайравашон бошанд.

– Ту аз ягон пайғамбар камӣ надорӣ…

– Астағфуруллоҳ бигӯй, шайх. Ман куҷову пайғамбар куҷо? Ман як саги лақиям…

– Худро паст назан!

– Паст намезанам, лекин пома ба чени курпаам дароз мекунам…

Герберт аз таъсири шароб саргарм ба як дам мегуфт. Менӯшид. Ҷеймс дарк мекард ин ҳама лодагиву бехудии Гербертро шароб сабабгор аст. Аз ин рӯ боқии шаробро бо зарф пинҳон кард.

– Куҷо кардӣ?

– Чиро?

– Шаробро…

– Тамом шуд…

– Дурӯғ, биёр…

– Қасам бихӯрам?

– Қасами туро ман… Шароба биёр, ки куфти дил барорем. Сарро сабук кунем.

– Тамоми муридонам хабар ёфтагистанд, ки ба хонаи ман аз Бухорои Шариф меҳмон омадааст. Худро ба даст бигиред шайх.

– Чӣ, маро маст хиёл кардӣ?

– Не, ҷаноби шайх, ман шаробро хуб мефаҳмам:

*Накунад доно мастӣ, нахӯрад оқил май,*
*Саниҳад марди хирадманд сӯи пастӣ пай.*

Герберт дар ҷавоби сухани Ҷеймс пусханд зад ва димоғ тоза карда сар ҷунбонд.

– Ту маҳв шудаӣ Ҷеймс, туро бо сухан ҷоду кардаанд:

*Майпарастонро зи май ҳар дам ҳаёти дигар аст,*
*Оби ҳайвон рехт гӯё боғбон дар ҷӯи ток.*

– Ман аз сухани хуб маст мешавам, лаззати сухан дигар аст.

– Набошад бинӯш, ки сухани фавқ ба тақвияти май гуфтам.
– Наметавонам, ҷаноби шайх…
– Ман ин ҳавову ҳавасро аз худ дур кардаам, ба он хотир ки пеши мардум обрӯ дорам:

*Номи донишманд чун зебад ба нодонӣ,*
*Ҷомро дар даст гирад, нангарад фарҷомро?*

– Бале, фикри ояндаро бубояд кард, вале ту онро фаромӯш кардаӣ. Танҳо имрӯзаатро меандешиву халос… Ҳарчанд қатрае ба лаб набурдаӣ.
– Чӣ гуна боз фикри ояндаро накардаам? – ба Герберт рӯ овард Ҷеймс ва илова кард:

*Намедонанд аҳли ғафлат анҷоми шароб охир,*
*Ба оташ меравнд ин ҷоҳилон аз роҳи об охир.*

– Эй, Ҷеймс, ту чиҳо мегӯӣ?
– Хафа нашав, шайх, ман ба ҳамин роҳ рафтаам. Дигар наметавонам.
– Қасам хӯрдаам, ки дигар наменӯшам.

*Қозии шаръам зи май хӯрдан агар савганд дод,*
*Мехӯрам, эй соқӣ, аз дасти ту савганди дигар,* -

гуфт Герберт ва аз нав паймонаро пур карда ба лаб кашид.

*Замини майкадаро, то ба рӯзи ҳашр бикобӣ,*
*Ба ҷои резаи хум тавбаи шикаста бараояд.*

– Дилам намекашад, ҳаромро аз он рӯзе, ки аз ҳалол фарқ мекунам.
– Барои ту ҳаром бошад, барои ман ҳалол аст:

*Мо май барои лаззати мастӣ намехӯрем,*

*Аз бода шустушӯй дарун аз риё кунем.*

– Кош, – табассум дар лабони Ҷеймс гул кард.

– Ҷеймс, ту мастӣ…

– Чӣ гуна мастам, ки ҳатто бӯи шаробро димоғам на-дидааст?

– Ту масти суханӣ… Ту аз худ бехуд шудаӣ. Ҳастии худ фаромӯш кардаӣ. Ва сар аз по фарқ намекунӣ, Ҷеймс…

– Ҷаноби шайх, шумо шахсияте ҳастед ҷаҳондидаву доно. Аз рӯи инсоф, аз рӯи воқеа худатон бигӯед, магар рафтори ман нодуруст аст?

– Бегуфтугӯ…

– Шумо баҳс карданиед, то ҳақиқат ошкор шавад. Ва-ле дар он ҳолате, ки қарор доред кушодани ҳақиқат саҳлу содда нест.

– Маро маст хиёл кардӣ? – пусханд зад Герберт ва ҷуръаи дигар нӯшид.

*Ҳар он масте, ки бишносад сар аз по,*
*Аз ӯ даъвои мастӣ нописанд аст.*

– Намехоҳам ин рӯҳу тане, ки Худованд ҳаст кардааст дар ин ду-се рӯза дунё ба хобу хӯру хашму шаҳват бисӯзонам…

– Герберт даст ба гӯшти бирён бурду норозиёна сар ҷунбонд ва гӯшту нони даҳонашро хоида фурӯ бурд ва чун мурғи дон дар гулӯяш дармонда гардан ёзонда ба ат-роф кунҷковона назар андохт.

Офтоб ба қиём расида, гарморо ба сари оламиён ни-сор мекард. Герберту Ҷеймс дар сояи токи ангур аз нурҳои сӯзони шед паноҳ бурда саргарми баҳси хеш бу-данд, ҳавои гарм ба онҳо таъсир дошт. Герберт дар зери таъсири дуҷониба монда, ранги арғувонӣ гирифта буд. Баъд аз нӯшидани ду пиёлаи дигар даҳонаш тафсид.

– Шаробро ин мардум хеле кам истеъмол мекунанд. Афсӯс… Ту ҳам дар таъсири онҳо мондаӣ. Вале Амиру ҳамнишинонаш менӯшанд…

– Амир Олимхон?

– Бо ду чашми сарам дидам. Он рӯз ин хел гарм набуд, ба ёдам омад, баҳор буд. Дар ҳавлии қушбегӣ ба шарафи вакилони Шуравӣ бо сардории Уткин ном исёнгар зиёфат ороста шуд.

– Амир Уткини исёнгарро барои чӣ қабул кард?

– Онҳо барои барпо кардани Ҳокимияти Шуравӣ ба назди Амир вакил фиристоданд иборат аз бисту ду нафар. Ман он вақт бо супориши сафорат ба назди қушбегӣ даромадам. Бо баҳонаи савдои пӯст. Аммо қушбегӣ дар ин кор банд буданд ва интизор шудан лозим омад. Амир ба онҳо шароб нӯшонид. Вакилони сархуш мақсади хеш бе ягон истиҳола баён намуда, ба пои худ ба дом афтоданд. Амир онҳоро ба таҳхона даровarда ҳабс кард. Аммо байни болшевикон ҳам одамони бофаҳмаш будааст. Се нафараш қариб, ки нанӯшиданд. Пиёларо ба лаб мебурданду бозпас мегирифтанд.

– Ана дидед, ҷаноби шайх, гапи ман ҳақ будааст ё не?

– Кадом гап?

– Гуфтед, ку миёни болшевикон ҳам одамони бофаҳм будааст, ки шароб нанӯшиданд. Ман ҳам нӯшидани шаробро имрӯз маҳкум мекунам.

– Нӯшидан ҳам ҷой дорад. Ман нагуфтаам, ки ҳарҷо, ки рост омад бинӯш…

– Ман дар ягон ҷой наменӯшам.

– Нанӯш, – оташин шуд Герберт, – туро кӣ маҷбур кардааст? Дар охират, ба қавли худотарсҳо, ҳар киро аз пои худ меовезанд. Ту ба миёнаи гапам лагад назан!

– Бубахшед!

– Он се нафари баҳуш болои боми арк баромаданд. Ва миёни сарбозони амиру он се тан тамоми шаб тирпаронӣ шуд. Ман ҷон ба кафи даст бо як азоб аз он ҷо раҳо шудам. Аз се нафарон яке он шаб ҳалок мешавад, ду нафари дигар гурехта ҷон ба саломат мебаранд. Ва хабарро ба Шурои калон мерасонанд.

– Аҳволи дигарон чӣ шуд?

– Кадом дигарон?

– Онҳое, ки дар таҳхонаи арк ҳабс шуданд.

– Онҳоро ҳушашон вақте ба сар омад, ки дигар илоҷ надоштанд. Сарбозони амир боми таҳхонаро сӯрох карда ба сари онҳо тезоб рехтанд ва нуҳ рӯз гуруснаву ташна нигоҳашон доштанд. Рӯзи нуҳум ҷисми беҷонашонро бурда партофтанд.

– Шароб хуб мешуд, он бехабаронро ба ҷаҳанам намекашид.

– Рост, шароб бад аст, лекин чӣ илоҷ? Нанӯшида ҳам намешудааст…

– Мешавад, ки нанӯшӣ…

– Ҷеймс, сафсата нагӯй. Маро ғаму дард, бебарорӣ ба ин маҷбур мекунад. Дар тӯли умри кӯтоҳам чӣ рӯзҳоеро ба сар набурдам. Ту шояд дар хоб дида бошӣ?

– Не, ҷаноби шайх, мо на дар хоб дидаему на дар бедорӣ, – бо киноя гуфт Ҷеймс. Ҳар чӣ дидед, шумо дидед.

Герберт ба андуҳи рӯи Ҷеймс, ки димоғсӯхтагӣ чунин тарҳ дода будаш, нигарист вале чизе нагуфт. Чизе садди баёни афкораш шуд. Боз қадаҳҳоро пур кард:

– *«Бе кимиёи ҳастӣ табдили ғам маҳол аст,*
*Ё май ҳалол фармо ё ғам ҳаром гардон».*

– Шумо, ҷаноби шайх, боре дидед, ки чӣ гуна одамонро сар мебуранд?

Герберт писханд заду бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва соғари дасташро ба лаб кашид.

– Ту, Ҷеймс, аз манора ба зер партофтани бандиёнро надидаӣ. Ман дидаам. Калабурии ҷаллодонро бошад аз мӯи сарам зиёд дидаам.

– Мардуми Машриқ, бахусус, мусулмононро мепарастам, вале дар додани ҷазо аз ҳад мегузаронанд, – гуфт Ҷеймс, – ман аз ҳамин чиз метарсам.

– Ту инглисонро надидаӣ, ки чӣ гуна ба ҳиндувони озодихоҳ ҷазо медоданд, – даҳони Герберт тафсид. Ҷеймс ҳис намуд, ки шароб ба мусоҳибаш таъсир кард, вагарна ҳаргиз ба рағми инглисон ҳарфе намегуфт.

– Наход? Инглисон ба ин андоза сангдил нестанд?!..

– Надидаӣ, ман ҳама чизро медонам, бо ду чашми сарам дидаам. Чӣ гуна ҳиндувони озодихоҳро ба мили тупҳо баста ҳадафи тир қарор медоданд. Ту Ҷеймс, миёни ин кӯҳҳо афтода, назарат кӯтоҳу доираи тафаккурат танг шудааст. Агар дар Бухоро мемондӣ, тағйир намеёфтӣ. Муҳити гунг туро аз ҷунбиш монондааст. Қатраеро мемонӣ, ки дар мурдоб афтодаӣ…

– Ҷаноби шайх, мардуми ин сарзаминро ба чашми кам набин… Ҳар қадамашон достонест…

– Ту музофотро ба марказ шабеҳ накун. Бухоро маркази ҷунбишҳои сиёсист. Ман шоҳиди кучактарин воқеааш будам. Афсӯс, ки болшевикон ниҳоят ба сари Амир об рехтанд. Айби худаш шуд. Ба ҷои ислоҳот гузаронида, дили халқро гарм сохтан ба гапи диндорони иртиҷоӣ даромаданд, ки кучактарин ислоҳот онҳоро ба даҳшат меовард. Хатои мо низ дар ҳамин буд, ки ба куҳнапарастон такя кардем, дар пӯсти онҳо даромадем. Русҳо чӣ? Онҳо аз мо донотар баромаданд. Ба қувваи нав- ҷадидон, ҳамкорӣ намуда, онҳоро ба тарафи худ кашиданд.

– Магар Амирро русҳо дастгирӣ намекарданд?

– Амир ба онҳо умед мебаст, ки рӯзе ба пас болшевиконро шикаст медиҳанд.

– Боре дар хусуси ислоҳоти Амир аз забони Мурод шунида будам.

– Ислоҳот? Агар онро ислоҳот гуфта мешуд, – Герберт ҷелакашро кашида як тараф гузошт ва таги яктаги сафеди карбосин якпаҳлу зад, – баъди ин ислоҳот медонӣ чӣ даҳшат омад ба сари мардум? Ту шояд нашунида бошӣ?

– Шунидаам…

– Сабаби ислоҳоти Амир чӣ буд?

– Ҷавонбухориён ӯро ба танг оварданд…

– Не-не… Амир аз ғалабаи инқилоби рус тарсид ва бо кӯмаки гумоштагони сиёсии Россия Шулга Введенский ва Миллер лоиҳаи ислоҳотро тартиб дода эълон кард, аз чӣ иборат буд?

– Шунида будам…

– Ку номбар бикун!

– Фаромӯш кардам.

– Рости гап, ҷура, ту ягон вақт аз ин чиз хабар надоштӣ. Ту хафа нашав! Ман ҳамин хел одам. Гапи ҳақ дораму рӯи шум.

– Нашунида бошам, мегӯям, ки нашунидаам, аз касе наметарсам ба ҷуз Худо, ки ҷонамро мегирад, – бо димоғи сӯхта гуфт Ҷеймс, вале ин рафтори ӯ бефоида буд, зеро Герберт қобилияти дарки рӯҳияи касеро надошт, танҳо ба як чиз қодир буд. Ҳар қадаре, ки метавонист лоф мезаду лоф мезад.

– Гӯш кун, ту ман-манӣ накун. Ту ҳиҷ чизро намедонӣ. Ту дар паси ин қуллаҳои осмонхарош муш барин пинҳон шуда гаштаӣ. Ман бошам очаи чандин душману душманбачаро шу додам…

– Шумо зуред-е, коре, ки шумо кардед, ҳеҷ кас карда наметавонист, – бо киноя гуфт Ҷеймс.

– Амир ваъда дода буд, ки мувофиқи шариат ба пешрафту тараққиёти саноату савдо роҳ дода, як матбаа мекушояд ва дар кори маориф дигаргунӣ ворид месозад. Ҷавонбухориёни аз кори дунё бехабар, аз чунин як ислоҳоти ночиз хурсанд шуда, намоиши шукрона ташкил намуданд, – гуфт Герберт бо ифтихори он ки аз ин чиз ғайри ӯ каси дигар огоҳ нест, даҳони вози мусоҳибаш ӯро ба ваҷд оварда буд. Ту, аққалан, медонӣ, ки шиорҳои намоишчиён аз чӣ иборат буд?

Ҷеймс бо нишони инкор сар ҷунбонд.

– Шиорҳояшон низ хандаовар буданд: «Зинда бод Амир», «Зинда бод ислоҳот», «Зинда бод озодӣ!». Аммо куҳнапарастон дар ҷавоби ин намоиш намоиши дигаре ташкил карданд, ки дар он қариб ҳашт ҳазор кас иштирок кард. Даъвои куҳнапарастон он буд, ки динро аз олоишҳои ҷавонбухориён ва ҷадидон ҳифз мекунанд. Амир ҳам аз фурсат истифода бурда пӯсташро дигар кард. Ва намоишчиёни соддаро ба ҳабс гирифта, ба ҷазо додани онҳо шурӯъ кард. Ҳафтоду панҷ чӯб мехӯрд ҳар ки бо ин гуноҳ ба даст меафтод. Ман дар ин воқеаи

шавқовар дума хода накардам, балки боз ҳам фаъолонатар кор кардам.

– Чӣ кор кардед?

– Душманонамро ҷадид гуфта, як қисмашро ҳафтоду панҷ чӯб занондаму қисми дигарашро аз Бухоро ронондам ба музофотҳо…

– Онҳо чӣ гуна душманӣ доштанд ба шумо?

– Айб меҷустанд, ба чашми кам менигаристанд…

– Амир ислоҳотро амалӣ кард?

– Баъд аз ҳафт рӯзи эълонаш аз нав бекораш кард. Агар ба гапи мо мерафт, ҳаргиз бадбахтӣ ба сараш намеомад, – гуфт Герберт ва соғари холиро рӯи дастархон гузошт. Ҷеймс ба хотири рафъи таъсири шароб ба Герберт таклифи хобидан кард. Аммо ӯро ин хоҳиш писанд наафтод.

– Чӣ, моро гусола гумон кардӣ?

– Не-не…

– Ман маст-паст нестам. Ин шароб аст? Ман ба кузааш бинӯшам, ки сари мӯям хам намешавад… – Герберт дигар чизе нагуфт. Ҷеймс ҳам хомӯш монд. Вале дар нигоҳаш ифодае намоён буд, ки маънии он дар замираш падид меомад. «Оҳ ба чӣ роҳ афтодаам? Ояндаи ман чист?». Пас аз баёни ҳар як суол чашмони хурдакаки осмонияш тангтар мешуд. Чинҳои ҷабинаш амиқтар мегардид. Худ намедонист бо кадом сабаб ба ин пири рӯзгордида, ки умри хеш дар ин корҳо сарф кардааст, баҳс мекунад. Ӯро асабӣ месозад. Қасдан суханони худро ҳақ мешумурд. Ва намедонист чӣ гуна ба қайди гуфтори хеш меафтод, суханонаш дар умқи дилаш реша давонда, пойдор мегардид. Ислом, урфу одат ва зиндагии оддиву дӯстонаи ин мардум, ки дур аз тамаъу дунёхоҳӣ буд, ӯро ғолиб меомад. Кирдори қаблияш ҳамеша пеши назараш буд, дар он рафтори накуро хеле кам медид. Дилаш сиёҳ мешуд. Ва он бемории азалӣ, ки гоҳ-гоҳ хуруҷ карда мақсаду маромашро зеру забар мекард, рӯ мезад. Аз дунё дасту дил мешуст. Дар паи маҳви орзуҳояш дандон тез мекард. Кунун ин эҳсосот дар вуҷудаш теғ ба даст буд. Ҳеҷ намехост дунболи он коре биравад, ки алъон

дар вуҷудаш эҳё мегашт. Герберт асабӣ шуд, ӯ ҳаргиз чашмдор набуд, ки як инглиси асил ба ин андоза шефтаву бандаи Шарқ мегардад. Ҳамон Шарқе, ки аврупоиён аз чор сӯ барои ғасби он дандон тез карда муваффақиятҳои якдигарро дар ин роҳ бо даҳшат истиқбол мегиранд. Ҳамон Шарқе, ки бо фарҳангу тамаддуни ҳазорсолааш ифтихор мекард. Ҳамон Шарқе, ки аврупоиёнро бо тамаддуни худ баҳраманд гардонду худ имрӯз дар хоби ғафлат монда.

Ӯ ба як чиз умед мебаст, ки ин рафтори Ҷеймс муваққатист. Дер ё зуд аз он даст мекашад ва рӯ ба асолати худ меорад. Ҷеймс низ саравввал дудила буд, дилаш ба Шарқу шарқиён он қадар гарм набуд, вале қасд кардагиворӣ баробари омадани Герберт якбора тағир ёфт. Ба гузаштаи худ туф кард. Эҳсосоти кучаке, ки аёми дар Афғонистон буданаш гоҳ-гоҳ пеши амакаш ошкор мекард, имрӯз қудрату тавоноӣ пайдо карда буд. Шояд чун амакаш насиҳатгари хуб медошт ба ин андоза ғарқи ин эҳсосот намегашт. Герберт низ ин рафтори Ҷеймсро ҳамин тарз арзёбӣ мекард. «Набудани роҳбару маслиҳатгар, канда шудани риштаҳои алоқа ӯро аз роҳ баровrouted»– мегуфт худ ба худ.

Лаҳзае, ки ин ду тан мусофири гуногунфикр дар қайдаш қарор доштанд, дилгир мегузашт. Герберт аз таъсири шароб ҳанӯз сафсата мегуфт. Дигар Ҷеймс қудрате надошт, ки садде шавад пеши ин кирдори ӯ. Насиҳат кора намекард.

– Ҷаноби шайх, биё оббозӣ кунем, шояд хастагиамон барояд, – ба Герберт муроҷиат кард Ҷеймс.

– Не, ҷаноби Ҷеймс, ман оббозӣ кардан ҳам намехоҳам. Ман барои оббозӣ наомадаам. Барои он омадам, ки туро бубинам ва супоришҳои калонро супорам. Ту дар…

– Ин тавр нагӯед, ҷаноби шайх, – авзои Ҷеймс тағир ёфт.

– Чаро намегуфтаам? Охир аз ту умеди мо калон буд.

Ҷеймс даст ба пешонӣ бурда ба фикр фурӯ рафт. Герберт низ хомӯш монд. Ҳарчанд таъсири шароб чунин имкониятро аз ӯ рабуда буд. Алъон иродаашро ба даст гирифт ва ё дигар гап наёфт, ки ба ин сурат афтод. Ҷеймсро ин рафтори

Герберт сахт ба ташвиш оварда буд. Худо нокарда ҳамин лаҳза касе биояд, ҳама сиру савдои онҳо худ аз худ кушода мемонад.. Аммо ин лаҳза гапаш қурб надошт. Герберт ба гапаш гӯш намекард. Ва аз якравии худ намемонд, ки намемонд. Ҷеймс дар ин лаҳзаи хомӯшӣ андешид, ки меҳмонро танҳо гузорад ва худ барои даъвати шиносонаш ҷиҳати ташкили як маъракаи кироӣ биравад.

Бо ин мақсад аз ҷой хест. Герберт бо чашмони нимкоф хомӯшона рӯ ба само оварда буд. Ҷеймс ҳанӯз ду-се қадам ба сӯи пайроҳа намонда садои Герберт ӯро боздошт.

– Куҷо рафтӣ?

Ҷеймс як дам лолу хомӯш дар ҷояш истод. Ва рӯ ба Герберт овард, ки ноҷунбида рӯболо мехобид. Аз ӯ дигар садое набаромад. Ҷеймс пиндошт гӯшаш садо дод ва аз нав рӯ ба пайроҳа оварда, ду-се қадами дигар намонда, садои Герберт дубора баланд шуд.

– Маро партофта куҷо меравӣ?

– Рӯз бегоҳ мешавад, ҳанӯз ман коре накардаам.

– Чӣ кор?

– Ду-се касро даъват кунам. Дар ин сарзамин расм аст, ки ба пеши меҳмон ҳаку ҳамсояҳоро даъват мекунанд.

– Пеши ман даъват накун…

– Барои чӣ? Айб мекунанд, охир ман нону намаки онҳоро бисёр хӯрдаам.

– Ман зиёфатхӯрӣ наомадаам… Ин расму оинатро барои эшону муллоҳо бикун, ки дӯст медоранд. Баргард…

– Омадани шуморо ҳама медонанд. Боз нагӯянд, ки аз як бурда нонаш тарсид.

– Охир ман мастам, ту маро бо ин корат ба дасти онҳо доданӣ ҳастӣ?

– Не-не… Ман расмиятро ба ҷо оварданиям, то ки минбаъд бо шубҳа ба ман нанигаранд.

– Акнун метарсӣ? То ин вақт инглис буданатро касе надонист. Акнун донистанд? – аз ҷой хест Герберт. Баргард… Аз дидори ҳамааш безорам.

– Ҷаноби шайх, маро бифаҳмед. Оянда ба онҳо зиндагӣ кардан мехоҳам.

– Зиндагӣ мекунӣ ва ё не, ин кори туст, ҳоло бошад маро ғам надеҳ!..

Ҷеймс ночор аз роҳаш гашт ва дар гӯшаи суфа амонат нишаст. Герберт бошад аз нав сар ба болин монда рӯболо дароз кашид.

– Ту, Ҷеймс, фаромӯш накун, ки инглис ҳастӣ…

– Фаромӯш накардаам.

– Офарин… ман ба назди ту ҳамин хел бемуроду мақсад наомадаам. Омадаам, ки туро ба роҳи қатъӣ ба мубориза ҳидоят кунам.

– Кадом мубориза? – суоли нобоваронае дод Ҷеймс.

Герберт акнун маст набуд. Дар ин лаҳзаи пурмоҷаро кайфаш парида, суханонаш мантиқ пайдо карда буд. Аз ин рӯ оҳанги суоли Ҷеймсро фаҳмид.

– Мубориза дар пеш аст…

– Амирро аз тахт ронда бошанд? Кӣ моро дастгирӣ мекунад?

– Ту дар ин гӯшаи хилват баҳузур бихоб, кори мо худ ба худ пеш намеравад, – оташин шуд Герберт, – боз кӣ моро дастгирӣ мекард? Барои ин бояд ҷон бикоҳонем. Ту, Ҷеймс, дар ин мавзеъ сипоҳ ҷамъ меорӣ, баҳри ҳифозоти Амир! Мақсади омадани ман ҳамин аст…

– Ҳама ин заҳматҳои мекашидаамон бефоида аст. Аздусар русҳо дигар ба Амир имконияти бозгаштро ба пойтахт намедиҳанд. Ҷадидон низ ба хуни ӯ ташнаанд. Кӣ ба гапи мо гӯш мекунад? Биё, ба обу оташ телаамон накунед! Ҳамин ҳоли бечорагиамон хуб ҳолест.

– Бо сардории Осипов ном як сипоҳи рус, ки комиссари ҳарбии РААС Туркистон аст, қувваи пурзӯри аксулинқилобиро ҷамъ оварда истодаем. Ин шабу рӯз нақшаи амалиётро тартиб дода истодаанд. Мо ҳам бояд дар ин амалиёт саҳм бигузорем.

– Чӣ гуна саҳм мегузорем? Ҳамааш бефоида аст. Болшевиконро дигар аз ҷой ҷунбонда намешавад. На зӯри Амир мерасаду на аз Осипов.

– Ту девона шудаӣ Ҷеймс, болшевикон ҳаргиз ба мақсад намерасанд. Чунин қудрат надоранд, ки мо дар

якҷояги̇̄ бо Амиру Осипов дорем.

– Биёед дар ин бора гап назанед, ҷаноби шайх. Дилам аз ҳамааш монд. Моро фиристода буданд, ки махфиёна кор барем, вале имрӯз ошкоро амал карданамон ҳеҷ маъние надорад.

– Мо агар худро ошкор кунем, фардо корамон хуб намешавад. Кӣ медонад чӣ рӯй медиҳад? Ҳастанд ашхосе, ки ба мундири инглисӣ миёни мардум ва ҳатто мансабдорон, равуо доранд. Намояндаи мо назди Абдураҳим додхоҳ рафта буд, то ки ба воситаи ӯ ба ин қувва кӯмак расонанд.

– Абдураҳим ҳанӯз аз хоб нахестааст, ба пидораш пои болшевикону ҷадидон ба ин сарзамин асло намерасад. Амир Олимхон ҳам сараввал чунин гумон дошт. Акнун мурғи посӯхтавори ба чорсӯ медавад…

– Акнун ба ман фарқ надорад. Барои пойдор намудани ҳокимияти амиру бек қадаме ба ҷое намемонам. Зиндагии орому тани сиҳат зарарам накардааст…

– Ҷеймс, – сар ба зер афканд Герберт, чашмони кабуди осмонияш дар ҳисори мижгонҳои хурмоӣ намуди ваҳшие гирифта буданд, ки дили ҳарифашро сӯрох мекард, вале Ҷеймс бо ҳамон тамкини азалӣ муқобилияти рӯҳонӣ мусоҳибашро рад мекард ва ҷавоби бамаврид медод, – Ту хоинӣ, ман ба рӯят мегӯям, ту нақшаи кашидаи ҳамватанонро барбод додӣ. Бе ту ҳам кори мо пеш меравад, – гуфт Герберт ва аз ҷой хест. – Ту дигар ба ман кордор нашав, ман ҳам ба ту кор намегирам…

Ҷеймс дар ҷавоби суханони Герберт чизе нагуфт, хасеро миёни лабонаш фишор дода, бо нигоҳ ӯро гуселонд, ки бо қадамҳои калон-калон пайроҳаро нишеб шуд. Ҳатто ба қафояш нигоҳ намекард. «Куҷо мерафта бошад?..»– бо тамасхур аз дил гузаронд. «Роҳи рафтаат шавад, аз омаданат не…»

Гуфтугӯи дурӯза ба ҷуз дарди сар дигар чизе набахшидаш. Аз ин рӯ дунболи ӯ нарафт, ки баргардонадаш. Чаро бо ин роҳ рафт, худ намедонист. Ҳавсалаву таҳлилу ташхиси ҳолати рӯҳонияшро надошт.

Герберт сабукрафтории хеш дар нимароҳ эҳсос кард.

Он вақте, ки дид Ҷеймс дунболи ӯ нест. Сухани ӯро то ин дам ҷиддӣ намедонист. Акнун ҳоҷат ба баргаштан набуд.

Аз рафтори бетаҳаммулонааш пушаймон буд, вале дигар илоҷ надошт. Мебоист супоришро иҷро кунад. Барои ин аз ҷониби мардум бояд, ки дастгирӣ бинад. Мардум бошад ӯро намешиносад, барои миёни онҳо роҳ ёфтан миёнрав лозим буд. Ҷеймс, ки дар ин бару гузар муқимӣ шуда яку дуро мешинохт, ҳамаи ин нақшаву ниятҳоро бемаънӣ ҳисобид. Акнун Герберти бечора буд. Ҳарчанд бо аз пояш омадани Ҷеймс дигар умед надошт, вале дар сояи харсанги сари роҳ нишаст. Чашм ба роҳ духт, Ҷеймс аз нияташ гашта буд. Герберт дарк кард, ки дигар аз ӯ бӯи умед нест. Ва ягона умед ба худ баст. Дар ин миён ҳиссиёте ба сараш зад, ки аз ҳама ин мақсаду маром дасту дил бишӯяд. Ва биравад ба зодгоҳаш Англия, то боқии умр ба бечорагии худ гузаронад. Вале ин кор ҳам ба гуфтан осон буд. Оё дар Англия ба ӯ чунин шароит медиҳанд? Намегӯянд, ки ба халқу кишварат хиёнат кардӣ? Англия Бухоро нест, ки дар ин шаҳраш гуноҳ кардӣ, дар шаҳри дигараш ба осудагӣ рӯз барӣ. Онҷо қонун ҳаст, назорат ҷиддист. Агар чунин намебуд, ҳаргиз пою қадамамон ба ин ҷойҳо намерасид...

«Инҷо биистам, наметавонам. Ҳар кас ба худ феълу хуе дорад. Ҷеймс Англияро ба ном шунидааст. Ӯ беватан аст. Аз ин рӯ меҳри Ватан ӯро ташвиш намедиҳад. Барои ӯ ҳама гӯшаву канори ин курраи арз Ватан аст... Агар ӯ медид, ки Англия чӣ қудрат дораду ними дунё таслимаш аст, шояд ба ин роҳ намерафт?.. Медонад, медонаду худро ба нодонӣ мезанад. Ва бо ҳамин шакли зиндагӣ, ки ин мардум дорад, қаноат карда ба хуи он меҳр бастааст. Афсӯс...

Герберт зонувонашро ба оғӯш гирифта манаҳашро ба дуқушаи он такя дод ва ба нуқтае бемуродона дида духт. Дигар андешае ба гирдгашти мафкурааш сайр намекард. Ором буд. Хастагӣ чашмони аз таъсири шароб сурхшудаашро дар паноҳи пилкҳо мегирифт, вале тан ба хоб додан нахост ва иродаашро сарҷамъ карда бархест. Пайроҳаи морпечи кӯҳӣ, ки қад-қади бардевори пуштаҳо тӯл мекашид назарногир метофт, чун роҳ мерафт эҳсос мекард

қадам задан аз пастиву фарозиҳо чӣ заҳмате дорад бар ӯ.

Ҳанӯз ҳам хоб аз чашмонаш напарида, қадаммонияш сусту коҳилона буд. Шилдирроси анҳор, ки аз болои пайроҳа ҷорӣ шуда роҳро бурида мегузашт, дар ӯ эҳсоси амиқи ҳайяҷонро бедор кард. Оби сарду софи чашма пайроҳаро бурида ба дараи амиқи сарсабз ҷорӣ мешуд. Герберт ҷелаку куртаашро аз тан кашида дар оби соф сару тан шуст ва ба кадуи дарункововоке, ки қариб ҳар мусофир дар ин сарзамин ба худ дошт аз об лаболаб кард. Ва бо рӯймоли миён сару гарданашро пок карда, дар рӯи санги лаби чашма нишаст.

Тирамоҳ даромада буд. Буттаву алафҳои атроф ранги заъфаронӣ ба бар карда, табиат умри мавсимӣ мегузаронд. Герберт дар тӯли умри хеш боре ба ин андоза худро танҳову заиф эҳсос накарда буд, ки имрӯз дар қайди он ба сар мебурд. Дар Ҳисор узлат нишастани Амирро шоҳид буд ва ҳар лаҳза он воқеа аз пеши назараш гузашта, хотираш парешон мекард.

«Инқилоб чӣ даҳшате овард ба сари ин мардум? Ҷурми бузурге содир намуд Амир Олимхон. Ба Россия такя кард, бехабар аз он ки моҳӣ аз сараш мепӯсад. Дар он вақт ба-мо инглисон, аз паси панҷа менигарист. Гумонаш Руссия Ҳокимияти ӯро аз ҳама офатҳо нигоҳ медорад. Чор шабонарӯз шаҳр дар иҳотаи ҷадидон монд. Ҳазорҳо одамон шаҳрро тарк гуфта ба музофот ва дигар гӯшаҳои дунё рафтанд. Як ҳафтаи том шаҳр дар коми оташ сӯхт. Хазинаи Амир куҷо шуд? Бойтарин хазинаи подшоҳони дунё хазинаи Амири Бухоро ҳисоб меёфт. Имрӯз он ба дасти болшевикон афтод. Амир ба воситаи даллолон Миллер ва Введенский як миқдор пулашро аз Бонки давлатии Руссия ба хориҷа интиқол дод, вале боқӣ он хазинаи тилло куҷо шуд? Ба дасти кӣ афтод? Амир як пули пучак ба даст оварда натавонист… – бо таассуф сар ҷунбонд Герберт, гӯё маблағи ба торочрафта моли шахсияш бошад, ки дуд аз ҷигар мебаровард. Борҳо гуфтам, ки аз ҳисоби инглисони пинҳонкор ва шогирдони гӯли мадраса дастае созмон диҳем, то ки он рӯзҳои нооромм

инқилоб хазинаро ба даст биорем, розӣ нашуданд.

Акнун ҷуз таассуф хӯрдан чорае нест? Даллолон Амирро боб мекунанд. Агар ман ҳам, ки мебудам чунин мекардам.

Тангаеро барои ободонии шаҳр сарф накард… Агар обод низ мекард, ҳама месӯхт. Чӣ қадар қасрҳо, бозорҳо, анборҳо ба коми оташ фурӯ рафтанд… Танҳо дар Душанбе ақлаш ба сар омад ва ба номи Ҷорҷи V, подшоҳи Британияи Кабир нома фиристод, то ки ба ӯ кӯмаки низомӣ бирасонад… Алҳол аз шоҳ ҷавобе нест, вале мусаллам аст, ки ба тахт нишондани Амири бахтбаргашта ҷиҳати пиёда гардондани сиёсати Англия мусоидат хоҳад кард. Ва ин лухтаки хоболудро ҳарчӣ метавонем истифода барем. Он гоҳ ҳама ин конҳои тилло ба даст медарояд.

Герберт ба кулмаки бари санг дида дӯхт, ки оби орому аз ҳаракат мондаро ҷомаи сабзи ғук пӯшида буд, чеҳраи коҳида, сари сафед, риши мошу биринҷашро дар қаъри об диду оҳ кашид.

Ними умрашро дур аз диёр, дар ин сарзамини бегона ба умеду орзу сипарӣ кард. На зан гирифту на хонаеро обод намуд. Понздаҳсола буд, ки баҳри пайдо намудани ризқу рӯзӣ ба ин ҷониб рахти сафар баст. Инак умраш ба шаст дакка мезанад. Ҳанӯз дар банди орзуҳост, ҳамон орзуҳое, ки дар дилаш андохтанд ва ӯро ба ин варта тела доданд. Бори дигар суханони Ҷеймс таъсираш кард, вале ғуруру нописандӣ намегузошт ҳарфи ӯро ҷиддӣ қабул кунад. Ба ҳар ҳол Ҷеймс ин чизро дарк карда буд, орзуву умедҳое ки чун сароб фиребаш медоданд дар ӯ маҳв шуданд. Ҳоло бошад он гиребонгири Герберт аст, вале ӯ ҳанӯз ҳам ба он боварӣ дорад ва ғуломи ақидаҳои хеш аст, ки бо талқини як зумра ашхоси дунёхоҳ ӯро ба ин ҷода овардааст.

«Сабр кун, саросема нашав, рӯзе мерасад, ки болои даст мегардӣ. Фақат ҳоло тоқат бикун, заҳмат ҳам бошад аз роҳат нагард», – мегуфтанд онҳое, ки дар чеҳраи ӯ нишони малулиро медиданд. Ҷеймс сар нафаровард, роҳи худро интихоб намуд, шояд насиҳатгару роҳбаладе медошт, чунин намекард. Ва умрашро аз паи орзуҳои бесару нуг зоеъ ме-

намуд.

Герберт аз ин пеш ҳам дилхунук шуда буд, вале бо талқини орзу сардиро аз дили ӯ рафъ намуданд. Он вақт понздаҳ сол дошт ва қадам ба шонздаҳ мегузошт. Рӯзҳои охирини фасли баҳор гарм омад. Герберт чун дигар аскарони даста дар мавзеи манзилкардаашон, дар гирди оташи гулхан нишаста ба суҳбати сипоҳиёни рӯзгордида гӯш медод. Сипоҳиён аз дидаву шунидаҳояшон ҳикоятҳои аҷоибу ғароиб нақл мекарданд. Шунидани чунин ҳикоят ба ҳар як шунаванда мақбул меомад, аз ин рӯ Герберт гушу ҳуш шуда, чашм аз ноқил намеканд. Аммо садои имдодхоҳонае, ки бо забони дарӣ баланд шуд, риштаи ҳикоятро гусаст. Герберт чун дигарон аз ҷой бархост ва оҳиста-оҳиста ҷониби овоз гом кашид. Капитан Буртон бонги хатар зада ҳамаро ба по хезонд.

– Чӣ гап? – марди қоқинаи ба обу арақ таршудаеро, ки роҳи пурпечи оҳугузари кӯҳӣ басо заҳматаш дода буд, назди гулхан оварданд.

– Ҷаноб, ба мо роҳзанон ҳуҷум карданд, ҳама чизамонро гирифтанд. Ман ин тараф гурехтам.

– Шумо кистед? – чашм аз рӯи чукидаи имдодҷӯ наканда пурсид Буртон.

– Ман як хизматгори оддиям. Ҳамроҳи хоҷаам Назмиддин ва ду савдогари дигар аз Бухоро ҷониби Ҳинд равон будем.

– Ба чӣ хотир? – пурсид Буртон ва Герберт чун одат дарҳол суоли ӯро барои мусоҳибаш тарҷума кард.

– Колои харидаамонро дар Ҳиндустон фурӯхта аз он ҷо маводи барои Самарқанду Бухоро камёб харид мекардем.

– Бори шумо аз чӣ иборат буд?

– Се хачири пурбор аз зару зевар, ки уштур ба бардоштани ин миқдор бор оҷизӣ мекашад. Чизеро нагузоштанд, ҳамаро бурданд. Ҷанобон, илтиҷо мекунам, ба мо кӯмак кунед…

Дар лабони Буртон табассум дамид ва ба сипоҳиёнаш рӯ овард:

«Дидед, хизматгор чӣ гуна мешавад. Ба ин бечора аз он

зару сим мерасад ё не, вале аз ғорат шудани он хун мегиряд». Сипас капитан Буртон Герберт ва як нафари дигарро ҳамроҳ гирифта ба самти нишондодаи хизматгори хоҷа асп ронд. То ба қаъри дара расидан вақти зиёде лозим шуд, ки онро бо заҳмату ташвиши беш паси сар кардан лозим омад. Дуздону роҳзанон, асосан, дар чунин мавзеҳои дастнорас паноҳ бурда, чун гурбаҳои ваҳшӣ роҳи омади сайд мепоянд. Ҳамин, ки мусофири сарватмандеро диданд ба сараш мебароранд чун барфи зимистон. Болояшон мебароянду ба чор сӯ меронандаш. Ба дара фаромадан баробар нолиши имдодхоҳона ба гӯш расид. Сипоҳиён аз аспҳояшон фаромада оҳиста-оҳиста ба самти садо равона шуданд. Дар обурдаи васеъ, ки аз самти сӯрохи он гулхан намоён буд, чор тан ба шикам дароз кашида нолиш мекарданд ва барги бедвори аз тарс меларзиданд. Аммо дар ду тарафи гулхан чанд нафари дигар ба ҳам занозанӣ доштанд. Садои онҳо баръало ба гӯш мерасид, ки якдигарро дашном медоданд.

«Насибат намекунад, ҳоло ки сарат аз тан ҷудо накардаам аз наздам гум шав».

«Гулсаид, мепиндорӣ, ки ман мурдаам. Боз сари ту ҷудо нашавад»?!

«Мебинем, кӣ киро мекушад», «Кисабури Худозада…»

«Ман дузду ту фаришта, дӯсти Худо, Мурғи курки туро…»

Онҳо ба ҳам дарафтода, кӯшиш доштанд, ки пӯсти якдигарро бидаранд ва зару зевари ғораткардаашонро касе, ки ғолиб омад соҳиб шавад. Онҳо ин дам дар ғафлат монданд. Надонистанд, чӣ гуна се тан инглиси сар то по мусаллаҳ болои сарашон пайдо шуд чун балои осмонӣ. Дуздон дар ин лаҳза сару калобаашонро гум карда, надонистанд чӣ кор кунанд. Чун диданд муқобилашон душмани дигар, зуд ба ҳам омаданд ва муқобили инглисони мусаллаҳ даст боло карданд, вале кӯшишашон бефоида баромад. Ва ноилоҷ ба гуфтушунид розӣ шуданд.

– Марҳамат гиред, ин зару сим аз шумо, фақат монед, ки ҷон ба саломат барем, – гуфт яке аз роҳзанон.

– Шумо киро ғорат кардед? – бо қаҳр гуфт Буртон ва

Герберт бо ҳамон оҳанг ӯро тарҷума кард.

– Хато кардем, Худо моро зад ҷаноб, тараҳҳум кунед, – ба золӣ даромаданд роҳзанон. Буртон хурҷини ҷавоҳиротро бардошту ҳамроҳи шариконаш ба роҳи омадаашон бозгаштанд. Вале ҳанӯз аз дара набаромада фикре ба сараш зад, ки алъон вақти рафтан нест. Роҳзанон метавонанд дар ин ҳолат ба мувофиқа оянд ва ба ӯ ҳуҷум кунанд. Ба шариконаш фармуд, ки то сапедадам дар оббурдаи торике канортар аз пайроҳа паноҳ бурда, субҳ ба маконашон баргарданд. Чун субҳ дамид Буртон дарк кард, ки роҳзанон ба ӯ танҳо чоряк ҳиссаи ҷавоҳиротро дода, боқӣ ҳамаро аз худ кардаанд. Қаҳраш омад ва ба таи дил роҳзанони беимонро дашном дода ба шариконаш фармуд, ки барои дастгир кардани онҳо меравданд. Вале ғайричашмдошти эшон роҳзанон гӯё огоҳ шуда ҳама ҷавоҳиротро пешкаши Буртон намуда узр пеш оварданд.

Пас аз як ҳафта дар мавзеи маконкардаи онҳо савдогарони бахтбаргаштаи бухороӣ пайдо шуданд. Буртон онҳоро ба хаймаи саҳроии хеш хонда чун одати шарқиён таом фармуд ва арзашро гӯш кард.

– Ҷаноби Буртон, – ба гап даромад бузургтари эшон. Мо ҳарсе ҷабрдидагон солҳост, ки ба ин роҳ рафтуомад дорем. Бо ин роҳ бобову бобокалонҳои мо равуо доштанд. Барои мо тоҷирӣ пешаи бобогист, ҳам барои ман, исмам Назмиддин ва ҳам барои Шукуралӣ ва ҳам барои Ғуломмаҳмуд, – шариконашро нишон дод Назмиддин. – Сара дар ҳамин кор сафед кардем. Пешаи мо осон нест. Ҳар лаҳза офате ба сарамон омаданаш мумкин, вале хуе, ки ба хун омад, ба ҷон мерафтааст. Гоҳо бурд мекунему гоҳо лаби ноне намеёбем, ки рӯз гузаронем.

– Чӣ гуна ба дасти роҳзанон афтодед? – ба тафсилоти суханронии эшон маҳтал нашуда пурсон шуд Буртон.

– Чун одат роҳи бехавфро интихоб карда равон будем, ки ба мо ҳуҷум карданд. Бору бунамонро бардоштанду худамонро ронданд. Ҳама борамон иборат аз зару зевар ва ҷавоҳироти қимматбаҳо буд.

– Аз куҷо ёфтед ин миқдор зару зеварро?

– Аз деҳқонони Қубодиёнӣ харидем.

– Деҳқонони Қубодиёнӣ ин миқдор зару симро аз куҷо гирифтаанд?

– Дар рӯ ба рӯи Қундуз дар он тарафи рӯди Омӯ шаҳри вайронае мавҷуд аст, ки тахти Қубодаш меноманд. Аёми обхезӣ шаҳр қисман зери об мемонд, чун дарё камоб шуд соҳил, аз он ҷумла шаҳри вайрона, намоён мегардад. Он гоҳ пиру барнои ин макон ба хотири ба даст овардани ҷавоҳирот ба онҷо меоянд. Бо пули доштаамон ҳарчи тавонистем харидем, то ки ба Ҳиндустон бурда фурӯшем. Онҷо инглисон ба чунин ашё, ки заргарон заҳмати дандоншикан кардаанд, баҳои баланд медиҳанд. Дар мо бошад ин арзише надорад…

– Аз дидбонгоҳҳо тарс надоштед?

– Аз гунҷишк, ки тарсӣ арзан накор,- гуфтаанд. Моро метарсонданд, ки шайх Абдураҳим, ки ин шабу рӯз дар Қундуз манзил гузидааст, роҳҳоро баста ҳаркиро ба даст афтонд, яроқу аслиҳа дода ба шумори сипоҳаш медарорад. Вале шайх ба мо кордор нашуд. Ин ҷо бошад, роҳзанон моро ба ин ҳол овrouteданд.

– Ин ашёро ба ин шакл кӣ сохта бошад? – ба дастпонаи тиллогин, ки ду сари бузи кӯҳӣ рӯ ба рӯ тасвир ёфта буд, ишора кард Буртон.

– Ба гуфти мӯйсафедони Қубодиёнӣ ҳама ин осор аз даврони Искандари Зулқарнай мондааст…

– Бадавлат будаед, ки ин миқдор ҷавоҳиротро харид карда тавонистед? – бо табассуми сохта ба рӯи Назмиддин рӯ овард Буртон.

– Аз куҷо? Ба он андозае, ки шумо мепиндоред бой нестем. Чор тангае, ки дорем бо сад азоб ба даст меорем. Ҷон бар кафи даст, хавфу хатарро паси сар карда аз Хива ва ё Самарқанд бор гирифта ба Ҳинд меравем ва ё аз он ҷо ба ин ҷо меорем… шукри Худо бечиз нестем, нонмона ёфта мехӯрем. Дар ин дунё ҳар ки наҷунбад, ҳаракат накунад, рӯз намебинад. Дар Бухоро масале миёни ҳунармандон машҳур аст:

«Ду қурбоқа ба хуми шир меафтад. Яке тан ба мурдан

медиҳад, меандешад, ки дигар аз хуми пуршир баромадан ҳеҷ имкон надорад. Қурбоқаи дуюм ҳаракат мекунад, то ки ҷон ба саломат барад. Тавассути талоши ӯ шир сахт шуда ҷурғот мебандад ва ниҳоят болои ҷурғот баромада аз марг раҳо мешавад». Зиндагӣ низ ба масал ҳамин хел аст…

– Хуш, чӣ арз доред? – ба Назмиддин рӯ овард Буртон.

– Агар тараҳҳум карда аз ҷаҳор се ҳиссаи ҷавоҳиротро ба мо бубахшед, дар ду дунё аз шумо розӣ мебудем…

Миёни эшон хомӯшӣ ба амал омад. Буртон бо таҳаммул сар ба мутакои дастон дода ба хурҷини пур аз ҷавоҳир дида духт, ки дастпонаи зарҳалини пурнақшу нигор аз даҳони визи ӯ намоён буд. Назмиддини ҷаҳонгаштаву рамузфаҳм аз нигоҳи Буртон маънӣ бардошта дастпонаро аз хурҷин бароварда пешкаши капитан кард.

– Ҷаноби капитан, ин ҷавоҳири камарзишро чун нишони эҳтиром қабул фармоед…

Гербертро баъд аз чанде роҳзанон асир гирифта тазйиқ доданд, ки боиси дилхунукиаш шуд. Қасам хӯрд, ки баъди раҳо шудан аз банди онҳо фирор мекунад ва меравад ба Англия, вале Буртон орзуву умедро дар вуҷуди ӯ бедор намуда ба Бухоро фиристодаш, ки шунидани номи ин шаҳри овозадор ҳамеша дар вуҷудаш эҳсосоти амиқеро боқӣ мегузошт ва ҳаваси диданашро дар дил мепарварид.

Дар хусуси он ганҷ баъдтар шунид, ки онро чун «Ганҷинаи Амударё»дар музеи шоҳӣ дар Лондон барои тамошо гузоштаанд. Чӣ гуна ба Лондон афтодани он ганҷ барояш муаммо буд, ки ҳаргоҳ баъд аз шунидани ин хабар, ба худ савол медоду ҷавобе намеёфт.

Аз он дар тааҷҷуб буд, ки мардуми ин кишвар бо вуҷуди доштани ин гуна фарҳангу маданияти бой дар вартаи ҳалокат қарор дорад. Ва аз чор сӯ кишварҳои хурду бузург ширaи онро макидан мехоҳанд.

Халқҳои мутамаддин баҳри инкишофу тараққиёти кишвараш ҷадал доранд ва бо ҳар роҳу восита мекӯшанд мардумаш соҳиби фарҳангу илм ва дониш бошад. Дар ин сарзамин ба ин чиз аҳамияте намедиҳанд. Герберт аз он дар

тааҷҷуб буд, ки Ҷеймс барин шахс, ки фарзанди миллати инглис аст, ифтихор аз халқу кишвари худ надорад. Ӯро муҳит ба чунин ҳолат овардааст. Кӣ будани худро фаромӯш кардааст. Чизе ӯро ба ташвиш намеорад. Ягон рӯйдод ба ӯ таъсир надорад. Гӯё дар дунё воқеае нашуда бошад. Дар ин маврид якбора навмедиаш фаро гирифт, зеро ӯ барои худ кореро ба анҷом нарасонда буд, зиндагии дунявӣ ва шаҳвонӣ, ки ба хуну пӯсти ҳар як инсони асил реша давонда буд, дар ӯ вуҷуд надошт ва бидуни он ки ба он эҳсосот тааллуқ дошта бошад, рӯз бурда буд. Эҳсосоташ дар паи андешаҳои бесару нуг, ки ҳамватанонаш дар замираш ҷой карда буданд маҳв шуда, кунун чун ахгаре зери хокистари гарм месӯхт. Аммо шарм медошт, балки аз таънаи Ҷеймс ҳарос дошт, ки дигар кардани шеваи кор ба сараш оварда метавонист. Саволе гирди сараш чарх мезад ба сони парастуи тозабаҳор ва эҳсосоти гармеро дар рагу паяш нақл мекард. Қулфи хомӯширо мешикаст. «Ҳама ин талошҳояш барои чист? Ва аз барои кист? Кӣ меросхӯри ӯ мешавад? Оё шахсияте ҳаст, ки ҷони хеш барои ӯ нисор кунад?».. Ин саволҳо ҳар гоҳ дар ӯ радду бадал мешавад. Вале ба андозае ин дам мушавваш шуд, ки дигар дар ӯ ҳеҷ гоҳе чунин ҳолат рӯй надода буд.

Рӯз ба поён мерасид, аммо ӯ ҳанӯз ҳам дар банди хиёлоти печидаву ғашовар монда, андешае намекард биравад дунболи кори хеш. Вақте, ки тирагӣ ба нури чашмаш ғолиб омад, ба самти лағжиши Офтоб дида бидухт, чашмаш шаб зад, пеши пояш назар намуд ва бархост дунболи пайроҳаи печида, ки дар миёни ин пуштаҳои душ ба душу хаста, ки ранги беморгуни заъфаронӣ гирифта буд, гом кашид. Бо вуҷуди он ки қадам мемонду пеш мерафт, алъон ба хулосаи амиқ наомада буд, ки ба куҷо меравад, ҷои рафтанаш муайян накарда буд. Пайроҳаро боло шуда, сари баландӣ қарор гирифт. Аз сари қулла ба пастиву фарозиҳо, ҳамвориву дараҳои жарф ва пайвандгоҳи талу теппаҳо назари муҳаққиқона духт. Дар китфи чапи пайвандгоҳи ду теппаи азим, дар доманкӯҳ чанд кулбаяки пасту баланд ба назар мерасид, ки хоначаҳои кӯдаконаро ба хотир меовард, ки

бачаҳо вақти бозӣ аз гил месозанд. Аз шафати кулбаи аз ҳама баланд роҳи сабз тӯл кашида ба дашти таҳи ин дараи амиқ роҳ меёбад, ки аз қаъри он сангу рег ба ҳам омада, тарҳи дараро тира намуда буданд. Дар канори дара ҳарҷо-ҳарҷо чун дастархони поргӣ заминҳои ҳосилхези деҳқонон ба назар мерасид, ки тирамоҳ ранги заъфаронаш дода буд. Ҳарчанд рӯз ба коми шаб мерафт, ба тарҳи заминҳои зарандуди деҳқонон нигоҳ афканд, то кишоварзе онҷо бубинад ва ба он самт раҳсипор шавад. Арз кунад, ки мусофир асту барои шабгузаронӣ ба ӯ сарпаноҳ диҳанд. Ҳарчанд менигарист, касеро намедид, деворҳои баланди ду ҷониби дара, ки деҳа онро ба ҳам пайваста буд, рӯшаниро ба чашми ҳар муҳаққиқи осемасар дар чунин як лаҳзаи радду бадалшавии рӯзу шаб мебаст. Муродаш ҳосил нашуд. Ва пеши худ вазифа гузошт, ки рост ба деҳ раҳсипор мегардад.

Шом торик мешуд, ки кулбаҳояш ба назар кучак метофт ва ин баёнгари он буд, ки то ба онҷо расидан раҳи каму ғам нест. Аз ин рӯ, маҳтали рӯз шудан ва ё андешаи амиқ кардан лозим набуд. Фурсатро ғанимат дониста, мебояд ба роҳ барояд.

Пайроҳа сари баландии чашмрас гум мешуд. Ва аз хамӣ ба чор тараф пайроҳаҳои якрангу печида ибтидо мегирифт, ки яке аз онҳоро то инҷониб қадам зада буд. Герберт ба пайроҳае, ки ҷониби деҳаи назаррас тӯл мекашид, равон шуд.

Шом тадриҷан ба торикӣ мепечид. Шафақро, ки чун қоғази нимсӯхта метобид, ин дам сояи мӯи мушкини шаб пӯшид.

Герберт вақте ба деҳа расид, ки муаззин азони намози хуфтанро медод. Ин дам сагони деҳ ба ҷаккиш омаданд. Ва қад-қади кӯчаҳои каҷу килеби деҳа болову поён медавиданду ба соҳибони бепарвои хеш хабар доданӣ буданд, ки ба хоки онҳо қадами одами бегона расидааст.

– Чӣ гап бошад? – баъд аз намоз ба намозгузорони дигар рӯ овард имом. Ҳама ба ҳайрат ба рӯи якдигар менигаристанд. Ва ба чӣ воқеа сабаб будани саволи имомро аз якдигар донистан мехостанд. Имом дарк кард, ки саво-

лаш боиси ҳайрату тааҷҷуби намозгузорон шуд ва худ ба шарҳи пиндораш пардохт:

– Ҳайвонҳо пеш аз ҳама аз ҳодисоту офати оянда бохабар мешаванд. Ҷакиши сагони деҳа чӣ сабаб дошта бошад?

– Ягон гӯсфанд ва ё бузи шабмондаро ёфтагистанд, – бепарвоёна посух дод марди ришдарози хароб, ки зонувонашро оғӯш карда дар пойгаҳи дар менишаст.

– Гӯсфанду буз сагонро ин қадар безобита намекунад, – боз ба гап даромад имом. Замона нотинҷ аст. Мо инҷо қарор дорему дар Бухоро мусулмонон рӯз надоранд. Амир дар Ҳисори Шодмон фирорӣ аст…

Садои ҷакиши сагон якбора баландтар шуд. Ҳама ба сагалғов гӯш фаро дода лаб фурӯ бастанд. Ин дам шарфаи помонӣ аз паси дар баланд гардид. Чашмҳо ба дар дӯхта шуданд, вақте, ки он ғиҷирросзанон кушода шуд ва аз дар Герберти хиҷолатманд даромад, тааҷҷуби ҳозирон аз дидани одами ношинос якбора афзуд. Герберт ба нишастагон салом доду дар пойгаҳи дар рост шуд. Ва бе он ки саволеро интизор шавад ба шарҳи ҳоли хеш оғозид.

– Ман мусофирам, аз Бухоро меоям. Хазлаат равона будам, шабмонда шудам.

– Хуш омадед, марҳамат аз боло гузаред! – ба Герберт муроҷиат кард имом. Герберт ба ҷои нишондодаи имом нишаста, аз як сар ба нишастагон зеҳн монд. Марди ришдарози лоғар, ки дар пойгаҳи дар менишаст, ба марди ҳамшафаташ пичиросзанон бо тамасхур гӯшакӣ кард. «Ҷакиши сагонро шунида имом хиёл кард, ки дунё чаппа мешавад». Рафтори ӯ ба имом хуш наомад. Вале сир бой надод ва диққати ҳамаро ба меҳмон ҷалб намуд.

– Бухоро дар чӣ ҳол аст?

– Бухоро сӯхт, – кӯтоҳ ҷавоб дод Герберт ва ба рӯи ҳозирон зеҳн монд, ки ба эшон чӣ таъсир мерасонад ин сухани воҳимаангез.

– Мардум куҷо рафтанд?

– Ба чор сӯ парешон шуданд…

– Вой ба ҳоли мардум, вақте ки шоҳаш ҳоли зоре дорад, – гуфт имом.

– Худованд барои санҷиши иродаи бандагонаш ҳар гоҳ-ҳар гоҳ мушкилоте мефиристад, то ки бубинад эшон чӣ садоқате доранд ба он зоти пок. Ин офате, ки имрӯз ба сари бухороиён омадааст, имтиҳон аст. Аммо мардуми зиёде фирефтаи муваффақиятҳои муваққатии болшевикон шуда, иродаи хеш аз даст додаанд.

– Ҷадидон ҳам дар ин кор саҳм доранд?

– Дунёро ҳамонҳо вайрон карданд…

– Хушбахтона, миёни мо нестанд.

– Аз дасти онҳо гурехта ба ин тарафҳо омадем, дар ин ҷо ки бошанд, куҷо меравем?

– Натарс, дар ин диёр ба онҳо ҷой нест.

– Кӣ гуфт нест? – тасбеҳи Ашки марямашро тез-тез гардонда бо ҳамон тарзе, ҳарифаш сухан гуфта буд, пурсон шуд:

– Онҷо ки рафт, мебинад.

– Гапро ки кушодӣ бигӯй кист?.. Ё ту ҳам ҷадид ҳастӣ, ки шахсияти он худобехабарро ниҳон медорӣ?

– Худо нишон надиҳад, шумо чӣ гуфта истодаед? Ман дар хуни ҷадидон ташнаам.

– Набошад чаро намегӯӣ, ки кист?

– Рости гап номашро намедонам, лекин медонам, ки дар Бухоро хондааст. Бо ҷадидони машҳур шину хез доштааст.

– Ӯро бо чашмат дидаӣ?

– На танҳо дидам, балки суханони ӯро бо ду гӯшам шунидам…

– Аз куҷо донистӣ, ки ҷадид аст?

– Одамон гуфтанд. Ӯ Амир Олимхонро наҳ зад…

– Аҷиб… Одамон ҷадид буданашро медонистанду чизе намегуфтанд?

– Мегуфтанд, лекин дар пушташ…

– Ман мешудам он кофири арвоҳзадаро боб мекардам, – бо таассуф сар ҷунбонд имом.

– Мисли шумо даст ба сина мезадагиҳоро бисёр дидаам, ӯро эшони Сайид Аъзами Фирӯз дар паноҳи худ гирифтааст. Ҳад дорад касе ба сӯяш чашм сафед кунад?

– Ҳа-а-а… – имом сар пеш афканда донаҳои

мусҳафашро аз аввала тезтар гардондан гирифт. Герберт тағйири авзои имомро дида, дарк кард, ки дар ин қаламрав сайидзодаҳо аз ҳокимон болотаранд. Имом баъд аз чанде сар боло карда ба мусоҳибаш рӯ овард:

– Ҳазрат суханони ӯро гӯш мекарданд?

– Натанҳо гӯш мекарданд, балки ба тақвияти суханонаш мисолҳо меоварданд.

– Моҳӣ аз сараш мепӯсад, – гуфт кадоме.

– Дунё аз дасти муллову эшон вайрон шудааст, – гуфт ришдарози хароб.

Имом хост дар ҷавоби ин сухани заҳромези ӯ суханони қоғазпеч гуфта дил холӣ кунад, вале дар ҳузури меҳмон ин чизро аз рӯи одоб надонист.

– Ман нияти зиёрати эшонро доштам, – гуфт Герберт.

– Эшон, дар азизгиҳош ҷонум, одами бузурганд, – гуфт имом. Кайҳо боз зиёраташ нарафтем…

– Ҷадидонро дар ҳақиқат ҷонибдорӣ мекарда бошанд?

– Бори аввал мешунавам. Кӣ медонад? Худо худаш надонад, мо бандаҳо, як соат пас чӣ рӯй медиҳад, намедонем.

– Рост… – ӯро тасдиқ кард Герберт.

Ин лаҳза дар даст лаъливу дастархон писарбачае даромад. Хароби ришдароз дастархонро аз дасти ӯ гирифта паҳн кард. Аз кӯза дуғоб рехт ба пиёлаҳо ва меҳмонро муроот кард ба хӯрданиҳо.

Герберт шабро дар масҷид рӯз карду субҳ бо азони муаззин бедор шуда, таҳорат кард ва намоз гузорид. Ва бо дуои имому дигар намозгузорони деҳ ба роҳ баромад.

Рӯзи дигар Усто Насим ба дидорбинии меҳмони «Бухороӣ», ба манзили Ҷеймс омад. Аммо меҳмон нанамуд. Ҷеймс дар чиллахонаи хеш нишаста саргарми тоату ибодат буд.

– Меҳмон рафт?

– Бале…

– Нияти рафтан надошт-ку?

Ҷеймс гӯё саволи ӯро нашунида бошад, чашм ба нуқтае дӯхта, сарафкандаву хомӯш буд. Намедонист чӣ бигӯяд. Музтар монд. Ҳаргиз интизор набуд чунин са-

волро. Ба гӯшаи хиёлаш намеомад, ки инро аз ӯ мепурсанд. Боз кӣ? Усто Насим.

– Ё нафоридаш обу ҳавои мо?

Ҷеймс китф дар ҳам кашид. Усто Насим аз хомӯшии асрорангези Ҷеймс ба таври худ маънӣ бардошт. «Чӣ гапе шудааст миёнашон? Сир бой намедиҳад. Қаҳр карда рафтагист? Рӯзи аввал, ки рӯ ба рӯ омаданд, авзояшон беҷо буд. Агар хуш қабулаш мекард, ду-се касро даъват менамуд дар гирдаш».

Усто Насим дар ин мавзӯъ ҳарф заданро низ аз доираи одоб берун донист. Хомӯширо пеша кард. Интизор шуд, ки Ҷеймс чӣ мегӯяд. Баъд аз интизориҳои зиёд ниҳоят забон ба гуфтор кушод Ҷеймс.

– Фардо ният дорам Хазлаат биравам.

– Хазлаат?

– Эшонро бубинам, хубу ганда авлод аст. Муродҷонро низ пазмон шудам.

– Рафтанӣ бошед, якҷоя меравем.

– Ҳазрати шайх ба онҷо рафтанд. Овозаи эшонро шунида азм карданд, ки дуояшонро бигиранд.

– Дарахт аз об сабз мешавад, одам аз дуо.

Усто Насим инро гуфту бархост ва азми рафтан кард.

– Куҷо шитоб доред?

– Омада будам, ки бо шайх нишаста, аз файзи суханаш баҳра бардорам.

– Мо чӣ гуноҳ кардем, ки наменишинӣ?

Усто Насим хандаи маснуе карду сар ҷунбонд. Ва ба сари китфи чап рӯ овард, ба Ҷеймс.

– Ҳама корро нима монда омадам. Фардо ба дидори эшон, ки равем, онро кӣ мекунад?

– Пасфардо мекунед...

– Кӣ медонад онҷо чанд рӯз меистем?

– Ба солу моҳ намеистем, зӯр биистем як ё ду рӯз меистем.

– Эшона намедонед, биист бигӯяд, чӣ мегӯем? Гапи ӯро не гуфта мешавад?

– Кор ки дошта бошӣ, майлаш аз корат намон. Ҳазл кардам... – худроислоҳ кард Ҷеймс.

Усто Насим вақти таъиншуда омад, савори хар, почаҳои хурҷин сум задагӣ.

– Холӣ мерафтем, роҳ намедод?

– Эшон зори чизи мо нест. Имрӯзҳо садҳо кас пешаш омада чизе меоранд.

– Ба эшон меоранд, ба мову ту чӣ? Иқбол доранд. Сад не, ҳазор кас хонаи мову шумо биоянд, ду даст дар бинӣ меоянд.

– Мову шумо кистем? Дар сад сол ба эшон баробар намешавем…

– Ман ҳам сайидзодаам, лекин даъво карда нуфузамро баланд намекунам.

– Ба хонда хату савод баровардан ҳеҷ кас сайидзода намешавад. Сайидзодагӣ ба авлод аст.

– Мо чӣ гуфтем? Мо ҳам ифтихор аз авлод дорем, на аз хату савод.

Сӯҳбати эшон сари ин мавзӯъ тӯли роҳ низ идома ёфт, вале Усто Насим ба ин даъвои Ҷеймс бовар надошт. Ӯ ба суханони Мурод эътимод дошт, ҳарчанд аҳли ҷомеа имрӯз хилофи ин азму рафтори ҷигарбандаш буданд. Ӯ низ аз рӯи табиат ва одате, ки тӯли умри дароз дар хуну пусташ реша давонда буд, рафтори Муродро мақбул намедонист, вале меҳри фарзандӣ намегузошт фикру андешаи ӯро бо назари сатҳӣ паси сар кунад. Суханони Мурод, ки аввал пардаи гӯшро ба ларзиш оварда ба торҳои асабаш нохун мезад аз лавҳи хотираш мегузошт ва ӯро ба андеша водор мекард. Ӯ ба моҳияти мубоarchitectures ҷадидон камо беш сарфаҳм рафт, вале ба забон намеовард пеши касе, ҳама гуфтору муҳокимарониҳояш сари иа мавзӯъ ба таи дил буд. Эътиқоди қалбие, ки нисбати Ҷеймс дошт, кунун коҳиш ёфта, вале чун одат ва таҳаммули ирсияш сирро аз замираш берун намекард. Ҳар касе, ки ӯро мешинохт ин хислаташро тавсиф мекард, вале бедаҳониву пукии Муродро дида ангушти таҳайюр мегазиданд, ки чӣ гуна аз пушти ин падар бошад, ки гап дар дилаш намеистад.

Роҳи эшон аз дараҳои сердарахту кӯҳталҳои урён идома меёфт. Насими сарде мевазид. Баргҳои зарди дарахтон ба

таъсири бод дошт надода аз пайванди хеш ҷудо шуда, фосила ба фосила дар ҳаво чарх зада, сипас рӯи ғарамҳои хазон, ки зери дарахтон зам шуда буд, мерехтанд. Даста-даста калоғони сиёҳ аз як гӯшаи осмон парвозкунон байни ҳам баҳсеро ба арши аъло расониданӣ буданд. Миёни роҳиён ҳарфе раду бадал намешуд. Хомӯшу сарафканда, савори маркабҳои худ мерафтанд. Чунон саргарми андешаҳояшон буданд, ки ҳамҳамаю ҷанҷоли калоғони ташнаи сармо ба гӯшҳошон намерасид. Ва ё мерасиду ба он диққат намедоданд.

Ҷеймс дар асл ҳаргиз дили омадан надошт, вале дар омади гап ин «таманно»-ро аз даҳон баровarду дар балои Усто Насим монд. Ҳарчанд дилаш аз эшон хунук шуда буд, вале, бо душманон мадоро,- гуфта, бо баҳонаи зиёрат, ӯ ба сафар омода шуд.

Рӯзи дигар баъд аз пешин ба кулбаи эшон расиданд. Харҳояшон дар оғил баста вориди хона шуданд. Эшони Сайид Аъзами Фирӯз пушт ба мурӣ нишаста, дар рушании чироғ мутолиа дошт.

Баробари овоз рушан карда дар пойгаҳи дар пайдо шудани меҳмонон хонтахтаро пӯшида ба пешвози эшон аз ҷой хест. Ва дар рӯ ба рӯи хеш курпачаҳои якандозро нишон дод, ки нишинанд.

– Магар шайхи бухороӣ ин ҷо наомадаанд? – суол кард Усто Насим аз эшон баъд аз ҳолу аҳволпурсӣ.

– Ҳамин пагоҳӣ ҳамроҳи Муродҷон ба шикор баромаданд.

– Дар ҷои мо ҳам як шаб истод, – гуфт Усто Насим.

– Шайхи бухороӣ писандам афтод, кайҳо боз бо чунин шахсияти бузург сӯҳбат накарда будам.

Ҷеймс аз ин баҳои эшон, ки ба фаросату донишмандияш қоил буд, дар дил тамасхур кард ва бо ҳавобаландӣ ба эшон рӯ овард:

– Ана ҳамон шайхи бузург амаки ман аст, – гуфт ва дар лабонаш табассуми маснӯъ дамид.

Эшон ба рӯи Ҷеймс нигоҳи кунҷковонае афканду зуд ба дигар сӯ рӯ овард, ба рӯи дидагони мутафаккираш абрувo-

ни ғафсу сиёҳаш бор андохт. Ҳанӯз кайфияти сӯҳбат бо Герберт, ки ду шабу ду рӯз аз он нашъа бардошта буд рафъ нагашта, якбора дар осмони хаёлоташ калоғони сиёҳ бол заданд. Ва гумонҳои мағшуш пеши рӯш омаданд.

– Амаки аслият ё?.. – суол кард Эшон аз Ҷеймс.

– Амаки ҳақиқиям, додари падарам, – бо ҳамон оҳанги пешина ҷавоб дод Ҷеймс.

– Ҳм.. – лабон бо ҳам фишӯрда сар ҷунбонд. Чизе ба хотираш задагивори бо нишони тасдиқ сар ҷунбонд.

«Ӯ бори аввал чун ба ин сарзамин по ниҳод, худро балҷувонӣ гуфт ва аз яккаву танҳо будани падари раҳматияш ҳарф зад, алъон шайхи бухориро амак номид», – аз дил гузаронд Эшон, аммо суол надод: «Чаро он вақт падаратро зодаи ин сарзамин гуфтӣ?». «Изои мӯъмин ҳаром», – гуфта лаб фурӯ баст эшон. Аммо Ҷеймс хомӯшиву андешамандии Эшонро ба он чиз алоқаманд донист, ки мафтуни дониши Герберт шудааст. Ба пиндори ӯ Эшон аз он ки муқобили хонадоршавии ӯву духтари эшони Сулаймон шуда буд, сахт пушаймон аст.

Дар ин ҳолат Ҷеймс аз дурӯғи бофтааш меболид ва аз таъсири амиқи он ба эшони Сайид Аъзами Фирӯз саргарм буд. Ба гӯшаи хотираш намеомад, ки замоне тарҷумаи ҳолашро тамоман дигар хел шарҳ дода буд ва ҳанӯз аз хотири сағиру кабир зудуда нашудааст…

Герберт дар ҳақиқат ба эшон писанд афтод. Ва назди ӯ мавзӯи гуфторашро тағйир дод. Аз худову расул ҳарф зад. Қиссахонӣ кард. Ва сари субҳ баъд аз ду шабу ду рӯзи сӯҳбат бо иҷозаи эшон азми шикор рафтан кард. Герберт нахост якбора чеҳраи худро кушояд. Барои санҷиш аз дур сухан кард. Ва қудрату тавоноии эшонро барои худ кашф намуд.

Ҳини шикорравӣ ба Мурод аз наздик шинос шуд ва дарди дили ӯро фаҳмид. Дарк кард, ки бо ӯ дар ин боб ҳарф задан беҳуда аст. Ва ночор лаҷоми суханро ба дигар сӯ кашид. Пайваста аз муваффақияти болшувикон ҳарф мезаду ба ҳафт пушти амир лаънат мефиристод.

– Амир дигар кас шавад ба мову ту чӣ?

– Дигар кас ба одамони доно гӯш медиҳад. Чаро ба Аҳмади Дониш гӯш намекунанд? Агар Амир Музаффар зинда мемонд, ба гуфтаҳои Махдум амал мекард.

– Гапи беҳуда…

– Шайх, ту аз ин чиз шояд хабар надошта бошӣ? Дар охирҳои умраш Амир Музаффар ба хатогии худ сарфаҳм меравад.

– Лақаби Амир Музаффар чӣ буд?

– Амири қассоб…

– Магар аз қассоб тараҳҳумро интизор шудан мумкин аст?

– Дар ин дунё ҳар чиз шуданаш мумкин. Девонаҳо ҳушёр мешаванд ку?

– Бале, болшевикон дунёро дигар мекунанд…

– Ту ҳам теғ ба даст мегирӣ?

– Албатта, ин муллоҳои кӯҳнапараст бо афсуни худ халқи моро хоболуд карданд. Бояд заминро аз қадами онҳо пок кунем.

– Агар ман ба ҷои ту мебудам, дигар хел рафтор мекардам.

– Чӣ хел?

– Ман бар зидди онҳое мубориза мебурдам, ки хилофи райъи мардуманд ва болшевикон кофиронро ҷонибдоранд.

– Гапта ҳавор бизан шайх! – оташин шуд Мурод.

– Ман чӣ гуфтам?

– Ҳеҷ чиз нагуфтӣ, мусичаи уболак. Даври шумо гузашт.

– Даври мо меояд, – гуфт дар ҷавоб Герберт ва ба таи дил ба ҳоли Мурод хандид. «Даври мо ки омад, ту дигар чунин рафтор намекунӣ». Аз ҷой хеста пайроҳаро боло шуд, дигар ба Мурод нигоҳе накард. Мурод дар ҷои нишасташ беҳаракат монд. «Димоғаш сӯхт», – аз дил гузаронд. Истода-истода якбора дар гирифт. «Чӣ хел даври онҳо меояд? Даври онҳо гузашт, маро таҳдид кард. – аз ҷой хест, вале Герберт хеле дур рафта буд, бо оҳистагӣ боло мерафт. Мурод азм кард ӯро дастгир намуда, ба баҳс мекашад, ҳарчи метавонад гулӯ даронда гапи худро ба ӯ мефаҳмонад.

Аммо хараш диранг мекард, бо оҳистагӣ пайроҳаҳои чун риштаи сафед сари ин пастиву фарозиҳо печидаро боло мешуд. Герберт базур ба чашм мерасид ва ҳатто гоҳо аз назар дур меафтод. Ва барои аз мадди нигоҳ дур намуданаш чашм аз ӯ намеканд.

Хазонрез рӯи заминро пӯшида, ягон-ягон аз вазиши бод беҷо мегардид. Рӯз аз нисф гузашта буд. Ташнагӣ ба Герберт ғолиб омад, вале об дар хурҷин буд ва хурҷин дар рӯи хар, хар бошад дар дасти Мурод. «Не, – сар фаровардан намехост, – бигзор аввал ӯ гап занад», – аз дил гузаронд. Ва ҷониби баландие, ки як тараф ҷарибораи ростфаромадае воқеъ афтода буд, раҳсипор шуд. Пайроҳа аз миёни дарахтони ваҳшӣ ба боло тӯл мекашид. Хишироси хасу хор ӯро ба худ овард. Ба самти овоз нигариста дар ҷояш шах шуд. Хуки ёбоӣ бо фукаш хасу хорро тит карда, себҳои нимпӯсидаву бутунро, ки таги алаф монда буд, кофта мехӯрд. Кайҳо боз гӯшти хук нахӯрда буд. Камонро ба сӯи сайд рост карду боз аз раъяш гашт. Тарсид, ки хук шикор карданашро Мурод дида монад, кори хуб намешавад, вале ӯ ҳоло ба чашм наметофт. Балки Мурод аз ӯ дур будан мехост. Вале роҳи бозгашташро намедонист. Метарсид, ки роҳгум назанад.

Як дам дудилагӣ садди роҳаш шуд, нагузошт ки ба коре даст бизанад. Ба роҳи омадааш нигарист то бубинад Мурод дар куҷо қарор дорад, ба чашмаш нарасид. Иродаашро ба даст гирифт ва милли камонро ба сӯи хук рост кард, тир ба нишон нарасид, хук ба самти дара, ки деворҳои ростфуромада дошт, сарнишеб гурехт. Сайёд низ аз паси хук давид. Ана ҳамин вақт фалокат аз таги по хесту Герберт ба санги сари дунгӣ, ки вазнаш ба самти дара овезон буд, по ниҳод, санг беҷо шуда ба дара афтод, Герберт низ мувозинаташро гум карда, ба дара ҷар шуд ва сангу сангрезаҳои хурду бузург беҷо шуда, суръати афтишро фузун кард. Шарфаи ҷар шудани Герберт ва сангу сангрезаҳо ба гӯши Мурод расида, изтиробашро афзун кард. Дар ҷояш шах шуда ҳушу гӯш ба самти садо дод. Пиндошт Герберт ягон сангро беҷо кард ва

ё сайёдаш ҳини гурезо-гурез ба дара ҷар шудааст. Оҳиста-оҳиста ба самти садо гом кашид ва хари сустрави хеш ба неши халачӯб ба ҳаракат овард. То ба дара фаромадан хеле вақт лозим шуд, заҳмати зиёд кашид, ҷисми ба хоку хун оғуштаи Гербертро дида ҳанг-мангаш канд. Танашро даст-даст карда дид, кайҳо ҷон аз ҷисми абгораш баромада буд.

«Дер ё зуд бояд мемурдӣ, даври шумо гузашт», – гуфт Мурод худ ба худ ва ба фикр афтод. Намедонист чӣ кор кунад, мурдаро ба деҳа барад ва ё ҳамдеҳагонашро ба ҷои воқеа биорад. Ниҳоят ҷисми Гербертро ба хар бор карда роҳи деҳаро пеш гирифт. Вақте ба деҳа расид, ки Офтоб парида буд. Хабари нохуш дар як дам бол бароварду сар то сари деҳа расид.

Ҷеймс ба эшон гӯшрас кард, майитро ба хонааш мебарад.

– Не, Ҳақдод, барои ғарибi бечора дигар фарқ надорад дар куҷо ӯро ҷаноза мехонанд. Хоҳ хонаи туст, хоҳ хонаи ман… Меҳмони ту буд, акнун меҳмони ман аст.

– Шумо ҳар чӣ гӯед, ҳамон мешавад, лекин аз як чиз шарм медорам. Боз нагӯянд, ки мурдаи амакашро соҳибӣ накард?

– Мурда гӯр кардан вазифаи як кас нест, ҳама дар ин кор масъул аст.

То субҳ дар деҳаи Хазлаат одам рӯид, ҷои қадамзанӣ набуд. Ҳама ба хотири эшон, ки мурда дар манзили ӯ буд, меомаданд. Мӯрдашӯйҳо баъди луч карда дидани майит Ҳақдодро пеши эшон фиристоданд. Эшон дар ҳалқаи меҳмонони олиқадр рӯи суфаи ҳавлияш, ки гилему курпача густурда буданд, менишаст. Мурод ба гуши ӯ чизе гуфта канори карда ба ҳавлӣ бурдаш.

– Чӣ гап шуд? – пурсид эшон.

– Шайхи бухороӣ нобурид будааст.

– Чӣ ?

– Бале, пирам, дасту пояш ҳалол нест…

– Гӯш кун Мурод! Ба ин чиз аҳамият надеҳ. Мурдаро шуста кафан кунед. Ба шариконат бигӯй, ки одам, ки

мурд, олоташ пучала мешавад. Изои мӯъмин ҳаром, бачам. Дар хотир нигоҳ дор ин панда…

Мурдаро гӯронданд. Ҳанӯз ҷанозахонҳо парешон нашуда хабар омад, ки қалъаи Балҷувонро балшувикон гирифтаанд. Мири Балҷувон бо мулозимонаш ба тарафи Сари Хосор гурехтааст. Аз шунидани ин хабар ҷон дар тани Мурод дамид.

– Дуо бидеҳ пирам… Ба майдон меравам, – гуфт Мурод.

– Аз ҷониби кӣ?

– Аз ҷониби худам, аз ҷониби ҷадидон…

– Саросема нашав Мурод…

– Барвақт фикр карда будам. То ин дам сабр мекардам.

– Ҷадидони Бухоро мусулмон буданду ҳадафашон сарнагун кардани сохти амирӣ буд. Балшувикон тамоман дигаранд…

– Балшувикон ба ёрдами мо ҷадидон омадаанд. Баъд аз несту нобуд кардани босмачиён онҳо ба ватани худ мераванд. Ва идораи давлат ба дасти мо медиҳанд.

– Метарсам фиреб нахӯред…

– Натарсед!

Эшон ночор дуо дода ба Мурод барори кор хост. Баъд аз рафтани Мурод Ҳақдодро ба наздаш хонд ва он чӣ пайхас карда буд, ба рӯяш кашид.

- Ман аҷнабӣ будани туро барвақт дониста будам, лекин сир бой намедодам. Барои тобеъ намудани ин мардум тамоми давлатҳои мутамаддин талош меварзанд. Ҷосусони худро мефиристанд. Ту низ фиристодаи миллати инглисӣ.

Ранг дар рӯи Ҷеймс намонд, лабонаш кабуд шуданд, чашмонаш беҳаракату берӯҳ гардид.

– Аз дасти ту ҳеҷ кор наомад. Русҳо пешдастӣ карданд.

– Ман ба ин мардум дили бад надорам…

– Ту гунаҳгор нестӣ, Ҳақдод! Ҳама ин кору кирдоре, ки рӯй медиҳад, амри табиист. Мо худ, соҳибони мулк, гунаҳгорем, ки ба ин рӯйдодҳо бефарқ нигаристем. Балки

сабабгори бесомониҳо шудем. Ҳоло, ки ин мардум аз чизе огоҳ нестанд, бирав ба диёри худ, то ҷон ба саломат барӣ.

– Охир ман исломро пазируфтаам, дасту дил аз амали душманона шустаам.

– Ҳм, – пусханд зад эшон, – Чанд сол аст, ки миёни ин қавм зиндагӣ дорӣ?

– Аз он рӯзе, ки худро мешиносам..

– Ҳоло ҳам хислати онҳоро намедонистаӣ. Охир ин мардум ба чашм не, балки ба қавл бовар мекунанд.

Ҷеймс бо ҳайрат, суоломез ба рӯи эшон нигарист.

– Магар ҷадидон мусулмон нестанд?

– Мусулмонанд…

– Онҳоро кофир меноманд. Бо шаҳодати андак сар аз танашон ҷудо месозанд. Ту, ки инглисӣ касе ба амалат бовар намекунад.

– Аз сир танҳо шумо огоҳед.

– Шояд дигарон ҳам бидонанд.

Худро ҳифз намо… Имрӯз ё пагоҳ ин хоку об ба дасти болшувикон мегузарад, дигар ба чизе умед набанд. Аз амир бӯи умед нест.

– Ҳарчи дар пешонӣ навишта шуда бошад, ҳамонро мебинем…

Аз ин гуфтугӯ як ҳафта нагузашта буд, ки Мурод ҳамроҳи аскарони сурх ба манзили Ҷеймс расиданд. Ва ӯро дасту по баста, изор аз танаш кашида, мардияшро диданд. Ва ӯро ба пеши эшон оварданд.

Авзои эшон аз ин рӯйдод тағйир ёфт.

– Кори хуб накардӣ…

– Хас каму ҷаҳон пок.

– Дар як рӯзи сиёҳ хас ҳам лозим мешавад.

– Ҳеҷ гоҳ лозим намешавад…

– Ӯро озод бикун!

– Не… Ӯ душмани халқ аст.

– Аз куҷо донистӣ?

– Мо изори ӯро бадар карда дидем, ки нобурид будааст…

– Магар онҳое, ки аз пасашон равонаӣ, нобурид не-

ستанд?

– Онҳо нобурид ҳам бошанд, ҷонибдори моанд. Намефаҳмам, чаро аз фикратон гаштед? Пештар нисбати ӯ дигар хел андеша доштед.

– Аз куштани ӯ чӣ фоида?

– Чӣ хел фоида нест, ки ӯ душман аст?.. Аз ҷонтон наметарсед?

– Агар барои ҳифозоти як бандаи Худо, ки гунаҳгор бошам, сад ҷону дил фидошон…

– Ин хел нагӯй эшон, – овози Мурод аз ғазаб ларзид. Эшон низ ҳис кард муридаш ғуломи ақида шуда, ин хулқаш ба ҳадди ифрот расидааст. Лаб фурӯ баст. Нахост дигар бо ӯ сар ба сар шавад. Зеро баҳс фоида надошт. Аламаш кард, хост некиҳояшро ба рӯяш бикашад. Боз сабр кард. Миннат кардан нишон мардӣ нест, аз дилаш гузашт. Вале сабраш сар омад.

– Аз худ нарав Мурод, замоне нест, ки бо он бисозӣ. Таҳаммул кун!..

– Акнун давраи мо фаро расид. Душманон дар даври худ ҳарчи тавонистанд дар ҳаққи мо раво диданд…

– Девона шудаӣ, Мурод. Ту ба сари бобу ҷадди хеш теғ мекашӣ?

– Барои ман фарқ надорад, агар бачаи очам, ки бошад ноҳақӣ кунад аз дастам зинда намемонад.

– Саросема нашав…

– Ту, Эшон, аз рӯзи аввал маро бо насиҳатҳои худ гаранг мекардӣ. «Ин хел накун. Ун хел накун!». Чӣ даҳонамон воз нигоҳ карда бишинем?

Ин дам ғиреви мардум ба фалак печид. «Босмачӣ омад…»

– Эшон ин бандиро ба шумо супоридам, агар гурехт, аз сарат ҷудо мешавӣ, – бо таҳдид гуфт Мурод ба пираш ва ба саманди хеш савор шуда ба самти овоз асп давонд, дигар сипоҳиён низ савор шуда аспони хеш ба тозиш даровrouted, ки маҳтали ӯ буданд. Эшон аз ин фармони бо таҳдиду ғазаболудаи Мурод дард кашид. Гӯши бо чунин сухан одат накардааш ғуввос зад. Аз дидагонаш об ҷорӣ шуд. Ба рӯи Ҷеймси бандиву бечора, ки рӯи ҳавлӣ мехобид

ва бо нигоҳи имдодхоҳона сӯяш менигарист, чашм духт:

– Аз худам гузашт, ки ба сухани шумо гӯш надодам…

– Ҳоло ҳам дер нашудааст, – банди дасту пои Ҷеймсро кушод эшон. Гурез.

– Намеравам.

– Аз ҷонат сер шудаӣ?

– Охир шуморо ҷазо медиҳанд…

– Агар барои ту ҷазо диҳанд, пушаймон нестам. Бирав, ҷонта халос кун!

Ҷеймс аввал хост биистад ва Эшонро, ки ба хотири ӯ ҷонашро дар хатар мемонд аз ин варта раҳо кунад, вале сухани амакаш ба хотир омад, ки ҳини гуселаш гуфта буд: «Дар ҳама ҳолат ҷонатро азиз бидор ва ҳама кас ва ҳама чизро баҳри нигаҳдорият қурбон бисоз». Таконаш дод ин сухан ва ба эшон бо нишони миннатдорӣ назаре афканду рӯ ба гурез ниҳод.

Садои тирпаронӣ дар поёни деҳа ҳанӯз ҳам басанда нашуда буд. Эшон даст ба гиребон аз Яздони пок омурзиш мехост… Садои канда-кандаи тиру туфанг дарак аз анҷоми заду хурд дод. Ва лаҳзае пас чангу хокро ба фазо хезонда саворони дастаи Мурод ба ҳавлӣ ворид шуданд.

– Куҷо шуд? – бо як даст шамшери худ тори сар алвонҷ медоду бо дасти дигар лаҷоми саманди бесаранҷомашро мекашид. Эшон ба суолаш ҷавоб надод, гӯё ҳайкал буд – даст ба гиребон рӯ ба қибла.

– Ҳой кунда, ба ту мегӯям… – ба эшон рӯй овард Мурод.

– Ба ӯ чӣ кор дорӣ, бирав аз ин ҷо! – бо дуруштӣ гуфт эшон.

– Аввал сари туро мегирам, баъд меравам, – гуфт Мурод ва ба сари эшон шамшер кашид, теғ пусти ришашро қалам карду риш кашол шуд. Садои тирпаронӣ аз фарозии деҳа баланд гардид. Мурод осема ба он самт асп давонд. Аз ҷониби муқобил босмачиён ба Ҷеймс рӯ ба рӯ заданд, ки азми гурехтан дошт. Пиндоштанд, аскари сурх аст, ки баъд аз бебарорӣ дар задухӯрди поёни деҳа гурезон аст. Ба синааш тир заданд. Чашмони кабуд, ришу мӯйлаби хурмоияш боварияшонро ба болшевики рус будани ӯ фузун мекард.

Садои ин тир Муроди хунгармро ба сӯяш хонд. Ва ӯ ҳам аз тири босмачиён парчами замин шуд. Ҷасади онҳоро пеши эшон оварданд, ки ба ҳар баҳона ва ҳар оҳанг ҳадафи тир шуда буданд… «Аҷал гирди сараш мегашт, – ба Муроди беҷон нигарист, – вале кур буд, ки намедид ва кар буд, ки намешунид»– аз дили эшон гузашт.

Ҳақдод ҳанӯз ҷон дошт. Бо чашмони осмонияш ба фазои бекарон, ки бо ҳама вусъату паҳно тадриҷан кучак мешуд, нигарон буд.

Дили эшонро ғам фаро гирифт.

– Туро кӣ кушт, эй бадбахт?

Захмии тирхӯрда, ки табассуми лабони парсингбаставу хушкашро заҳри ҳалоҳил мепӯшид, базӯр забон ба баёни воқеа кушод, аммо мармуз буд гуфтораш:

– Маро на ватандорони муҷоҳид кушту на болшевики ғосиб… Онҳо гуноҳе надоранд дар ин куштор. Дигар аз ин дард раҳоӣ нест. Ғарибхок мешавам. Аммо дигар бароям ин чиз муҳим нест, ки дар куҷо мемирам. Замини Худо маскани ҳамагон аст. Онро порча-порча карда, садду сарҳад сохтан нишони ноқисии фаҳму идроки мост, ки ин курраи бузургро тақсим намудаем ва аз дигарон бо зӯрӣ гирифтаем… Магар ин аз рӯи адолат аст? Магар ин ба офаридагори оламу одам хуш меояд, ки мо бандаҳои ношукр ба ҷои қаноат дар талоши дунем? Ва бар асари сустии ирода дунболи иблис равонаем… Маро касе накуштааст. Касеро дар ин чиз гунаҳгор намеҳисобам. Гунаҳгор худи ман ҳастам, ки ҳирсу тамаъро дар дил ҷой намудам…

Овози дардолуду ларзони захмӣ тадриҷан неруву ғулғулаи табиияш гум мекард. Эшон болои сари ӯ буд, дигар намехост бо саволҳои ноҷо раҳи гуфтораш дигар кунад.

– Исломро ниқоб кардам, то ба мақсади нопоки худ бирасам. Акнун ҷисми ман пеши шумо қарор дорад. Намедонам худ чӣ касам ва пайрави кадом дину оин. Намедонам чӣ бигӯям? Чӣ васият кунам? Маро чун насронӣ ва мусулмон ба хок супоред ва ё чун ҳинду бисӯзед ва ё чун зардуштиён сари қуллаи каргасон ҷисмам ҳаволаи он ҷонварони шум кунед?.. Ҳайронам, ҳатто дар чунин як лаҳзае, ки

руҳам ҷисмамро тарк месозад…

Ин дам нафас дар гулӯяш гиреҳ зад, пилкҳои дидааш ба ҳам заданд, вале сухани охиринро ҳанӯз нагуфта буд, ки нигоҳи саволбору гӯши шунавои эшон қонеъ гардад. Бори дигар чашм кушод ва вопасин ҳарфи дилашро аз ҷисмаш бурун овард:

– Маро орзу кушт…

Ҷасади ҳама мақтулонро қатор карданд, эшон дар сафи пеш қомати аз бори зиндагӣ хамидаашро бо азобе рост карду оҳи бадард кашид. Ва садои раъдосои «Аллоҳу акбар»сағиру кабирро ҳушёр кард.

28 – сентябри 1996

**АБРОР ЗОҲИР**

**ЗАВОЛ**

*(роман)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 21.09.2015 супорида шуд.
Чопаш 16.11.2015 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 18.5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а.

Дар чопхонаи «Шарқи Озод» чоп шудааст.